**Алоҳи Таоло мефармояд:**

قَدْ أَفْلَحَ الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ هُمْ فِي صَلَاتِهِمْ خَاشِعُونَ وَالَّذِينَ هُمْ عَنِ اللَّغْوِ مُعْرِضُونَ وَالَّذِينَ هُمْ لِلزَّكَاةِ فَاعِلُونَ وَالَّذِينَ هُمْ لِفُرُوجِهِمْ حَافِظُونَ إِلَّا عَلَى أَزْوَاجِهِمْ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُمْ فَإِنَّهُمْ غَيْرُ مَلُومِينَ فَمَنِ ابْتَغَى وَرَاء ذَلِكَ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْعَادُونَ وَالَّذِينَ هُمْ لِأَمَانَاتِهِمْ وَعَهْدِهِمْ رَاعُونَ وَالَّذِينَ هُمْ عَلَى صَلَوَاتِهِمْ يُحَافِظُونَ أُوْلَئِكَ هُمُ الْوَارِثُونَ الَّذِينَ يَرِثُونَ الْفِرْدَوْسَ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

"***Ба таҳқиқ растагор шуданд мӯъминон: онон, ки дар намозашон хушӯъ меварзанд ва онон, ки аз беҳуда эъроз мекунанд ва онон, ки закотро мепардозанд ва онон, ки шармгоҳи худро нигоҳ медоранд, ҷуз бар ҳамсарон ё канизони хеш, ки дар наздикӣ бо онон мавриди маломат қарор намегиранд ва касоне, ки ғайр аз ин ду биҷӯянд, аз ҳадди хеш таҷовуз кардаанд ва онон, ки амонатҳо ва паймонҳои худ муроот мекунанд ва онон, ки бар намозҳои худ мувозибанд (муҳофизаткунандаанд), инон меросбарон ҳастанд, ки фирдавсро, ки ҳамвора дар он ҷовидонанд, ба мерос мебаранд***"

[23:1-11]

Тақиюддин Набҳонӣ

# АСОСҲОИ НАФСИЯ ИСЛОМӢ

Нашрияи

Ҳизби Таҳрир

Ин китобро Ҳизби Таҳрир нашр кардааст.

Китоб соли 1425-уми ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2004-уми милодӣ аз тарафи муассисаи табъу нашри "Дорулуммат" (сандуқи почтаи муассиса 135190) дар Байрути Лубнон бори аввал ба забони арабӣ чоп шудааст.

Тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ соли 1431-уми ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2010-уми милодӣ аз нав таҳия гардид.

# *МУНДАРИҶА*

Оятҳои
ифтитоҳ...3
Мундариҷа...5
Муқаддима...6
Пешдастӣ дар риоя кардани шариат...10
Ошноӣ бо Қуръони карим...18
Дӯстдории Аллоҳ ва Расулаш...23
Дӯстдорӣ ва бадбинӣ барои Аллоҳ...31
Тарси пинҳонӣ ва ошкоро аз Аллоҳ...48
Гиря аз тарсу ёди Аллоҳ...57
Умедворӣ аз Аллоҳ ва ноумед нашудан аз раҳмати Аллоҳ...61
Сабр ҳангоми бало ва розӣ шудан ба қазо...66
Дуо, зикр ва истиғфор...76
Таваккул ва ихлос ба Аллоҳ...83
Субот дар болои ҳақ...89
Фурӯтанӣ ба мӯъминон ва сарбаландӣ ба кофирон...106
Шавқ ба ҷаннат ва шитоб дар корҳои хайр...115
Беҳтарини шумо аз ҷиҳати хулқ...141
1) Хулқҳои зебо...142
2) Хулқҳои зишт...163
Одоби гуфтугӯ...211
1) Одоби дарс...211
2) Одоби хутба...217
3) Одоби мунозира...219
Хушӣ ғарибонро бод! Он чиро, ки мардум вайрон месозанд, ислоҳ мекунанд...226

# МУҚАДДИМА

Шахсияи ҳар як инсон аз ақлия ва нафсия ташкил меёбад. Ин ҷо қадду қомат, намуди зоҳирӣ ва ё дигар сифатҳои инсон ягон дахл надоранд. Зеро онҳо ғайр аз пӯст чизи дигар нестанд. Онҳоро яке аз омилҳои шахсия гумон кардан ва ё "онҳо ба шахсия таъсир мерасонанд" гуфтан тангназарист.

Дарк кардани чизҳо ва ҳодисаҳо, ба таври дигар гӯем, аз болои чизҳо ва ҳодисаҳо ҳукм баровардани инсон мувофиқи як қоидаи муайян, ки ба он имон оварда, қалбаш таскин ёфтааст, ақлия мебошад. Агар ин қоида ақидаи исломӣ бошад (яъне агар инсон дар асоси ақидаи исломӣ чизҳоро дарк намуда, аз болои онҳо ҳукм барорад), ақлияи ӯ исломӣ мешавад. Дар акси ҳол (яъне агар ин қоида ақидаи исломӣ набошад), ақлияи ӯ исломӣ намешавад.

Ғаризаҳо ва эҳтиёҷоти узвии худро қонеъ кардани инсон мувофиқи як қоидае, ки ба он имон оварда, қалбаш таскин ёфтааст, нафсия мебошад. Агар ин қоида ақидаи исломӣ бошад (яъне агар ӯ дар асоси ақидаи исломӣ ғаризаҳо ва эҳтиёҷоташро қонеъ гардонад), нафсияи ӯ исломӣ мешавад. Дар акси ҳол (яъне агар ин қоида ақидаи исломӣ набошад), нафсияи ӯ исломӣ намешавад.

Дар ҳар инсон, ки қоидаи ақлия ва нафсия ягона шуд, шахсияи ӯ мумтозу муназзам мегардад. Агар асоси ақлия ва нафсияи ӯ ақидаи исломӣ бошад, шахсияи ӯ исломӣ мешавад. Агар асос чизи дигар бошад, шахсияи ӯ низ дигар мешавад.

Бинобар ин, агар танҳо ақлия исломӣ бошад ва гарчанд инсон дар асоси ҳукмҳои шаръӣ аз болои чизҳо ва корҳо дуруст ҳукм барорад, яъне ҳукмҳо истинбот намояд, ҳалолу ҳаромро фарқ кунад, хираду тафаккураш такмил ёбад, бо балоғату фасоҳат сухан гӯяд, ҳодисаҳоро дуруст таҳлил кунад, ин чизҳо ба исломӣ шудани шахсия кифоя нест. Барои он ки шахсия исломӣ шавад, бояд нафсия низ исломӣ бошад ва шахс ғаризаҳову эҳтиёҷоти узвияшро дар асоси Ислом қонеъ гардонад, яъне намоз хонад, рӯза дорад, закот диҳад, ҳаҷ кунад, ҳалолро ба ҷо оварда, аз ҳаром парҳез намояд, ба дӯстдоштаи Аллоҳ табдил ёбад, фарзҳои Аллоҳро адо намояд, бо мақсади боз ҳам ба Парвардигораш наздик шудан ба амалҳои нафл ҳарис бошад, дар рӯ ба рӯи ҳодисаҳо одил ва холис буда, ба некӣ фармояд ва аз бадӣ боздорад, барои Аллоҳ дӯст дорад ва барои Аллоҳ бад бинад, ба одамон бо хулқи зебо муомила кунад ва дигар вазифаҳои мисли инро адо намояд.

Инчунин агар нафсия исломӣ бошаду ақлия исломӣ набошад, шахсия исломӣ шуда наметавонад. Инсон бо сабаби ибодати кӯркӯрона ба Аллоҳ мумкин аст аз роҳи рост берун шавад. Масалан, мумкин аст, ки ӯ дар рӯзи ҳаром кардашуда рӯза дорад, дар вақтҳои макрӯҳ намоз хонад, ба ҷои аз ҷиноят боздоштан ҷинояткорро ситоиш намояд, пулеро, ки бо рибо ёфтааст, дар роҳи Аллоҳ садақа кунад ва бо ҳамин ба гуноҳ фурӯ равад, яъне ягон кори зишт анҷом дода, пиндорад, ки кори нек кардааст. Хуллас, мумкин аст, ки ғаризаҳо ва эҳтиёҷоти узвиашро бар хилофи фармудаҳои Аллоҳ ва Расулаш қонеъ гардонад.

Аммо вақте ки ақлияи инсон исломӣ шуда, ҳукмҳои шаръиро ба таври кофӣ медонад ва барои ҳарчи бештар донистани илмҳои шаръӣ ба қадри имкон кӯшиш мекунад, дар айни замон нафсияи ӯ низ исломӣ шуда, донишашро дар муносибат бо

Офаридгораш, бо худаш ва бо дигарон тавре татбиқ мекунад, ки Аллоҳ дӯст дорад ва розӣ гардад, шахсияи ӯ исломӣ мешавад.

Маҳз вақте ки ақлия ва нафсия ҳамин тавр бо Ислом ба танзим дароварда мешавад, шахсияи исломӣ ба вуҷуд меояд. Соҳиби ин гуна шахсия аз байни ҳар гуна монеаҳо ба сӯи некӣ роҳ кушода метавонад ва дар роҳи Аллоҳ аз маломати маломатгӯ наметарсад.

Шахсияи исломӣ будан маънои бенуқсонӣ ва покӣ аз гуноҳро надорад. Чунки инсон фаришта нест. Ӯ кори хато мекунад, сипас истиғфор мегӯяд, тавба мекунад. Кори дуруст мекунаду сипас барои фазлу марҳамат ва ҳидояти Аллоҳ ҳамд мегӯяд. Аммо ин камбудиҳои ҷузъӣ ба шахсия таъсир намерасонанд.

Мусулмон бо афзудани маърифати исломӣ ақлияи худро инкишоф медиҳад ва бо итоати беш аз пеш нафсияашро пурзӯр менамояд. Баробари ин ба сӯи қуллаи баланд боло рафта, дар он мустаҳкам ҷойгир мешавад. Нафақат ҷойгир мешавад, балки пайваста аз як қулла ба дигар қуллаи боз ҳам баландтар боло меравад. Дар ин сурат ӯ дунёро ба ҳаққи худ гирифта, охиратро бо имон ва ҳаракаташ ба даст медарорад. Дар як вақт ҳам ошнои меҳроб ва ҳам паҳлавони ҷиҳод шуда метавонад. Сифати бузургтарини ӯ бандаи Аллоҳ Таоло будан аст, ки ӯро офарида ва аз нестӣ ба вуҷуд овардааст.

Мо дар ин китоб умуман барои мусулмонон, хусусан барои даъваткунандагон, ки барои бунёди ХИЛОФАТ фаъолият мекунанд, якчанд омилҳои нафсияи исломиро баён менамоем, то забонашон бо зикри Аллоҳ машғул бошад, қалбашон бо тақвои Аллоҳ обод гардад, дигар узвҳояшон ба анҷоми корҳои хайр ҳарис бошанд, Қуръон хонда, ба он амал кунанд, Аллоҳ ва Расулашро дӯст дорад, ба инсоне табдил ёбад, ки барои Аллоҳ дӯст медорад ва барои Аллоҳ бад мебинад, аз раҳмати Аллоҳ умедвор шуда, аз азобаш битарсад, собиру мухлис бошад, аз

Аллоҳ аҷру савоб интизор шавад, ба Аллоҳ таваккал кунад, дар болои ҳақ устувор бошад, ба мӯъминон мулоиму ба кофирон сахтгир бошад, дар роҳи Аллоҳ аз маломати маломатгӯ натарсад, хулқи зебо, забони ширин ва ҳуҷҷати қавӣ дошта бошад, ба некӣ фармуда, аз бадӣ боздорад, дар ин дунё бо умеди биҳиште, ки барои тақводорон омода карда шуда, паҳнояш баробари замину осмонҳост, пайваста амал кунад.

Даъваткунандагон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тавассути барпо кардани ДАВЛАТИ ХИЛОФАТ Исломро ба ҳаёт баргардонанд. Мо дар ин маврид ёдрас кардани вазъиятеро, ки онҳо фаъолият мекунанд, аз эътибор ба канор нагузоштем. Зеро душманони Аллоҳ ва Расулаш тӯда-тӯда шуда онҳоро аз ҳар тараф муҳосира кардаанд. Агар даъваткунандагон шабу рӯз бо Аллоҳ набошанд, чӣ тавр аз байни ин издиҳом роҳ меёбанд? Чӣ тавр ба орзую умедҳояшон мерасанд? Чӣ тавр аз як қулла ба қуллаи дигар боло мераванд?

Ва ниҳоят, даъваткунандагон дар хусуси ду ҳадиси зерин тафаккур кунанд. Зеро бо ин ду ҳадис роҳе, ки онҳоро ба мақсад мерасонад, равшан мегардад.

Ҳадиси якум:

**" أَوَّلُ دِينِكُمْ نُبُوَّةٌ وَرَحْمَةٌ ثُمَّ خِلاَفَةٌ عَلَى مِنْهَاجِ النُّبُوَّةِ ... ثُمَّ تَعُودُ خِلاَفَةٌ عَلَى مِنْهَاجِ النُبُوَّةِ"**

"***Аввали динатон пайғамбарӣ ва раҳмат аст. Сипас дар асоси минҳоҷи пайғамбарӣ Хилофат мешавад... Сипас Хилофат дар асоси минҳоҷи пайғамбарӣ аз нав бармегардад***". Дар ин ҳадис муждае ҳаст, ки Хилофат бо изни Аллоҳ баргардад ва он мисли Хилофати саҳобагони Пайғамбар (с), яъне Хулафои Рошидин бошад. Ҳар кас ки ба баргаштани Хилофат ҳарису ба дидани он муштоқ аст, мисли саҳобагони Пайғамбар (с) бо боварӣ ва умед саъю кӯшиш кунад.

Ҳадиси дуюм:

" إِنَّ اللهَ سُبْحَانَهُ قَالَ: مَنْ أَهَانَ لِي وَلِيًّا فَقَدْ بَارَزَنِي فِي الْعَدَاوَةِ، ابْنَ آدَمَ لَنْ تُدْرِكَ مَـا عِنْدِي إِلاَّ بِأَدَاءِ مَـا افْتَرَضْتُهُ عَلَيْكَ، وَلاَ يَزَالُ عَبْدِي يَتَقَرَّبُ إِلَيَّ بِالنَّوَافِلِ حَتَّى أُحِبَّهُ، فَأَكُونَ قَلْبَهُ الَّذِي يَعْقِلُ بِهِ، وَلِسَانَهُ الَّذِي يَنْطِقُ بِهِ، وَبَصَرَهُ الَّذِي يُبْصِرُ بِهِ، فَإِذَا دَعَانِي أَجَبْتُهُ، وَإِذَا سَأَلَنِي أَعْطَيْتُهُ، وَإِذَا اسْتَنْصَرَنِي نَصَرْتُهُ، وَأَحَبُّ عِبَادَةِ عَبْدِي إِلَيَّ النَّصِيحَةُ "

***"Аллоҳ Субҳонаҳу мегӯяд: "Ҳар кӣ як дӯсти Маро хор кунад, ӯ бо Ман душманӣ варзидааст. Эй фарзанди Одам, то вазифаҳоеро, ки бароят фарз гардонидаам, адо накунӣ, ягон чизи Маро ба даст оварда наметавонӣ. Агар бандаам бо амалҳои нафл пайваста ба Ман наздик шавад, бо мурури замон Ман ӯро дӯст медорам. Он гоҳ Ман ба қалби ҳассоси ӯ, ба забони гӯёи ӯ, ба чашми бинои ӯ табдил меёбам. Агар ба Ман дуо кунад, иҷобат мекунам, бипурсад, медиҳам, нусрат талаб кунад, нусрат медиҳам. Барои Ман маҳбубтарин ибодати бандаам насиҳат аст"*.** Ин ҳадисро Табаронӣ дар "Кабир" овардааст.

Дар ин ҳадис роҳе нишон дода шудааст, ки ба нусрат ва мадади Аллоҳ мебарад. Ин танҳо ба Ӯ наздик шудан ва фақат аз Ӯ мадад пурсидан аст. Зеро Ӯ Таоло дар ҳақиқат соҳиби тавоноиву ва иззат аст. Ҳар киро ғолиб кунад, он кас мағлуб нашавад ва ҳар киро мағлуб кунад, он кас ғолиб нашавад. Вақте ки банда дуо мекунад, ба Ӯ хеле наздик аст, вақте ки банда иҷобат мехоҳад, иҷобат мекунад. Ӯ Таоло аз болои бандагонаш ҳукмрон ва дар айни замон басо меҳрубон ва аз ҳар як кор бохабар аст.

Бинобар ин, эй бародарон, ба розигӣ, мағфират, ҷаннат ва нусрати Аллоҳ ва ба комёбии ду ҷаҳон бишитобед!

وَفِي ذَلِكَ فَلْيَتَنَافَسِ الْمُتَنَافِسُونَ

"***Ва пешдастикунандагон дар он бар якдигар пешдастӣ мекунанд***" [26].

21 зулҳиҷҷаи 1424ҳ

12 феврали 2004м.

## *ПЕШДАСТӢ ДАР РИОЯ КАРДАНИ ШАРИАТ*

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَسَارِعُواْ إِلَى مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَاوَاتُ وَالأَرْضُ أُعِدَّتْ لِلْمُتَّقِينَ

"***Бар якдигар пешӣ гиред барои омурзиши Парвардигори хеш ва расидан ба он биҳишт, ки паҳнояш ба қадри ҳамаи осмонҳову замин аст ва барои парҳезгорон муҳайё шудааст***" [3:133].

إِنَّمَا كَانَ قَوْلَ الْمُؤْمِنِينَ إِذَا دُعُوا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ أَن يَقُولُوا سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا وَأُوْلَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ وَمَن يُطِعِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَيَخْشَ اللَّهَ وَيَتَّقْهِ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْفَائِزُونَ

"***Чун мӯъминонро ба Аллоҳу пайғамбараш фаро хонанд, то миёнашон ҳукм кунад, суханашон ҷуз ин нест, ки мегӯянд: "Шунидем ва итоат кардем", инон растагоронанд. Ва касоне, ки аз Аллоҳу пайғамбараш фармон мебаранд ва аз Аллоҳ метарсанд ва парҳезгорӣ мекунанд, растагоронанд***" [24:51-52].

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْرًا أَن يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَن يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا مُّبِينًا

"***Ҳеҷ марди мӯъмину зани мӯъминро нарасад, ки чун Аллоҳу пайғамбараш дар коре ҳукме карданд, онҳоро дар он***

***корашон ихтиёре бошад. Ҳар кӣ аз Аллоҳу пайғамбараш нофармонӣ кунад, сахт дар гумроҳӣ афтодааст***" [33:36].

**فَلاَ وَرَبِّكَ لاَ يُؤْمِنُونَ حَتَّىَ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لاَ يَجِدُواْ فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسْلِيمًا**

"***На, савганд ба Парвардигорат, ки имон наёваранд, магар он ки дар низоъе, ки миёни онҳост, туро довар қарор диҳанд ва аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, ҳеҷ нохушнуд нашаванд ва саросар таслими он гарданд***" [4:65].

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ عَلَيْهَا مَلَائِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ**

"***Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаи худро аз оташе, ки ҳезуми он мардум ва сангҳо ҳастанд, нигаҳ доред. Фариштагоне дуруштгуфтору сахтгир бар он оташ муваккаланд. Ҳар чӣ Аллоҳ бигӯяд, нофармонӣ намекунанд ва ҳамон мекунанд, ки ба он маъмур шудаанд***" [66:6].

**قَالَ اهْبِطَا مِنْهَا جَمِيعًا بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدًى فَمَنِ اتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَى وَمَنْ أَعْرَضَ عَن ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنكًا وَنَحْشُرُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَعْمَى قَالَ رَبِّ لِمَ حَشَرْتَنِي أَعْمَى وَقَدْ كُنتُ بَصِيراً**

**قَالَ كَذَلِكَ أَتَتْكَ آيَاتُنَا فَنَسِيتَهَا وَكَذَلِكَ الْيَوْمَ تُنسَى**

"***Агар аз ҷониби Ман шуморо роҳнамоӣ омад, ҳар кас аз он роҳнамоии Ман мутобиат кунад, на гумроҳ мешавад ва на тирабахт. Ва ҳар кас ки аз ёди Ман эъроз кунад, зиндагиаш танг шавад ва дар рӯзи қиёмат нобино маҳшураш (барангехта) созем. Гӯяд: "Эй Парвардигори ман, чаро маро нобино маҳшур кардӣ ва ҳол он ки ман бино будам?" Гӯяд: "Ҳамчунон ки ту оёти Моро фаромӯш мекардӣ, имрӯз худ фаромӯш гаштаӣ***"" [20:123-126].

* * *

Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" بَادِرُوا بِالأَعْمَـالِ فِتَنًا كَقِطَعِ اللَّيْلِ الْـمُظْلِمِ يُصْبِحُ الرَّجُلُ مُؤْمِنًا وَيُمْسِي كَافِرًا، وَيُمْسِي مُؤْمِنًا وَيُصْبِحُ كَافِرًا يَبِيعُ دِينَهُ بِعَرَضٍ مِنْ الدُّنْيَا"

"***Пеш аз фитнаҳое, ки мисли зулмати шаб ториканд, ба амал бишитобед. Дар он фитна инсон пагоҳӣ мӯъмин бошад, дар шом кофир мешавад, дар шом мӯъмин бошад, дар субҳ кофир мешавад, динашро ба матои ночизи дунё мефурӯшад***". Ин ҳадисро Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст.

Инсонҳое, ки ба сӯи мағфират, ҷаннат ва амалҳои солеҳ мешитобанд, ҳам дар замони Пайғамбар (с), ҳам дар асрҳои минбаъда бисёр буданд. Уммат ҳанӯз мӯъминони ҳақиқиеро ба воя мерасонад, ки ба даъвати Парвардигорашон лаббай гуфта, дар роҳи ризои Ӯ ба ҷоннисорӣ мешитобанд. Дар поён баъзеи онҳоро гуфта мегузарем.

- Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Ҷобир омадааст:

" قَالَ رَجُلٌ لِلنَّبِيِّ (ﷺ) يَوْمَ أُحُدٍ: أَرَأَيْتَ إِنْ قُتِلْتُ فَأَيْنَ أَنَا؟ قَالَ: فِي الْجَنَّةِ فَأَلْقَى تَمَرَاتٍ فِي يَدِهِ ثُمَّ قَاتَلَ حَتَّى قُتِلَ"

"***Дар ҷанги Уҳуд шахсе аз Пайғамбар (с) пурсид: "Агар ман кушта шавам, ҷои ман дар куҷост?" Эшон дар ҷавоб гуфтанд: "Дар биҳишт". Он шахс хурмоҳоеро, ки дар дасташ буд, ба як сӯ ҳаво дода, то кушта шудан ҷангид***".

- Дар "Саҳеҳи Муслим" ҳадиси Анас омадааст:

" فَانْطَلَقَ رَسُولُ اللهِ (ﷺ) وَأَصْحَابُهُ حَتَّى سَبَقُوا الْـمُشْرِكِينَ إِلَى بَدْرٍ وَجَاءَ الْـمُشْرِكُونَ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ (ﷺ) قُومُوا إِلَى جَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَوَاتُ وَالأَرْضُ،

قَالَ يَقُولُ عُمَيْرُ بْنُ الْحُمَـامِ الأَنْصَارِيُّ: يَا رَسُولَ اللهِ جَنَّةٌ عَرْضُهَا السَّمَوَاتُ وَالأَرْضُ؟ قَالَ: نَعَمْ، قَالَ بَخٍ بَخٍ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ (: مَـا يَحْمِلُكَ عَلَى قَوْلِكَ بَخٍ بَخٍ؟ قَالَ: لاَ وَاللهِ يَا رَسُولَ اللهِ إِلَّا رَجَاءَةَ أَنْ أَكُونَ مِنْ أَهْلِهَا، قَالَ فَإِنَّكَ مِنْ أَهْلِهَا، فَأَخْرَجَ تَمَرَاتٍ مِنْ قَرَنِهِ فَجَعَلَ يَأْكُلُ مِنْهُنَّ، ثُمَّ قَالَ: لَئِنْ أَنَا حَيِيتُ حَتَّى آكُلَ تَمَرَاتِي هَذِهِ إِنَّهَا لَحَيَاةٌ طَوِيلَةٌ، قَالَ: فَرَمَى بِمَـا كَانَ مَعَهُ مِنْ التَّمْرِ، ثُمَّ قَاتَلَهُمْ حَتَّى قُتِلَ"

***"Ба Бадр аввал Пайғамбар (с) ва асҳобашон, сипас мушрикон омаданд. Он вақт Пайғамбар (с) гуфтанд: "Барои ҷаннате, ки паҳнояш баробари замину осмонҳост, бархезед!" Умайр ибни Ҳаммоми Ансорӣ инро шунида пурсид: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, ҷаннати паҳнояш баробари замину осмонҳо?" Расул (с) гуфтанд: "Бале". Ӯ гуфт: "Бай-бай". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Чаро бай-бай мегӯӣ?" Ӯ гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, бо умеде, ки аз аҳли ҳамон ҷаннат шавам, чунин мегӯям". Расул (с) гуфтанд: "Албатта ту аз аҳли он ҳастӣ". Умайр ин суханро шунида, дарҳол аз бағалаш хурмоҳоро баровард ва ба хӯрдан сар кард. Пас гуфт: "Агар то хӯрдани ин хурмоҳо зинда монам, ин ҳаёти хеле дароз хоҳад шуд". Сипас, хурмоҳоро ба як сӯ ҳаво дод ва то кушта шудан ҷангид".***

- Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Анас омадааст:

" غَابَ عَمِّي أَنَسُ بْنُ النَّضْرِ عَنْ قِتَالِ بَدْرٍ، فَقَالَ يَا رَسُولَ اللهِ (ﷺ) غِبْتُ عَنْ أَوَّلِ قِتَالٍ قَاتَلْتَ الْـمُشْرِكِينَ، لَئِنْ اللهُ أَشْهَدَنِي قِتَالَ الْـمُشْرِكِينَ، لَيَرَيَنَّ اللهُ مَـا أَصْنَعُ، فَلَمَـا كَانَ يَوْمُ أُحُدٍ، وَانْكَشَفَ الْـمُسْلِمُونَ، قَالَ: اللهُمَّ إِنِّي أَعْتَذِرُ إِلَيْكَ مِمَـا صَنَعَ هَؤُلاَءِ يَعْنِي الصَّحَابَةَ وَأَبْرَأُ إِلَيْكَ مِمَـا صَنَعَ هَؤُلاَءِ يَعْنِي الْـمُشْرِكِينَ، ثُمَّ تَقَدَّمَ فَاسْتَقْبَلَهُ سَعْدُ بْنُ مُعَاذٍ، فَقَالَ: يَا سَعْدُ بْنَ مُعَاذٍ الْجَنَّةَ وَرَبِّ النَّضْرِ إِنِّي أَجِدُ رِيحَهَا مِنْ دُونِ أُحُدٍ، قَالَ سَعْدٌ فَمَـا اسْتَطَعْتُ يَا رَسُولَ اللهِ(ﷺ) مَـا

صَنَعَ، قَالَ أَنَسٌ: فَوَجَدْنَا بِهِ بِضْعًا وَثَمَانِينَ ضَرْبَةً بِالسَّيْفِ أَوْ طَعْنَةً بِرُمْحٍ أَوْ رَمْيَةً بِسَهْمٍ، وَوَجَدْنَاهُ قَدْ قُتِلَ، وَقَدْ مَثَّلَ بِهِ الْـمُشْرِكُونَ، فَمَا عَرَفَهُ أَحَدٌ إِلاَّ أُخْتُهُ بِبَنَانِهِ"

"*Амакам Анас ибни Назр дар ҷанги Бадр иштирок карда натавонист ва гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, ман дар ҷанги аввалини шумо бар зидди мушрикон иштирок накардам. Агар Аллоҳ ба ман бо мушрикон ҷангиданро насиб кунад, Парвардигорам нишон медод, ки ба чӣ қодир ҳастам". Вақте ки дар рӯзи Уҳуд мусулмонон ақибнишинӣ карданд, ӯ гуфт: "Эй Аллоҳ, барои кори инҳо (яъне саҳобагон) аз Ту узр мепурсам ва аз кори онҳо (яъне мушрикон) худро пок медорам" ва ба пеш қадам монд. Ба ӯ Саъд ибни Муоз рӯ ба рӯ омад. Ӯ гуфт: "Эй Саъд ибни Муоз, қасам ба Рабби Назр, ки ман аз тарафи Уҳуд бӯи ҷаннатро ҳис мекунам". Минбаъд Саъд мегуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, ман кори ӯро карда натавонистам"". Анас (р)р) гуфт: "Ӯро кушташуда ёфтем, ки дар танаш беш аз ҳаштод ҷои зарби теғ, найза ва тири камон буд, мушрикон ӯро мусла карда буданд. Ӯро фақат хоҳараш аз ангуштонаш шинохт". Ровӣ мегӯяд: "Мо мепиндоштем, ки шояд ояти зерин дар хусуси Анас ва касони мисли ӯ нозил шуда бошад*:

مِنَ الْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا مَا عَاهَدُوا اللَّهَ عَلَيْهِ

"*Аз мӯъминон мардоне ҳастанд, ки ба паймоне, ки бо Аллоҳ баста буданд, вафо карданд*" [33:23]".

- Бухорӣ аз Абӯсуруа ривоят кардааст:

" صَلَّيْتُ وَرَاءَ النَّبِيِّ (ﷺ) بِالْـمَدِينَةِ الْعَصْرَ فَسَلَّمَ، ثُمَّ قَامَ مُسْرِعًا، فَتَخَطَّى رِقَابَ النَّاسِ إِلَى بَعْضِ حُجَرِ نِسَائِهِ، فَفَزِعَ النَّاسُ مِنْ سُرْعَتِهِ، فَخَرَجَ عَلَيْهِمْ،

فَرَأَى أَنَّهُمْ عَجِبُوا مِنْ سُرْعَتِهِ فَقَالَ: ذَكَرْتُ شَيْئًا مِنْ تِبْرٍ عِنْدَنَا، فَكَرِهْتُ أَنْ يَحْبِسَنِي، فَأَمَرْتُ بِقِسْمَتِهِ"

"***Дар Мадина аз қафои Пайғамбар (с) намози асрро хондам. Он кас салом дода, саросемавор бархостанд ва аз болои китфҳои мардум ҷаҳида гузашта, ба ҳуҷраи яке аз завҷаҳояшон даромаданд. Мардум аз шитоби он кас ба ҳарос афтоданд. Пас баргаштанд ва чун диданд, ки мардум аз шитоби эшон дар тааҷҷуб мондаанд, гуфтанд: "Ба хотирам расид, ки дар хона як порча тилло дорам, нигоҳ доштани онро маъқул надонистам ва фармудам, ки онро тақсим кунанд***". Тавре ки дар ривояти дигари Бухорӣ омадааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"كُنْتُ خَلَفْتُ فِي الْبَيْتِ تِبْراً مِنَ الصَّدَقَةِ، فَكَرِهْتُ أَنْ أَبِيْتَهُ"

"***Дар хона як порча тилло аз садақа гузошта будам, нахостам, ки онро шаб дар хона нигоҳ дорам***". Ҳадисҳои мазкур мусулмононро такон медиҳад, ки фармудаҳои Аллоҳро шитобкорона ва ҳарисона ба ҷо оранд.

- Бухорӣ аз Бароъ ривоят кардааст:

" لَمَـا قَدِمَ رَسُولُ اللهِ ﷺ الْـمَدِينَةَ صَلَّى نَحْوَ بَيْتِ الْـمَقْدِسِ سِتَّةَ عَشَرَ أَوْ سَبْعَةَ عَشَرَ شَهْرًا وَكَانَ يُحِبُّ أَنْ يُوَجَّهَ إِلَى الْكَعْبَةِ فَأَنْزَلَ اللهُ تَعَالَى ﴿قَدْ نَرَى تَقَلُّبَ وَجْهِكَ فِي السَّمَاء فَلَنُوَلِّيَنَّكَ قِبْلَةً تَرْضَاهَا فَوَلِّ وَجْهَكَ شَطْرَ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ﴾ فَوُجِّهَ نَحْوَ الْكَعْبَةِ وَصَلَّى مَعَهُ رَجُلٌ الْعَصْرَ ثُمَّ خَرَجَ فَمَرَّ عَلَى قَوْمٍ مِنْ الأَنْصَارِ فَقَالَ هُوَ يَشْهَدُ أَنَّهُ صَلَّى مَعَ النَّبِيِّ ﷺ وَأَنَّهُ قَدْ وُجِّهَ إِلَى الْكَعْبَةِ فَانْحَرَفُوا وَهُمْ رُكُوعٌ فِي صَلَاةِ الْعَصْر"

"***Чун Пайғамбар (с) ба Мадина омаданд, тӯли шонздаҳ ё ки ҳабдаҳ моҳ ба ҷониби Байтулмақдис намоз хонданд, вале мехостанд, ки ба сӯи Каъба рӯй оранд. Сипас Аллоҳ Таоло***

***ояти зеринро нозил кард: "Нигаристанатро ба атрофи осмон мебинем. Туро ба сӯи қиблае, ки announced мӯписандӣ, мегардонем***" [2:144]. Он кас дар аснои намози аср ба ҷониби Каъба рӯй оварданд. Нафаре, ки ҳамроҳи Пайғамбар (с) намоз хонд, баъд аз анҷоми намоз аз назди як қавми ансор гузашт ва гуфт: "Ҳамроҳи Пайғамбар (с) намоз хондам ва гувоҳ шудам, ки он кас ба ҷониби Каъба рӯй оварданд". Сипас онҳо, ки дар рукӯи намози аср истода буданд, (ба сӯи Каъба) рӯй оварданд".

• Бухорӣ аз Ибни Абӯавфо ривоят кардааст:

**" أَصَابَتْنَا مَجَاعَةٌ لَيَالِيَ خَيْبَرَ فَلَمَّا كَانَ يَوْمُ خَيْبَرَ وَقَعْنَا فِي الْحُمُرِ الأَهْلِيَّةِ فَانْتَحَرْنَاهَا فَلَمَّا غَلَتِ الْقُدُورُ نَادَى مُنَادِي رَسُولِ اللهِ ﷺ أَكْفِئُوا الْقُدُورَ فَلاَ تَطْعَمُوا مِنْ لُحُومِ الْحُمُرِ شَيْئًا قَالَ عَبْدُ اللهِ فَقُلْنَا إِنَّمَا نَهَى النَّبِيُّ ﷺ لأَنَّهَا لَمْ تُخَمَّسْ قَالَ وَقَالَ آخَرُونَ حَرَّمَهَا أَلْبَتَّةَ وَسَأَلْتُ سَعِيدَ بْنَ جُبَيْرٍ فَقَالَ حَرَّمَهَا أَلْبَتَّةَ"**

"***Дар шабҳои Хайбар гурусна мондем. Чун рӯзи Хайбар фаро расид, харҳои хонагиро вохӯрдем ва куштем. Вақте ки дегҳо ҷӯшиданд, ҷорчии Пайғамбар (с) омада эълон кард: "Аз дегҳо парҳез намоед, гӯшти харро тановул накунед". Абдуллоҳ мегӯяд: "Мо гуфтем, ки Пайғамбар (с) барои хумси онро ҷудо накардан манъ кардаанд". Дигарон гуфтанд: "Аниқ ҳаром карданд". Чун аз Саид ибни Ҷубайр пурсидем, ӯ гуфт: "Аниқ ҳаром карданд***".

• Бухорӣ аз Анас ибни Молик ривоят кардааст:

**" كُنْتُ أَسْقِي أَبَا طَلْحَةَ الأَنْصَارِيَّ وَأَبَا عُبَيْدَةَ بْنَ الْجَرَّاحِ وَأُبَيَّ بْنَ كَعْبٍ شَرَابًا مِنْ فَضِيخٍ وَهُوَ تَمْرٌ فَجَاءَهُمْ آتٍ فَقَالَ إِنَّ الْخَمْرَ قَدْ حُرِّمَتْ فَقَالَ أَبُو طَلْحَةَ يَا أَنَسُ قُمْ إِلَى هَذِهِ الْجِرَارِ فَاكْسِرْهَا قَالَ أَنَسٌ فَقُمْتُ إِلَى مِهْرَاسٍ لَنَا فَضَرَبْتُهَا بِأَسْفَلِهِ حَتَّى انْكَسَرَتْ"**

"***Ман ба Абӯталҳаи Ансорӣ, Абӯубайда ибни Ҷарроҳ ва Убай ибни Каъб аз шароби хурмо рехта истода будам. Нафаре омада гуфт, ки арақ ҳаром карда шуд. Абӯталҳа дарҳол фармуд: "Эй Анас, бархез, он кӯзаро бишкан". Анас гуфт: "Бархоста ба таги кӯза задам ва он шикаст***".

• Бухорӣ аз Оиша (р)р) ривоят кардааст:

" وَبَلَغْنَا أَنَّهُ لَمَـا أَنْزَلَ اللهُ تَعَالَى أَنْ يَرُدُّوا إِلَى الْـمُشْرِكِينَ مَـا أَنْفَقُوا عَلَى مَنْ هَاجَرَ مِنْ أَزْوَاجِهِمْ وَحَكَمَ عَلَى الْـمُسْلِمِينَ أَنْ لاَ يُمَسِّكُوا بِعِصَمِ الْكَوَافِرِ أَنَّ عُمَرَ طَلَّقَ امْرَأَتَيْنِ"

"***Аллоҳ Таоло дар хусуси баргардондани молҳои мушрикон, ки ба занҳои ҳиҷраткардаи худ додаанд, оят нозил кард ва ба мусулмонон ҳукм кард, ки аз дасти кофирон надоранд. Баъд аз ин ба мо хабар расид, ки Умар ду зани худро талоқ додааст***".

• Бухорӣ аз Оиша (р)р) ривоят кардааст:

" يَرْحَمُ اللهُ نِسَاءَ الْـمُهَاجِرَاتِ الْأُوَلَ، لَـمَـا أَنْزَلَ اللهُ ﴿وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ﴾ شَقَّقْنَ مُرُوطَهُنَّ فَاخْتَمَرْنَ بِهَا"

"Аллоҳ нахустин муҳоҷирзанонро раҳмат кунад. Чун Аллоҳ Таоло ояти зеринро нозил кард: "***Ва миқнааҳои (сарандози) худро то гиребон фурӯ гузоранд***" [24:31], дарҳол ҷомаҳояшонро бурида сарандоз (рӯмол) карданд".

• Абӯдовуд аз Сафия бинти Шайба ва ӯ аз Оиша (р)р) ривоят кардааст:

" أَنَّهَا ذَكَرَتْ نِسَاءَ الْأَنْصَارِ فَأَثْنَتْ عَلَيْهِنَّ وَقَالَتْ لَهُنَّ مَعْرُوفًا، وَقَالَتْ لَمَـا نَزَلَتْ سُورَةُ النُّورِ عَمِدْنَ إِلَى حُجُوزٍ فَشَقَقْنَهُنَّ فَاتَّخَذْنَهُ خُمُرًا"

"***Оиша (р) ансоризанонро ба ёд оварда, таъриф намуд ва дар ҳаққашон суханҳои нек гуфт ва боз афзуд: "Вақте ки сураи "Нур" нозил шуд, доманашонро бурида, рӯмол карда буданд***"".

• Ибни Исҳоқ гуфтааст: "Ашъас ибни Қайс ҳамроҳи вакилони Кинда ба назди Пайғамбар (с) омад. Ба гуфтаи Зӯҳрӣ, ӯ ҳамроҳи 80 савораи қабилаи Кинда омада, ба масҷид, яъне назди Пайғамбар (с) даромад. Онҳо мӯйҳояшонро шона карда, сурма кашида буданд. Дар тан ҷомаҳои рахрах доштанд ва ба онҳо аз абрешим гиребон дӯхта шуда буд. Вақте ки ба назди Пайғамбар (с) даромаданд, он кас гуфтанд:

**"أَلَمْ تُسْلِمُوا؟"**

"***Оё мусулмон нашудед***?" Онҳо дар ҷавоб гуфтанд: "Мусулмон шудаем". Расул (с) гуфтанд:

**"فَمَـا بَالُ هَذَا الْحَرِيرِ فِي أَعْنَاقِكُمْ؟"**

"***Дар ин ҳол ин гиребони абрешимин чист***?" Онҳо дарҳол онро бурида партофтанд".

• Ибни Ҷарир аз Абӯбурайда, ӯ аз падараш ривоят мекунад: "Мо, се-чор нафар, дар регистон аз як кӯза шароб нӯшида менишастем. Ман бархоста, ба назди Пайғамбар (с) рафта салом додам, он гоҳ ояте, ки шаробро ҳаром кард, нозил шуд:

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِنَّمَا الْخَمْرُ وَالْمَيْسِرُ وَالأَنصَابُ وَالأَزْلاَمُ رِجْسٌ مِّنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ فَاجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ إِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَن يُوقِعَ بَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاء فِي الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَن ذِكْرِ اللّهِ وَعَنِ الصَّلاَةِ فَهَلْ أَنتُم مُّنتَهُونَ**

"***Эй касоне, ки имон овардаед, шароб ва қимор ва бутҳо ва гаравбандӣ бо тирҳо палидӣ ва кори шайтон аст, аз он***

***ичтиноб кунед, то растагор шавед! Шайтон мехоҳад бо шаробу қимор миёни шумо кинаву душманӣ афканад ва шуморо аз ёди Аллоҳ ва намоз боздорад, оё бас мекунед?***" [5:90-91]. Дарҳол ба пеши дӯстонам омада, ҳар ду оятро хонда додам. Дар дасти баъзеашон шароб буда, нисфашро хӯрда бошад, ними дигараш дар зарф буд, лаби зарфҳо монанди чизе, ки барои нагазидани шутур ба лаби он меандозанд, дар поён шуд. Пасон онҳо шароби кӯзаҳоро рехтанд ва гуфтанд: "***Бас кардем, Парвардигоро, бас кардем***"".

• Ҳанзала ибни Абӯомир, ки ӯро фариштагон ғусл кунондаанд, даъвати ҷанги Уҳудро шунида, шитобон баромада рафт ва дар рӯзи Уҳуд шаҳид шуд. Чунон ки Ибни Исҳоқ нақл мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِنَّ صَاحِبَكُمْ لَتُغَسِّلُهُ الْـمَلاَئِكَةُ فَاسْأَلُوا أَهْلَهُ مَـا شَأْنُهُ؟"

"***Ин дӯсти шуморо фариштаҳо ғусл мекунонанд, аз оилааш пурсед, ки ӯ чӣ ҳол дошт?***" Чун аз завҷааш пурсиданд, маълум гашт, ки ҳамон шаб домод шуда будааст ва баробари шунидани даъват дар ҳолати ҷунубӣ баромада рафтааст. Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд:

"كَذَلِكَ غَسَّلَتْهُ الْـمَلاَئِكَةُ"

"***Барои ҳамин ӯро фариштаҳо ғусл кунонидаанд***".

• Имом Аҳмад аз Рофеъ ибни Хадиҷ ривоят мекунад:

" كُنَّا نُحَاقِلُ بِالأَرْضِ عَلَى عَهْدِ رَسُولِ اللهِ ﷺ فَنُكْرِيهَا بِالثُّلُثِ وَالرُّبُعِ وَالطَّعَامِ الْـمُسَمَّى فَجَاءَنَا ذَاتَ يَوْمٍ رَجُلٌ مِنْ عُمُومَتِي فَقَالَ نَهَانَا رَسُولُ اللهِ ﷺ عَنْ أَمْرٍ كَانَ لَنَا نَافِعًا وَطَاعَةُ اللهِ وَرَسُولِهِ أَنْفَعُ لَنَا نَهَانَا أَنْ نُحَاقِلَ بِالأَرْضِ فَنُكْرِيَهَا عَلَى الثُّلُثِ وَالرُّبُعِ وَالطَّعَامِ الْـمُسَمَّى وَأَمَرَ رَبَّ الأَرْضِ أَنْ يَزْرَعَهَا أَوْ يُزْرِعَهَا وَكَرِهَ كِرَاءَهَا وَمَـا سِوَى ذَلِكَ"

"***Мо дар давраи Пайғамбар (с) ғалларо надаравида, дар ҳолати сабзиаш мефурӯхтем, бар ивази сеяк-чоряки ҳосил ва озуқаи муайян заминро ба иҷора медодем. Рӯзе яке аз амакбачаҳоям омада гуфт: "Пайғамбар (с) моро аз коре боздоштанд, ки бароямон фоидаовар буд. Ба Аллоҳ ва Расулаш итоат кардан бароямон фоиданоктар аст. Моро аз фурӯхтани ғаллаи нодарав дар ҳолати сабзиаш ва аз иҷора додани замин бар ивази сеяк-чоряки ҳосил ё озуқаи муайян боздоштанд. Соҳиби заминро фармуданд, ки киштукор кунад ё киштукор кунонад***"".

# *ОШНОӢ БО ҚУРЪОНИ КАРИМ*

Қуръони карим каломи Аллоҳ Субҳонаҳу аст. Онро Ҷабраил (а) бо воситаи ваҳй аз тарафи Аллоҳ ба Муҳаммад (с) овардааст. Лафз ва маънои он аз они Аллоҳ аст. Тиловати он ибодат мебошад. Он мӯъҷиза буда, бо роҳи тавотур ба мо нақл карда шудааст.

لَا يَأْتِيهِ الْبَاطِلُ مِن بَيْنِ يَدَيْهِ وَلَا مِنْ خَلْفِهِ تَنزِيلٌ مِّنْ حَكِيمٍ حَمِيدٍ

"***На аз пеши рӯй ботил бад-ӯ роҳ ёбад ва на аз пас. Нозилшуда аз ҷониби Аллоҳе ҳакаму сутуданист***" [41:42].

Он дар ҳифзу ҳимояи Аллоҳ аст:

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ

"***Мо Қуръонро худ нозил кардаем ва худ нигоҳбонаш ҳастем***" [15:9]. Аз он ҷонҳо ғизо мегиранд, дилҳо таскин меёбанд. Қуръон бо изни Парвардигор мардумро аз зулматҳо ба нур, яъне ба роҳи Аллоҳи Азизу Ҳамид ҳидоят мекунад. Ҳар кӣ бо он сухан гӯяд, рост мегӯяд, ҳар кӣ бо он ҳукм кунад, адолат мекунад. Ҳар кӣ ба он амал кунад, комёб мегардад, ҳар кӣ ба он даъват кунад, ба роҳи рост ҳидоят менамояд.

Қуръон барои мусулмон ва махсусан даъваткунанда ғизои беҳтарин аст. Бо он қалбҳо обод ва дастон бақувват мешавад. Ҳар кӣ ошнои он бошад, дар роҳи Аллоҳ чун кӯҳ пойдор буда,

дар назди ӯ дунё ба матои беарзиш табдил меёбад. Ӯ дар ҳар гуна ҳолат ҳақро мегӯяд ва аз маломати маломатгӯ наметарсад. Ҳар чӣ ки бо сабаби сабукӣ аз шамоли андак мепарад, бо он дар назди Аллоҳ аз кӯҳи Уҳуд ҳам вазнинтар мегардад. Чунки ӯ тиловат мекунад, забонаш бо Қуръон машғул асту ангуштонаш ба он гувоҳанд. Саҳобагони Пайғамбар (с) ҳамин гуна сифатҳо доштанд. Онҳо гӯё Қуръони зинда буданд. Онро бо тартил тиловат намуда, дар хусуси оятҳояш тадаббур мекарданд, худ ба он амал намуда, дигаронро низ даъват мекарданд. Аз оятҳои азоб ба ларзаву гиря меомаданд, аз оятҳои раҳмат дилҳояшон шод мегашт. Ба ҳукмҳо ва ҳикмати он таслим шуда, ба бузургиву мӯъҷизавияти он қоил шуда, чашмашон пур аз ашк мешуд. Баробари аз Пайғамбар (с) қабул кардан оятҳои он дар умқи дилашон ҷой мегирифт. Барои ҳамин онҳо соҳиби иззату икром ва хушбахту музаффар гаштанд. Вақте ки аз Пайғамбар (с) ҷудо шуданд, ба васиятҳои он кас амал намуда, бо Қуръон дӯстӣ карданро давом доданд. Ҳофизони Қуръон дар амри маъруфу наҳйи мункар ва дар ҳар кори хайр пешсаф буда, дар роҳи Аллоҳ ба машаққатҳо якумин шуда дучор мегаштанд.

Қуръон бояд барои мусулмонон, хусусан барои даъваткунандагон ҳамроҳи доимӣ ва хушнудии дилҳояшон бошад. То ки онҳоро фақат ба некӣ раҳнамун сохта, ба мақоми баландтарин мушарраф гардонад. Бо тиловат, ҳифз ва амал намудан шабу рӯз онро аз наздашон дур насозанд. Ҳамон вақт онҳо ба беҳтарин насли аҷдодони беҳтарин табдил меёбанд.

Дар поён бароятон дар хусуси нозилшавии Қуръон, ҳифз кардан, бо он ҳидоят ёфтан, фазли тиловат ва фоидаҳои фаровони он оятҳои каримаву ҳадисҳои шарифро меорем:

نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ الْمُنذِرِينَ

"***Онро Рӯҳуламин нозил кардааст бар дили ту, то аз бимдиҳандагон бошӣ***" [26:193-194]

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ

"***Мо Қуръонро Худ нозил кардаем ва Худ нигаҳбонаш ҳастем***" [15:9]

لَا يَأْتِيهِ الْبَاطِلُ مِن بَيْنِ يَدَيْهِ وَلَا مِنْ خَلْفِهِ تَنزِيلٌ مِّنْ حَكِيمٍ حَمِيدٍ

"***На аз пеши рӯй ботил бад-ӯ роҳ ёбад ва на аз пас. Нозилшуда аз ҷониби Аллоҳе ҳакиму сутуданист***" [41:42]

إِنَّ هَـذَا الْقُرْآنَ يِهْدِي لِلَّتِي هِيَ أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ الْمُؤْمِنِينَ الَّذِينَ يَعْمَلُونَ الصَّالِحَاتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْرًا كَبِيراً

"***Ин Қуръон ба дурусттарини оинҳо роҳ менамояд ва мӯъминонеро, ки корҳои шоиста ба ҷой меоваранд, башорат медиҳад, ки аз музде кироманд бархӯрдор хоҳанд шуд***" [17:9]

يَا أَهْلَ الْكِتَابِ قَدْ جَاءكُمْ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمْ كَثِيراً مِّمَّا كُنتُمْ تُخْفُونَ مِنَ الْكِتَابِ وَيَعْفُو عَن كَثِيرٍ قَدْ جَاءكُم مِّنَ اللّهِ نُورٌ وَكِتَابٌ مُّبِينٌ يَهْدِي بِهِ اللّهُ مَنِ اتَّبَعَ رِضْوَانَهُ سُبُلَ السَّلاَمِ وَيُخْرِجُهُم مِّنِ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ بِإِذْنِهِ وَيَهْدِيهِمْ إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ

"***Эй аҳли Китоб, пайғамбари Мо назди шумо омад, то бисёре аз китоби Аллоҳро, ки пинҳон медоштед, бароятон баён кунад ва аз бисёре даргузарад ва аз ҷониби Аллоҳ нуре ва китобе сареҳу ошкор бар шумо нозил шудааст. То Аллоҳ бад-он ҳар касро, ки дар паи хушнудии Ӯст, ба роҳҳои саломат ҳидоят кунад ва ба фармони Худ аз торикӣ ба рӯшноияшон бубарад ва ононро ба роҳи рост ҳидоят кунад***" [5:15-16]

الَر كِتَابٌ أَنزَلْنَاهُ إِلَيْكَ لِتُخْرِجَ النَّاسَ مِنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ بِإِذْنِ رَبِّهِمْ إِلَى صِرَاطِ الْعَزِيزِ الْحَمِيدِ

"***Китобест, ки бар ту нозил кардем, то мардумро ба фармони Парвардигорашон аз торикӣ ба рӯшноӣ бибарӣ ва ба роҳи Аллоҳи пирӯзманди сутуданӣ роҳ намоӣ***" [14:1]

أَلاَ بِذِكْرِ اللّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

"***Дилҳояшон ба ёди Аллоҳ оромиш меёбад***" [13:28]

أَفَلاَ يَتَدَبَّرُونَ الْقُرْآنَ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِندِ غَيْرِ اللّهِ لَوَجَدُواْ فِيهِ اخْتِلاَفًا كَثِيراً

"***Оё дар Қуръон намеандешанд? Ҳар гоҳ аз сӯи дигаре ҷуз Аллоҳ мебуд, дар он ихтилофе бисёр меёфтанд***" [4:82].

* * *

Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"خَيْرُكُمْ مَنْ تَعَلَّمَ الْقُرْآنَ وَعَلَّمَهُ"

"***Беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро таълим гирифта, (ба дигарон) таълим медиҳад***". Ин ҳадисро Бухорӣ аз Усмон ибни Аффон ривоят кардааст.

" مَنْ قَرَأَ حَرْفًا مِنْ كِتَابِ اللهِ فَلَهُ بِهِ حَسَنَةٌ وَالْحَسَنَةُ بِعَشْرِ أَمْثَالِهَا لاَ أَقُولُ الم حَرْفٌ، وَلَكِنْ أَلِفٌ حَرْفٌ، وَلَامٌ حَرْفٌ، وَمِيمٌ حَرْفٌ"

"***Ҳар кӣ аз Китоби Аллоҳ ҳарфе хонад, барои ӯ як некӣ мешавад ва ин некӣ ба миқдори даҳ баробари худ мешавад. Ман намегӯям, ки Алиф Лом Мим як ҳарф аст, балки мегӯям, ки алиф як ҳарф аст, лом як ҳарф ва мим як ҳарф***". Ин ҳадисро Тирмизӣ аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст ва он ҳадиси саҳеҳ аст.

" الْـمَـاهِرُ بِالْقُرْآنِ مَعَ السَّفَرَةِ الْكِرَامِ الْبَرَرَةِ، وَالَّذِي يَقْرَأُ الْقُرْآنَ وَيَتَتَعْتَعُ فِيهِ وَهُوَ عَلَيْهِ شَاقٌّ لَهُ أَجْرَانِ"

"***Ҳар кӣ дар соҳаи Қуръон моҳир бошад, ҳамроҳи мирзоёни бузургу фармонбардор мешавад. Ҳар кӣ Қуръон хонад ва бо сабаби душворӣ кашидан забонаш гирад, барои ӯ ду аҷр ҳаст***". Ин ҳадисро Муслим аз Оиша (р)р) ривоят кардааст.

"إِنَّ الَّذِي لَيْسَ فِي جَوْفِهِ شَيْءٌ مِنْ الْقُرْآنِ كَالْبَيْتِ الْخَرِبِ"

"***Инсоне, ки дар шикамаш заррае аз Қуръон нест, мисли хонаи хароб аст***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда ва саҳеҳ гуфтааст.

"اقْرَءُوا الْقُرْآنَ فَإِنَّهُ يَأْتِي يَوْمَ الْقِيَامَةِ شَفِيعًا لِصَاحِبِهِ"

"***Қуръон бихонед, чунки он дар рӯзи қиёмат барои соҳибаш шафоатгӯ мешавад***". Ин ҳадисро Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ аз Абӯумома Боҳилӣ (р) ривоят кардааст.

" الْقُرْآنُ شَافِعٌ مُشَفَّعٌ، وَمَـاحِلٌ مُصَدَّقٌ، مَنْ جَعَلَهُ أَمَـامَهُ قَادَهُ إِلَى الْجَنَّةِ وَمَنْ جَعَلَهُ خَلْفَهُ سَاقَهُ إِلَى النَّارِ"

"***Қуръон пуштибони шафоаткунанда ва посбони тасдиқёфта мебошад. Ҳар кӣ онро дар пеши худ гузорад, ӯро ба ҷаннат мебарад. Ҳар кӣ онро дар паси худ гузорад, ӯро ба дӯзах меронад***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ, Байҳақӣ аз Ҷобир ва Ибни Масъуд ривоят кардаанд ва он ҳадиси саҳеҳ аст.

"إِنَّ اللهَ  يَرْفَعُ بِهَذَا الْكِتَابِ أَقْوَامًا وَيَضَعُ بِهِ آخَرِينَ"

"***Албатта Аллоҳ бо ин Китоб якчанд қавмро пешқадам мегардонад ва дигаронро ақибмонда***". Ривояти Муслим.

" يُقَالُ لِصَاحِبِ الْقُرْآنِ اقْرَأْ وَارْتَقِ وَرَتِّلْ كَمَـا كُنْتَ تُرَتِّلُ فِي الدُّنْيَا، فَإِنَّ مَنْزِلَتَكَ عِنْدَ آخِرِ آيَةٍ تَقْرَؤُهَا"

"***Ба соҳиби Қуръон гуфта мешавад: "Чунон ки дар дунё мехондӣ, Қуръонро қироат бикун ва боло рав, зеро мақоми ту он ҷоест, ки охирин оятро мехонӣ***"". Ин ҳадисро Абӯдовуд ва Тирмизӣ ривоят кардаанд.

" اقْرَءُوا الْقُرْآنَ وَاعْمَلُوا بِهِ وَلاَ تَجْفُوا عَنْهُ وَلاَ تَغْلُوا فِيهِ وَلاَ تَأْكُلُوا وَلاَ تَسْتَكْثِرُوا بِهِ"

"***Қуръон бихонед, ба он амал намоед, аз он бегона нашавед, дар бораи он аз ҳад нагузаред, бо он рӯзӣ наёбед ва сарватманд нашавед***". Ин ҳадисро Аҳмад, Табаронӣ ва дигарон аз Абдураҳмон ибни Шибл ривоят кардаанд ва он ҳадиси саҳеҳ аст.

" مَثَلُ الْـمُؤْمِنِ الَّذِي يَقْرَأُ الْقُرْآنَ مَثَلُ الأُتْرُجَّةِ طَعْمُهَا طَيِّبٌ وَرِيحُهَا طَيِّبٌ، وَمَثَلُ الْـمُؤْمِنِ الَّذِي لاَ يَقْرَأُ الْقُرْآنَ مَثَلُ التَّمْرَةِ طَعْمُهَا طَيِّبٌ وَلاَ رِيحَ لَهَا، وَمَثَلُ الْـمُنَافِقِ الَّذِي يَقْرَأُ الْقُرْآنَ مَثَلُ الرَّيْحَانَةِ رِيحُهَا طَيِّبٌ وَطَعْمُهَا مُرٌّ، وَمَثَلُ الْـمُنَافِقِ الَّذِي لاَ يَقْرَأُ الْقُرْآنَ كَمَثَلِ الْحَنْظَلَةِ طَعْمُهَا مُرٌّ وَلاَ رِيحَ لَهَا"

"***Мӯъмине, ки Қуръон мехонад, ба афлесун шабоҳат дорад, ҳам таъм ва ҳам бӯяш гуворо аст. Мӯъмине, ки Қуръон намехонад, ба хурмо монанд аст, ки таъмаш ширин асту бӯй надорад. Мунофиқе, ки Қуръон мехонад, ба мисли райҳон аст, ки бӯйи гуворо, вале таъми талх дорад. Мунофиқе, ки Қуръон намехонад, ба ҳанзал (кадуи кӯҳӣ) шабоҳат дорад, ки таъмаш талх аст, вале бӯй надорад***". Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим аз Абӯмусои Ашъарӣ ривоят кардаанд.

"تَعَاهَدُوا الْقُرْآنَ فَوَالَّذِي نَفْسُ مُحَمَّدٍ بِيَدِهِ لَهُوَ أَشَدُّ تَفَلُّتًا مِنْ الإِبِلِ فِي عُقُلِهَا"

"***Қуръонро ба худ одат кунонед. Қасам ба Худое, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, он аз шутури басташуда ҳам гурезатар мебошад***". Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим аз Абӯмусои Ашъарӣ ривоят кардаанд.

Хулоса, оятҳои карима ва ҳадисҳои шариф, ки дар боло зикр шуданд, мартабаи бузурги Қуръони Карим ва мақоми ошнои онро нишон медиҳанд. Ӯ Қуръонро барои зинату ороиш дар раф ё ҷевони китоб ба зери чангу ғубор намегузорад. Балки онро мехонад, ба он амал мекунад, дар хусуси оятҳояш андеша меронад, шабу рӯз бо он ошноӣ меҷӯяд. Дар натиҷа Қуръон дар роҳи некӣ ба тоқати тамомнашавандаи ӯ табдил меёбад. Бинобар ин, бародарони гиромӣ, бо Қуръони Карим ошно шавед, ба тиловати он биштобед, дар хусуси оятҳояш тадаббур намоед, амал кунед ва ба он чанг занед. То ки ҳам таъм ва ҳам бӯйи хуш дошта бошед. То ки ҳам дар густариши даъват дар ин дунё ва ҳам дар ҷаннати охират пешсаф бошед. То ки ба шумо гуфта шавад: Бихон ва боло рав. Ба ин восита, ба пирӯзии бузург, комёбии бемисл ва ризои Аллоҳ муносиб дониста мешавед.

وَبَشِّرِ الْمُؤْمِنِينَ

"***Ва мӯъминонро башорат деҳ***" [2:223].

# *ДӮСТДОРИИ АЛЛОҲ ВА РАСУЛАШ*

Азҳарӣ мегӯяд: "Аллоҳ ва Расулашро дӯст доштани банда ба онҳо итоат намудан ва фармонҳои онҳоро иҷро кардани ӯст". Байзовӣ мегӯяд: "Муҳаббат хостани итоат аст". Ибни Арафа мегӯяд: "Дар арабҳо муҳаббат бо қасд ирода кардани ягон чиз аст". Заҷҷоҷ мегӯяд: "Аллоҳ ва Расулашро дӯст доштани инсон ба онҳо итоат кардану ба фармудаҳои Аллоҳ ва овардаҳои Расулаш розӣ шудани ӯст".

Бандаро дӯст доштани Аллоҳ ӯро мағфират кардан, розӣ шудан ва савоб додани Ӯст. Байзовӣ гуфтааст: "Аллоҳ шуморо дӯст медорад ва меомурзад, яъне аз шумо розӣ мешавад". Азҳарӣ бандагонро дӯст доштани Аллоҳро ба онҳо инъом кардани мағфират гуфта таъриф намуда, дар тафсири ояти:

فَإِنَّ اللّهَ لاَ يُحِبُّ الْكَافِرِينَ

"***Аллоҳ кофиронро дӯст надорад!***" [3:32] мегӯяд: "Онҳоро намебахшад". Суфён ибни Уяйна мегӯяд: "Сухани "Аллоҳ шуморо дӯст медорад" ба маънои "ба худ наздик мегирад" мебошад, чунки муҳаббат ба худ наздик гирифтан аст. Кофиронро бад дидани Аллоҳ ба худ наздик нагирифтани онҳо мебошад". Бағавӣ мегӯяд: "Мӯъминонро дӯст доштани Аллоҳ онҳоро таъриф намудан, ба онҳо савоб додан ва онҳоро авф кардани Ӯст". Заҷҷоҷ мегӯяд: "Халқи худро дӯст доштани Аллоҳ

онҳоро авф кардан, ба онҳо раҳмату мағфират инъом намудан ва онҳоро ситоиш кардани Ӯст".

Мо дар ин мавзӯъ ба муҳаббати банда ба Аллоҳ ва Расулаш эътибор менигаронем. Ин муҳаббат дар маънои мазкур фарз мебошад. Чунки муҳаббат яке аз майлҳои ташаккулдиҳандаи нафсияи инсон аст. Дар асл майлҳо гуногун мешаванд. Мумкин аст он табиӣ бошад, ки ба ягон пиндор вобаста нест, монанди майл ба соҳибмулк шудан, дӯст доштани зиндагӣ, адолат, оила ва фарзанд. Инчунин мумкин аст ба пиндорҳо вобаста бошад ва дар ин сурат навъи майлро ҳамон пиндорҳо муайян мекунанд. Масалан, сурхпӯстон муҳоҷирони аврупоиро дӯст надоштанд, аммо ансориёни мадинагӣ муҳоҷирони маккагиро дӯст доштанд. Аллоҳ Субҳонаҳу дӯст доштани Аллоҳ ва Расулашро ба пиндори шаръӣ вобаста намуда, онро фарз гардонид. Далелҳо аз Қуръон:

وَمِنَ النَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ اللّهِ أَندَاداً يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ اللّهِ وَالَّذِينَ آمَنُواْ أَشَدُّ حُبًّا لِّلّهِ

"***Баъзе аз мардум Аллоҳро ҳамтоёне ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки Аллоҳро. Вале онон, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд***" [2:165]

Яъне Аллоҳро дӯст доштани мӯъминон нисбат ба худоҳои худро дӯст доштани мушрикон сахттар аст.

قُلْ إِن كَانَ آبَاؤُكُمْ وَأَبْنَآؤُكُمْ وَإِخْوَانُكُمْ وَأَزْوَاجُكُمْ وَعَشِيرَتُكُمْ وَأَمْوَالٌ اقْتَرَفْتُمُوهَا وَتِجَارَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا وَمَسَاكِنُ تَرْضَوْنَهَا أَحَبَّ إِلَيْكُم مِّنَ اللّهِ وَرَسُولِهِ وَجِهَادٍ فِي سَبِيلِهِ فَتَرَبَّصُواْ حَتَّى يَأْتِيَ اللّهُ بِأَمْرِهِ وَاللّهُ لاَ يَهْدِي الْقَوْمَ الْفَاسِقِينَ

"***Бигӯ: "Агар падаронатону фарзандонатон ва бародаронатону занонатон ва хешовандонатону амволе,***

***ки андӯхтаед ва тиҷорате, ки аз касоди он бим доред ва хонаҳое, ки бад-он дилхуш ҳастед, барои шумо аз Аллоҳу пайғамбараш ва ҷиҳод кардан дар роҳи Ӯ дӯст доштанитар аст, мунтазир бошед, то Аллоҳ фармони Хеш биёварад. Ва Аллоҳ нофармононро ҳидоят нахоҳад кард***" [9:24].

* * *

Далелҳо аз суннат:

• Анас (р) ривоят кардааст:

" أَنَّ رَجُلاً سَأَلَ النَّبِيَّ ﷺ عَنْ السَّاعَةِ، فَقَالَ: مَتَى السَّاعَةُ؟ قَالَ: وَمَـاذَا أَعْدَدْتَ لَهَا؟ قَالَ: لاَ شَيْءَ، إِلاَّ أَنِّي أُحِبُّ اللهَ وَرَسُولَهُ، فَقَالَ أَنْتَ مَعَ مَنْ أَحْبَبْتَ. قَالَ أَنَسٌ فَمَـا فَرِحْنَا بِشَيْءٍ فَرَحَنَا بِقَوْلِ النَّبِيِّ ﷺ أَنْتَ مَعَ مَنْ أَحْبَبْتَ. قَالَ أَنَسٌ فَأَنَا أُحِبُّ النَّبِيَّ ﷺ وَأَبَا بَكْرٍ وَعُمَرَ وَأَرْجُو أَنْ أَكُونَ مَعَهُمْ بِحُبِّي إِيَّاهُمْ، وَإِنْ لَمْ أَعْمَلْ بِمِثْلِ أَعْمَـالِهِمْ"

"***Нафаре аз Пайғамбар (с) пурсид: "Қиёмат кай аст?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Барои он чӣ тайёрӣ дидӣ?" Ӯ гуфт: "Ҳеҷ тайёрӣ надидам, фақат Аллоҳ ва Расулашро дӯст медорам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ҳар киро дӯст дорӣ, ҳамроҳи ҳамон кас хоҳӣ шуд". Ровӣ мегӯяд: "Аз ин гуфтаҳои Пайғамбар (с) чунон хушҳол гаштем, ки аз ҳеҷ чиз ин қадар хушҳол нашуда будем. Ман Пайғамбар (с), Абӯбакр ва Умарро дӯст медоштам. Гарчи ба мисли онҳо амал карда натавонам ҳам, бо воситаи муҳаббати худ нисбат ба онҳо мехостам ҳамроҳи онҳо бошам***" [муттафақун алайҳ].

• Анас (р) боз ривоят кардааст:

" ثَلاثٌ مَنْ كُنَّ فِيهِ، وَجَدَ حَلاَوَةَ الإِيمَـانِ: مَنْ كَانَ اللهُ وَرَسُولُهُ أَحَبَّ إِلَيْهِ مِمَـا سِوَاهُمَـا، وَأَنْ يُحِبَّ الْـمَرْءَ لاَ يُحِبُّهُ إِلاَّ لِلَّهِ، وَأَنْ يَكْرَهَ أَنْ يَعُودَ فِي الْكُفْرِ كَمَـا يَكْرَهُ أَنْ يُقْذَفَ فِي النَّار"

"***Се кор ҳаст, ки ҳар кас онҳоро дар худ ҷамъ орад, ҳаловати имонро мечашад: Аллоҳ ва Расулаш дар назди ӯ назар ба дигарон маҳбубтар бошад, нафареро танҳо барои Аллоҳ дӯст дорад, аз баргаштан ба куфр чунон тарсад, ки гӯё ба оташ партофта мешавад***" [муттафақун алайҳ].

- Анас (р) боз ривоят кардааст

"لاَ يُؤْمِنُ عَبْدٌ حَتَّى أَكُونَ أَحَبَّ إِلَيْهِ مِنْ أَهْلِهِ وَمَـالِهِ وَالنَّاسِ أَجْمَعِينَ"

"***Банда мӯъмин намешавад, магар ман барои ӯ аз оила, молу давлат ва тамоми мардум маҳбубтар шавам***".

Саҳобагони Пайғамбар (с) ба адои ин фарз ҳарис буданд ва ба умеди маҳбуби Аллоҳу Расулаш шудан дар роҳи ба ин шараф расидан мусобиқа мекарданд.

Анас (р) ривоят кардааст:

" لَمَـا كَانَ يَوْمُ أُحُدٍ، انْهَزَمَ النَّاسُ عَنْ النَّبِيِّ ﷺ وَأَبُو طَلْحَةَ بَيْنَ يَدَيْ النَّبِيِّ ﷺ مُجَوِّبٌ بِهِ عَلَيْهِ بِحَجَفَةٍ لَهُ، وَكَانَ أَبُو طَلْحَةَ رَجُلاً رَامِيًا شَدِيدَ الْقِدِّ، يَكْسِرُ يَوْمَئِذٍ قَوْسَيْنِ أَوْ ثَلاَثًا، وَكَانَ الرَّجُلُ يَمُرُّ، مَعَهُ الْجَعْبَةُ مِنْ النَّبْلِ، فَيَقُولُ انْشُرْهَا لأَبِي طَلْحَةَ. فَأَشْرَفَ النَّبِيُّ ﷺ يَنْظُرُ إِلَى الْقَوْمِ، فَيَقُولُ أَبُو طَلْحَةَ: يَا نَبِيَّ اللهِ بِأَبِي أَنْتَ وَأُمِّي، لاَ تُشْرِفْ يُصِيبُكَ سَهْمٌ مِنْ سِهَامِ الْقَوْمِ، نَحْرِي دُونَ نَحْرِكَ"

"***Дар рӯзи Уҳуд мардум аз назди Пайғамбар (с) низ ақибнишинӣ карданд. Абӯталҳа дар наздашон монда, бо сипараш он касро ҳимоя мекард. Ӯ камонбози бақувват буда, ҳамон рӯз ду-се камонро шикаста буд. Агар аз наздаш нафаре бо тирдон гузарад, мегуфт: "Ба Абӯталҳа деҳ". Агар Пайғамбар (с) ба мардум назар карданӣ шаванд, мегуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, падару модарам ба шумо фидо шаванд, нигоҳ накунед, боз тире омада ба шумо нарасад, ҷонам фидо шавад ба ҷонатон***"" [муттафақун алайҳ].

• Қайс ривоят кардааст:

"رَأَيْتُ يَدَ طَلْحَةَ شَلَّاءَ وَقَى بِهَا النَّبِيَّ ﷺ يَوْمَ أُحُدٍ"

"***Дар рӯзи Уҳуд дидам, ки аз ҳимоя кардани Пайғамбар (с) дастони Талҳа шал шуданд***".

• Дар ҳадиси дарози Каъб ибни Молик (яке аз се нафар, ки аз ҷанги Табук мондааст) омадааст:

" حَتَّى إِذَا طَالَ عَلَيَّ ذَلِكَ مِنْ جَفْوَةِ النَّاسِ، مَشَيْتُ حَتَّى تَسَوَّرْتُ جِدَارَ حَائِطِ أَبِي قَتَادَةَ، وَهُوَ ابْنُ عَمِّي، وَأَحَبُّ النَّاسِ إِلَيَّ، فَسَلَّمْتُ عَلَيْهِ، فَوَاللهِ مَا رَدَّ عَلَيَّ السَّلَامَ، فَقُلْتُ: يَا أَبَا قَتَادَةَ، أَنْشُدُكَ بِاللهِ، هَلْ تَعْلَمُنِي أُحِبُّ اللهَ وَرَسُولَهُ؟ فَسَكَتَ فَعُدْتُ لَهُ فَنَشَدْتُهُ، فَسَكَتَ، فَعُدْتُ لَهُ فَنَشَدْتُهُ، فَقَالَ: اللهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ، فَفَاضَتْ عَيْنَايَ، وَتَوَلَّيْتُ حَتَّى تَسَوَّرْتُ الْجِدَارَ"

"***Чун канораҷӯӣ кардани мардум аз ман тӯл кашид, саргардон гашта, аз болои девори Абӯқатода ҷаҳида гузаштам. Ӯ писарамак ва шахси дӯстдоштатаринам буд. Ба ӯ салом додам. Қасам ба Аллоҳ, ки ба саломам ҷавоб нагуфт. Ба ӯ гуфтам: "Эй Абӯқатода, туро ба Аллоҳ қасам медиҳам, магар намедонӣ, ки Аллоҳ ва Расулашро дӯст медорам!" Ӯ сукут кард. Маротибаи дуюм пурсидам, ки қасам хӯрад. Ӯ боз сукут кард. Вақте ки бори сеюм қасам хӯрданро пурсидам, гуфт: "Аллоҳ ва Расулаш беҳтар медонанд". Он гоҳ аз чашмонам ашк ҷӯш зада баромад. Рӯямро гардонда, боз аз девор ҷастаму баргашта рафтам***" [муттафақун алайҳ].

• Қутайба ибни Саид аз Яъқуб ибни Абдураҳмон, ӯ аз Абӯҳозим ва ӯ аз Саҳл ибни Саъд ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) дар рӯзи Хайбар гуфтаанд:

" لَأُعْطِيَنَّ هَذِهِ الرَّايَةَ غَدًا رَجُلاً يَفْتَحُ اللهُ عَلَى يَدَيْهِ يُحِبُّ اللهَ وَرَسُولَهُ وَيُحِبُّهُ اللهُ وَرَسُولُهُ قَالَ فَبَاتَ النَّاسُ يَدُوكُونَ لَيْلَتَهُمْ أَيُّهُمْ يُعْطَاهَا فَلَمَّا أَصْبَحَ النَّاسُ غَدَوْا عَلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ كُلُّهُمْ يَرْجُو أَنْ يُعْطَاهَا فَقَالَ أَيْنَ عَلِيُّ بْنُ أَبِي طَالِبٍ فَقِيلَ هُوَ يَا رَسُولَ اللهِ يَشْتَكِي عَيْنَيْهِ قَالَ فَأَرْسَلُوا إِلَيْهِ فَأُتِيَ بِهِ فَبَصَقَ رَسُولُ اللهِ ﷺ فِي عَيْنَيْهِ وَدَعَا لَهُ فَبَرَأَ حَتَّى كَأَنْ لَمْ يَكُنْ بِهِ وَجَعٌ فَأَعْطَاهُ الرَّايَةَ فَقَالَ عَلِيٌّ يَا رَسُولَ اللهِ أُقَاتِلُهُمْ حَتَّى يَكُونُوا مِثْلَنَا فَقَالَ انْفُذْ عَلَى رِسْلِكَ حَتَّى تَنْزِلَ بِسَاحَتِهِمْ ثُمَّ ادْعُهُمْ إِلَى الإِسْلَامِ وَأَخْبِرْهُمْ بِمَا يَجِبُ عَلَيْهِمْ مِنْ حَقِّ اللهِ فِيهِ فَوَاللهِ لأَنْ يَهْدِيَ اللهُ بِكَ رَجُلاً وَاحِدًا خَيْرٌ لَكَ مِنْ أَنْ يَكُونَ لَكَ حُمْرُ النَّعَمِ"

"***Пагоҳ ин парчамро ба касе медиҳам, ки Аллоҳ бо дасти ӯ ғалаба медиҳад, ӯ Аллоҳу Расулаширо дӯст медорад ва Аллоҳу Расулаш ҳам ӯро дӯст медоранд". Мардум бо ғавғои "ба кӣ медода бошанд" шабро гузаронданд. Чун субҳ дамид, ҳама дар назди Пайғамбар (с) ҷамъ омаданд. Ҳар як кас мехост, ки парчам ба ӯ дода шавад. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Алӣ ибни Абӯтолиб куҷост?" Гуфтанд: "Чашмони ӯ дард карда истода буд". Одам фиристода, ӯро оварданд. Пайғамбар (с) ба чашмонаш оби даҳонашонро молида, дуо карданд, дарҳол сиҳат шуд, ки гӯё пеш ҳеҷ дард накардааст. Ба ӯ парчамро доданд. Он гоҳ Алӣ гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, то мисли мо (мусулмон) шудани онҳо ҷанг хоҳам кард". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Саросема нашуда, ба ҷои онҳо даромада рав, пасон онҳоро ба Ислом фаро хон, баён кун, ки дар болояшон ҳаққи Аллоҳ ҳаст. Қасам ба Аллоҳ, ки агар Аллоҳ ба туфайли ту як нафарро ҳидоят кунад, бароят аз соҳиби шутурони сурхмӯ шудан беҳтар аст***"" [муттафақун алайҳ].

- Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ" ривоят кардааст: "Урва ибни Масъуд ба назди дӯстонаш омад ва гуфт: "Эй қавм, қасам ба Аллоҳ, ки ман ба пеши подшоҳон: Кисро, Қайсар ва Наҷҷошӣ

вакил шуда рафтаам. Аммо подшоҳеро надидам, ки монанди Муҳаммад асҳобаш ӯро бузург донанд. Қасам ба Аллоҳ, ки агар оби даҳонаш резад, ба кафи яке аз онҳо меафтодааст, онро ба рӯй ё танаш молида мегирифтааст. Агар ба ягон кор фармояд, шитобон иҷро мекардаанд. Агар таҳорат кунад, барои оби аз таҳораташ боқимондаро талош карда, бо ҳамдигар даст ба гиребон мешудаанд. Агар ба сухан сар кунад, овозашонро паст мекардаанд, ӯро эҳтиром намуда, ба ӯ рост нигоҳ намекардаанд".

- Муҳаммад ибни Сирин гуфтааст:

" تَذَاكَرَ رِجَالٌ عَلَى عَهْدِ عُمَرَ ﷺ فَكَأَنَّهُمْ فَضَّلُوا عُمَرَ عَلَى أَبِي بَكْرٍ رَضِيَ اللهُ عَنْهُمَـا، فَبَلَغَ ذَلِكَ عُمَرَ بْنَ الْخَطَّابِ فَقَالَ: وَاللهِ لَلَيْلَةٌ مِنْ أَبِي بَكْرٍ خَيْرٌ مِنْ آلِ عُمَرَ، لَقَدْ خَرَجَ رَسُولُ اللهِ ﷺ لِيَنْطَلِقَ إِلَى الْغَارِ، وَمَعَهُ أَبُو بَكْرٍ، فَجَعَلَ يَمْشِي سَاعَةً بَيْنَ يَدَيْهِ، وَسَاعَةً خَلْفَهُ، حَتَّى فُطِنَ لَهُ رَسُولُ اللهِ ﷺ فَقَالَ: يَا أَبَا بَكْرٍ مَـا لَكَ تَمْشِي سَاعَةً بَيْنَ يَدَيَّ وَسَاعَةً خَلْفِي؟ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ أَذْكُرُ الطَّلَبَ فَأَمْشِي خَلْفَكَ، ثُمَّ أَذْكُرُ الرَّصَدَ فَأَمْشِي بَيْنَ يَدَيْكَ، فَقَالَ: يَا أَبَا بَكْرٍ لَوْ كَانَ شَيْءٌ أَحْبَبْتَ أَنْ يَكُونَ بِكَ دُونِي؟ قَالَ: نَعَمْ، وَالَّذِي بَعَثَكَ بِالْحَقِّ، مَـا كَانَتْ لِتَكُونَ مِنْ مُلِمَّةٍ إِلاَّ أَحْبَبْتُ أَنْ تَكُونَ لِي دُونَكَ، فَلَمَّـا انْتَهَيَا إِلَى الْغَارِ، قَالَ أَبُو بَكْرٍ: مَكَانَكَ يَا رَسُولَ اللهِ، حَتَّى أَسْتَبْرِئَ لَكَ الْغَارَ، فَدَخَلَ وَاسْتَبْرَأَهُ، حَتَّى إِذَا كَانَ فِي أَعْلاَهُ ذَكَرَ أَنَّهُ لَمْ يَسْتَبْرِئْ الْجُحْرَ، فَقَالَ: مَكَانَكَ يَا رَسُولَ اللهِ، حَتَّى أَسْتَبْرِئَ الْجُحْرَ، فَدَخَلَ وَاسْتَبْرَأَهُ، ثُمَّ قَالَ: انْزِلْ يَا رَسُولَ اللهِ، فَنَزَلَ، فَقَالَ عُمَرُ: وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ لَتِلْكَ اللَّيْلَةُ خَيْرٌ مِنْ آلِ عُمَرَ"

***"Дар замони Умар (р) якчанд нафар баҳс карда чунон шуд, ки Умарро аз Абӯбакр афзал донистанд. Чун ин хабар ба гӯши Умар расид, ӯ гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки як шаби Абӯбакр аз аҳли оилаи Умар беҳтар аст. Вақте ки Пайғамбар (с) ба ғор мерафтанд, Абӯбакр ҳамроҳи он кас***

***буд. Гоҳо аз пеши Расул (с) ва гоҳо аз пасашон роҳ мерафт. Пайғамбар (с) инро пай бурда гуфтанд: "Чаро гоҳо аз пешам ва гоҳо аз пасам роҳ меравӣ?" Абӯбакр гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, чун ҷустуҷӯ кардани онҳоро ба ёд овардам, аз пасатон роҳ гаштам, чун камин гирифтани онҳоро ба хотир овардам, аз пеши шумо роҳ гаштам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Эй Абӯбакр, оё мехоҳӣ, ки бе ман фақат ба ту ягон чиз шавад?" Абӯбакр гуфт: "Бале, қасам ба Худое, ки шуморо бо ҳақ фиристодааст, мехоҳам ҳар гуна мусибат бе шумо фақат ба ман бошад". Вақте ки ба сари ғор расиданд, Абӯбакр гуфт: "Эй Расулуллоҳ, андаке истед, ғорро барои шумо тоза кунам" ва даромада ғорро тоза кард. Чун ба болотари ғор расиданд, ногаҳон ба хотираш омад, ки як лонаро тоза накардааст ва гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, таваққуф намоед, он лонаро ҳам тоза кунам. Сипас гуфт: "Марҳамат намоед, эй Расулуллоҳ" ва Пайғамбар (с) марҳамат карданд. Қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, ҳамон шаб аз аҳли оилаи Умар беҳтар аст***".

• Анас ибни Молик гуфтааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ أُفْرِدَ يَوْمَ أُحُدٍ فِي سَبْعَةٍ مِنْ الأَنْصَارِ، وَرَجُلَيْنِ مِنْ قُرَيْشٍ، فَلَمَّا رَهِقُوهُ قَالَ: مَنْ يَرُدُّهُمْ عَنَّا وَلَهُ الْجَنَّةُ، أَوْ هُوَ رَفِيقِي فِي الْجَنَّةِ، فَتَقَدَّمَ رَجُلٌ مِنْ الأَنْصَارِ، فَقَاتَلَ حَتَّى قُتِلَ، ثُمَّ رَهِقُوهُ أَيْضًا، فَقَالَ: مَنْ يَرُدُّهُمْ عَنَّا وَلَهُ الْجَنَّةُ، أَوْ هُوَ رَفِيقِي فِي الْجَنَّةِ، فَتَقَدَّمَ رَجُلٌ مِنْ الأَنْصَارِ، فَقَاتَلَ حَتَّى قُتِلَ، فَلَمْ يَزَلْ كَذَلِكَ حَتَّى قُتِلَ السَّبْعَةُ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ لِصَاحِبَيْهِ: مَا أَنْصَفْنَا أَصْحَابَنَا"

"***Дар рӯзи Уҳуд Пайғамбар (с) бо ҳафт нафар ансорӣ ва ду нафар саҳобии қурайшӣ танҳо монданд. Душман ҳамла мекард. Дар ҳамин асно Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ҳар кӣ душманро гардонад, ба ӯ ҷаннат мешавад ё ки дар ҷаннат***

***ҳамроҳи ман мешавад". Яке аз ансориён ба пеш баромад ва то кушта шудан бо душман ҷангид. Душман боз ҳамла кард. Пайғамбар (с) боз ҳамон суханро такрор карданд. Боз яке аз ансориён ба пеш баромад ва то кушта шудан бар зидди онҳо ҷангид. Ҳамин тариқ, ҳафт нафар кушта шуданд. Он гоҳ Пайғамбар (с) ба он ду нафар саҳобии дигар гуфтанд: "Ба дӯстонамон инсоф накардем***"".

- Абдуллоҳ ибни Ҳишом гуфтааст:

**" كُنَّا مَعَ النَّبِيِّ ﷺ وَهُوَ آخِذٌ بِيَدِ عُمَرَ بْنِ الْخَطَّابِ، فَقَالَ لَهُ عُمَرُ: يَا رَسُولَ اللهِ لأَنْتَ أَحَبُّ إِلَيَّ مِنْ كُلِّ شَيْءٍ إِلاَّ مِنْ نَفْسِي، فَقَالَ النَّبِيُّ ﷺ لاَ، وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ، حَتَّى أَكُونَ أَحَبَّ إِلَيْكَ مِنْ نَفْسِكَ، فَقَالَ لَهُ عُمَرُ: فَإِنَّهُ الآنَ، وَاللهِ لأَنْتَ أَحَبُّ إِلَيَّ مِنْ نَفْسِي، فَقَالَ النَّبِيُّ ﷺ الآنَ يَا عُمَرُ"**

"***Ҳамроҳи Пайғамбар (с) будем. Он кас аз дасти Умар ибни Хаттоб доштанд. Умар ба он кас гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, шумо бароям аз ҳама чиз маҳбубтар ҳастед, магар аз худам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "На, қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, то бароят аз худат ҳам маҳбубтар набошам, намешавад". Он гоҳ Умар гуфт: "Акнун қасам ба Аллоҳ, ки шумо бароям аз худам ҳам маҳбубтар ҳастед". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Акнун шуд, эй Умар***"".

Нававӣ дар "Шарҳи Муслим" дар бораи маънои дӯст доштани Пайғамбар (с) аз Абӯсулаймон Хитобӣ нақл кардааст: "То дар итоати ман ҷонатро нисор накунӣ ва гарчи туро ба ҳалокат барад ҳам, розигии маро аз хоҳиши худ афзал надонӣ, муҳаббати ту нисбат ба ман тасдиқ нахоҳад шуд".

- Ибни Сирин ривоят кардааст: "Ман ба Убайда гуфтам:

**" عِنْدَنَا مِنْ شَعَرِ النَّبِيِّ ﷺ أَصَبْنَاهُ مِنْ قِبَلِ أَنَسٍ أَوْ مِنْ قِبَلِ أَهْلِ أَنَسٍ، فَقَالَ "لأَنْ تَكُونَ عِنْدِي شَعَرَةٌ مِنْهُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِنَ الدُّنْيَا وَمَا فِيهَا"**

"***Мо аз мӯйи Пайғамбар (с) дорем, онро аз Анас ё ки аз оилаи ӯ гирифтаем". Он гоҳ ӯ гуфт: "Барои ман як тори он мӯйро доштан аз дунёву ҳама чизҳои он маҳбубтар аст***"" [Бухорӣ].

• Оиша (р) ривоят кардааст:

" فَتَكَلَّمَ أَبُو بَكْرٍ فَقَالَ: وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ، لَقَرَابَةُ رَسُولِ اللهِ ﷺ أَحَبُّ إِلَيَّ أَنْ أَصِلَ مِنْ قَرَابَتِي"

"***Абӯбакр зимни сухан гуфт: "Қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, барои ман наздикии Пайғамбар (с) аз рафтуомади хешовандонам маҳбубтар аст***"" [Бухорӣ].

• Оиша (р) ривоят кардааст:

" جَاءَتْ هِنْدٌ بِنْتُ عُتْبَةَ قَالَتْ: يَا رَسُولَ اللهِ مَا كَانَ عَلَى ظَهْرِ الأَرْضِ مِنْ أَهْلِ خِبَاءٍ أَحَبُّ إِلَيَّ أَنْ يَذِلُّوا مِنْ أَهْلِ خِبَائِكَ، ثُمَّ مَا أَصْبَحَ الْيَوْمَ عَلَى ظَهْرِ الأَرْضِ أَهْلُ خِبَاءٍ أَحَبَّ إِلَيَّ أَنْ يَعِزُّوا مِنْ أَهْلِ خِبَائِكَ"

"***Ҳинд бинти Утба омада гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, хор шудани аҳли чодарат бароям маҳбубтарин чиз буд, аммо имрӯз соҳиби иззат шудани аҳли чодарат бароям маҳбубтарин чиз аст***"" [муттафақун алайҳ].

• Ториқ ибни Шиҳоб гуфтааст, ки чунин гуфтани Ибни Масъудро шунидаам:

" شَهِدْتُ مَعَ الْمِقْدَادِ بْنِ الأَسْوَدِ مَشْهَدًا، لأَنْ أَكُونَ صَاحِبَهُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا عُدِلَ بِهِ، أَتَى النَّبِيَّ (، وَهُوَ يَدْعُو عَلَى الْـمُشْرِكِينَ، فَقَالَ: لاَ نَقُولُ كَمَا قَالَ قَوْمُ مُوسَى ﴿ فَاذْهَبْ أَنتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلا ﴾، وَلَكِنَّا نُقَاتِلُ عَنْ يَمِينِكَ، وَعَنْ شِمَالِكَ، وَبَيْنَ يَدَيْكَ، وَخَلْفَكَ، فَرَأَيْتُ النَّبِيَّ ﷺ أَشْرَقَ وَجْهُهُ وَسَرَّهُ، يَعْنِي قَوْلَهُ"

"***Ман гувоҳи чунин кори Миқдод ибни Асвад шудам, ки иҷрокунандаи ҳамон кор шудан бароям аз кори баробари он***

***маҳбубтар аст. Вақте ки ӯ ба назди Пайғамбар (с) омад, он кас мушриконро дуои бад мекарданд. Он гоҳ ӯ гуфт: "Мо монанди қавми Мӯсо намегӯем, ки: "Ту ва Парвардигорат бираведу набард кунед"*** *[5:24].* ***Баръакс ҳам аз ҷониби рост, ҳам аз ҷониби чап, ҳам аз қафо ва ҳам аз пеши шумо истода меҷангем". Мушоҳида кардам, ки Пайғамбар (с) аз ин сухан хушҳол шуда, рӯяшон равшан гашт*** " [Бухорӣ].

• Тавре ки Оиша (р) ривоят кардааст, Саъд (р)гуфтааст:

" اللَّهُمَّ إِنَّكَ تَعْلَمُ أَنَّهُ لَيْسَ أَحَدٌ أَحَبَّ إِلَيَّ أَنْ أُجَاهِدَهُمْ فِيكَ مِنْ قَوْمٍ كَذَّبُوا رَسُولَكَ ﷺ وَأَخْرَجُوهُ"

"***Эй Аллоҳ, Ту хуб медонӣ, ки дар роҳи Ту ҷиҳод карданро бар зидди қавме, ки Пайғамбар (с)-ро дурӯғгӯ бароварда рондааст, назар ба дигар қавмҳо бештар матписандам***" [муттафақун алайҳ].

• Тавре ки аз Абӯҳурайра ривоят аст, Самома ибни Асол гуфтааст:

" يَا مُحَمَّدُ، وَاللهِ، مَـا كَانَ عَلَى الأَرْضِ وَجْهٌ أَبْغَضَ إِلَيَّ مِنْ وَجْهِكَ، فَقَدْ أَصْبَحَ وَجْهُكَ أَحَبَّ الْوُجُوهِ إِلَيَّ، وَاللهِ، مَـا كَانَ مِنْ دِينٍ أَبْغَضَ إِلَيَّ مِنْ دِينِكَ، فَأَصْبَحَ دِينُكَ أَحَبَّ الدِّينِ إِلَيَّ، وَاللهِ، مَـا كَانَ مِنْ بَلَدٍ أَبْغَضُ إِلَيَّ مِنْ بَلَدِكَ، فَأَصْبَحَ بَلَدُكَ أَحَبَّ الْبِلاَدِ إِلَيَّ"

"***Эй Муҳаммад, қасам ба Аллоҳ, ки барои ман дар кураи замин аз рӯи шумо дида рӯи нофорамтар набуд, аммо алҳол он бароям ба писандидатарин рухсор табдил ёфт. Қасам ба Аллоҳ, ки барои ман аз дини шумо дида дини нофорамтар набуд, акнун он бароям ба дини писандидатарин табдил ёфт. Қасам ба Аллоҳ, ки бароям аз кишвари шумо дида кишвари нофорамтар вуҷуд надошт,***

***акнун он барои ман кишвари дилкаштарин аст***" [муттафақун алайҳ].

## *ДӮСТДОРӢ ВА БАДБИНӢ БАРОИ АЛЛОҲ*

Дар роҳи Аллоҳ дӯст доштан инсонро барои мӯъмин ва итоатгӯ буданаш дӯст доштан аст. Дар роҳи Аллоҳ бад дидан инсонро барои кофир ва гунаҳкор буданаш бад дидан аст. Ибораи "дар роҳи Аллоҳ" маънои "барои Аллоҳ"-ро дорад. Ибораи "дар роҳи" маънои "сабаб"-ро дорад.

فَذَلِكُنَّ الَّذِي لُمْتُنَّنِي فِيهِ

"***Ин ҳамон аст, ки маро дар боби ӯ маломат мекардед***" [12:32], яъне бо сабаби ҳамин ҷавон.

لَمَسَّكُمْ فِي مَا أَفَضْتُمْ فِيهِ عَذَابٌ عَظِيمٌ

"***Ба сазои он суханон, ки мегуфтед, шуморо азобе бузург дармерасад***" [24:14], яъне бо сабаби он суханон.

"دَخَلَتْ امْرَأَةٌ النَّارَ فِي هِرَّةٍ"

"***Зане бо сababи як гурба ба дӯзах даромад***". Оятҳои боло ва ҳадиси мазкур далели суханҳои дар боло зикршуда мебошанд.

* * *

Савоби дӯст доштани мӯъминони фармонбардор бузург аст. Далелҳои ин:

- Абӯҳурайра аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

" سَبْعَةٌ يُظِلُّهُمُ اللهُ فِي ظِلِّهِ، يَوْمَ لاَ ظِلَّ إِلاَّ ظِلُّهُ: إِمَـامٌ عَادِلٌ، وَشَابٌّ نَشَأَ فِي عِبَادَةِ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ، وَرَجُلٌ قَلْبُهُ مُعَلَّقٌ بِالْـمَسَاجِدِ، وَرَجُلاَنِ تَحَابَّا فِي اللهِ، اجْتَمَعَا عَلَيْهِ، وَتَفَرَّقَا عَلَيْهِ، وَرَجُلٌ دَعَتْهُ امْرَأَةٌ ذَاتُ مَنْصِبٍ وَجَمَـالٍ، فَقَالَ إِنِّي أَخَافُ اللهَ، وَرَجُلٌ تَصَدَّقَ بِصَدَقَةٍ فَأَخْفَاهَا، حَتَّى لاَ تَعْلَمَ شِمَـالُهُ مَـا تُنْفِقُ يَمِينُهُ، وَرَجُلٌ ذَكَرَ اللهَ خَالِيًا، فَفَاضَتْ عَيْنَاهُ"

"***Рӯзе, ки дар он рӯз сояе нест, Аллоҳ ҳафт тоифа одамонро ба зери сояи худ мегирад: 1. Роҳбари одил; 2. Наврасе, ки бо ибодати Аллоҳи Азза ва Ҷалла ба воя расидааст; 3. Касе, ки қалбаш побанди масҷид аст; 4. Касоне, ки барои Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд. Онҳо барои Аллоҳ муттаҳид (ҷамъ) ва барои Аллоҳ ҷудо (пароканда) мешаванд; 5. Касе, ки ҳангоми ӯро (ба зино) хондани зани мансабдору зебо: "Ман аз Аллоҳ метарсам", мегӯяд; 6. Касе, ки пинҳонӣ садақа мекунад, ҳатто дасти чапаш аз садақа додани дасти росташ бехабар мемонад; 7. Касе, ки дар танҳоӣ Аллоҳро ба ёд оварда, чашмонаш пур аз ашк мешавад***".

- Тавре дар Муслим меояд, Абӯҳурайра аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

" إِنَّ اللهَ تَعَالَى يَقُولُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ: أَيْنَ الْـمُتَحَابُّونَ بِجَلاَلِي الْيَوْمَ أُظِلُّهُمْ فِي ظِلِّي يَوْمَ لاَ ظِلَّ إِلاَّ ظِلِّي؟"

"***Рӯзи қиёмат Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Куҷост касоне, ки ба ҳаққи бузургии Ман ҳамдигарро дӯст доштаанд? Имрӯз, ки ба ҷуз сояи Ман сояе нест, Ман онҳоро ба зери сояи худ мегирам***"".

- Тавре дар Муслим меояд, Абӯҳурайра аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

" وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ، لاَ تَدْخُلُوا الْجَنَّةَ حَتَّى تُؤْمِنُوا، وَلاَ تُؤْمِنُوا حَتَّى تَحَابُّوا، أَوَلاَ أَدُلُّكُمْ عَلَى شَيْءٍ إِذَا فَعَلْتُمُوهُ تَحَ ابَبْتُمْ، أَفْشُوا السَّلامَ بَيْنَكُمْ"

"***Қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, то мӯъмин нашавед, ба ҷаннат намедароед, то ҳамдигарро дӯст надоред, мӯъмин намешавед. Оё ба шумо роҳеро нишон диҳам, ки агар онро пеш гиред, ҳамдигарро дӯст медоред? Дар байни худ саломдиҳиро васеъ ҷорӣ намоед***". Сухани Пайғамбар (с): "То ҳамдигарро дӯст надоред, мӯъмин намешавед", далел аст, ки савоби барои Аллоҳ дӯст доштан бузург мебошад.

• Тавре дар Бухорӣ меояд, Анас (р) аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

"لا يَجِدُ أَحَدٌ حَلاَوَةَ الإِيمَـانِ حَتَّى يُحِبَّ الْـمَرْءَ لاَ يُحِبُّهُ إِلَّا لِلهِ"

"***То инсон дигареро фақат барои Аллоҳ дӯст надорад... ҳаловати имонро намечашад***".

• Тавре дар Тирмизӣ меояд, Муоз (р) мегӯяд, ки чунин гуфтани Пайғамбар (с)-ро шунидааст:

" قَالَ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ: الْـمُتَحَابُّونَ فِي جَلاَلِي، لَهُمْ مَنَابِرُ مِنْ نُورٍ، يَغْبِطُهُمْ النَّبِيُّونَ وَالشُّهَدَاءُ"

"***Аллоҳи Азза ва Ҷалла мегӯяд: "Барои касоне, ки ба ҳаққи бузургиам ҳамдигарро дӯст медоранд, аз нур минбарҳо буда, пайғамбарон ва шаҳидон ба онҳо ҳавас мекунанд***"". Ҳавас кардани пайғамбарону шаҳидон фақат ба беҳбудии аҳволи онҳо як ишора мебошад. Дар асл мақому мартабаи пайғамбарон ва шаҳидон баланд аст.

• Аҳмад бо санади саҳеҳ аз Анас (р) ривоят мекунад:

" جَاءَ رَجُلٌ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ فَقَالَ يَا رَسُولَ اللهِ الرَّجُلُ يُحِبُّ الرَّجُلَ، وَلاَ يَسْتَطِيعُ أَنْ يَعْمَلَ كَعَمَلِهِ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ الْـمَرْءُ مَعَ مَنْ أَحَبَّ. فَقَالَ أَنَسٌ فَمَـا رَأَيْتُ أَصْحَابَ رَسُولِ اللهِ ﷺ فَرِحُوا بِشَيْءٍ قَطُّ، إِلاَّ أَنْ يَكُونَ الإِسْلاَمَ، مَـا فَرِحُوا بِهَذَا مِنْ قَوْلِ رَسُولِ اللهِ ﷺ فَقَالَ أَنَسٌ: فَنَحْنُ نُحِبُّ رَسُولَ اللهِ ﷺ وَلاَ نَسْتَطِيعُ أَنْ نَعْمَلَ بِعَمَلِهِ، فَإِذَا كُنَّا مَعَهُ فَحَسْبُنَا"

"***Нафаре ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, инсоне дигареро дӯст медорад, аммо мисли ӯ амал карда наметавонад". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Инсон ҳамроҳи он кас мешавад, ки дӯст медорад". Анас (р) мегӯяд: "Саҳобагон, агар мусулмон шуданашонро ба ҳисоб нагирем, аз ягон чиз ин қадар хурсанд нашуда буданд. Мо Пайғамбари Аллоҳро дӯст медорем, аммо мисли он кас амал карда наметавонем. Агар ҳамроҳи он кас бошем, барои мо ҳамин кифоя аст***"".

- Аҳмад, Абӯдовуд ва Ибни Ҳиббон аз Абӯзар ривоят мекунанд:

" قُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ، الرَّجُلُ يُحِبُّ الْقَوْمَ لاَ يَسْتَطِيعُ أَنْ يَعْمَلَ بِأَعْمَـالِهِمْ، قَالَ: أَنْتَ يَا أَبَا ذَرٍّ مَعَ مَنْ أَحْبَبْتَ. قَالَ: قُلْتُ فَإِنِّي أُحِبُّ اللهَ وَرَسُولَهُ يُعِيدُهَا مَرَّةً أَوْ مَرَّتَيْنِ"

"***Ман гуфтам: "Эй Расулуллоҳ, инсон қавмеро дӯст медорад, аммо монанди онҳо амал карда наметавонад". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Эй Абӯзар, ту киро дӯст дошта бошӣ, ҳамроҳи ҳамон кас мешавӣ". Ман як ё ду маротиба гуфтам, ки Аллоҳ ва Пайғамбари Ӯро дӯст медорам***".

- Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад:

" جَاءَ رَجُلٌ إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ كَيْفَ تَقُولُ فِي رَجُلٍ أَحَبَّ قَوْمًا وَلَمْ يَلْحَقْ بِهِمْ؟ فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ الْـمَرْءُ مَعَ مَنْ أَحَبَّ"

"***Нафаре ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт: "Эй Расулуллоҳ, дар хусуси касе, ки қавмеро дӯст доштааст, аммо бо онҳо якҷоя шуда натавонистааст, чӣ мегӯед?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Инсон ҳамроҳи касоне мешавад, ки онҳоро дӯст медорад***"" (муттафақун алайҳ).

- Дар "Мустадрак"-и Ҳоким ҳадисе омадааст, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст: "Пайғамбар (с) ба ман гуфтанд:

" يَا عَبْدَ اللهِ بْنِ مَسْعُودٍ، فَقُلْتُ: لَبَّيْكَ يَا رَسُولَ اللهِ، ثَلاَثَ مِرَارٍ، قَالَ: هَلْ تَدْرِي أَيُّ عُرَى الإِيمَـانِ أَوْثَقُ؟ قُلْتُ: اللهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ، قَالَ: أَوْثَقُ الإِيمَـانِ الْوَلاَيَةُ فِي اللهِ، بِالْحُبِّ فِيهِ، وَالْبُغْضِ فِيهِ"

"***Эй Абдуллоҳ ибни Масъуд". Ман се маротиба гуфтам: "Лаббай, эй Пайғамбари Аллоҳ". Он кас гуфтанд: "Оё медонӣ, ки кадом дастаи имон мустаҳкамтар аст?" Ман гуфтам: "Аллоҳ ва Расули Ӯ беҳтар медонанд". Он кас гуфтанд: "Мустаҳкамтарин дастаи имон барои Аллоҳ дӯст шудан аст, (яъне) барои Аллоҳ дӯст доштан ва барои Аллоҳ бад дидан***". Ҳоким исноди ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст, вале шайхайн онро наовардаанд.

- Тавре Умар ибни Хаттоб дар "Тамҳид"-и Ибни Абдулбир ривоят мекунад, Пайғамбар (с) мегӯянд:

" لِلهِ عِبَادٌ لاَ بِأَنْبِيَاءَ وَلاَ شُهَدَاءَ يَغْبِطُهُمْ الأَنْبِيَاءُ وَالشُّهَدَاءُ بِمَكَانِهِمْ مِنْ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ، قَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ مَنْ هُمْ؟ وَمَـا أَعْمَـالُهُمْ؟ لَعَلَّنَا نُحِبُّهُمْ، قَالَ: قَوْمٌ تَحَابُّوا بِرُوحِ اللهِ، لاَ أَرْحَامَ بَيْنَهُمْ، وَلاَ أَمْوَالَ يَتَعَاطَوْنَهَا، وَاللهِ إِنَّ وُجُوهَهُمْ نُورٌ، وَإِنَّهُمْ لَعَلَى مَنَابِرَ مِنْ نُورٍ، لاَ يَخَافُونَ إِذَا خَافَ النَّاسُ، وَلاَ يَحْزَنُونَ إِذَا

حَزِنَ النَّاسُ، ثُمَّ قَرَأَ هَذِهِ الآيَةَ﴿ أَلا إِنَّ أَوْلِيَاء اللّهِ لاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ﴾

"***Аллоҳро бандагонест, ки на пайғамбаранду на шаҳид, аммо ба мақоми онҳо дар назди Аллоҳи Азза ва Ҷалла пайғамбарон ва шаҳидон ҳавас мекунанд. Саҳобагон гуфтанд: "Эй Расулуллоҳ, ба мо гӯед, ки онҳо кистанду чӣ кор кардаанд. Шояд онҳоро дӯст дорем". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Онҳо, гарчи бо ҳам ягон хешутаборӣ ва молу давлати додугирифтшаванда надошта бошанд ҳам, барои Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд. Қасам ба Аллоҳ, ки дар рӯйҳояшон нур бошад, дар минбарҳои аз нур нишинанд, вақте ки мардум метарсанд, онҳо натарсанд, вақте ки мардум маҳзун мешаванд, онҳо маҳзун нашаванд". Сипас ояти зеринро хонданд: Огоҳ бошед, ки бар дӯстони Аллоҳ биме нест ва ғамгин намешаванд***" [10:62]"

- Дар ривояти Муоз ибни Анаси Ҷуҳанӣ Пайғамбар (с) мегӯянд:

" مَنْ أَعْطَى لِلهِ، وَمَنَعَ لِلهِ، وَأَحَبَّ لِلهِ، وَأَبْغَضَ لِلهِ، وَأَنْكَحَ لِلهِ، فَقَدْ اسْتَكْمَلَ إِيمَـانَهُ"

"***Ҳар кӣ барои Аллоҳ эҳсон кунаду барои Аллоҳ аз эҳсон кардан худдорӣ намояд, барои Аллоҳ дӯст дораду барои Аллоҳ бад бинад ва барои Аллоҳ хонадор кунад, имони ӯ комил шудааст***". Абӯисо инро ҳадиси ҳасан гуфтааст. Ҳоким онро дар "Мустадрак" оварда, гуфтааст, ки иснодии он саҳеҳ мебошад. Аммо шайхайн онро наовардаанд. Абӯдовуд онро аз ҳадиси Абӯумома баровардааст. Вале дар он ибораи "***барои Аллоҳ хонадор кунад***" наомадааст.

Ҳар кӣ нафареро барои Аллоҳ дӯст дорад, дӯст доштани худро маълум кунад, ки суннат аст. Дар ҳадиси Абӯдовуд ва Тирмизӣ,

ки аз Миқдод ибни Маъдикариб ривоят мекунанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِذَا أَحَبَّ الرَّجُلُ أَخَاهُ فَلْيُخْبِرْهُ أَنَّهُ يُحِبُّهُ"

"***Ҳар кӣ бародари худро дӯст дорад, ба ӯ дӯст доштани худро маълум кунад***". Тирмизӣ инро ҳадиси ҳасан гуфтааст. Абӯдовуд бо санади саҳеҳ аз Анас ривоят мекунад:

" أَنَّ رَجُلاً كَانَ عِنْدَ النَّبِيِّ ﷺ فَمَرَّ بِهِ رَجُلٌ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ إِنِّي لأُحِبُّ هَذَا، فَقَالَ لَهُ النَّبِيُّ ﷺ أَعْلَمْتَهُ؟ قَالَ: لاَ، قَالَ أَعْلِمْهُ، فَلَحِقَهُ، فَقَالَ: إِنِّي أُحِبُّكَ فِي اللهِ، فَقَالَ: أَحَبَّكَ الَّذِي أَحْبَبْتَنِي لَهُ"

"***Нафаре дар ҳузури Пайғамбар (с) буд. Дар ҳамин асно нафари дигар аз назди онҳо раҳгузар шуд. Он гоҳ ӯ гуфт: "Эй Расулуллоҳ, ман ҳамин касро дӯст медорам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Оё ба ӯ маълум кардаӣ?" Ӯ ҷавоб дод: "На". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Маълум кун". Ӯ дарҳол ба раҳгузар расид ва гуфт: "Ман туро барои Аллоҳ дӯст медорам". Раҳгузар ин суханро шунида гуфт: "Аллоҳ, ки маро барояш дӯст медорӣ, туро дӯст дорад***"".

Тавре Баззор бо исноди ҳасан аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ أَحَبَّ رَجُلاً لِلهِ، فَقَالَ إِنِّي أُحِبُّكَ لِلهِ، فَدَخَلاَ الْجَنَّةَ فَكَانَ الَّذِي أَحَبَّ أَرْفَعَ مَنْزِلَةً مِنْ الآخَرِ، أُلْحِقَ بِالَّذِي أَحَبَّ لِلهِ"

"***Ҳар кӣ нафареро барои Аллоҳ дӯст дорад ва гӯяд: "Туро барои Аллоҳ дӯст медорам", пас ҳар ду дохили биҳишт шаванд, мартабаи касе, ки дӯст медошт, баландтар хоҳад шуд. Ҳақ Таоло бо касонест, ки барои Аллоҳ дӯст медоранд***".

Аз ду нафаре, ки ҳамдигарро дӯст медоранд, кадоме бештар дӯст дорад, фазл аз они ӯст. Тавре Ибни Абдулбар дар "Тамҳид",

Ҳоким дар "Мустадрак", Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Анас ривоят мекунанд, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"مَـا تَحَابَّ رَجُلاَنِ فِي اللهِ قَطُّ، إِلاَّ كَانَ أَفْضَلُهُمَـا أَشَدُّهُمَـا حُبًّا لِصَاحِبِهِ"

"***Аз ду нафар, ки ҳамдигарро барои Аллоҳ дӯст медоранд, кадоме бештар дӯст дорад, ҳамон кас бартар аст***".

Дар ҳаққи шахси дӯстдошта ғоибона дуо кардан низ суннат аст. Тавре дар Муслим меояд, Уммудардо ривоят мекунад: "Хоҷаам чунин сухани Пайғамбар (с)-ро шунида будааст:

"مَنْ دَعَا لأَخِيهِ بِظَهْرِ الْغَيْبِ، قَالَ الْـمَلَكُ الْـمُوَكَّلُ بِهِ: آمِينَ، وَلَكَ بِمِثْلٍ"

"***Ҳар кӣ дар ҳаққи бародараш ғоибона дуо кунад, ба ӯ фариштае вакил карда мешавад ва ӯ: "Омин, ба ту низ чунин шавад", гуфта меистад***". Ин ҷо ровӣ аз рӯи эҳтироми шавҳараш Абӯдардо калимаи "хоҷаам"-ро истифода бурдааст. Ин ҳадисро Аҳмад бо исноди саҳеҳ аз Уммудардо ривоят кардааст. Онро Муслим низ ба таври зайл ривоят кардааст: Аз Сафвон ибни Абдуллоҳ ривоят карда мешавад: "Ба Шом омада, ба хонаи Абӯдардо рафтам. Ӯ дар хонааш набудааст. Завҷааш аз ман пурсид: "Имсол ҳаҷ карданӣ ҳастӣ?" Дар ҷавоб гуфтам: "Бале". Ӯ гуфт: "Дар ҳаққи мо низ дуои хайр кун, зеро Пайғамбар (с) фармудаанд:

" دَعْوَةُ الْـمَرْءِ الْـمُسْلِمِ لأَخِيهِ بِظَهْرِ الْغَيْبِ مُسْتَجَابَةٌ، عِنْدَ رَأْسِهِ مَلَكٌ مُوَكَّلٌ، كُلَّمَـا دَعَا لأَخِيهِ بِخَيْرٍ، قَالَ الْـمَلَكُ الْـمُوَكَّلُ بِهِ: آمِينَ، وَلَكَ بِمِثْلٍ"

"***Дуои мусулмоне, ки дар ҳаққи бародараш ғоибона дуо мекунад, мустаҷоб аст. Дар сари ӯ фариштае муваккал буда, дар ҳар дуо кардани ӯ мегӯяд: "Омин, ба ту ҳам чунин шавад"". Сипас ба бозор рафтам ва бо Абӯдардо вохӯрдам, ӯ низ ба ман айнан ҳамин суханро такрор кард***".

Аз бародари худ дуо хостан ҳам суннат аст. Абӯдовуд ва Тирмизӣ бо исноди саҳеҳ аз Умар ибни Хаттоб ривоят мекунанд: "Аз Пайғамбар (с) барои умра кардан рухсат пурсидам. Он кас рухсат доданд ва гуфтанд:

"لاَ تَنْسَنَا يَا أُخَيَّ مِنْ دُعَائِكَ"

"***Эй бародар, дар дуоҳоят моро фаромӯш накун***". Агар бар ивази ин сухан бароям тамоми дунёро диҳанд, ин қадар хурсанд намешудам. Дар ривояти дигар гуфта шудааст:

"أَشْرِكْنَا يَا أُخَيَّ فِي دُعَائِكَ"

"***Эй бародар, дар дуоҳоят моро низ зам кун***".

Зиёрат кардани бародари дӯстдошта, бо ӯ ҳамсӯҳбат шудан, рафтуомад кардан ва ҳадяҳо додан ҳам суннат аст. Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" أَنَّ رَجُلاً زَارَ أَخًا لَهُ فِي قَرْيَةٍ أُخْرَى، فَأَرْصَدَ اللهُ تَعَالَى لَهُ مَلَكًا، فَلَمَّا أَتَى عَلَيْهِ قَالَ: أَيْنَ تُرِيدُ؟ قَالَ أُرِيدُ أَخًا لِي فِي هَذِهِ الْقَرْيَةِ، قَالَ هَلْ لَكَ عَلَيْهِ مِنْ نِعْمَةٍ تَرُبُّهَا عَلَيهِ؟ قَالَ: لاَ، غَيْرَ أَنِّي أَحْبَبْتُهُ فِي اللهِ تَعَالَى، قَالَ: فَإِنِّي رَسُولُ اللهِ إِلَيْكَ، بِأَنَّ اللهَ قَدْ أَحَبَّكَ كَمَا أَحْبَبْتَهُ فِيهِ"

"***Нафаре барои аёдати бародараш, ки дар деҳаи дигар истиқомат мекард, ба роҳ баромад, Аллоҳ барои ӯ фариштаеро посбон кард. Вақте ки ҳамон кас ба назди фариштаи посбон омад, фаришта аз ӯ пурсид: "Ба куҷо меравӣ?" Ӯ дар ҷавоб гуфт: "Ба назди бародарам меравам, ки дар ҳамин деҳа зиндагӣ мекунад". Фаришта пурсид: "Оё ту дар ӯ маблағе дорӣ, ки зиёд мекунӣ?" Ӯ гуфт: "На, лекин ман ӯро барои Аллоҳ дӯст медорам". Он гоҳ фаришта гуфт: "Ман фиристодаи Аллоҳ ҳастам. Чунон ки ту ӯро барои Аллоҳ дӯст медорӣ, Аллоҳ низ туро дӯст медорад***"". Дар

ҳадиси қудсӣ, ки Убода ибни Сомит аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

" حَقَّتْ مَحَبَّتِي لِلْـمُتَحَابِّينَ فِيَّ، وَحَقَّتْ مَحَبَّتِي لِلْـمُتَزَاوِرِينَ فِيَّ، وَحَقَّتْ مَحَبَّتِي لِلْـمُتَبَاذِلِينَ فِيَّ، وَحَقَّتْ مَحَبَّتِي لِلْـمُتَوَاصِلِينَ فِيَّ"

"***Касоне, ки барои Ман ҳамдигарро дӯст медоранд, сазовори муҳаббати Ман ҳастанд. Касоне, ки барои Ман якдигарро зиёрат мекунанд, сазовори муҳаббати Ман ҳастанд. Касоне, ки барои Ман ба ҳамдигар саховатмандӣ мекунанд, сазовори муҳаббати Ман ҳастанд. Касоне, ки барои Ман бо якдигар рафтуомад мекунанд, сазовори муҳаббати Ман ҳастанд***". Ин ҳадисро бо исноди ҳасан Аҳмад ривоят кардааст. Ҳоким низ онро ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст. Тавре дар "Муватто"-и Молик меояд, Муоз (р) мегӯяд: "Чунин сухани Пайғамбар (с)-ро шунидаам:

" قَالَ اللهُ تَعَالَى: وَجَبَتْ مَحَبَّتِي لِلْـمُتَحَابِّينَ فِيَّ، وَالْـمُتَجَالِسِينَ فِيَّ، وَالْـمُتَزَاوِرِينَ فِيَّ، وَالْـمُتَبَاذِلِينَ فِيَّ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Касоне, ки барои Ман ҳамдигарро дӯст медоранд, барои Ман бо якдигар ҳамсӯҳбат мешаванд, барои Ман ба ҳамдигар саховатмандӣ мекунанд, сазовори муҳаббати Ман ҳастанд***". Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят мекунад: "***Аз он вақте ки ақламро шинохтам, падару модарам мусулмон буданд. Рӯзе набуд, ки Пайғамбар (с) ҳам субҳ ва ҳам шом ба хонаи мо наомада бошанд***" (ҳадис).

Пайғамбар (с) баён мекунанд, ки савоби мӯъмине, ки чизи дӯстдоштаи худро ба бародараш раво мебинад ва ба ӯ ҳам дар корҳои дунявӣ, ҳам дар корҳои ухравӣ ба қадри имкон ба некӣ кардан иштиёқманд аст, бузург аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لاَ يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ حَتَّى يُحِبَّ لأَخِيهِ مَـا يُحِبُّ لِنَفْسِهِ"

"***То инсон чизи дӯстдоштаи худро ба бародараш раво набинад, мӯъмин намешавад***". Тавре Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад, Пайғамбар (с) фармуданд:

"خَيْرُ الأَصْحَابِ عِنْدَ اللهِ خَيْرُهُمْ لِصَاحِبِهِ، خَيْرُ الْجِيرَانِ عِنْدَ اللهِ خَيْرُهُمْ لِجَارِهِ"

"***Дар назди Аллоҳ беҳтарини дӯстон онест, ки нисбат ба дӯсташ муомилаи нек мекунад. Дар назди Аллоҳ беҳтарини ҳамсоягон онест, ки барои ҳамсояаш муомилаи нек мекунад***". Ин ҳадисро Ибни Ҳузайма дар "Саҳеҳ"-и худ ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ, Ҳоким дар "Мустадрак" ривоят кардаанд ва гуфтаанд, ки бинобар шарти шайхайн саҳеҳ мебошад. Инчунин ба қадри имкон барои баровардани ҳоҷати бародараш ва бартараф сохтани андӯҳи ӯ кӯшиш кардан аз ҷумлаи ҳамин гуна амалҳост. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз Ибни Умар ривоят шудааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

" الْـمُسْلِمُ أَخُو الْـمُسْلِمِ لاَ يَظْلِمُهُ وَلاَ يُسْلِمُهُ، مَنْ كَانَ فِي حَاجَةِ أَخِيهِ كَانَ اللهُ فِي حَاجَتِهِ، وَمَنْ فَرَّجَ عَنْ مُسْلِمٍ كُرْبَةً فَرَّجَ اللهُ عَنْهُ بِهَا كُرْبَةً مِنْ كُرَبِ يَوْمِ الْقِيَامَةِ، وَمَنْ سَتَرَ مُسْلِمًا سَتَرَهُ اللهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Мусулмон бародари мусулмон аст. Ба ӯ зулм намекунад, ӯро беёрӣ намегузорад. Ҳар кӣ дар роҳи баровардани ҳоҷати бародараш бошад, Аллоҳ аз паи баровардани ҳоҷати ӯ мешавад. Ҳар кӣ андӯҳи мусулмонеро бартараф созад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат як андӯҳи ӯро дур мекунад. Ҳар кӣ айби мусулмонеро пинҳон кунад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат як айби ӯро пинҳон мекунад***". Исноди ин ҳадис ҳасан ва ровиҳояш боэътимоданд. Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Зайд ибни Собит ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَزَالُ اللهُ فِي حَاجَةِ الْعَبْدِ مَـا دَامَ فِي حَاجَةِ أَخِيهِ"

"***Модом ки банда аз паи баровардани ҳоҷати бародараш бошад, Аллоҳ аз паи баровардани ҳоҷати ӯ мешавад***".

Барои хушнуд кардани бародараш ба ӯ бо чизи дӯстдоштааш рӯ ба рӯ шудан мандуб аст. Дар ҳадисе, ки Табаронӣ дар "Ассағир" бо исноди ҳасан аз Анас ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ لَقِيَ أَخَاهُ الْـمُسْلِمَ بِمَا يُحِبُّ لِيَسُرَّهُ بِذَلِكَ، سَرَّهُ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кӣ барои хурсанд кардани бародараш бо чизи дӯстдоштааш ба ӯ рӯ ба рӯ ояд, дар рӯзи қиёмат Аллоҳи Азза ва Ҷалла ӯро хурсанд мекунад***".

Бо рӯи кушод истиқбол кардани бародараш ҳам мандуб аст. Тавре Муслим аз Абӯзар ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لاَ تَحْقِرَنَّ مِنْ الْـمَعْرُوفِ شَيْئًا، وَلَوْ أَنْ تَلْقَى أَخَاكَ بِوَجْهٍ طَلْقٍ"

"***Некии андакро ҳам ноарзанда нашумор, гарчи он бо чеҳраи кушод истиқбол кардани бародарат бошад ҳам***". Дар ҳадисе, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" كُلُّ مَعْرُوفٍ صَدَقَةٌ، وَإِنَّ مِنْ الْـمَعْرُوفِ أَنْ تَلْقَى أَخَاكَ بِوَجْهٍ طَلْقٍ، وَأَنْ تُفْرِغَ مِنْ دَلْوِكَ فِي إِنَاءِ أَخِيكَ"

"***Ҳар як некӣ садақа аст. Ҳам бо рӯи кушод истиқбол гирифтани бародарат, ҳам ба зарфи ӯ аз сатилат об рехта додан некӣ ба ҳисоб меравад***". Ин ҳадисро Аҳмад ва Тирмизӣ ривоят кардаанд ва саҳеҳи ҳасан гуфтаанд. Дар ҳадисе, ки Аҳмад, Абӯдовуд, Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон ривоят кардаанд, Абӯҷурай Ҳуҷаймӣ мегӯяд: "Ба назди

Пайғамбар (с) рафта гуфтам: Эй Расулуллоҳ, мо халқи саҳроием, ба мо кореро ёд диҳед, ки Аллоҳ онро барои мо судманд гардонад. Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтанд:

" لاَ تَحْقِرَنَّ مِنَ الْـمَعْرُوفِ شَيْئًا، وَلَوْ أَنْ تُفْرِغَ مِنْ دَلْوِكَ فِي إِنَاءِ الْـمُسْتَسْقِي، وَلَوْ أَنْ تُكَلِّمَ أَخَاكَ وَوَجْهُكَ إِلَيْهِ مُنْبَسِطٌ، وَإِيَّاكَ وَإِسْبَالَ الإِزَارِ فَإِنَّهُ مِنْ الْـمَخِيلَةِ، وَلاَ يُحِبُّهَا اللهُ، وَإِنْ امْرُؤٌ شَتَمَكَ بِمَا يَعْلَمُهُ فِيكَ فَلاَ تَشْتُمْهُ بِمَا تَعْلَمُ فِيهِ، فَإِنَّ أَجْرَهُ لَكَ وَوَبَالَهُ عَلَى مَنْ قَالَهُ"

"***Некии андакро ҳам ҳақир нашумор, гарчи он аз сатилат ба зарфи шахси обхоҳ об рехта додан ё ба бародарат бо чеҳраи кушод сухан гуфтан бошад ҳам. Аз дароз кардани шалвор худдорӣ намо, чунки он аз кибр аст. Аллоҳ онро дӯст намедорад. Агар нафаре бо чизҳое, ки дар хусуси ту медонад, туро дашном диҳад, ту бо чизҳое, ки дар хусуси ӯ медонӣ, ӯро дашном надеҳ, чунки савоби он ба ту ва гуноҳаш бар дӯши дашномдиҳанда мешавад***"". Ба бародараш ҳадя додан ҳам мандуб аст. Дар ҳадисе, ки аз Абӯҳурайра ривоят шудааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"تَهَادَوْا تَحَابُّوا"

"***Ба ҳамдигар ҳадя диҳед, он гоҳ якдигарро дӯст медоред***". Ин ҳадисро Бухорӣ дар "Аладабалмуфрад", Абӯяъло дар "Муснад"-и худ, Насоӣ дар "Куна" ва Ибни Абдулбар дар "Тамҳид" ривоят кардаанд. Ироқӣ гуфтааст, ки санади он боэътимод аст. Ибни Ҳаҷар дар "Атталхисалхабир" санади онро ҳасан гуфтааст. Инчунин ҳадяро қабул кардан ва ба ҳадя бо ҳадя ҷавоб додан мандуб аст. Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят мекунад:

"كَانَ رَسُولُ اللهِ ﷺ يَقْبَلُ الْهَدِيَّةَ وَيُثِيبُ عَلَيْهَا"

"***Пайғамбар (с) ҳадяро қабул мекарданд ва ба ҳадя бо ҳадя ҷавоб медоданд***". Дар ҳадисе, ки Аҳмад, Абӯдовуд ва Насоӣ аз Ибни Умар ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ اسْتَعَاذَ بِاللهِ فَأَعِيذُوهُ، وَمَنْ سَأَلَكُمْ بِاللهِ فَأَعْطُوهُ، وَمَنْ اسْتَجَارَ بِاللهِ فَأَجِيرُوهُ، وَمَنْ آتَى إِلَيْكُمْ مَعْرُوفًا فَكَافِئُوهُ، فَإِنْ لَمْ تَجِدُوا، فَادْعُوا لَهُ حَتَّى تَعْلَمُوا أَنْ قَدْ كَافَأْتُمُوهُ"

"***Ҳар кӣ Аллоҳро ба миён гузошта сарпаноҳ пурсад, сарпаноҳ диҳед. Ҳар кӣ Аллоҳро ба миён гузошта ягон чиз пурсад, бидиҳед. Ҳар кӣ Аллоҳро ба миён гузошта ҳимоя пурсад, ҳимоя намоед. Агар нафаре ба шумо некие кунад, ба некияш некӣ гардонед. Агар наёбед, дар ҳаққи ӯ дуо кунед, то чунон шуморед, ки ба некияш некӣ гардондаед***". Ин дар хусуси ҳадяҳои байни бародарон мебошад. Ба ҳокимҳо ҳадя додани шаҳрвандон ба ин чиз дохил намешавад. Чунки он мисли пора ҳаром аст. "Аллоҳ ба шумо аҷру подош ато кунад" гуфтан ҳам аз ҷумлаи ба некӣ бо некӣ ҷавоб додан мебошад. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ аз Усома ибни Зайд ривоят кардааст ва саҳеҳи ҳасан гуфтааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

"مَنْ صُنِعَ إِلَيْهِ مَعْرُوفٌ فَقَالَ لِفَاعِلِهِ جَزَاكَ اللهُ خَيْرًا فَقَدْ أَبْلَغَ فِي الثَّنَاءِ"

"***Агар ба нафаре некӣ кунанд ва ӯ ба одами некикарда: "Аллоҳ ба шумо подоши нек ато кунад" бигӯяд, пас ӯ ба таври кифоя миннатдорӣ изҳор кардааст***". Барои инсоне, ки ба некӣ бо некӣ ҷавоб гардонида наметавонад, ташаккур гуфтан кифоя аст. Дар ҳадисе, ки Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Ҷобир ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ أُولِيَ مَعْرُوفًا فَلَمْ يَجِدْ لَهُ خَيْرًا إِلاَّ الثَّنَاءَ، فَقَدْ شَكَرَهُ، وَمَنْ كَتَمَهُ فَقَدْ كَفَرَهُ، وَمَنْ تَحَلَّى بِبَاطِلٍ فَهُوَ كَلاَبِسِ ثَوْبَيْ زُورٍ"

"***Агар ба нафаре некие кунанд ва ӯ мувофиқи он некӣ карда натавонад ва фақат миннатдорӣ изҳор кунад, пас шукр кардааст. Ҳар кӣ онро пинҳон кунад, пас носипосӣ кардааст. Ҳар кӣ бо чизе худро оро диҳад, ки ба ӯ дода нашудааст, пас гӯё қабат-қабат либоси бӯҳтонро пӯшидааст***". Носипосӣ нисбат ба ҳадя пинҳон кардани он аст. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ бо исноди ҳасан аз Ҷобир ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ أُعْطِيَ عَطَاءً فَوَجَدَ فَلْيَجْزِ بِهِ، فَإِنْ لَمْ يَجِدْ فَلْيُثْنِ، فَإِنَّ مَنْ أَثْنَى فَقَدْ شَكَرَ، وَمَنْ كَتَمَ فَقَدْ كَفَرَ، وَمَنْ تَحَلَّى بِمَا لَمْ يُعْطَ، كَانَ كَلاَبِسِ ثَوْبَيْ زُورٍ"

"***Ба ҳар кӣ эҳсоне кунанд, агар ӯ чизи мувофиқи он ёбад, гардонад, вагарна миннатдорӣ изҳор намояд. Зеро ҳар кӣ миннатдорӣ изҳор намояд, пас шукр кардааст, аммо пинҳон кунад, пас носипосӣ кардааст. Ҳар кас бо чизе худро оро диҳад, ки ба ӯ дода нашудааст, пас гӯё қабат-қабат либоси бӯҳтонро пӯшидааст***". Абӯдовуд ва Насоӣ аз Анас (р) бо исноди саҳеҳ ривоят мекунанд:

" قَالَ الْـمُهَاجِرُونَ يَا رَسُولَ اللهِ، ذَهَبَ الأَنْصَارُ بِالأَجْرِ كُلِّهِ، مَا رَأَيْنَا قَوْمًا أَحْسَنَ بَذْلاً لِكَثِيرٍ، وَلاَ أَحْسَنَ مُوَاسَاةً فِي قَلِيلٍ مِنْهُمْ، وَلَقَدْ كَفَوْنَا الْـمَئُونَةَ، قَالَ: أَلَيْسَ تُثْنُونَ عَلَيْهِمْ بِهِ وَتَدْعُونَ لَهُمْ؟ قَالُوا بَلَى، قَالَ: فَذَاكَ بِذَاكَ"

"***Муҳоҷирон гуфтанд: "Эй Расулуллоҳ, ансориён ҳамаи савобро бо худ бурданд, мо ягон қавмеро надидаем, ки сарватмандонаш ин қадар сахӣ ва камбағалҳояш ин қадар ҳамдард бошанд, онҳо моро бекаму кост таъмин намуданд". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Оё шумо ба онҳо миннатдорӣ изҳор намуда, дар ҳаққашон дуо кардед?" Онҳо гуфтанд: "Бале, кардем". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ҳамин амалатон ба амали онҳо баробар аст"***". Чунон ки ба бисёр шукр мебояд кард, ба кам низ шукр бояд кард. Аз нафароне, ки

некӣ кардаанд, миннатдор шудан лозим аст. Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Аҳмад дар "Завоид" бо исноди ҳасан аз Нӯъмон ибни Башир ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ لَمْ يَشْكُرْ الْقَلِيلَ لَمْ يَشْكُرْ الْكَثِيرَ، وَمَنْ لَمْ يَشْكُرْ النَّاسَ لَمْ يَشْكُرْ اللهَ، وَالتَّحَدُّثُ بِنِعْمَةِ اللهِ شُكْرٌ وَتَرْكُهَا كُفْرٌ، وَالْجَمَـاعَةُ رَحْمَةٌ وَالْفِرْقَةُ عَذَابٌ"

"***Ҳар кӣ ба кам шукр накунад, ба бисёр ҳам шукр намекунад. Ҳар кӣ аз мардум миннатдор намешавад, аз Аллоҳ ҳам миннатдор намешавад. Номбар кардани неъматҳои Аллоҳ шукронаи неъмат аст ва номбар накардан куфрони неъмат. Ҷамоат шудан раҳмат, аммо фирқа шудан азоб аст***".

Бо мақсади баровардани ҳоҷати бародараш ё ки барои осон намудани мушкилаш миёнаравӣ кардану миёнарав шудан низ суннат аст. Тавре Бухорӣ аз Абӯмусо ривоят мекунад, вақте ки ба назди Пайғамбар (с) талбандае меомад, он кас мегуфтанд:

"اشْفَعُوا فَلْتُؤْجَرُوا وَيَقْضِ اللهُ عَلَى لِسَانِ نَبِيِّهِ مَـا شَاءَ"

"***Миёнаравӣ кунед, аҷр мегиред ва Аллоҳ бо забони Пайғамбараш он чиро, ки хоҳад, ҳукм мекунад***". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Ибни Умар ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ كَانَ وُصْلَةً لأَخِيهِ الْـمُسْلِمِ إِلَى ذِي سُلْطَانٍ لِـمَنْفَعَةِ بِرٍّ أَوْ تَيْسِيرِ عَسِيرٍ أُعِينَ عَلَى إِجَازَةِ الصِّرَاطِ يَوْمَ دَحَضَ الأَقْدَامُ"

"***Ҳар кас ки бо мақсади баровардани ҳоҷати бародараш ё осон кардани мушкили ӯ ба назди соҳиби салтанат миёнарав шуда равад, дар рӯзе, ки қадамҳо мелағжанд, барои аз пул гузаштани ӯ ёрӣ дода мешавад***".

Ғоибона ҳимоя кардани обрӯи бародараш ҳам аз амалҳои мандуб аст. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ аз Абӯдардо ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ رَدَّ عَنْ عِرْضِ أَخِيهِ رَدَّ اللهُ عَنْ وَجْهِهِ النَّارَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кӣ обрӯи бародаришро ҳимоя кунад, Аллоҳ Таоло дар рӯзи қиёмат аз рӯи ӯ оташро дур мекунад***". Ин ҳадиси Абӯдардоро Аҳмад низ ривоят кардааст ва исноди онро ҳасан гуфтааст. Инчунин Ҳайсамӣ ҳамин гапро гуфтааст. Дар ҳадисе, ки Исҳоқ ибни Роҳавайҳ аз Асмо бинти Язид ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ ذَبَّ عَنْ عِرْضِ أَخِيهِ بِظَهْرِ الْغَيْبِ كَانَ حَقًّا عَلَى اللهِ أَنْ يُعْتِقَهُ مِنْ النَّارِ"

"***Ҳар кӣ обрӯи бародаришро ғоибона ҳимоя кунад, аз дӯзах озод намудани ӯро Аллоҳ ба зимма мегирад***". Дар ҳадисе, ки Қузоӣ дар "Муснад"-и Шиҳоб аз Анас ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ نَصَرَ أَخَاهُ بِظَهْرِ الْغَيْبِ نَصَرَهُ اللهُ فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ"

"***Ҳар кӣ бародаришро ғоибона дастгирӣ кунад, Аллоҳ ӯро ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират дастгирӣ мекунад***". Дар ривояти Имрон ибни Ҳусайн иборои:

"وَهُوَ يَسْتَطِيعُ نَصْرَهُ"

"***дар ҳолате ки ба дастгирӣ кардани ӯ қодир бошад***" низ омадааст. Дар ҳадисе, ки Бухорӣ дар "Адабулмуфрад" ва Абӯдовуд аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" الْـمُؤْمِنُ مِرْآةُ الْـمُؤْمِنِ، وَالْـمُؤْمِنُ أَخُو الْـمُؤْمِنِ، مِنْ حَيْثُ لَقِيَهُ، يَكُفُّ عَلَيْهِ ضَيْعَتَهُ وَيَحُوطُهُ مِنْ وَرَائِه"

"***Мӯъмин оинаи мӯъмин аст. Мӯъмин бародари мӯъмин аст: ҳангоми вохӯрдан аз ҳалокат бозмедорад, аммо дар ғайбаш ҳимоя мекунад***". Зайни Ироқӣ исноди ин ҳадисро ҳасан гуфтааст.

Аллоҳ Субҳонаҳу ба мусулмон воҷиб кардааст, ки узри бародарашро бипазирад, сирри ӯро нигоҳ дорад ва ба ӯ насиҳат кунад.

Тавре Мунзирӣ дар хусуси пазируфтани узр мегӯяд, дар ҳадисе, ки Ибни Моҷа бо ду санади боэътимод аз Ҷувдон ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ اعْتَذَرَ إِلَى أَخِيهِ بِمَعْذِرَةٍ فَلَمْ يَقْبَلْهَا، كَانَ عَلَيْهِ مِثْلُ خَطِيئَةِ صَاحِبِ مَكْسٍ"

"***Ҳар кӣ узри бародари узрхоҳашро напазирад, гуноҳи ӯ ба гуноҳи андозчин баробар аст***".

Дар ҳадисе, ки Абӯдовуд ва Тирмизӣ бо исноди ҳасан аз Ҷобир ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) дар бораи нигоҳ доштани сир гуфтаанд:

"إِذَا حَدَّثَ رَجُلٌ رَجُلاً بِحَدِيثٍ ثُمَّ الْتَفَتَ فَهُوَ أَمَـانَةٌ"

"***Агар нафаре ҳангоми ба нафари дигар сухан гуфтан ин сӯю он сӯ нигоҳ кунад, ҳамон сухан амонат аст***". Агар ҳангоми сухан кардан он сӯю ин сӯ нигоҳ кардан ба амонат будани сухан далолат кунад, худ аз худ равшан аст, ки ҳангоми "ин суханам ба шумо амонат аст" гуфтан ҳолат чӣ мешавад?! Нигоҳ доштани амонат воҷиб ва нигоҳ надоштани он хиёнат аст. Аммо агар дар он сухан озоре бошад, ки дар бораи яке аз ҳаққҳои Аллоҳ ба оммаи мусулмонон мерасад, ӯро насиҳат кардан, боздоштан, лозим бошад, пеш аз ба гувоҳӣ даъват шудан гувоҳӣ додан вазифаи ҳамсӯҳбат мебошад. Дар ҳадис меояд:

"أَلاَ أُنَبِّئُكُمْ بِخَيْرِ الشُّهُودِ، الَّذِي يَشْهَدُ قَبْلَ أَنْ يُسْتَشْهَدَ"

"***Оё бигӯям, ки беҳтарини гувоҳон кист? Гувоҳест, ки пеш аз талаби гувоҳӣ гувоҳӣ медиҳад***". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ ривоят шудааст, дар хусуси насиҳат кардан гуфта мешавад:

"بَايَعْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ عَلَى إِقَامِ الصَّلاَةِ وَإِيتَاءِ الزَّكَاةِ وَالنُّصْحِ لِكُلِّ مُسْلِمٍ"

"***Ман ба Расулуллоҳ (с) ба намоз хондан, закот додан ва ба ҳар як мусулмон насиҳат кардан байъат додам***". Дар Муслим ҳадисе, ки аз Тамим ибни Авси Дорӣ ривоят шудааст, омадааст: "Пайғамбар (с) гуфтанд:

" الدِّينُ النَّصِيحَةُ، قُلْنَا لِـمَـانْ؟ قَالَ لِلَّهِ وَلِكِتَابِهِ وَلِرَسُولِهِ وَلأَئِمَّةِ الْـمُسْلِمِينَ وَعَامَّتِهِمْ"

"***Дин насиҳат аст". Мо пурсидем: "Барои кӣ?". Он кас дар ҷавоб гуфтанд: "Барои Аллоҳ, Китоби Ӯ, Пайғамбараш, роҳбарони мусулмонон ва оммаи онон***"". Хитобӣ мегӯяд: "Мазмуни ҳадис "насиҳат сутуни дин аст" гуфтан мебошад, чунон ки дар ҳадиси "ҳаҷ арафа мебошад" арафа устун, рукни асосии ҳаҷ эътибор карда мешавад". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) дар хусуси ҳаққи мусулмон дар болои мусулмони дигар гуфтаанд:

" حَقُّ الْـمُسْلِمِ عَلَى الْـمُسْلِمِ سِتٌّ، قِيلَ: مَـا هُنَّ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ: إِذَا لَقِيتَهُ فَسَلِّمْ عَلَيْهِ، وَإِذَا دَعَاكَ فَأَجِبْهُ، وَإِذَا اسْتَنْصَحَكَ فَانْصَحْ لَهُ، وَإِذَا عَطَسَ فَحَمِدَ اللهَ فَشَمِّتْهُ، وَإِذَا مَرِضَ فَعُدْهُ، وَإِذَا مَـاتَ فَاتَّبِعْهُ"

"***Мусулмон дар болои мусулмони дигар шаш ҳақ дорад". Пурсиданд: "Онҳо кадомҳоянд, эй Расулуллоҳ?" Он кас гуфтанд: "Ҳангоми вохӯрдан салом деҳ, даъват кунад, бирав, насиҳат пурсад, насиҳат кун, атса зада ба Аллоҳ***

***ҳамд гӯяд, ба ӯ тандурустӣ бихоҳ, бемор шавад, аёдат кун, вафот кунад, (то қабр) гусел кун***".

Акнун дар хусуси барои Аллоҳ бад дидан таваққуф кунем, Аллоҳ Таоло аз дӯст доштани кофирон, мунофиқон ва фосиқони ошкоро боздоштааст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا عَدُوِّي وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَاء تُلْقُونَ إِلَيْهِم بِالْمَوَدَّةِ وَقَدْ كَفَرُوا بِمَا جَاءكُم مِّنَ الْحَقِّ يُخْرِجُونَ الرَّسُولَ وَإِيَّاكُمْ أَن تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ رَبِّكُمْ إِن كُنتُمْ خَرَجْتُمْ جِهَادًا فِي سَبِيلِي وَابْتِغَاء مَرْضَاتِي تُسِرُّونَ إِلَيْهِم بِالْمَوَدَّةِ وَأَنَا أَعْلَمُ بِمَا أَخْفَيْتُمْ وَمَا أَعْلَنتُمْ وَمَن يَفْعَلْهُ مِنكُمْ فَقَدْ ضَلَّ سَوَاء السَّبِيلِ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, душмани Ману душмани худро ба дӯстӣ ихтиёр макунед. Шумо бо онон тарҳи дӯстӣ меафканед ва ҳол он ки эшон ба сухани ҳаққе, ки бар шумо омадааст, имон надоранд. Ва бад-он сабаб, ки ба Аллоҳ – Парвардигори хеш имон оварда будед, пайғамбар ва шуморо берун ронданд. Агар барои ҷиҳод дар роҳи Ман ва талаби ризои Ман берун омадаед, дар ниҳон бо онҳо дӯстӣ макунед ва Ман ба ҳар чӣ пинҳон медоред ё ошкор месозед, огоҳтарам. Ва ҳар кӣ чунин кунад, аз роҳи рост мунҳариф гаштааст***" [60:1]

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَتَّخِذُواْ بِطَانَةً مِّن دُونِكُمْ لاَ يَأْلُونَكُمْ خَبَالاً وَدُّواْ مَا عَنِتُّمْ قَدْ بَدَتِ الْبَغْضَاء مِنْ أَفْوَاهِهِمْ وَمَا تُخْفِي صُدُورُهُمْ أَكْبَرُ قَدْ بَيَّنَّا لَكُمُ الآيَاتِ إِن كُنتُمْ تَعْقِلُونَهَاأَنتُمْ أُوْلاء تُحِبُّونَهُمْ وَلاَ يُحِبُّونَكُمْ وَتُؤْمِنُونَ بِالْكِتَابِ كُلِّهِ وَإِذَا لَقُوكُمْ قَالُواْ آمَنَّا وَإِذَا خَلَوْاْ عَضُّواْ عَلَيْكُمُ الأَنَامِلَ مِنَ الْغَيْظِ قُلْ مُوتُواْ بِغَيْظِكُمْ إِنَّ اللّهَ عَلِيمٌ بِذَاتِ الصُّدُورِ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, дӯсти ҳамрозе ҷуз аз ҳамкешони худ магиред, ки дигарон аз ҳеҷ фасоде дар ҳаққи шумо кӯтоҳӣ намекунанд ва хостори ранҷу машаққати***

***шумоянд. Ва Шумо ба ҳамаи ин китоб имон овардед. Чун шуморо бубинанд, гӯянд: "Мо ҳам имон овардаем". Ва чун хилват кунанд, аз ғояти кинае, ки ба шумо доранд, сарангушти хеш ба дандон газанд. Бигӯ: "Дар кинаи хеш бимиред! Ҳар оина Аллоҳ ба он чӣ дар дилҳост, огоҳ аст***" [3:118-119]

Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Алӣ (р) бо санади мӯътамад ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ثَلاَثٌ هُنَّ حَقٌّ: لاَ يَجْعَلُ اللهُ مَنْ لَهُ سَهْمٌ فِي الإِسْلاَمِ كَمَنْ لاَ سَهْمَ لَهُ، وَلاَ يَتَوَلَّى اللهَ عَبْدٌ فَيُوَلِّيهِ غَيْرُهُ، وَلاَ يُحِبُّ رَجُلٌ قَوْمًا إِلاَّ حُشِرَ مَعَهُمْ"

"***Се чиз ҳақ аст: Аллоҳ нафареро, ки дар Ислом саҳм дорад, ба нафаре, ки саҳм надорад, монанд намекунад, ҳар кӣ Аллоҳро хоҷаи худ донад, ба ӯ каси дигар хоҷа шуда наметавонад, ҳар кӣ қавмеро дӯст дорад, ҳангоми азнавзиндашавӣ ҳамроҳи ҳамон қавм мешавад***". Ин ҳадис ба эҳтиёт шудан даъват мекунад, ки ҳангоми азнавзиндашавӣ ҳамроҳи бадкорон набошем ва аз дӯст доштани онҳо қатъӣ бозмедорад.

Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ аз Муоз ибни Анаси Ҷуҳанӣ ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ أَعْطَى لِلَّهِ، وَمَنَعَ لِلَّهِ، وَأَحَبَّ لِلَّهِ، وَأَبْغَضَ لِلَّهِ، وَأَنْكَحَ لِلَّهِ فَقَدْ اسْتَكْمَلَ إِيمَـانَهُ"

"***Ҳар кӣ барои Аллоҳ эҳсон кунад ва барои Аллоҳ аз эҳсон даст кашад, барои Аллоҳ дӯст дорад ва барои Аллоҳ бад бинад ё барои Аллоҳ хонадор кунад, имони ӯ комил шудааст***".

Инчунин дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" وَإِذَا أَبْغَضَ اللهُ عَبْدًا دَعَا جِبْرِيلَ فَيَقُولُ إِنِّي أُبْغِضُ فُلانًا فَأَبْغِضْهُ، قَالَ فَيُبْغِضُهُ جِبْرِيلُ ثُمَّ يُنَادِي فِي أَهْلِ السَّمَـاءِ إِنَّ اللهَ يُبْغِضُ فُلانًا فَأَبْغِضُوهُ، قَالَ فَيُبْغِضُونَهُ ثُمَّ تُوضَعُ لَهُ الْبَغْضَاءُ فِي الأَرْضِ"

"***Агар Аллоҳ ягон бандаро бад бинад, Ҷабраилро ба сӯи худ хонда мегӯяд: "Ман фалониро бад мебинам, ту низ бад бин". Ҷабраил ҳам бад дида, ба аҳли само хитоб мекунад: "Аллоҳ фалониро бад мебинад, шумо низ бад бинед". Онҳо ҳам бад мебинанд. Сипас ӯро тамоми рӯи замин бад мебинад". Ҷумлаи ин ҳадис: "Сипас ӯро тамоми рӯи замин бад мебинад***" хабарест, ки талаб ирода карда шудааст. Ин талаб бо сабаби далолат аст. Чунки нафароне низ ёфт мешаванд, ки кофирон, мунофиқон ва фосиқони ошкороро бад намебинанд. Пас ростгӯии хабардиҳанда тақозо мекунад, ки мақсад аз хабар талаб мебошад. Гӯё гуфта мешавад: Эй аҳли замин, шахсеро, ки Аллоҳ бад мебинад, шумо ҳам бад бинед. Мазмуни ҳадис ҳаминро тақозо мекунад. Ғайр аз ин, ҳадис ба воҷибии бад дидани нафаре, ки Аллоҳ бад мебинад, далолат мекунад. Бад дидани душмани ашаддӣ ҳам аз ҷумлаи ҳамин аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ أَبْغَضَ الرِّجَالِ إِلَى اللهِ الأَلَدُّ الْخَصِمُ"

"***Нафаре, ки сахт хусумат мекунад, барои Аллоҳ аз ҳама бадтарин аст***". Инчунин дар хусуси бад дидани нафаре, ки ансорро бад мебинад, ҳадис омадааст. Барро мегӯяд, ки чунин сухани Пайғамбар (с)-ро шунидааст:

" الأَنْصَارُ لاَ يُحِبُّهُمْ إِلاَّ مُؤْمِنٌ، وَلاَ يُبْغِضُهُمْ إِلاَّ مُنَافِقٌ، فَمَنْ أَحَبَّهُمْ أَحَبَّهُ اللهُ، وَمَنْ أَبْغَضَهُمْ أَبْغَضَهُ اللهُ"

"***Ансориёнро фақат мӯъмин дӯст медорад. Онҳоро фақат мунофиқ бад мебинад. Ҳар кӣ онҳоро дӯст дорад, ӯро Аллоҳ дӯст медорад ва ҳар кӣ онҳоро бад бинад, Аллоҳ ӯро бад мебинад***" (муттафақун алайҳ). Бад дидани нафароне, ки ҳақро гуфта, суханашон аз гулӯ он сӯ намегузарад (яъне ба он амал намекунанд), воҷиб аст. Дар ин хусус низ ҳадис ворид шудааст. Дар ривояте, ки Муслим аз Алӣ кардааст, гуфта мешавад:

" إِنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ وَصَفَ نَاسًا - إِنِّي لأَعْرِفُ صِفَتَهُمْ فِي هَؤُلاءِ - يَقُولُونَ الْحَقَّ بِأَلْسِنَتِهِمْ، لاَ يَجُوزُ هَذَا مِنْهُمْ، وَأَشَارَ إِلَى حَلْقِهِ، مِنْ أَبْغَضِ خَلْقِ اللهِ إِلَيْهِ"

"***Пайғамбар ﷺ дар хусуси сифатҳои баъзе нафарон гуфтанд: "Ман сифатҳои онҳоро медонам: Ба забон ҳақро мегӯянд, вале суханашон аз ин ҷо он сӯ намегузарад" ва ба гулӯашон ишора карданд. Сипас гуфтанд: "Онҳо махлуқони баддидатарини Аллоҳ ҳастанд***"". Бад дидани инсони беҳаёву бадахлоқ низ воҷиб аст. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ аз Абӯдардо ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст, Пайғамбар (с) дар ин бора гуфтаанд:

"وَإِنَّ اللهَ لَيُبْغِضُ الْفَاحِشَ الْبَذِيءَ"

"***Албатта Аллоҳ беҳаёву бадахлоқро бад мебинад***".

Инчунин дар хусуси кофиронро бад дидани саҳобагон асарҳо ворид шудаанд. Тавре Муслим аз Салама ибни Акваъ ривоят мекунад, ӯ гуфтааст:

" فَلَمَا اصْطَلَحْنَا نَحْنُ وَأَهْلُ مَكَّةَ، وَاخْتَلَطَ بَعْضُنَا بِبَعْضٍ، أَتَيْتُ شَجَرَةً فَكَسَحْتُ شَوْكَهَا، فَاضْطَجَعْتُ فِي أَصْلِهَا، قَالَ: فَأَتَانِي أَرْبَعَةٌ مِنَ الْـمُشْرِكِينَ، مِنْ أَهْلِ مَكَّةَ، فَجَعَلُوا يَقَعُونَ فِي رَسُولِ اللهِ ﷺ فَأَبْغَضْتُهُمْ، فَتَحَوَّلْتُ إِلَى شَجَرَةٍ أُخْرَى"

"***Баъд аз сулҳ бо маккагиҳо бо ҳам омехта шудем. Вақте ки хорҳои як дарахтро шикаста, дар болои шохаҳояш хоб мекардам, чор нафар аз мушрикони Макка омада, дар хусуси Пайғамбар (с) ба гуфтани суханҳои баҳудаву беҳуда сар карданд. Аз онҳо нафрат карда, ба дарахти дигар гузаштам***". Тавре ки Аҳмад аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят мекунад, Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба яҳудиёни Хайбар чунин хитоб кардааст:

" يَا مَعْشَرَ الْيَهُودِ، أَنْتُمْ أَبْغَضُ الْخَلْقِ إِلَيَّ، قَتَلْتُمْ أَنْبِيَاءَ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ، وَكَذَبْتُمْ عَلَى اللهِ، وَلَيْسَ يَحْمِلُنِي بُغْضِي إِيَّاكُمْ عَلَى أَنْ أَحِيفَ عَلَيْكُمْ"

"***Эй ҷамоаи яҳудиён, шумо халқи баддидатарини ман ҳастед. Пайғамбарони Аллоҳи Азза ва Ҷалларо қатл намудед ва бар зидди Аллоҳ дурӯғҳо бофтед. Аммо ин нафрат маро маҷбур карда наметавонад, ки нисбат ба шумо беадолатӣ кунам***".

Тавре ки Аҳмад ва Абдураззоқ аз Абӯфаррос дар хусуси бад дидани мусулмони ошкоро гуноҳкунанда ривоят мекунанд, Умар ибни Хаттоб (р) дар як хутба аз ҷумла гуфтааст: "Ҳар кӣ аз шумо ошкоро бадӣ (гуноҳ) кунад, мо онро бадӣ дониста, ба туфайли ҳамин кор ӯро бад мебинем".

Хулоса, барои Аллоҳ дӯст доштан ва барои Аллоҳ бад дидан аз ҷумлаи корҳои бузург аст. Мусулмоне, ки ризо, раҳмат, нусрат ва ҷаннати Аллоҳро умед мекунад, бояд ин сифатҳоро дар худ муҷассам намояд.

# ТАРСИ ПИНҲОНӢ ВА ОШКОРО АЗ АЛЛОҲ

Аз Аллоҳ тарсидан фарз аст. Ҳам дар Қуръон ва ҳам дар суннат оид ба ин далелҳо зиёданд. Далелҳо аз Қуръон:

وَإِيَّايَ فَاتَّقُونِ

"***Ва аз Ман бимнок бошед***" [2:41],

وَإِيَّايَ فَارْهَبُونِ

"***Ва аз Ман битарсед***" [2:40],

إِنَّمَا ذَلِكُمُ الشَّيْطَانُ يُخَوِّفُ أَوْلِيَاءهُ فَلاَ تَخَافُوهُمْ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ

"***Он шайтон аст, ки дар дили дӯстони худ бим меафканад. Агар имон овардаед, аз онҳо матарсед, аз Ман битарсед!***" [3:175],

وَيُحَذِّرُكُمُ اللّهُ نَفْسَهُ

"***Аллоҳ шуморо аз худаш метарсонад***" [3:28],

فَلاَ تَخْشَوُاْ النَّاسَ وَاخْشَوْنِ

"***Пас аз мардум матарсед, аз Ман битарсед***" [5:44],

يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُواْ رَبَّكُمُ

"***Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон***" [4:1],

إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ اللّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ

"***Мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун номи Аллоҳ бурда шавад, хавф бар дилҳояшон чира гардад***" [8:2],

وَكَذَلِكَ أَخْذُ رَبِّكَ إِذَا أَخَذَ الْقُرَى وَهِيَ ظَالِمَةٌ إِنَّ أَخْذَهُ أَلِيمٌ شَدِيدٌ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّمَنْ خَافَ عَذَابَ الآخِرَةِ ذَلِكَ يَوْمٌ مَّجْمُوعٌ لَّهُ النَّاسُ وَذَلِكَ يَوْمٌ مَّشْهُود وَمَا نُؤَخِّرُهُ إِلاَّ لِأَجَلٍ مَّعْدُود يَوْمَ يَأْتِ لاَ تَكَلَّمُ نَفْسٌ إِلاَّ بِإِذْنِهِ فَمِنْهُمْ شَقِيٌّ وَسَعِيدٌ فَأَمَّا الَّذِينَ شَقُواْ فَفِي النَّارِ لَهُمْ فِيهَا زَفِيرٌ وَشَهِيقٌ

"***Инчунин буд муохазаи Парвардигори ту, вақте ки бихоҳад қарияе ситамкорро ба муохаза кашад. Муохазаи Ӯ азобе сахт дардовар аст! Дар инҳо барои касоне, ки аз азоби охират бимноканд, ибратест, дар он рӯз, ки мардум гирд оварда шаванд ва он рӯз, ки мардумро дар он ҳозир оваранд! Ва ҷуз то андак муддате ба таъхираш намеандозем. Рӯзе, ки чун биёяд, ҳеҷ кас ҷуз ба фармони Ӯ сухан нагӯяд ва мардумон баъзе бадбахт бошанд ва баъзе некбахт. Аммо бадбахтон дар оташанд ва мардумонро дар он ҷо нолае зору хурӯше сахт бувад***" [11:102-106],

وَالَّذِينَ يَصِلُونَ مَا أَمَرَ اللّهُ بِهِ أَن يُوصَلَ وَيَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ وَيَخَافُونَ سُوءَ الحِسَابِ

"***Онон, ки он чиро Аллоҳ ба пайвастани он фармон дода, пайванд медиҳанд ва аз Парвардигорашон метарсанд ва аз сахтии бозхости Аллоҳ бимноканд***" [13:21],

ذَلِكَ لِمَنْ خَافَ مَقَامِي وَخَافَ وَعِيدِ

"***Ин аз они касест, ки аз истодан дар пешгоҳи Ман ва аз ваъдаи азоби Ман битарсад!***" [14:14],

يَوْمَ تَرَوْنَهَا تَذْهَلُ كُلُّ مُرْضِعَةٍ عَمَّا أَرْضَعَتْ وَتَضَعُ كُلُّ ذَاتِ حَمْلٍ حَمْلَهَا وَتَرَى يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُوا النَّاسَ سُكَارَى وَمَا هُم بِسُكَارَى وَلَكِنَّ عَذَابَ اللَّهِ شَدِيدٌ رَبَّكُمْ إِنَّ زَلْزَلَةَ السَّاعَةِ شَيْءٌ عَظِيمٌ

“***Эй мардум аз Парвардигоратон битарсед, ки зилзилаи қиёмат ҳодисаи бузургест! Он рӯз, ки бубинедаш, ҳар ширдиҳандае ширхораашро аз ёд бибарад ва ҳар обистане бори худро бар замин гузорад ва мардумро чун мастон бинӣ, ҳол он ки маст нестанд, балки азоби Аллоҳ шадид аст***" [22:1-2],

وَلِمَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ جَنَّتَانِ

"***Ҳар касро, ки аз истодан ба пешгоҳи Парвардигораш тарсида бошад, ду биҳишт аст***" [55:46],

مَّا لَكُمْ لَا تَرْجُونَ لِلَّهِ وَقَارًا

"***Шуморо чӣ мешавад, ки аз шукӯҳи Аллоҳ наметарсед?***" [71:13],

يَوْمَ يَفِرُّ الْمَرْءُ مِنْ أَخِيه وَأُمِّهِ وَأَبِيهِ وَصَاحِبَتِهِ وَبَنِيه لِكُلِّ امْرِئٍ مِّنْهُمْ يَوْمَئِذٍ شَأْنٌ يُغْنِيهِ

"***Рӯзе, ки одамӣ аз бародараш мегурезад ва аз модарашу падараш ва аз занашу фарзандонаш. Ҳар касро дар он рӯз корест, ки ба худ машғулаш дорад***" [80:34-37].

* * *

Баъзеи суннат ва асарҳо бевосита ва баъзе билвосита, яъне бо эътибори мазмуни худ далолат мекунанд, ки аз Аллоҳ тарсидан фарз аст. Баъзеи онҳоро меорем:

• Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки чунин сухани Пайғамбар (с)-ро шунидааст:

" سَبْعَةٌ يُظِلُّهُمْ اللهُ فِي ظِلِّهِ، يَوْمَ لاَ ظِلَّ إِلاَ ظِلُّهُ: إِمَـامٌ عَادِلٌ، وَشَابٌّ نَشَأَ فِي عِبَادَةِ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ، وَرَجُلٌ قَلْبُهُ مُعَلَّقٌ بِالْـمَسَاجِدِ، وَرَجُلاَنِ تَحَابَّا فِي اللهِ اجْتَمَعَا عَلَيْهِ وَتَفَرَّقَا عَلَيْهِ، وَرَجُلٌ دَعَتْهُ امْرَأَةٌ ذَاتُ مَنْصِبٍ وَجَمَـالٍ، فَقَالَ إِنِّي أَخَافُ اللهَ، وَرَجُلٌ تَصَدَّقَ بِصَدَقَةٍ فَأَخْفَاهَا حَتَّى لاَ تَعْلَمَ شِمَـالُهُ مَـا تُنْفِقُ يَمِينُهُ، وَرَجُلٌ ذَكَرَ اللهَ خَالِيًا، فَفَاضَتْ عَيْنَاهُ"

"***Рӯзе, ки дар он рӯз сояе нест, Аллоҳ ҳафт тоифа одамонро ба зери сояи худ мегирад: 1. Роҳбари одил; 2. Наврасе, ки бо ибодати Аллоҳи Азза ва Ҷалла ба воя расидааст; 3. Касе, ки қалбаш побанди масҷид аст; 4. Касоне, ки барои Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд. Онҳо барои Аллоҳ муттаҳид (ҷамъ) ва барои Аллоҳ ҷудо (пароканда) мешаванд; 5. Касе, ки ҳангоми ӯро (ба зино) хондани зани мансабдору зебо: "Ман аз Аллоҳ метарсам", мегӯяд; 6. Касе, ки пинҳонӣ садақа мекунад, ҳатто дасти чапаш аз садақа додани дасти росташ бехабар мемонад; 7. Касе, ки дар танҳоӣ Аллоҳро ба ёд оварда, чашмонаш пур аз ашк мешавад***" (муттафақун алайҳ).

• Анас (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) хутбае хонданд, ки мисли онро ҳеҷ нашунида будам. Он кас гуфтанд:

"لَوْ تَعْلَمُونَ مَـا أَعْلَمُ لَضَحِكْتُمْ قَلِيلاً وَلَبَكَيْتُمْ كَثِيراً"

"***Агар он чиро ки ман медонам, медонистед, кам хандида, бисёр гиря мекардед". Он гоҳ саҳобагон рӯйҳояшонро бо дастонашон пӯшида гиря карданд***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Адӣ ибни Ҳотим ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَـا مِنْكُمْ مِنْ أَحَدٍ إِلاَّ سَيُكَلِّمُهُ اللهُ، لَيْسَ بَيْنَهُ وَبَيْنَهُ تُرْجُمَـانٌ، فَيَنْظُرُ أَيْمَنَ مِنْهُ فَلاَ يَرَى إِلاَّ مَـا قَدَّمَ، وَيَنْظُرُ أَشْأَمَ مِنْهُ فَلاَ يَرَى إِلاَّ مَـا قَدَّمَ، وَيَنْظُرُ بَيْنَ يَدَيْهِ فَلاَ يَرَى إِلاَّ النَّارَ تِلْقَاءَ وَجْهِهِ فَاتَّقُوا النَّارَ وَلَوْ بِشِقِّ تَمْرَةٍ"

"***Аллоҳ бо ҳар яки шумо бе тарҷумон гуфтугӯ мекунад. Он гоҳ банда ба ҷониби росташ менигарад ва ғайр аз амали худ чизи дигарро намебинад. Сипас ба ҷониби чапаш нигоҳ мекунад ва ғайр аз амали худ чизи дигарро намебинад. Сипас ба пеш менигарад ва дар рӯ ба рӯяш дӯзахро мебинад. Гарчи бо додани нисфи хурмо бошад ҳам, аз дӯзах амонӣ ҷӯед***".

• Оиша (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтанд:

" يُحْشَرُ النَّاسُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ حُفَاةً عُرَاةً غُرْلاً، قُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ الرِّجَالُ وَالنِّسَاءُ جَمِيعًا يَنْظُرُ بَعْضُهُمْ إِلَى بَعْضٍ؟ قَالَ يَا عَائِشَةُ الأَمْرُ أَشَدُّ مِنْ أَنْ يُهِمَّهُمْ ذَلِكَ"

"***Рӯзи қиёмат мардум дар ҳолати лучу бараҳна аз нав зинда мешаванд". Пурсидам: "Эй Расулуллоҳ, оё занону мардон ҳама ба якдигар нигоҳ мекунанд?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Эй Оиша, ҳолати он рӯз чунон сахт аст, ки ба ин чизҳо эътибор намедиҳанд***". (муттафақун алайҳ).

• Нӯъмон ибни Башир мегӯяд, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

" إِنَّ أَهْوَنَ أَهْلِ النَّارِ عَذَابًا يَوْمَ الْقِيَامَةِ لَرَجُلٌ تُوضَعُ فِي أَخْمَصِ قَدَمَيْهِ جَمْرَتَانِ يَغْلِي مِنْهُمَـا دِمَـاغُهُ"

"***Касе аз аҳли дӯзах, ки рӯзи қиёмат сабуктарин азоб дода мешавад, ҳамонест, ки ба таги పояш ду оташпора мемонанд ва дар натиҷа майнаи ӯ ба ҷӯш меояд***".

• Дар ҳадисе, ки Ибни Умар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"يَقُومُ النَّاسُ لِرَبِّ الْعَالَمِينَ ،حَتَّى يَغِيبَ أَحَدُهُمْ فِي رَشْحِهِ إِلَى أَنْصَافِ أُذُنَيْهِ"

"***Вақте ки мардум дар ҳузури Парвардигори олам меистанд, яке аз онҳо то нисфи гӯшҳояш ба арақе, ки аз баданаш мебарояд, ғарқ мешавад***" (муттафақун алайҳ).

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" يَعْرَقُ النَّاسُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ حَتَّى يَذْهَبَ عَرَقُهُمْ فِي الأَرْضِ سَبْعِينَ ذِرَاعًا وَيُلْجِمُهُمْ حَتَّى يَبْلُغَ آذَانَهُمْ"

"**Рӯзи қиёмат мардум чунон арақ мекунанд, ки арақи онҳо дар замин то ҳафтод газ расида, онҳоро то гӯш ғарқ месозад**".

- Боз дар як ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" يَقُولُ اللهُ إِذَا أَرَادَ عَبْدِي أَنْ يَعْمَلَ سَيِّئَةً فَلاَ تَكْتُبُوهَا عَلَيْهِ حَتَّى يَعْمَلَهَا، فَإِنْ عَمِلَهَا فَاكْتُبُوهَا بِمِثْلِهَا، وَإِنْ تَرَكَهَا مِنْ أَجْلِي فَاكْتُبُوهَا لَهُ حَسَنَةً، وَإِذَا أَرَادَ أَنْ يَعْمَلَ حَسَنَةً فَلَمْ يَعْمَلْهَا فَاكْتُبُوهَا لَهُ حَسَنَةً، فَإِنْ عَمِلَهَا فَاكْتُبُوهَا لَهُ بِعَشْرِ أَمْثَالِهَا إِلَى سَبْعِ مِائَةِ ضِعْفٍ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Агар бандаам як бадӣ карданро қасд кунад, то онро анҷом надиҳад, нанависед, агар анҷом диҳад, ба миқдори ҳамон бинависед. Агар барои Ман аз он даст кашад, ба ӯ як некӣ нависед. Агар як некӣ карданӣ бошад, гарчи накунад ҳам, барояш як некӣ нависед. Агар онро иҷро кунад, барои он аз даҳ то ҳафтсад баробар зиёд карда нависед***"".

- Боз дар як ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

" لَوْ يَعْلَمُ الْـمُؤْمِنُ مَـا عِنْدَ اللهِ مِنْ الْعُقُوبَةِ مَـا طَمِعَ بِجَنَّتِهِ أَحَدٌ، وَلَوْ يَعْلَمُ الْكَافِرُ مَـا عِنْدَ اللهِ مِنْ الرَّحْمَةِ مَـا قَنَطَ مِنْ رَحْمَتِهِ أَحَدٌ"

"***Агар мӯъмин азоби Аллоҳро медонист, ҳеҷ кас аз ҷаннати Ӯ умедвор намешуд. Агар кофир раҳмати Аллоҳро медонист, ҳеҷ кас аз раҳмати Ӯ ноумед намешуд***" (Муслим).

• Ибни Умар мегӯяд, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

" كَانَ الْكِفْلُ مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ لاَ يَتَوَرَّعُ مِنْ ذَنْبٍ عَمِلَهُ، فَأَتَتْهُ امْرَأَةٌ فَأَعْطَاهَا سِتِّينَ دِينَارًا عَلَى أَنْ يَطَأَهَا فَلَمَـا أَرَادَهَا عَنْ نَفْسِهَا ارْتَعَدَتْ وَبَكَتْ، فَقَالَ مَـا يُبْكِيكِ، قَالَتْ: لأَنَّ هَذَا عَمَلٌ مَـا عَمِلْتُهُ قَطُّ، وَمَـا حَمَلَنِي عَلَيْهِ إِلاَّ الْحَاجَةُ، فَقَالَ: تَفْعَلِينَ أَنْتِ هَذَا مِنْ مَخَافَةِ اللهِ! فَأَنَا أَحْرَى، اذْهَبِي فَلَكِ مَـا أَعْطَيْتُكِ، وَوَاللهِ مَـا أَعْصِيهِ بَعْدَهَا أَبَدًا، فَمَـاتَ مِنْ لَيْلَتِهِ، فَأَصْبَحَ مَكْتُوبًا عَلَى بَابِهِ: إِنَّ اللهَ قَدْ غَفَرَ لِلْكِفْلِ فَعَجِبَ النَّاسُ مِنْ ذَلِكَ"

"***Кифл ном марде аз Банӣ-Исроил аз кори гуноҳ парҳез намекард. Ба наздаш зане омада буд, барои зино кардан ба ӯ шаст динор дод. Акнун ҷимоъ карданӣ буд, ки он зан ларзида ба гиря омад. Аз ӯ пурсид: "Чаро гиря мекунӣ?" Зан дар ҷавоб гуфт: "Ман пеш аз ин ҳеҷ вақт чунин корро накардаам, мӯҳтоҷӣ маро ба ҳамин чиз маҷбур сохт". Он гоҳ ӯ гуфт: "Оё аз Аллоҳ тарсида чунин мекунӣ? Дар асл ман бояд битарсам. Бирав, чизи додаам аз они туст. Қасам ба Аллоҳ, ки минбаъд ба Аллоҳ гуноҳ намекунам" ва ҳамон шаб вафот кард. Субҳидам мардум диданд, ки дар дарвозаи ӯ: "Аллоҳ Кифлро мағфират кард" гуфта навишта шудааст ва аз ин тааҷҷуб карданд***".

• Дар ҳадиси қудсие, ки Абӯҳурайра (р) аз Пайғамбар (с) ва он кас аз Парвардигори Азза ва Ҷалла ривоят кардаанд, гуфта мешавад:

" وَعِزَّتِي لاَ أَجْمَعُ عَلَى عَبْدِي خَوْفَيْنِ وَأَمْنَيْنِ إِذَا خَافَنِي فِي الدُّنْيَا أَمَّنْتُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَإِذَا أَمِنَنِي فِي الدُّنْيَا أَخَفْتُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ба ҳаққи иззатам, дар бандаам ду хавф ва ду хотирҷамъиро ҷамъ намесозам. Агар бандаам дар ин дунё аз Ман хавф барад, рӯзи қиёмат ба ӯ хотирҷамъӣ медиҳам. Агар бандаам дар ин дунё аз Ман хотирҷамъ бошад, рӯзи қиёмат ӯро ба хавфу хатар меандозам***". Ин ҳадисро Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ овардааст.

- Ибни Аббос ривоят мекунад:

" لَمَـا أَنْزَلَ اللهُ عَلَى نَبِيِّهِ ﷺ هَذِهِ الآيَةَ ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ﴾ تَلاَهَا رَسُولُ اللهِ ﷺ ذَاتَ عَلَى أَصْحَابِهِ فَخَرَّ فَتًى مَغْشِيًّا عَلَيْهِ، فَوَضَعَ النَّبِيُّ يَدَهُ عَلَى فُؤَادِهِ فَإِذَا هُوَ يَتَحَرَّكُ فَقَالَ رَسُولُ اللهِﷺ يَا فَتَى قُلْ لاَ إِلَهَ إِلاَّ اللهُ، فَقَالَهَا فَبَشَّرَهُ بِالْجَنَّةِ، فَقَالَ أَصْحَابُهُ يَا رَسُولَ اللهِ أَمِنْ بَيْنِنَا؟ أَوَمَـا سَمِعْتُمْ قَوْلَهُ تَعَالَى﴿ذَلِكَ لِمَنْ خَافَ مَقَامِي وَخَافَ وَعِيدِ﴾

"***Вақте ки Аллоҳ ба Пайғамбараш (с) ояти зеринро нозил кард: "Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаи худро аз оташе, ки ҳезуми он мардум ва сангҳо ҳастанд, нигаҳ доред" [66:6], Расул (с) рӯзе онро ба саҳобагонашон тиловат карданд. Он гоҳ ҷавоне аз ҳуш рафта, ба замин афтод. Чун Набӣ (с) ба синааш дасташонро монданд, дилаш метапид. Гуфтанд: "Эй ҷавон, бигӯ: "Нест илоҳе ҷуз Аллоҳ". Ҷавон гуфт. Он гоҳ Пайғамбар (с) ӯро ба ҷаннат башорат доданд. Чун саҳобагон пурсиданд: "Эй Расулуллоҳ, оё ӯ яке аз одамони байни мо буд?", он кас ҷавоб доданд: "Магар ояти зерини Аллоҳ Таолоро нашунидаед: "Ин аз они касест, ки аз истодан дар пешгоҳи Ман ва аз ваъдаи азоби Ман***

***битарсад!" [14:14]***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ инро маъқул донистааст.

• Оиша (р) ривоят мекунад:

" قُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ قَوْلُ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ ﴿ وَالَّذِينَ يُؤْتُونَ مَا آتَوا وَّقُلُوبُهُمْ وَجِلَةٌ أَنَّهُمْ إِلَى رَبِّهِمْ رَاجِعُونَ ﴾ أَهُوَ الَّذِي يَزْنِي وَيَشْرَبُ الْخَمْرَ - وَفِي رِوَايَةِ ابْنِ سَابِقٍ - أَهُوَ الرَّجُلُ الَّذِي يَزْنِي وَيَسْرِقُ وَيَشْرَبُ الْخَمْرَ، وَهُوَ مَعَ ذَلِكَ يَخَافُ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ؟ قَالَ لاَ، وَفِي رِوَايَةِ وَكِيعٍ لاَ يَا بِنْتَ أَبِي بَكْرٍ أَوْ بِنْتَ الصِّدِّيقِ، وَلَكِنَّهُ الرَّجُلُ يَصُومُ وَيُصَلِّي وَيَتَصَدَّقُ وَهُوَ يَخَافُ أَنْ لاَ يُقْبَلَ مِنْهُ"

"***Ман пурсидам: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, оё ояти зерини Аллоҳ Таоло: "Ва онҳое, ки ҳамаи он чиро бояд адо кунанд, адо мекунанд ва боз ҳам дилҳояшон тарсон аст, ки бояд назди Парвардигорашон бозгарданд" [23:60] дар хусуси касест, ки зино мекунад, шароб менӯшад ва дуздӣ мекунад ва бо вуҷуди ин аз Аллоҳ метарсад?" Он кас ҷавоб доданд: "На, эй духтари Абӯбакр, он дар бораи касест, ки намоз мехонад, рӯза медорад, закот медиҳад ва аз қабул нашудани амалаш метарсад***"".

• Савбон (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтанд:

" لأَعْلَمَنَّ أَقْوَامًا مِنْ أُمَّتِي يَأْتُونَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ بِحَسَنَاتٍ أَمْثَالِ جِبَالِ تِهَامَةَ بِيضًا، فَيَجْعَلُهَا اللهُ هَبَاءً مَنْثُورًا، قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ صِفْهُمْ لَنَا، جَلِّهِمْ لَنَا أَنْ لاَ نَكُونَ مِنْهُمْ وَنَحْنُ لاَ نَعْلَمُ، قَالَ: أَمَا إِنَّهُمْ مِنْ إِخْوَانُكُمْ، مِنْ جِلْدَتِكُمْ، وَيَأْخُذُونَ مِنَ اللَّيْلِ كَمَا تَأْخُذُونَ، وَلَكِنَّهُمْ أَقْوَامٌ إِذَا خَلَوْا بِمَحَارِمِ اللهِ انْتَهَكُوهَا"

"***Аз умматам қавмҳоеро медонам, ки рӯзи қиёмат некиҳои мисли кӯҳи Туҳома сап-сафедро бо худ меоранд, аммо Аллоҳ онҳоро ба чангу ғубори парешон табдил медиҳад". Ман гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, сифатҳои онҳоро ба мо фаҳмонед, то ки надониста аз онҳо нашавем". Он кас ҷавоб доданд:***

***"Онҳо бародарони шумоянд, танашон монанди тани шумост, ба мисли шумо аз шаб ҳиссаи худро мегиранд. Лекин онҳо дар танҳоӣ аз ҳаромкардаҳои Аллоҳ парҳез намекунанд*"". (Ибни Моҷа). Муаллифи "Мисбоҳуззуҷоҷа" гуфтааст, ки исноди ин саҳеҳ аст ва ровиёнаш боэътимоданд.

• Абдуллоҳ ибни Масъуд ду ҳадисро ривоят кард. Яке аз Пайғамбар (с) ва дигаре аз худаш мебошад:

**" إِنَّ الْـمُؤْمِنَ يَرَى ذُنُوبَهُ كَأَنَّهُ قَاعِدٌ تَحْتَ جَبَلٍ يَخَافُ أَنْ يَقَعَ عَلَيْهِ، وَإِنَّ الْفَاجِرَ يَرَى ذُنُوبَهُ كَذُبَابٍ مَرَّ عَلَى أَنْفِهِ فَقَالَ بِهِ هَكَذَا قَالَ أَبُو شِهَابٍ بِيَدِهِ فَوْقَ أَنْفِهِ"**

"***Мўъмин гуноҳҳояшро чунон мебинад, ки гўё дар зери кўҳ нишастааст ва кўҳ ба болои ў меафтад. Фосиқ гуноҳҳояшро монанди пашшае мебинад, ки аз пеши биниаш мегузарад ва чунин мекунад". Абўшиҳоб мегўяд: "(Дар ҳамин асно) ў дасташро ба болои биниаш бурд...***" (Бухорӣ).

• Саъд (р) мегўяд, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

**"إِنَّ اللهَ يُحِبُّ الْعَبْدَ التَّقِيَّ الْغَنِيَّ الْخَفِيَّ"**

"***Албатта Аллоҳ бандаеро дўст медорад, ки тақводору (аз ҷиҳати рўҳӣ) бой аст ва (некиҳои худро) пинҳон медорад***". (Муслим).

• Усома ибни Шарик ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтанд:

**"مَـا كَرِهَ اللهُ مِنْكَ شَيْئًا فَلاَ تَفْعَلْهُ إِذَا خَلَوْتَ"**

"***Кореро, ки Аллоҳ аз ту содир шудани онро бад бинад, дар танҳоӣ ҳам накун***". (Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст).

• Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад:

" قِيلَ لِرَسُولِ اللهِ ﷺ أَيُّ النَّاسِ أَفْضَلُ؟ قَالَ: كُلُّ مَخْمُومِ الْقَلْبِ صَدُوقِ اللِّسَانِ، قَالُوا صَدُوقُ اللِّسَانِ نَعْرِفُهُ فَمَا مَخْمُومُ الْقَلْبِ؟ قَالَ هُوَ التَّقِيُّ النَّقِيُّ لاَ إِثْمَ فِيهِ وَلاَ بَغْيَ وَلاَ غِلَّ وَلاَ حَسَدَ"

"***Ба Пайғамбар (с) гуфтанд, ки кадом инсон фозилтар аст. Он кас гуфтанд: "Инсоне, ки дили беғубор ва забони ростгӯ дорад". Пурсиданд: "Инсонеро, ки забони ростгӯ дорад, медонем, аммо инсоне, ки дили беғубор дорад, чӣ гуна аст?" Он кас ҷавоб доданд: "Ӯ инсони поку ботақво аст, ки ягон ҷиноят, зӯроварӣ, кина ва ҳасад надорад***"". Кинонӣ мегӯяд, ки исноди ин саҳеҳ аст. Инчунин Байҳақӣ онро дар "Сунан"-и худ бо ҳамин роҳ ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯумома ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّ أَغْبَطَ أَوْلِيَائِي عِنْدِي لَمُؤْمِنٌ خَفِيفُ الْحَاذِ ذُو حَظٍّ مِنْ الصَّلاَةِ، أَحْسَنَ عِبَادَةَ رَبِّهِ، وَأَطَاعَهُ فِي السِّرِّ، وَكَانَ غَامِضًا فِي النَّاسِ لاَ يُشَارُ إِلَيْهِ بِالأَصَابِعِ، وَكَانَ رِزْقُهُ كَفَافًا فَصَبَرَ عَلَى ذَلِكَ، ثُمَّ نَفَضَ بِيَدِهِ فَقَالَ عُجِّلَتْ مَنِيَّتُهُ قَلَّتْ بَوَاكِيهِ قَلَّ تُرَاثُهُ"

"***Бароям дӯсте, ки бештар ҳавас мекунанд, онест, ки камбағал асту бисёр намоз мехонад, ба Парвардигораш некӯ ибодат мекунад, дар ҳолати пинҳонӣ ҳам ба Ӯ итоат мекунад, то андозаи ангуштнамо машҳур нест, ризқаш басанда буда, ба он сабр мекунад". Сипас дасташонро афшонда боз гуфтанд: "Маргаш бармаҳал меояду аз паси худ гирякунандагон ва мероси кам дорад***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳасан гуфтааст.

• Баҳз ибни Ҳаким ривоят мекунад: "***Дар масҷиди Банӣ-Қашир Зурора ибни Авфо ба мо имомӣ карда, сураи "Мудассир"-ро хонд. Вақте ки ба ояти зерин расид***:

فَإِذَا نُقِرَ فِي النَّاقُورِ

"***Ва он гоҳ ки дар сӯр дамида шавад***" [74:8]

***ҷон таслим намуда, ба замин афтод***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, исноди онро саҳеҳ гуфтааст.

- Ибни Аббос ривоят мекунад: "Рӯзи Бадр Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ لَقِيَ مِنكُمْ الْعَبَّاسَ فَلْيَكْفِفْ عَنْهُ، فَإِنَّهُ خَرَجَ مُسْتَكْرَهًا، فَقَالَ أَبُو حُذَيْفَةَ بْنَ عُتْبَةَ: أَنَقْتُلُ آبَاءَنَا وَإِخْوَانَنَا وَعَشَائِرَنَا، وَنَدَعُ الْعَبَّاسَ وَاللهِ لأَضْرِبَنَّهُ بِالصَّيْفِ، فَبَلَغَتْ رَسُولَ اللهِ ﷺ فَقَالَ لِعُمَرَ بْنِ الْخَطَّابِ: يَا أَبَا حَفْصٍ - قَالَ عُمَرُ إِنَّهُ لأَوَّلُ يَوْمٍ كَنَّانِي فِيهِ بِأَبِي حَفْصٍ - يُضْرَبُ وَجْهُ عَمِّ رَسُولِ اللهِ بِالسَّيْفِ؟ فَقَالَ عُمَرُ: دَعْنِي فَلأَضْرِبْ عُنُقَهُ فَإِنَّهُ قَدْ نَافَقَ، فَكَانَ أَبُو حُذَيْفَةَ يَقُولُ: مَـا أَنَا بِآمِنٍ مِنْ تِلْكَ الْكَلِمَةِ الَّتِي قُلْتُ، وَلاَ أَزَالُ خَائِفًا حَتَّى يُكَفِّرَهَا اللهُ عَنِّي بِالشَّهَادَةِ. قَالَ: فَقُتِلَ يَوْمَ الْيَمَـامَةِ شَهِيدًا"

"***Ҳар кӣ бо Аббос вохӯрад, аз (куштани) ӯ худдорӣ кунад, чунки ӯ маҷбуран баромадааст". Он гоҳ Абӯҳузайфа ибни Утба гуфт: "Оё падар, бародар ва хешовандони худро мекушему Аббосро вомегузорем? Қасам ба Аллоҳ, ки ба ӯ шамшер мезанам". Вақте ки ин сухан ба Пайғамбар (с) расид, ба Умар ибни Хаттоб (р) гуфтанд: "Эй Абӯҳафс (ба гуфтаи Умар, Пайғамбар (с) ба ӯ кунияи Абӯҳафсро бори аввал дар ҳамин ҷо додаанд), оё Расулуллоҳ ба рӯи амаки худ шамшер мезанад?" Он гоҳ Умар гуфт: "Ӯро ба ман гузоред, сарашро мегирам, чунки ӯ мунофиқӣ кард". Абӯҳузайфа мегуфт: "Аз ҳамин суханам ҳеҷ хотирҷамъ нашудам, то Аллоҳ ба ман шаҳидиро ато намуда, онро кафорат накунад, аз он хавф мебарам". Ба гуфтаи ровӣ, ӯ рӯзи Ямома шаҳид шудааст***". Ин ҳадисро Ҳоким дар "Мустадрак" ривоят карда, бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст.

# ГИРЯ АЗ ТАРСУ ЁДИ АЛЛОҲ

Аз Аллоҳ Таоло тарсида гиря кардан мандуб аст. Ба ин дар Қуръону суннат далелҳо мавҷуданд.

Далелҳо аз Қуръон:

أَفَمِنْ هَذَا الْحَدِيثِ تَعْجَبُونَ وَتَضْحَكُونَ وَلَا تَبْكُونَ

"***Оё аз ин сухан дар шигифт афтодаед ва механдеду гиря намекунед?***" [53:59-60],

وَيَخِرُّونَ لِلأَذْقَانِ يَبْكُونَ وَيَزِيدُهُمْ خُشُوعًا

"***Ва ба рӯ дармеафтанд ва мегӯянд ва бар хушӯашон (хориашон) афзуда мешавад***" [17:109],

إِذَا تُتْلَى عَلَيْهِمْ آيَاتُ الرَّحْمَن خَرُّوا سُجَّدًا وَبُكِيًّا

"***Ва чун оёти Аллоҳи Раҳмон бар онон тиловат мешуд, гирён ба саҷда меафтоданд***" [19:58].

* * *

Далелҳо аз суннат:

• Ибни Масъуд ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтанд:

" اقْرَأْ عَلَيَّ الْقُرْآنَ، قُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ آقْرَأُ عَلَيْكَ وَعَلَيْكَ أُنْزِلَ؟ قَالَ إِنِّي أُحِبُّ أَنْ أَسْمَعَهُ مِنْ غَيْرِي، فَقَرَأْتُ عَلَيْهِ سُورَةَ النِّسَاءِ حَتَّى جِئْتُ إِلَى هَذِهِ الآيَةِ: ﴿ فَكَيْفَ إِذَا جِئْنَا مِن كُلِّ أمَّةٍ بِشَهِيدٍ وَجِئْنَا بِكَ عَلَى هَـؤُلاء شَهِيدًا ﴾ قَالَ حَسْبُكَ الآنَ، فَالْتَفَتُّ إِلَيْهِ فَإِذَا عَيْنَاهُ تَذْرِفَانِ"

"***Барои ман Қуръон қироат кун". Ман гуфтам: "Қуръон ба шумо нозил шудааст-ку, магар ман ба шумо қироат кунам, эй Расулаллоҳ?" Он кас гуфтанд: "Ман аз каси дигар шунидани онро меписандам". Ман сураи "Нисо"-ро қироат кардам. Вақте ки ба ояти зерин расидам: "Чӣ гуна хоҳад буд он рӯз, ки аз ҳар уммате гувоҳӣ биёварем ва туро бар ин уммат ба гувоҳӣ фаро хонем?!" [4:41] он кас гуфтанд: "Кифоя аст". Дидам, ки аз чашмашон ашк рехта истодааст***" (муттафақун алайҳ).

• Анас (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) хутбаеро хонданд, ки пеш мисли инро нашунида будам. Дар он гуфтанд:

" لَوْ تَعْلَمُونَ مَـا أَعْلَمُ لَضَحِكْتُمْ قَلِيلاً وَلَبَكَيْتُمْ كَثِيراً، فَغَطَّى أَصْحَابُ رَسُولِ اللهِ ﷺ وُجُوهَهُمْ لَهُمْ خَنِينٌ"

"***Агар он чиро ки ман медонам, медонистед, камтар хандида, бештар гиря мекардед". Саҳобагон инро шунида рӯйҳояшонро пӯшида гиря карданд***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" سَبْعَةٌ يُظِلُّهُمْ اللهُ فِي ظِلِّهِ يَوْمَ لاَ ظِلَّ إِلاَ ظِلُّهُ ... وَرَجُلٌ ذَكَرَ اللهَ خَالِيًا فَفَاضَتْ عَيْنَاهُ"

"***Рӯзе, ки дар он рӯз сояе нест, Аллоҳ ҳафт тоифа одамонро ба зери сояи худ мегирад: ...Касе, ки дар танҳоӣ Аллоҳро ба***

***ёд оварда, чашмонаш пур аз ашк мешавад***" (муттафақун алайҳ).

• Ибни Умар ривоят мекунад: "Вақте ки бемории Пайғамбар (с) вазнин шуд, дар бораи намоз сухан рафт. Он кас гуфтанд:

" مُرُوا أَبَا بَكْرٍ فَلْيُصَلِّ بِالنَّاسِ، قَالَتْ عَائِشَةُ إِنَّ أَبَا بَكْرٍ رَجُلٌ رَقِيقٌ إِذَا قَرَأَ غَلَبَهُ الْبُكَاءُ"

"***Абўбакрро бигўед, ки ба намози мардум имоматӣ кунад". Он гоҳ Оиша (р) гуфт: "Абўбакр одами нозуктабъ аст, ҳангоми қироат ўро гиря фаро мегирад***"". Ривояти Бухорӣ. Аммо дар ривояти Муслим гуфта шудааст:

"قَالَتْ فَقُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ إِنَّ أَبَا بَكْرٍ رَجُلٌ رَقِيقٌ، إِذَا قَرَأَ الْقُرْآنَ لاَ يَمْلِكُ دَمْعَهُ"

"***Эй Расулаллоҳ, Абўбакр одами нозуктабъ аст, вақте ки Қуръон мехонад, ашки чашмашро дошта наметавонад***" (муттафақун алайҳ).

• Анас (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) ба Убай ибни Каъб гуфтанд:

" إِنَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ أَمَرَنِي أَنْ أَقْرَأَ عَلَيْكَ ﴿ لَمْ يَكُنِ الَّذِينَ كَفَرُوا ﴾ قَالَ وَسَمَّانِي؟ قَالَ نَعَمْ قَالَ فَبَكَى أُبَيٌّ"

"***Аллоҳ Азза ва Ҷалла ба ман фармуд, ки бароят "Лам якуниллазина кафару"-ро ("Кофирони аҳли китоб ва мушрикон даст барнадоранд" [98:1] ) қироат кунам". Ў гуфт: "Оё номи маро гирифт?" Пайғамбар (с): "Бале", гуфтанд. Он гоҳ Убай гиря кард***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абўҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" لاَ يَلِجُ النَّارَ رَجُلٌ بَكَى مِنْ خَشْيَةِ اللهِ حَتَّى يَعُودَ اللَّبَنُ فِي الضَّرْعِ، وَلاَ يَجْتَمِعُ غُبَارٌ فِي سَبِيلِ اللهِ وَدُخَانُ جَهَنَّمَ"

"***Ҳар кӣ аз Аллоҳ тарсида гиря кунад, то шир ба сина барнагардад, ба дӯзах намедарояд. Ғубори роҳи Аллоҳ бо дуди дӯзах якҷоя намешавад***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, саҳеҳи ҳасан гуфтааст.

- Абдуллоҳ Шахир ривоят мекунад:

"أَتَيْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ وَهُوَ يُصَلِّي وَلِجَوْفِهِ أَزِيزٌ كَأَزِيزِ الْمِرْجَلِ مِنْ الْبُكَاءِ"

"***Ба болои намозхонии Пайғамбар (с) рафтам. Чунон гиря мекарданд, ки аз дарунашон садое мебаромад, ки ба ҷӯшиши дег шабоҳат дошт***". Нававӣ мегӯяд, ки ин ҳадисро Абӯдовуд ва Тирмизӣ дар "Шамоил" бо исноди саҳеҳ ривоят кардаанд.

- Иброҳим ибни Абдурраҳмон ибни Авф ривоят мекунад: "Абдураҳмон ибни Авф рӯзадор буд. Барои ифтор таом оварда шуд. Ӯ гуфт:

" قُتِلَ مُصْعَبُ بْنُ عُمَيْرٍ  وَهُوَ خَيْرٌ مِنِّي، كُفِّنَ فِي بُرْدَةٍ، إِنْ غُطِّيَ رَأْسُهُ بَدَتْ رِجْلاَهُ، وَإِنْ غُطِّيَ رِجْلاَهُ بَدَا رَأْسُهُ، وَأُرَاهُ قَالَ وَقُتِلَ حَمْزَةُ وَهُوَ خَيْرٌ مِنِّي، ثُمَّ بُسِطَ لَنَا مِنْ الدُّنْيَا مَـا بُسِطَ، أَوْ قَالَ أُعْطِينَا مِنْ الدُّنْيَا مَـا أُعْطِينَا، وَقَدْ خَشِينَا أَنْ تَكُونَ حَسَنَاتُنَا عُجِّلَتْ لَنَا، ثُمَّ جَعَلَ يَبْكِي حَتَّى تَرَكَ الطَّعَامَ"

"***Мусъаб ибни Умайр (р)-ро куштанд. Ҳол он ки аз ман беҳтар буд. Ҷомаашро кафан карданд, сарашро пӯшанд, пояш кушода мешуд, пояшро пӯшанд, сараш. Инчунин Ҳамзаро куштанд, ӯ низ аз ман беҳтар буд. Сипас ба мо дунё ҷорӣ шуда омад ва то андозае сарватманд шудем. Метарсам, ки мабодо мукофоти некиҳоямон дар ин дунё дода шуда набошад" ва гиря кард, таомро тановул накард***".

• Ирбоз ибни Сория мегӯяд:

"وَعَظَنَا رَسُولُ اللهِ ﷺ مَوْعِظَةً وَجِلَتْ مِنْهَا الْقُلُوبُ وَذَرَفَتْ مِنْهَا الْعُيُونُ"

"***Пайғамбар (с) ба мо чунон ваъз гуфтанд, ки аз он қалбҳо ба ларза омада, чашмҳо ашколуд шуданд...***". Ин ҳадисро Абӯдовуд ва Тирмизӣ ривоят карда, саҳеҳи ҳасан гуфтаанд.

• Дар ҳадисе, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ ذَكَرَ اللهَ فَفَاضَتْ عَيْنَاهُ مِنْ خَشْيَةِ اللهِ، حَتَّى يُصِيبَ الأَرْضَ مِنْ دُمُوعِهِ، لَمْ يُعَذَّبْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кӣ Аллоҳро ба ёд оварда, аз тарси Ӯ чашмонаш пур аз ашк шуда, ашкҳояш ба замин афтад, рӯзи қиёмат азоб дода намешавад***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст.

• Абӯрайҳона ривоят мекунад: "Вақте ки бо Пайғамбар (с) ба ғазот баромадем, аз он кас шунидам:

" حُرِّمَتْ النَّارُ عَلَى عَيْنٍ دَمَعَتْ مِنْ خَشْيَةِ اللهِ، حُرِّمَتْ النَّارُ عَلَى عَيْنٍ سَهِرَتْ فِي سَبِيلِ اللهِ وَنَسِيتُ الثَّالِثَةَ وَسَمِعْتُ بَعْدُ أَنَّهُ قَالَ حُرِّمَتْ النَّارُ عَلَى عَيْنٍ غَضَّتْ عَنْ مَحَارِمِ اللهِ"

"***Ба чашме, ки аз тарси Аллоҳ ашк мерезад, дӯзах ҳаром карда шуд, ба чашме, ки дар роҳи Аллоҳ бедор аст, дӯзах ҳаром карда шуд". Сеюмашро фаромӯш кардаам, баъдтар шунидам, ки "Ба чашме, ки аз ҳаромкардаҳои Аллоҳ пӯшида мешавад, дӯзах ҳаром карда шуд", гуфта будаанд***". Ривояти Аҳмад. Онро Ҳоким низ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст. Онро инчунин Насоӣ ривоят кардааст ва матн аз они ӯст.

• Ибни Абӯмалика ривоят мекунад: "Дар ҳуҷра бо Абдуллоҳ ибни Амр нишаста будем, ӯ гуфт:

" ابْكُوا فَإِنْ لَمْ تَجِدُوا بُكَاءً فَتَبَاكَوْا، لَوْ تَعْلَمُونَ الْعِلْـمَ لَصَلَّى أَحَدُكُمْ حَتَّى يَنْكَسِرَ ظَهْرُهُ، وَلَبَكَى حَتَّى يَنْقَطِعَ صَوْتُهُ"

"***Гиря кунед, агар гиря наёбед, худро ба гиря андозед. Агар касе аз шумо моҳияти онро медонист, то шикастани миёнаш намоз мехонд ва то гирифтани овозаш гиря мекард***"". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст.

• Алӣ (р) мегӯяд:

" مَـا كَانَ فِينَا فَارِسٌ يَوْمَ بَدْرٍ غَيْرُ الْمِقْدَادِ، وَلَقَدْ رَأَيْتُنَا وَمَـا فِينَا قَائِمٌ إِلاَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ تَحْتَ شَجَرَةٍ يُصَلِّي وَيَبْكِي حَتَّى أَصْبَحَ"

"***Рӯзи Бадр дар байни мо ғайр аз Миқдод саворае набуд. Ғайр аз Расулуллоҳ (с) нафареро надидам, ки (шаб) намоз хонда бошад. Он кас то субҳ дар таги дарахте намоз хонда, гиря карданд***". Ин ҳадисро Ибни Ҳузайма дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Савбон (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"طُوبَى لِـمَـانْ مَلَكَ نَفْسَهُ، وَوَسَعَهُ بَيْتُهُ، وَبَكَى عَلَى خَطِيئَتِهِ"

"***Ҷаннат бод ба касе, ки худро (яъне нафсаширо) идора карда метавонад, хонааш меғунҷонад ва ба хатояш гиря мекунад***".

# *УМЕДВОРӢ АЗ АЛЛОҲ ВА НОУМЕД НАШУДАН АЗ РАҲМАТИ АЛЛОҲ*

Умедвор шудан дар бораи Аллоҳ Субҳонаҳу гумони нек кардан аст. Инсоне, ки дар хусуси Офаридгораш гумони нек мебарад, аз раҳмат, мағфират, нусрат ва сабукӣ додани Ӯ умедвор мешавад. Чунон ки Аллоҳ Субҳонаҳу инсони аз Ӯ тарсандаро ситоиш кардааст, инсони аз Ӯ умедворшударо низ ситоиш мекунад. Чунон ки хавфро воҷиб кардааст, раҷо (умедвор шудан ва дар гумони нек будан)-ро низ воҷиб кард. Аз ин ҷост, ки банда бояд ҳамеша дар хавфу раҷо бошад. Мо дар боло далелҳоро дар хусуси хавф гуфта гузаштем. Акнун дар хусуси раҷо далелҳо меорем.

Далелҳо аз Қуръон:

**إِنَّ الَّذِينَ آمَنُواْ وَالَّذِينَ هَاجَرُواْ وَجَاهَدُواْ فِي سَبِيلِ اللّهِ أُوْلَـئِكَ يَرْجُونَ رَحْمَتَ اللّهِ وَاللّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ**

"***Касоне, ки имон овардаанд ва онон, ки муҳоҷират кардаанд ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод намудаанд, ба раҳмати Аллоҳ умед медоранд ва Аллоҳ омурзанда ва меҳрубон аст!***"

[2:218]

وَادْعُوهُ خَوْفًا وَطَمَعًا إِنَّ رَحْمَتَ اللّهِ قَرِيبٌ مِّنَ الْمُحْسِنِينَ

"***Ва Аллоҳро аз рӯи биму умед бихонед! Ва раҳмати Аллоҳ ба некӯкорон наздик аст***" [7:56]

وَإِنَّ رَبَّكَ لَذُو مَغْفِرَةٍ لِّلنَّاسِ عَلَى ظُلْمِهِمْ وَإِنَّ رَبَّكَ لَشَدِيدُ الْعِقَابِ

"***Парвардигори ту мардумро, бо он ки ситам кардаанд, меомурзад ва низ Парвардигори ту ба сахтӣ уқубат мекунад***" [13:6]

أُولَـئِكَ الَّذِينَ يَدْعُونَ يَبْتَغُونَ إِلَى رَبِّهِمُ الْوَسِيلَةَ أَيُّهُمْ أَقْرَبُ وَيَرْجُونَ رَحْمَتَهُ وَيَخَافُونَ عَذَابَهُ إِنَّ عَذَابَ رَبِّكَ كَانَ مَحْذُورًا

"***Онҳое, ки кофирон ба худоӣ мехонанд, дар садади онанд, ки худ ба даргоҳи Парвардигорашон василае биёбанд ва муқаррибтарин шаванд ва ба раҳмати Ӯ умед мебанданд ва аз азоби Ӯ метарсанд, зеро азоби Парвардигорат тарснок аст!***" [17:57]

إِنَّهُمْ كَانُوا يُسَارِعُونَ فِي الْخَيْرَاتِ وَيَدْعُونَنَا رَغَبًا وَرَهَبًا وَكَانُوا لَنَا خَاشِعِينَ

"***Инон дар корҳои нек шитоб мекарданд ва ба биму умед Моро мехонданд ва дар баробари Мо хошеъ буданд***" [21:90]

أَمَّنْ هُوَ قَانِتٌ آنَاء اللَّيْلِ سَاجِدًا وَقَائِمًا يَحْذَرُ الْآخِرَةَ وَيَرْجُو رَحْمَةَ رَبِّهِ قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُوْلُوا الْأَلْبَابِ

"***Оё он кас, ки дар ҳамаи соати шаб ба ибодат пардохта ё дар суҷуд аст ё дар қиём ва аз охират бимнок аст ва ба раҳмати Парвардигораш умедвор аст, бо он ки чунин нест, яксон аст? Бигӯ: "Оё онҳое, ки медонанд бо онҳое, ки намедонанд, баробаранд?" Танҳо хирадмандон панд мепазиранд***" [39:9]

* * *

Далелҳо аз суннат:

• Восила ибни Асқаъ мегӯяд: "Хурсанд шав, чунки аз Пайғамбар (с) шунидаам:

"قَالَ اللهُ جَلَّ وَعَلاَ: أَنَا عِنْدَ ظَنِّ عَبْدِي بِي، إِنْ ظَنَّ خَيْرًا فَلَهُ، وَإِنْ ظَنَّ شَرًّا فَلَهُ"

"***Аллоҳи Азза ва Ҷалла мегӯяд: "Ман дар назди гумони бандаам, ки дар бораи Ман дорад. Гумони нек кунад ҳам, барои худаш ва гумони бад кунад ҳам, барои худаш аст***"". Ин ҳадисро Аҳмад бо исноди ҳасан ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Ҷумлаи "Гумони бад кунад ҳам, барои худаш" қарина ба он аст, ки ояту ҳадисҳое, ки ба умедвор шудан ва гумони нек кардан мефармоянд, қатъияти талаб, яъне воҷибиро ифода мекунанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"يَقُولُ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ: أَنَا عِنْدَ ظَنِّ عَبْدِي بِي، وَأَنَا مَعَهُ حِينَ يَذْكُرُنِي"

"***Аллоҳи Азза ва Ҷалла мегӯяд: "Ман дар гумони бандаам, ки дар бораи Ман дорад, вақте ки Маро ба хотир меорад, Ман бо ӯ ҳастам***"" (муттафақун алайҳ).

• Ҷобир (р) мегӯяд, ки се рӯз пеш аз вафоти Пайғамбар (с) ҳадиси зеринро шунидааст:

"لاَ يَمُوتَنَّ أَحَدُكُمْ إِلاَّ وَهُوَ يُحْسِنُ الظَّنَّ بِاللهِ عَزَّ وَجَلَّ"

"***Нафаре аз шумо дар ҳолате вафот накунад, ки дар бораи Аллоҳи Азза ва Ҷалла гумони нек надорад***" [Муслим].

• Анас (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) ба назди ҷавоне даромаданд, ки дар дами марг қарор дошт. Он кас гуфтанд:

" كَيْفَ تَجِدُكَ؟ قَالَ: أَرْجُو اللهَ يَا رَسُولَ اللهِ، وَإِنِّي أَخَافُ ذُنُوبِي، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ لاَ يَجْتَمِعَانِ فِي قَلْبِ عَبْدٍ فِي مِثْلِ هَذَا الْـمَوْطِنِ إِلاَّ أَعْطَاهُ اللهُ مَـا يَرْجُو وَآمَنَهُ مِمَـا يَخَافُ"

"***Худро чӣ гуна ҳис карда истодаӣ?" Ӯ гуфт: "Эй Расулаллоҳ, аз Аллоҳ умедвор шуда, аз гуноҳҳоям тарсида истодаам***". ***Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Агар ин ду чиз дар ҳамин ҳолат дар қалби банда ҷамъ шавад, муқаррар аст, ки Аллоҳ чизи умедкардаашро медиҳад ва аз чизи хавфбурдааш эмин мекунад***"". Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моҷа. Ҳофиз Мунзирӣ исноди онро ҳасан гуфтааст.

- Анас (р) ривоят мекунад, ки ин ҳадиси қудсиро аз Пайғамбар (с) шунидааст:

" يقول: قَالَ اللهُ تَعَالَى: يَا ابْنَ آدَمَ إِنَّكَ مَـا دَعَوْتَنِي وَرَجَوْتَنِي غَفَرْتُ لَكَ عَلَى مَـا كَانَ فِيكَ وَلاَ أُبَالِي، يَا ابْنَ آدَمَ لَوْ بَلَغَتْ ذُنُوبُكَ عَنَانَ السَّمَـاءِ ثُمَّ اسْتَغْفَرْتَنِي غَفَرْتُ لَكَ، يَا ابْنَ آدَمَ لَوْ أَتَيْتَنِي بِقُرَابِ الأَرْضِ خَطَايَا ثُمَّ لَقِيتَنِي لاَ تُشْرِكُ بِي شَيْئًا لأَتَيْتُكَ بِقُرَابِهَا مَغْفِرَةً"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Эй фарзанди Одам, агар ба Ман дуо карда, аз Ман умедвор шавӣ, гуноҳҳои аз ту гузаштаро мебахшам ва парво намекунам. Эй фарзанди Одам, гарчи гуноҳҳоят то абрҳои осмон расад ҳам, агар аз Ман мағфират пурсӣ, туро мағфират мекунам. Эй фарзанди Одам, гарчи ба пеши Ман бо гуноҳҳои баробари ғилофи замин биёӣ ҳам, агар ба Ман ҳеҷ касро шарик накарда вохӯрӣ, туро бо мағфирати баробари ҳамон ғилоф пешвоз мегирам***"". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст.

* * *

Ноумед шудан акси умедворист. Аз раҳмат ва мадади Аллоҳ ноумед шудан ҳаром аст. Ба ин далелҳо мавҷуданд.

Далелҳо аз Қуръон:

يَا بَنِيَّ اذْهَبُواْ فَتَحَسَّسُواْ مِن يُوسُفَ وَأَخِيهِ وَلاَ تَيْأَسُواْ مِن رَّوْحِ اللّهِ

"***Эй писарони ман, бираведу Юсуф ва бародарашро биҷӯед ва аз раҳмати Аллоҳ маъюс машавед. Зеро танҳо кофирон аз раҳмати Аллоҳ маъюс мешаванд***" [12:87]

قَالُواْ بَشَّرْنَاكَ بِالْحَقِّ فَلاَ تَكُن مِّنَ الْقَانِطِينَ قَالَ وَمَن يَقْنَطُ مِن رَّحْمَةِ رَبِّهِ إِلاَّ الضَّآلُّونَ

"***Гуфтанд: "Ба ҳақ башоратат додем, аз навмедон мабош!" Гуфт: "Ҷуз гумроҳон чӣ касе аз раҳмати Парвардигораш навмед мешавад?***" [15:55-56]

وَالَّذِينَ كَفَرُوا بِآيَاتِ اللَّهِ وَلِقَائِهِ أُوْلَئِكَ يَئِسُوا مِن رَّحْمَتِي وَأُوْلَئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

"***Ва онон, ки ба оёти Аллоҳ ва дидори Ӯ имон надоранд аз раҳмати Ман навмеданд ва онҳорост азобе дардовар***". [29:23]

قُلْ يَا عِبَادِيَ الَّذِينَ أَسْرَفُوا عَلَى أَنفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا مِن رَّحْمَةِ اللَّهِ إِنَّ اللَّهَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعًا إِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ

"***Бигӯ: "Эй бандагони Ман, ки ба зиёни хеш исроф кардаед, аз раҳмати Аллоҳ маъюс машавед". Зеро Аллоҳ ҳамаи гуноҳонро меомурзад. Ӯст омурзандаву меҳрубон***" [39:53]

* * *

Далелҳо аз суннат:

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" لَوْ يَعْلَمُ الْـمُؤْمِنُ مَـا عِنْدَ اللهِ مِنْ الْعُقُوبَةِ مَـا طَمِعَ بِجَنَّتِهِ أَحَدٌ، وَلَوْ يَعْلَمُ الْكَافِرُ مَـا عِنْدَ اللهِ مِنْ الرَّحْمَةِ مَـا قَنَطَ مِنْ جَنَّتِهِ أَحَدٌ"

"***Агар мӯъмин азоби Аллоҳро медонист, ҳеҷ кас аз ҷаннати Ӯ умедвор намешуд. Агар кофир раҳмати Аллоҳро медонист, ҳеҷ кас аз ҷаннати Ӯ ноумед намешуд***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Фузола ибни Убайд ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" وَثَلاَثَةٌ لاَ تَسْأَلْ عَنْهُمْ: رَجُلٌ نَازَعَ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ رِدَاءَهُ فَإِنَّ رِدَاءَهُ الْكِبْرِيَاءُ وَإِزَارَهُ الْعِزَّةُ، وَرَجُلٌ شَكَّ فِي أَمْرِ اللهِ، وَالْقَنُوطُ مِنْ رَحْمَةِ اللهِ"

"***Се тоифа мардум ҳастанд, ки дар хусуси онҳо напурс: инсоне, ки ридои Аллоҳи Азза ва Ҷалларо талош мекунад, чунки ридои Ӯ Таоло кибр аст ва куртаи Ӯ азизӣ аст; инсоне, ки дар хусуси кори Аллоҳ шак меорад; инсоне, ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед мешавад***". Ривояти Аҳмад, Табаронӣ ва Баззор. Ҳайсамӣ ровиёни онро боэътимод гуфтааст. Бухорӣ онро дар "Аладабалмуфрад" ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд.

• Ду писари Холид: Ҳибба ва Саво ривоят мекунанд: "Ба назди Пайғамбар (с) даромадем. Дидем, ки он кас чизеро таъмир мекунанд, ёрӣ додем. Он кас гуфтанд:

" لاَ تَيْئَسَا مِنْ الرِّزْقِ مَـا تَهَزَّزَتْ رُءُوسُكُمَـا، فَإِنَّ الإِنْسَانَ تَلِدُهُ أُمُّهُ أَحْمَرَ لَيْسَ عَلَيْهِ قِشْرٌ، ثُمَّ يَرْزُقُهُ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ"

"***Модом ки саратон меҷунбад, аз ризқ ноумед нашавед. Чунки инсонро модараш суп-сурх бе ҳеҷ гуна пӯст таваллуд мекунад, пасон Аллоҳи Азза ва Ҷалла ба ӯ ризқ медиҳад***"". Ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа. Онро Ҳиббон низ дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст.

- Ибни Аббос ривоят мекунад: "Нафаре аз Пайғамбар (с) пурсид: "***Эй Расулаллоҳ, гуноҳҳои кабира кадомҳоянд***?" Он кас ҷавоб доданд:

"الشِّرْكُ بِاللهِ، وَالإِيَاسُ مِنْ رَوْحِ اللهِ، وَالْقُنُوطُ مِنْ رَحْمَةِ اللهِ"

"***Ба Аллоҳ ширк овардан, аз сабукӣ додани Аллоҳ ноумед шудан, аз раҳмати Аллоҳ умед кандан***"". Ҳайсамӣ мегӯяд, ки ин ҳадисро Баззор ва Табаронӣ ривоят карда, ровиёни онро боэътимод гуфтаанд. Онро Суютӣ ва Ироқӣ ҳасан гуфтаанд.

Пайғамбарон алайҳимуссалом аз нусрати Аллоҳ ва аз сабукӣ додани Ӯ ноумед нашуданд. Онҳо фақат аз имон овардани қавми худ ноумед шуданд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

حَتَّى إِذَا اسْتَيْأَسَ الرُّسُلُ وَظَنُّواْ أَنَّهُمْ قَدْ كُذِبُواْ جَاءهُمْ نَصْرُنَا فَنُجِّيَ مَن نَّشَاء وَلاَ يُرَدُّ بَأْسُنَا عَنِ الْقَوْمِ الْمُجْرِمِينَ

"***Чун пайғамбарон навмед шуданд ва чунон донистанд, ки онҳоро таксиб мекунанд, ёриашон кардем ва ҳар киро, ки хостем, наҷот додем ва азоби Мо аз мардуми гунаҳкор бозгардонида нашавад!***" [12:110]

Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят кардааст, ки ояти мазкур бо ташдид (كُذِّبُوا) хонда шудааст, яъне пайғамбаронро қавмашон дурӯғгӯ гуфтаанд. Чунки онҳо маъсум, яъне аз гуноҳ поканд.

# САБР ҲАНГОМИ БАЛО

# ВА РОЗӢ ШУДАН БА ҚАЗО

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

أَمْ حَسِبْتُمْ أَن تَدْخُلُواْ الْجَنَّةَ وَلَمَّا يَأْتِكُم مَّثَلُ الَّذِينَ خَلَوْاْ مِن قَبْلِكُم مَّسَّتْهُمُ الْبَأْسَاء وَالضَّرَّاء وَزُلْزِلُواْ حَتَّى يَقُولَ الرَّسُولُ وَالَّذِينَ آمَنُواْ مَعَهُ مَتَى نَصْرُ اللّهِ أَلا إِنَّ نَصْرَ اللّهِ قَرِيبٌ

"***Мепиндоред, ки ба биҳишт хоҳед рафт? Ва ҳанӯз он чӣ бар сари пешиниёни шумо омада, бар сари шумо наёмада? Ба эшон сахтиву ранҷ расид ва мутазалзил шуданд, то он ҷо, ки пайғамбар ва мӯъминоне, ки бо ӯ буданд, гуфтанд: "Пас ёрии Аллоҳ кай хоҳад расид?" Бидон, ки ёрии Аллоҳ наздик аст!***" [2:214]

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ بِشَيْءٍ مِّنَ الْخَوفْ وَالْجُوعِ وَنَقْصٍ مِّنَ الأَمَوَالِ وَالأنفُسِ وَالثَّمَرَاتِ وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ الَّذِينَ إِذَا أَصَابَتْهُم مُّصِيبَةٌ قَالُواْ إِنَّا لِلّهِ وَإِنَّـا إِلَيْهِ رَاجِعونَ

"***Албатта, шуморо ба андаке тарс ва гуруснагиву бенавоӣ ва бемориву нуқсон дар маҳсул меозмоем. Ва шикебоёнро башорат деҳ. Касоне, ки чун мусибате ба онҳо расид, гуфтанд: "Мо аз они Аллоҳ ҳастем ва ба Ӯ бозмегардем". Салавот ва раҳмати Парвардигорашон бар онон бод, ки ҳидоятёфтагонанд***" [2:155-157]

لَتُبْلَوُنَّ فِي أَمْوَالِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ وَلَتَسْمَعُنَّ مِنَ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ مِن قَبْلِكُمْ وَمِنَ الَّذِينَ أَشْرَكُواْ أَذًى كَثِيراً وَإِن تَصْبِرُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ذَلِكَ مِنْ عَزْمِ الأُمُورِ

"***Шуморо ба молу ҷон озмоиш хоҳанд кард. Ва аз забони аҳли китоб ва мушрикон озори фаровон хоҳед шунид. Агар шикебоӣ кунед ва парҳезгор бошед, нишони қудрати иродаи шумост***" [3:186]

وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ

"***Ва шикебоёнро башорат деҳ***" [2:155]

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اصْبِرُواْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, шикебо бошед***" [3:200]

إِنَّمَا يُوَفَّى الصَّابِرُونَ أَجْرَهُم بِغَيْرِ حِسَابٍ

"***Музди собирон беҳисобу комил адо мешавад!***" [39:10].

وَلَمَن صَبَرَ وَغَفَرَ إِنَّ ذَلِكَ لَمِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

"***Ва он ки сабр кунад ва аз хато даргузарад, ин аз корҳои писандида аст***" [42:43]

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اسْتَعِينُواْ بِالصَّبْرِ وَالصَّلاَةِ إِنَّ اللّهَ مَعَ الصَّابِرِينَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз шикебоиву намоз мадад ҷӯед, ки Аллоҳ бо шикебоён аст***" [2:153].

* * *

Пайғамбар (с) мегӯянд:

" إِنَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ إِذَا أَحَبَّ قَوْمًا ابْتَلاَهُمْ فَمَنْ صَبَرَ فَلَهُ الصَّبْرُ وَمَنْ جَزِعَ فَلَهُ الْجَزَعُ"

"***Агар Аллоҳи Азза ва Ҷалла қавмеро дӯст дорад, ба онҳо бало мефиристад. Ҳар кӣ сабр кунад, ба сабр мушарраф мегардад. Ҳар кӣ бетоқатӣ кунад, ба бетоқатӣ дучор мегардад***". Ин ҳадисро Аҳмад аз роҳи Маҳмуд ибни Лабид баровардааст.

• Дар ҳадисе, ки Аҳмад баровардааст, Мусъаб ибни Саъд аз падараш ривоят мекунад: "***Ман пурсидам: "Эй Расулаллоҳ, ба кӣ бало сахттар мешавад?" Он кас посух доданд:***

" الأَنْبِيَاءُ ثُمَّ الصَّالِحُونَ ثُمَّ الأَمْثَلُ فَالأَمْثَلُ مِنْ النَّاسِ يُبْتَلَى الرَّجُلُ عَلَى حَسَبِ دِينِهِ فَإِنْ كَانَ فِي دِينِهِ صَلاَبَةٌ زِيدَ فِي بَلاَئِهِ وَإِنْ كَانَ فِي دِينِهِ رِقَّةٌ خُفِّفَ عَنْهُ وَمَـا يَزَالُ الْبَلاَءُ بِالْعَبْدِ حَتَّى يَمْشِيَ عَلَى ظَهْرِ الأَرْضِ لَيْسَ عَلَيْهِ خَطِيئَةٌ"

"***Ба пайғамбарон, пасон ба солеҳон, пасон ба шахсони монанди онҳо, пасон ба шахсони монанди онҳо ва ҳоказо. Инсон мувофиқи динаш ба бало гирифтор мешавад, агар дар динаш салобат бошад, ба бало мубтало шуданаш ҳам зиёд мешавад, агар дар динаш заифӣ бошад, ба бало мубтало шуданаш ҳам сабук мешавад. Банда пайваста ба бало гирифтор мешавад, ҳатто дар рӯи замин бе хато мегардад***"".

• Дар ҳадисе, ки аз Абӯмолик (р) аз Ашъарӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"وَالصَّبْرُ ضِيَاءٌ"

"***Сабр зиё аст***" [Муслим].

• Дар ҳадисе, ки аз Абӯсаиди Худрӣ (р) ривоят шудааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

"وَمَنْ يَتَصَبَّرْ يُصَبِّرْهُ اللهُ، وَمَـا أُعْطِيَ أَحَدٌ عَطَاءً خَيْرًا وَأَوْسَعَ مِنْ الصَّبْرِ"

"***Ҳар кӣ ба сабр кардан кӯшиш кунад, Аллоҳ ӯро босабр мекунад. Ба ҳеҷ кас неъмати аз сабр беҳтар ва бештар дода нашудааст***" [муттафақун алайҳ].

• Дар ҳадисе, ки аз Абӯяҳё Суҳайб ибни Синон (р) ривоят шудааст, Пайғамбар (с) аз ҷумла гуфтанд:

"وَإِنْ أَصَابَتْهُ ضَرَّاءُ صَبَرَ فَكَانَ خَيْرًا لَهُ"

"***Агар ба ӯ (яъне мӯъмин) ягон мусибат расад, сабр мекунад ва ин барои ӯ як некӣ мешавад***" [Муслим].

• Анас (р) ривоят мекунад:

" مَرَّ النَّبِيُّ ﷺ بِامْرَأَةٍ تَبْكِي عِنْدَ قَبْرٍ، فَقَالَ: اتَّقِي اللهَ وَاصْبِرِي، فَقَالَتْ إِلَيْكَ عَنِّي، فَإِنَّكَ لَمْ تُصَبْ بِمُصِيبَتِي، وَلَمْ تَعْرِفْهُ، فَقِيلَ لَهَا إِنَّهُ النَّبِيُّ ﷺ فَأَتَتْ بَابَ النَّبِيِّ ﷺ فَلَمْ تَجِدْ عِنْدَهُ بَوَّابِينَ، فَقَالَتْ لَمْ أَعْرِفْكَ فَقَالَ: إِنَّمَا الصَّبْرُ عِنْدَ الصَّدْمَةِ الأُولَى"

"***Пайғамбар (с) аз назди зане раҳгузар шуданд, ки дар болои қабр гиря мекард. Он кас гуфтанд: "Аз Аллоҳ тақво кун ва босабр бош". Ӯ нашинохта гуфт: "Бирав аз наздам, ту мисли ман мусибатзада нестӣ". Баъдтар, вақте ки ба ӯ Пайғамбар (с) будани он касро маълум карданд, ба назди дари он кас омада, ягон дарбонеро вонахӯрд ва рост ба наздашон даромада гуфт: "Шуморо нашинохтам". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Сабр (-и ҳақиқӣ) дар зарбаи аввал аст***"" [муттафақун алайҳ].

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" يَقُولُ اللهُ تَعَالَى: مَا لِعَبْدِي الْمُؤْمِنِ عِنْدِي جَزَاءٌ إِذَا قَبَضْتُ صَفِيَّهُ مِنْ أَهْلِ الدُّنْيَا ثُمَّ احْتَسَبَهُ إِلاَّ الْجَنَّةُ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Агар аз ягон бандаам чиз (ё кас)-еро гирам, ки ӯ дар дунё аз ҳама дӯст медорад, сипас ӯ сабру қаноат кунад, подоши ӯ фақат ҷаннат аст***"" [Бухорӣ].

• Оиша (р) ривоят мекунад: "Аз Пайғамбар (с) дар бораи вабо пурсидам, он кас гуфтанд:

" أَنَّهُ كَانَ عَذَابًا يَبْعَثُهُ اللهُ عَلَى مَنْ يَشَاءُ، فَجَعَلَهُ اللهُ تَعَالَى رَحْمَةً لِلْـمُؤْمِنِينَ، فَلَيْسَ مِنْ عَبْدٍ يَقَعُ فِي الطَّاعُونِ، فَيَمْكُثُ فِي بَلَدِهِ صَابِرًا مُحْتَسِبًا يَعْلَمُ أَنَّهُ لاَ يُصِيبُهُ إِلاَّ مَـا كَتَبَ اللهُ لَهُ، إِلاَّ كَانَ لَهُ مِثْلُ أَجْرِ الشَّهِيدِ"

"***Аллоҳ Таоло онро ба ҳар кас, ки хоҳад, мефиристад. Пас Аллоҳ онро барои мӯъминон раҳмат гардонидааст. Агар бандае ба вабо дучор омада, бо сабру қаноат эътиқод кунад, ки ғайр аз навиштаи Аллоҳ чизи дигар намешавад ва аз шаҳраш берун набарояд, ба ӯ монанди савоби шаҳид савоб дода мешавад***"" [Бухорӣ].

• Анас (р) ривоят мекунад, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

" إِنَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ قَالَ: إِذَا ابْتَلَيْتُ عَبْدِي بِحَبِيبَتَيْهِ فَصَبَرَ، عَوَّضْتُهُ مِنْهُمَـا الْجَنَّةَ"

"***Аллоҳ Азза ва Ҷалла мегӯяд: "Агар бандаамро бо гирифтани ду маҳбубаш озмоям ва ӯ сабр кунад, ба ивази он ду маҳбуб ба ӯ биҳиштро медиҳам***"". Аз ду маҳбуб ду чашм ирода карда шудааст. (Бухорӣ).

• Ато ибни Абӯрабоҳ ривоят мекунад: ***"Ба ман Ибни Аббос гуфт: "Ба ту як зани биҳиштиро нишон диҳам?" Гуфтам: "Бале". Ӯ ҳикоя кард:***

" هَذِهِ الْـمَرْأَةُ السَّوْدَاءُ، أَتَتْ النَّبِيَّ ﷺ فَقَالَتْ: إِنِّي أُصْرَعُ، وَإِنِّي أَتَكَشَّفُ، فَادْعُ اللهَ تَعَالَى لِي، قَالَ: إِنْ شِئْتِ صَبَرْتِ وَلَكِ الْجَنَّةُ، وَإِنْ شِئْتِ دَعَوْتُ اللهَ تَعَالَى أَنْ يُعَافِيَكِ، فَقَالَتْ أَصْبِرُ، فَقَالَتْ إِنِّي أَتَكَشَّفُ، فَادْعُ اللهَ أَنْ لاَ أَتَكَشَّفَ فَدَعَا لَهَا"

"***Мана ин зани сиёҳпўст аст, ў ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт, ки "Ман бемории саръ (эпилепсия) дорам, ҳангоми хуруҷи он кушода мешавам (яъне авратам кушода мешавад), дар ҳаққи ман ба Аллоҳ Таоло дуо кунед". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Агар хоҳӣ сабр кун, биҳишт аз они ту мешавад, вагарна ба Аллоҳ Таоло дуо карда мепурсам, ки ба ту шифо диҳад". Он зан гуфт: "Сабр мекунам, фақат дуо кунед, ки кушода нашавам" ва Пайғамбар (с) чунин дуо карданд***"" (муттафақун алайҳ).

- Абдуллоҳ ибни Абўавфо (р) ривоят мекунад:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ فِي بَعْضِ أَيَّامِهِ الَّتِي لَقِيَ فِيهَا الْعَدُوَّ، انْتَظَرَ حَتَّى إِذَا مَـالَتْ الشَّمْسُ قَامَ فِيهِمْ، فَقَالَ: يَا أَيُّهَا النَّاسُ لاَ تَتَمَنَّوْا لِقَاءَ الْعَدُوِّ، وَاسْأَلُوا اللهَ الْعَافِيَةَ، فَإِذَا لَقِيتُمُوهُمْ فَاصْبِرُوا، وَاعْلَمُوا أَنَّ الْجَنَّةَ تَحْتَ ظِلاَلِ السُّيُوفِ، ثُمَّ قَالَ: اللهُمَّ مُنْزِلَ الْكِتَابِ، وَمُجْرِيَ السَّحَابِ، وَهَازِمَ الأَحْزَابِ، اهْزِمْهُمْ وَانْصُرْنَا عَلَيْهِمْ"

"***Пайғамбар (с) рўзе бо душман рў ба рў шуданд. То ғуруби офтоб нигарон шуданд, сипас аз ҷояшон бархоста гуфтанд: "Эй мардум, бо душман вохўрданро орзу накунед, аз Аллоҳ офият пурсед, аммо ҳангоми рў ба рў шудан босабр бошед. Бидонед, ки биҳишт дар зери сояи шамшерҳост". Пасон дуо карданд: "Эй Аллоҳ, Ту Қуръонро нозил кардаӣ, абрҳоро ҳаракат мекунонӣ, душманонро маҳв месозӣ. Душманонро мағлуб сохта, моро бар онҳо ғолиб гардон***"" (муттафақун алайҳ).

* * *

Суханҳое, ки дар боло зикр гардид, дар хусуси сабр кардан ҳангоми бало буд. Акнун дар хусуси ба қазо розӣ шудан таваққуф мекунем. Ибни Абӯосим, Бухорӣ ва Ҳоким ин ҳадисро ривоят кардаанд:

"وَأَسْأَلُكَ الرِّضَا بَعْدَ الْقَضَاءِ"

"***Аз ту розигии баъди қазоро мепурсам***".

Бухорӣ онро дар "Аладабалмуфрад" ривоят кардааст. Ҳоким онро ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст. Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Аллоҳ таслим шудани бандаро ситоиш кардааст. Дар он Пайғамбар (с) гуфтанд:

" أَلاَ أُعَلِّمُكَ أَوْ أَدُلُّكَ عَلَى كَلِمَةٍ مِنْ تَحْتِ الْعَرْشِ مِنْ كَنْزِ الْجَنَّةِ: لاَ حَوْلَ وَلاَ قُوَّةَ إِلاَّ بِاللهِ، يَقُولُ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ أَسْلَمَ عَبْدِي وَاسْتَسْلَمَ"

"***Оё ба ту ҷумлаеро биомӯзам, ки аз зери Арш баромадаасту аз ганҷи биҳишт гирифта шудааст? Он (ибораи) "Нест ҳеҷ қудрате, ки ба Аллоҳ вобаста набошад" аст. (Агар онро гӯӣ), Аллоҳи Азза ва Ҷалла мегӯяд: "Бандаам муслим ва таслим шуд***"". Онро Ҳоким ривоят карда, гуфтааст, ки исноди он саҳеҳ аст ва иллат надорад. Аммо онро шайхайн набаровардаанд. Ибни Ҳаҷар гуфтааст, ки Ҳоким онро бо санади қавӣ баровардааст.

***Аз қазо норозӣ шудан ҳаром аст***. Қирофӣ иҷмои муҷтаҳидонро дар назар дошта мегӯяд: "Аз қазо норозӣ шудан иҷмоан ҳаром аст". Сипас дар эзоҳи фарқи қазо ва кори қазо кардашуда мегӯяд: "Агар инсон ба ягон беморӣ гирифтор шуда, аз рӯи табиати инсониаш алам кашад, ин аз қазо норозӣ шудан нест, балки аз кори қазо кардашуда норозӣ шудан аст. Агар гӯяд, ки: "Барои кадом гуноҳам ба ман ин мусибат расид, ман ба

ин муносиб набудам", на аз чизи қазо кардашуда, балки аз худи қазо норозӣ шудааст". Дар ҳадисе, ки Маҳмуд ибни Лабид ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

" إِنَّ اللهَ إِذَا أَحَبَّ قَوْمًا ابْتَلاَهُمْ، فَمَنْ رَضِيَ فَلَهُ الرِّضَى، وَمَنْ سَخِطَ فَلَهُ السُّخْطُ"

"***Агар Аллоҳ қавмеро дӯст дорад, ба онҳо бало фиристода месанҷад. Ҳар кӣ розӣ шавад, савоби розигӣ аз они ӯст. Ҳар кӣ норозӣ шавад, гуноҳи норозигӣ аз они ӯст***". Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ. Ибни Муфлиҳ исноди онро боэътимод гуфтааст. Ин ҳадис ҳам далел аст, ки аз қазо норозӣ шудан ҳаром мебошад.

Розӣ ё норозӣ шудан кори инсон аст. Аз ҳамин сабаб, барои розӣ шудан савоб ва барои норозӣ шудан ҷазо мегирад. Аммо қазо кори инсон нест. Барои ҳамин ӯ на аз қазо, балки аз розӣ ё норозӣ шудан ба он масъул аст.

وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَانِ إِلَّا مَا سَعَى

"***Ва ин ки барои мардум подоше ҷуз он чӣ худ кардаанд, нест***" [53:39].

Қазо ба гуноҳҳои ӯ кафорат буда, боиси маҳв шудани хатоҳояш мегардад. Ба ин далелҳо бисёранд. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз Абдуллоҳ ривоят шудааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَـا مِنْ مُسْلِمٍ يُصِيبُهُ أَذًى شَوْكَةٌ فَمَـا فَوْقَهَا إِلاَّ كَفَّرَ اللهُ بِهَا سَيِّئَاتِهِ كَمَـا تَحُطُّ الشَّجَرَةُ وَرَقَهَا"

"***Агар ба мусулмоне ба миқдори як хор ё ки калонтар аз он озор расад, чунон ки барги дарахт мерезад, Аллоҳ гуноҳҳои ӯро кафорат мекунад***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لاَ تُصِيبُ الْـمُؤْمِنَ شَوْكَةٌ فَمَـا فَوْقَهَا إِلاَّ قَصَّ اللهُ بِهَا مِنْ خَطِيئَتِهِ"

"***Агар ба мӯъмине ба миқдори як хор ё аз он калонтар мусибат расад, Аллоҳ бо ин як гуноҳи ӯро мебурад***". Боз дар ривояти дигар "***кам мекунад***" гуфта шудааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ва Абӯсаид ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَـا يُصِيبُ الْـمُؤْمِنَ مِنْ وَصَبٍ وَلاَ نَصَبٍ وَلاَ هَمٍّ وَلاَ حَزَنٍ وَلاَ أَذًى وَلاَ غَمٍّ، حَتَّى الشَّوْكَةُ يُشَاكُهَا، إِلاَّ كَفَّرَ اللهُ بِهَا مِنْ خَطَايَاهُ"

"***Агар ба мӯъмине кулфат, беморӣ, ғам, андӯҳ, дилхирагӣ расад, ҳатто агар хоре халад, Аллоҳ бо сабаби он гуноҳҳояшро кафорат мекунад***". Саъд, Муовия, Ибни Аббос, Ҷобир, Уммулало, Абӯбакр, Абдураҳмон ибни Азҳар, Ҳасан, Анас, Шаддод ва Абӯубайда (р) аз Пайғамбар (с) ба маънии зерин ҳадис ривоят кардаанд: "***Бо туфайли бало гуноҳҳо мерезанд***".

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَـا مِنْ مُسْلِمٍ يُشَاكُ شَوْكَةً فَمَـا فَوْقَهَا إِلاَّ رَفَعَهُ اللهُ بِهَا دَرَجَةً، وَحَطَّ عَنْهُ بِهَا خَطِيئَةً"

"***Агар ба мусулмоне хоре халад ё ки мусибати аз он калонтар расад, Аллоҳ бо ҳамин ӯро як дараҷа мебардорад ва як гуноҳашро мерезонад***". Боз дар як ривоят гуфта шудааст:

"إِلاَّ كَتَبَ اللهُ لَهُ بِهَا حَسَنَةً"

"***ба ӯ як некӣ менависад***". Савоб дар ин кор ба қазо розӣ шудан, сабр кардан, шукр гуфтан ва ғайр аз Аллоҳ ба ҳеҷ кас шикоят накардан аст. Дар ин хусус низ ҳадисҳои бисёр ворид шудаанд.

Дар ҳадисе, ки Муслим аз Суҳайб ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" عَجَبًا لأَمْرِ الْـمُؤْمِنِ إِنَّ أَمْرَهُ كُلَّهُ لَهُ خَيْرٌ، إِنْ أَصَابَتْهُ سَرَّاءُ شَكَرَ فَكَانَ خَيْرًا لَهُ، وَإِنْ أَصَابَتْهُ ضَرَّاءُ صَبَرَ فَكَانَ خَيْرًا لَهُ، وَلَيْسَ ذَلِكَ لأَحَدٍ إِلاَّ لِلْـمُؤْمِنِ"

"***Кори мўъмин аҷоиб аст. Ҳар як кори ў некӣ аст. Агар ба ў хурсандӣ расад, шукр мекунад ва ин барои ў некӣ мешавад. Агар ба ў андўҳ расад, сабр мекунад ва ин ҳам барои ў некӣ мешавад. Ин чиз ғайр аз мўъмин бо ҳеҷ кас рух намедиҳад***". Дар ҳадисе, ки Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст, Абўдардо мегўяд: "Аз Абулқосим (с) шунидам:

" إِنَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ قَالَ: يَا عِيسَى إِنِّي بَاعِثٌ مِنْ بَعْدِكَ أُمَّةً، إِنْ أَصَابَهُمْ مَـا يُحِبُّونَ حَمِدُوا اللهَ، وَإِنْ أَصَابَهُمْ مَـا يَكْرَهُونَ احْتَسَبُوا وَصَبَرُوا وَلاَ حِلْـمَ وَلاَ عِلْـمَ، فَقَالَ يَا رَبِّ كَيْفَ يَكُونُ هَذَا؟ قَالَ أُعْطِيهِمْ مِنْ حِلْمِي وَعِلْمِي"

"***Аллоҳи Азза ва Ҷалла мегўяд: "Эй Исо, баъд аз ту умматеро мефиристам. Онҳо чизи дўстдоштаи худро ба даст оранд, ба Аллоҳ ҳамд мегўянд. Ба чизи баддида дучор шаванд, гарчи доно (ҳалим) ва олим набошанд ҳам, бо сабру тоқат аз Аллоҳ интизори авф мешаванд***". ***Он гоҳ Исо пурсид: "Парвардигоро, ин чӣ гуна хоҳад буд?" Аллоҳ гуфт: "Ба онҳо аз доногӣ ва олимии худ медиҳам***"". Дар ҳадисе, ки Табаронӣ бо санади шоям аз Ибни Аббос (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ أُصِيبَ بِمُصِيبَةٍ بِمَـالِهِ أَوْ فِي نَفْسِهِ فَكَتَمَهَا وَلَمْ يَشْكُهَا إِلَى النَّاسِ، كَانَ حَقًّا عَلَى اللهِ أَنْ يَغْفِرَ لَه"

"***Агар ба мол ё худи ягон кас мусибат расад, онро пинҳон дошта, ба мардум шикоят накунад, мағфирати ўро Аллоҳ***

***ба ӯҳда мегирад***". Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِنَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ قَالَ: إِذَا ابْتَلَيْتُ عَبْدِي بِحَبِيبَتَيْهِ فَصَبَرَ عَوَّضْتُهُ مِنْهُمَـا الْجَنَّةَ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Агар бандаамро бо гирифтани ду маҳбубаш имтиҳон кунам ва ӯ сабр кунад, ба ивази он ду маҳбуб ба ӯ биҳиштро медиҳам***"". Дар ҳадисе, ки Бухорӣ дар "Аладабалмуфрад" аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَـا مِنْ مُسْلِمٍ يُشَاكُ شَوْكَةً فِي الدُّنْيَا يَحْتَسِبُهَا إِلاَّ قُضِيَ بِهَا مِنْ خَطَايَاهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Агар дар ин дунё ба мусулмоне хоре халад ва ӯ сабру таҳаммул кунад, ба туфайли ҳамин рӯзи қиёмат аз гуноҳҳои ӯ гирифта мешавад***".

Дар ин ҷо бо мақсади бартараф намудани баъзе нофаҳмиҳо дар мусулмонон мебояд дар хусуси сабр батафсилтар таваққуф намоем.

Агар инсоне бо худ овора шуда, канорагирӣ намояд, амалҳои ҳаромро кардани дигаронро ва ба ҳадҳои Аллоҳ таҷовуз карда, ҷиҳодро ба канор гузоштани онҳоро дида, нисбат ба онҳо муносибати аниқи худро баён накунад, худро ба канор гирифта, бо ин наҳйи мункарро тарк кунад, баъзе одамон инро сабру таҳаммул мепиндоранд.

Боз баъзеи дигар аз зарарҳои рӯбарӯшавӣ бо душманони Аллоҳ эҳтиёт кардани худро ва ба гуфтани сухани ҳақ ё анҷом додани амали Аллоҳ розишаванда ҷуръат накарданро ва дар як кунҷ пинҳон шуда, сукут карданро сабр медонанд.

Ин сабр нест. Аллоҳ биҳиштро ба ин гуна касон омода накардааст.

إِنَّمَا يُوَفَّى الصَّابِرُونَ أَجْرَهُم بِغَيْرِ حِسَابٍ

"***Музди собирон беҳисобу комил адо мешавад!***" [39:10]. Собирони ин оят онҳо нестанд. Баръакс ин оҷизиест, ки Пайғамбар (с) аз он паноҳ пурсидаанд. Ба ин ҳадис таваҷҷӯҳ намоед:

" أَعُوذُ بِاللهِ مِنْ الْعَجْزِ وَالْكَسَلِ وَالْجُبْنِ وَالْبُخْلِ وَالْهَمِّ وَالْحَزَنِ وَغَلَبَةِ الدَّيْنِ وَقَهْرِ الرِّجَالِ"

"***Ман аз оҷизӣ, танбалӣ, тарсу бим, бахилӣ, ғам, хафагӣ, ғолиб омадани қарз, зӯроварии мардум аз Аллоҳ паноҳ мепурсам***".

**Сабр** – гуфтани сухани ҳақ, анҷом додани кори ҳақ ва сар хам нашудаву нола накарда озорҳои роҳи Аллоҳро, ки дар натиҷаи ин корҳо дучор мегардад, бардоштан аст.

**Сабр** – мақомест, ки бо тақво якҷоя қарор дорад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّهُ مَن يَتَّقِ وَيِصْبِرْ فَإِنَّ اللّهَ لاَ يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

"***Зеро ҳар кас, ки парҳезгорӣ кунад ва шикебоӣ варзад, Аллоҳ муздашро табоҳ намесозад***" [12:90]

**Сабр** – ҳамроҳи наздиктарини муҷоҳидон аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَكَأَيِّن مِّن نَّبِيٍّ قَاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَمَا وَهَنُواْ لِمَا أَصَابَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَمَا ضَعُفُواْ وَمَا اسْتَكَانُواْ وَاللّهُ يُحِبُّ الصَّابِرِينَ

"***Чӣ басо пайғамбароне, ки худодӯстони бисёр ҳамроҳи онон ба ҷанг рафтанд ва дар роҳи Аллоҳ, ҳар чӣ ба онҳо расид, сустӣ накарданд ва нотавон нашуданд ва сар фуруд наёварданд ва Аллоҳ шикебоёнро дӯст дорад***" [3:146]

**Сабр** – дар вақти балою қазо налларзида боз ҳам мустаҳкамтар шудан, бо баҳонаи вазнинии мусибат Қуръонро тарк накарда боз ҳам маҳкамтар доштан, аз Парвардигор дур нагашта боз ҳам наздиктар шудан аст.

فَنَادَى فِي الظُّلُمَاتِ أَن لَّا إِلَهَ إِلَّا أَنتَ سُبْحَانَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ الظَّالِمِينَ

"***Ва дар торикӣ нидо дод: "Ҳеҷ худое ҷуз Ту нест. Ту пок ҳастӣ ва ман аз ситамкорон ҳастам***"" [21:87].

**Сабр –** бастани камари ҳиммат, обутоб додани худ ва наздик кардани роҳи биҳишт аст.

**Сабр** – сабри Билол, Хаббоб ва хонаводаи Ёсир аст.

"صَبْراً آلَ يَاسِرٍ إِنَّ مَوْعِدَكُمْ الْجَنَّةُ"

"***Эй хонаводаи Ёсир, сабр кунед, ваъдагоҳи шумо ҷаннат аст***".

**Сабр** – сабри Ҳубайб ва Зайд аст.

"وَاللهِ لاَ أَرْضَى أَنْ يُصَابَ مُحَمَّدٌ ﷺ بِشَوْكَةٍ وَأَنَا سَالِمٌ بِأَهْلِي"

"***Қасам ба Аллоҳ, розӣ нестам, ки ман бо оилаам дар офият бошаму ба Муҳаммад (с) хоре халад***".

**Сабр** – сабри касест, ки дар роҳи Аллоҳ аз ягон маломат натарсида, аз дасти золим дошта метавонад.

" كَلَّا وَاللهِ لَتَأْخُذُنَّ عَلَى يَدِ الظَّالِمِ وَلَتَأْطِرُنَّ عَلَى الْحَقِّ أَطْرًا وَلَتَقْصِرُنَّهُ عَلَى الْحَقِّ قَصرًا أَوْ لَيَضْرِبَنَّ اللهُ قُلُوبَ بَعْضِكُمْ بِبَعْضٍ وَلَيَلْعَنَنَّكُمْ كَمَا لَعَنَ بَنِي إِسْرَائِيلَ"

"***На! Қасам ба Аллоҳ, ки ё шумо аз дасти золим дошта, ўро ба ҳақ сар хам мекунед ё Аллоҳ дилҳоятонро ба ҳам душман***

***сохта, шуморо низ лаънат мекунад, чунон ки Банӣ-Исроилро лаънат карда буд***".

**Сабр** – сабри саҳобагони баргузидаи хушбахту олиҳиммат аст. Сабр – сабри касонест, ки "***Парвардигорам Аллоҳ аст***" гуфта, дар қарорашон пойдор истодаанд, хонаҳояшонро партофта, ба Ҳабашистон ҳиҷрат кардаанд.

**Сабр** – сабри муҳоҷирину ансориён аст, ки мудом бар зидди аҳли ширк мубориза бурда, бар зидди Форсу Рум ҷиҳод кардаанд, ҳаёти худро дар ҷиҳод паси сар намудаанд. Сабр – сабри асирони дастаи Абдуллоҳ ибни Абӯҳузофа мебошад. Сабр – сабри муҷоҳидони мӯъмини содиқ аст.

**Сабр** – ба некӣ фармудан ва аз бадӣ боздоштан аст. Дар рӯ ба рӯи озорҳои роҳи Аллоҳ сар хам нашудан ва нашикастан (яъне устувор истодан) аст.

**Сабр** – як аскари оддӣ будан аст дар сафи лашкари Ислом, ки бар зидди душманони Аллоҳ меҷангад.

Ба ин оятҳои Аллоҳ Таоло таваҷҷӯҳ фармоед:

لَتُبْلَوُنَّ فِي أَمْوَالِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ وَلَتَسْمَعُنَّ مِنَ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ مِن قَبْلِكُمْ وَمِنَ الَّذِينَ أَشْرَكُواْ أَذًى كَثِيراً وَإِن تَصْبِرُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ذَلِكَ مِنْ عَزْمِ الأُمُورِ

"***Шуморо ба молу ҷон озмоиш хоҳанд кард. Ва аз забони аҳли китоб ва мушрикон озори фаровон хоҳед шунид. Агар шикебоӣ кунед ва парҳезгор бошед, нишони қудрати иродаи шумост***" [3:186]

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ حَتَّى نَعْلَمَ الْمُجَاهِدِينَ مِنكُمْ وَالصَّابِرِينَ وَنَبْلُوَ أَخْبَارَكُمْ

"***Ва шуморо меозмоем, то муҷоҳидон ва собиронатонро маълум дорем ва ҳадисатонро ошкор кунем***" [47:31].

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ بِشَيْءٍ مِّنَ الْخَوفْ وَالْجُوعِ وَنَقْصٍ مِّنَ الأَمَوَالِ وَالأنفُسِ وَالثَّمَرَاتِ
وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ الَّذِينَ إِذَا أَصَابَتْهُم مُّصِيبَةٌ قَالُواْ إِنَّا لِلّهِ وَإِنَّـا إِلَيْهِ رَاجِعونَ
أُولَـئِكَ عَلَيْهِمْ صَلَوَاتٌ مِّن رَّبِّهِمْ وَرَحْمَةٌ وَأُولَـئِكَ هُمُ الْمُهْتَدُونَ

"***Албатта, шуморо ба андаке тарс ва гуруснагиву бенавоӣ ва бемориву нуқсон дар маҳсул меозмоем. Ва шикебоёнро башорат деҳ. Касоне, ки чун мусибате ба онҳо расид, гуфтанд: "Мо аз они Аллоҳ ҳастем ва ба Ӯ бозмегардем". Салавот ва раҳмати Парвардигорашон бар онон бод, ки ҳидоятёфтагонанд***" [2:155-157]

**Сабр** – дар ҳаёт тасдиқи амалии оятҳои мазкур шудан аст.

# *ДУО, ЗИКР ВА ИСТИҒФОР*

1. Дуо ибодат аст, балки мағзи ибодат ба ҳисоб меравад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ

"***Парвардигоратон гуфт: "Ба Ман дуо ва илтиҷо кунед, то шуморо посух гӯям. Онҳое, ки аз парастиши Ман саркашӣ мекунанд, зудо, ки дар айни хорӣ ба ҷаҳаннам дароянд!***" [40:60].

Агар ҷумлаи "Ба Ман дуо кунед"-и ин оят бо ибораи "аз парастиш (ибодат)-и Ман" вобаста карда шавад, аён мегардад, ки Аллоҳ Таоло дуоро ибодат гуфта баҳо додааст. Ҳадиси зерини Пайғамбар (с) низ ба ин далолат мекунад:

"الدُّعَاءُ مُخُّ الْعِبَادَةِ"

"***Дуо мағзи ибодат аст***".

Ин ҳадисро Тирмизӣ аз роҳи Нӯъмон ибни Башир бароварда, саҳеҳи ҳасан (ё ҳасани саҳеҳ) гуфтааст.

Модом ки дуо ибодат будааст, Аллоҳ бандаи дуокунандаашро дӯст медорад. Чунки дуо мандуб аст. Ҳар кӣ ба Аллоҳ дуо

накунад, бисёр некиҳоро аз даст додааст. Агар ин рафтори ӯ аз рӯи кибру ҳаво бошад, аз зумраи ашхоси ояти зерин аст:

"***Дар айни хорӣ ба ҷаҳаннам дароянд***".

2. Аллоҳ Субҳонаҳу ба мо роҳи дуо карданро баён карда мегӯяд, ки барои ин мо бояд ба даъвати Аллоҳ ҷавоб диҳем, яъне ба шариати Ӯ сар хам намуда, ба Пайғамбараш пайравӣ кунем:

إِذَا دَعَانِ فَلْيَسْتَجِيبُواْ لِي وَلْيُؤْمِنُواْ بِي لَعَلَّهُمْ يَرْشُدُونَ

"***Пас ба нидои Ман посух диҳанд ва ба Ман имон оваранд, то роҳи рост ёбанд!***" [2:186].

* * *

Пайғамбар (с) мегӯянд:

"يَدْعُوالله وَمَـاكَلُهُ مِنْ حَرَامٍ وَمَشْرَبُهُ مِنْ حَرَامٍ فَأَنَّى يُسْتَجَابُ لَهُ"

"***Ба Аллоҳ дуо мекунад, аммо хӯрокаш аз ҳаром ва нӯшокияш аз ҳаром аст. Пас чӣ тавр дуои ӯ мустаҷоб шавад?!***" (Муслим).

Саҷда, нисфи шаб ва баъд аз намозҳои фарз афзалтарин вақтҳои дуо мебошанд. Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

"أَقْرَبُ مَـا يَكُونُ الْعَبْدُ مِنْ رَبِّهِ وَهُوَ سَاجِدٌ، فَأَكْثِرُوا الدُّعَاءَ"

"***Вақте ки банда аз ҳама бештар ба Парвардигораш наздик мешавад, ҳолати дар саҷда будани ӯст. Пас, бештар дуо кунед***". Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ аз Абӯумома ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст, оварда мешавад: "Аз Пайғамбар (с) пурсиданд, ки кадом дуо бештар мақбул аст. Он кас ҷавоб доданд:

"جَوْفَ اللَّيْلِ الآخِرِ، وَدُبُرَ الصَّلَوَاتِ الْـمَكْتُوبَاتِ"

"***Дуое, ки дар нисфи дуюми шаб ва баъд аз намози фарз карда мешавад***". Савоби дар моҳи рамазон дуо кардан ҳам басо бузург аст. Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ бароварда, ҳадиси ҳасан гуфтааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" ثَلاَثَةٌ لاَ تُرَدُّ دَعْوَتُهُمْ الصَّائِمُ حَتَّى يُفْطِرَ وَالإِمَـامُ الْعَادِلُ وَدَعْوَةُ الْـمَظْلُومِ يَرْفَعُهَا اللهُ فَوْقَ الْغَمَـامِ وَيَفْتَحُ لَهَا أَبْوَابَ السَّمَـاءِ وَيَقُولُ الرَّبُّ وَعِزَّتِي لأَنْصُرَنَّكِ وَلَوْ بَعْدَ حِينٍ"

"***Дуои се тоифа мардум рад карда намешавад: дуои рӯзадор то ифтор кардан, дуои роҳбари одил ва дуои мазлум. Аллоҳ дуоҳои онҳоро ба болои абрҳо бардошта, ба онҳо дарҳои осмонро мекушояд ва Парвардигори олам мегӯяд: "Ба ҳаққи иззатам, албатта ба ту ёрӣ медиҳам, гарчи баъд аз андак вақт бошад ҳам***"".

3. Дуо ибодат буда, маънои ба сабабҳо риоя накарданро надорад. Сирати Пайғамбар (с) ба ин ҳуҷҷати равшан аст.

Пайғамбар (с) дар ҷанги Бадр лашкарро омода сохта, ҳар як дастаро ба ҷои худ гузоштанд. Барои ҷанг тайёрии пухта дида, пасон ба хаймаи худ даромаданд. Дар он ҷо чунон бисёр дуо карданд, ки ҳатто Абӯбакр (р) гуфт: "Як қисми ин ба шумо кифоя мекунад, эй Расулаллоҳ".

Вақте ки ба Пайғамбар (с) аз Макка ба Мадина барои ҳиҷрат кардан рухсат дода шуд, тамоми сабабҳоеро, ки ба наҷот мебарад ва аз дасти фарзанди инсон меояд, истифода бурданд. Дар айни вақт дуо карда, аз Аллоҳ пурсиданд, ки кофирони Қурайшро аз он кас гардонад, аз макри онҳо наҷот диҳад ва ба Мадина сиҳату саломат расонад.

Он кас, раҳмату саломи Аллоҳ бод, ба ҷои он ки ба шимол, яъне ба сӯи Мадина рӯ оранд, ба ҷануб равона шуда, бо Абӯбакр (р) дар ғори Савр пинҳон шуданд. Ба воситаи Абдурраҳмон ибни Абӯбакр дар бораи Қурайш ва нақшаҳои он хабардор мешуданд. Чун Абдурраҳмон ба Макка бармегашт, бо мақсади кӯр кардани паи пойҳои худ ва ба иштибоҳ андохтани кофирони Қурайш ғуломи Абӯбакрро мефармуд, ки гӯсфандонро аз қафои ӯ ронад. То суст шудани ҷустуҷӯи он кас се рӯз дар ҳамон ғор монданд. Пасон беист роҳ паймуда, ба Мадинаи Мунаввара расиданд. Ҳол он ки Пайғамбар (с) боварии комил доштанд, ки ба Мадина сиҳату саломат мерасанд. Чун кофирони Қурайш ба лаби ғор омаданд, Абӯбакр гуфт: "Агар яке аз онҳо ба зери пояш нигоҳ кунад, моро мебинад". Пайғамбар (с) ҷавоб доданд:

"مَـا ظَنُّكَ بِاثْنَيْنِ اللهُ ثَالِثُهُمَـا"

"***Дар бораи ду кас, ки сеюми онҳо Аллоҳ аст, чӣ гумон дорӣ?***".

إِلاَّ تَنصُرُوهُ فَقَدْ نَصَرَهُ اللّهُ إِذْ أَخْرَجَهُ الَّذِينَ كَفَرُواْ ثَانِيَ اثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِي الْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَاحِبِهِ لاَ تَحْزَنْ إِنَّ اللّهَ مَعَنَا

"***Агар шумо ёриаш накунед, он гоҳ, ки кофирон берунаш карданд, Аллоҳ ёриаш кард. Яке аз он ду ба ҳангоме ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: "Андӯҳгин мабош, Аллоҳ бо мост!***" [9:40].

Вақте ки Пайғамбар (с) ва Абӯбакр ҳиҷрат мекарданд (яъне дар роҳ буданд), Суроқа ба онҳо расида, хост мукофотеро ба даст орад, ки Қурайш барои онҳо таъин кардааст. Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд, ки

"بِأَنْ يَرْجِعَ وَلَهُ سِوَارَا كِسْرَى"

"**Агар баргардад, зебу зинатҳои Кисро аз они ӯ**" хоҳад шуд.

Хуллас, бо баробари он ки Пайғамбар (с) намунаи истифода бурдани сабабҳоро нишон доданд, дуо карда аз Аллоҳ пурсиданд, ки аз ҷустуҷӯи кофирони Қурайш наҷот диҳад ва макру ҳилаҳояшонро ба худашон баргардонад. Он кас боварии комил доштанд, ки дуояшон иҷобат мешавад ва Аллоҳ наҷот медиҳад. Бинобар ин, вақте ки (шабона) аз хона баромаданд, ба рӯи кофироне, ки ҳавлияшонро гирд карда буданд, хок пошида гузашта рафтанд. Дар ҳақиқат Аллоҳ онҳоро ба хоб мубтало карда буд.

Аз ин мебарояд, ки дуо бекор кардани истифодаи сабабҳо нест, баръакс бо сабабҳо якҷоя истодан аст.

Шахсе, ки барпо шудани Хилофатро мехоҳад, набояд фақат бо дуо кифоя кунад, балки ҳамроҳи касоне, ки барои ин кор амал мекунанд, амал кунад. Ба таври дигар гӯем, бояд сабабҳоро истифода барад ва бо ихлос бардавом дуо карда, аз Аллоҳ мадад ва ҳар чи зудтар ба рӯёб баромадани мақсади худро пурсад.

Дар тамоми корҳо инсон бояд чунин рафтор кунад, яъне бояд холисона барои Аллоҳ амал намояд, ба Пайғамбар (с) содиқ бошад ва пайваста дуову илтиҷо кунад. Аллоҳ шунаво ва иҷобаткунанда аст.

4. Аллоҳ Субҳонаҳу дуои дуогӯй ва музтар (дармонда)-ро иҷобат мекунад.

وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ

"***Парвардигоратон гуфт: "Ба Ман дуо ва илтиҷо кунед, то шуморо посух гӯям***" [40:60].

وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ فَلْيَسْتَجِيبُواْ لِي

"***Чун бандагони Ман дар бораи Ман аз ту бипурсанд, бигӯ, ки Ман наздикам ва ба нидои касе, ки ба Ман дуо кунад, посух медиҳам***" [2:186].

**أَمَّن يُجِيبُ الْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ السُّوءَ وَيَجْعَلُكُمْ**

"***Ё он ки чун дармонда дуо кунад, ба ӯ посух медиҳад ва ранҷ аз ӯ дур мекунад?!***" [27:62].

Лекин иҷобатшавӣ ҳам ҳақиқати шаръӣ дорад, ки онро Пайғамбар (с) ба ин тарз баён мекунанд:

**" مَـا مِنْ مُسْلِمٍ يَدْعُو اللهَ - عَزَّ وَجَلَّ - بِدَعْوَةٍ لَيْسَ فِيهَا إِثْمٌ وَلاَ قَطِيعَةُ رَحِمٍ إِلاَّ أَعْطَاهُ اللهُ بِهَا إِحْدَى ثَلاَثِ خِصَالٍ: إِمَـا أَنْ يُعَجِّلَ اللهُ لَهُ دَعْوَتُهُ، وَإِمَـا أَنْ يَدَّخِرَهَا لَهُ فِي الآخِرَةِ، وَإِمَـا أَنْ يَصْرِفَ عَنْهُ مِنْ السُّوءِ مِثْلَهَا. قَالُوا: إِذًا نُكْثِرُ. قَالَ: اللهُ أَكْثَرُ"**

"***Агар мусулмоне ба Аллоҳи Азза ва Ҷалла дуо кунад, дар дуояш гуноҳ ва буридани хешутаборӣ набошад, Аллоҳ ба ивази ин дуо ба ӯ яке аз се чизро медиҳад: Ё чизи пурсидаашро дарҳол медиҳад, ё ин дуоро ба охират мемонад, ё ба миқдори ҳамин дуо бадиро аз ӯ дафъ мекунад. Саҳобагон гуфтанд: "Дар ин ҳол бештар дуо мекунем". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Аллоҳ зиёда кунад***"". Ин ҳадисро Аҳмад ва Бухорӣ дар "Аладабалмуфрад" ривоят кардаанд.

Пайғамбар (с) гуфтанд:

**" لاَ يَزَالُ يُسْتَجَابُ لِلْعَبْدِ مَـا لَمْ يَدْعُ بِإِثْمٍ أَوْ قَطِيعَةِ رَحِمٍ مَـا لَمْ يَسْتَعْجِلْ، قِيلَ: يَا رَسُولَ اللهِ، وَمَـا الاسْتِعْجَالُ؟ قَالَ: يَقُولُ قَدْ دَعَوْتُ وَقَدْ دَعَوْتُ فَلَمْ أَرَ يُسْتَجَابُ لِي فَيَتَحَسَّرُ عَنْ ذَلِكَ وَيَدَعُ الدُّعَاءَ"**

"***Дуои банда, модом ки ба гуноҳ ва қатъи хешутаборӣ набошад ва саросема нашавад, ҳамеша мустаҷоб***

***мегардад". Пурсиданд: "Эй Расулаллоҳ, саросема шудан чист?" Он кас ҷавоб доданд: "Бо фикри "Мегӯяд, ки "Ҳамин қадар дуо кардам, мустаҷоб нашуд" ва аз ин малол гашта, дуоро тарк мекунад***". Ин ҳадисро Муслим баровардааст.

Аз ин мебарояд, ки чизи пурсидашуда гоҳо дар дунё дода мешавад, гоҳо тӯшаи охират мешавад, ки соҳиби он савоби зиёди бузургро ба даст медарорад ё то андозае ба балое сипар мешавад, гарчи зуд дода нашавад ҳам.

Инак, агар мо бо садоқат, ихлос ва фармонбардорӣ ба Аллоҳ Субҳонаҳу дуо кунем, пас дар маънои баённамудаи Пайғамбар (с) ба иҷобат боварии амиқ ҳосил кардаем.

Инчунин Аллоҳ Субҳонаҳу моро ба зикр фармудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَاذْكُرُونِي أَذْكُرْكُمْ وَاشْكُرُواْ لِي وَلاَ تَكْفُرُونِ

"***Пас Маро ёд (зикр) кунед, то шуморо ёд кунам***" [2:152].

وَاذْكُر رَّبَّكَ فِي نَفْسِكَ تَضَرُّعاً وَخِيفَةً وَدُونَ الْجَهْرِ مِنَ الْقَوْلِ بِالْغُدُوِّ وَالآصَالِ وَلاَ تَكُن مِّنَ الْغَافِلِينَ

"***Парвардигоратро дар дили худ ба тазаррӯву тарс бе он, ки садои худ баланд кунӣ, ҳар субҳу шом зикр кун ва аз ғофилон набош***" [7:205].

وَاذْكُرُوا اللَّهَ كَثِيراً لَّعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

"***Ва фаровонаш ёд кунед, бошад, ки растагор шавед!***" [62:10].

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اذْكُرُوا اللَّهَ ذِكْرًا كَثِيراً

"***Эй касоне, ки имон овардаед, Аллоҳро фаровон ёд кунед!***" [33:41].

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" يَقُولُ اللهُ أَنَا عِنْدَ ظَنِّ عَبْدِي بِي وَأَنَا مَعَهُ إِذَا ذَكَرَنِي، فَإِنْ ذَكَرَنِي فِي نَفْسِهِ ذَكَرْتُهُ فِي نَفْسِي، وَإِنْ ذَكَرَنِي فِي مَلَإٍ ذَكَرْتُهُ فِي مَلَإٍ خَيْرٍ مِنْهُمْ، وَإِنْ تَقَرَّبَ إِلَيَّ شِبْرًا تَقَرَّبْتُ إِلَيْهِ ذِرَاعًا، وَإِنْ تَقَرَّبَ إِلَيَّ ذِرَاعًا تَقَرَّبْتُ إِلَيْهِ بَاعًا، وَإِنْ أَتَانِي يَمْشِي أَتَيْتُهُ هَرْوَلَةً"

"***Аллоҳ мегӯяд: "Ман дар гумони бандаам, ки дар бораи Ман дорад, вақте ки Маро ба хотир меорад, Ман бо ӯ ҳастам. Агар Маро дар дил ёд кунад, Ман ҳам ӯро дар дил ба ёд меорам. Агар Маро дар ҷамоае ба хотир орад, Ман дар ҷамоаи аз он беҳтар ӯро ба ёд меорам. Агар ба Ман як ваҷаб наздик шавад, Ман ба ӯ як оринҷ наздик мешавам. Агар ба Ман як оринҷ наздик шавад, Ман ба ӯ як газ наздик мешавам. Агар ба сӯи Ман роҳ гардад, Ман ба сӯи ӯ медавам***". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, омадааст:

" كَانَ رَسُولُ اللهِ ﷺ يَسِيرُ فِي طَرِيقِ مَكَّةَ، فَمَرَّ عَلَى جَبَلٍ يُقَالُ لَهُ جُمْدَانُ، فَقَالَ: سِيرُوا، هَذَا جُمْدَانُ سَبَقَ الْـمُفَرِّدُونَ، قَالُوا: وَمَـا الْـمُفَرِّدُونَ يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَ: الذَّاكِرُونَ اللهَ كَثِيراً"

"***Пайғамбар (с) дар роҳи Макка буданд. Чун аз назди кӯҳе, ки онро Ҷамадон меномиданд, гузаштанд, гуфтанд: "Роҳ гардед, дар ин Ҷамадон пеш муфаррид (Аллоҳро ягона донанда)-ҳо гузаштаанд". Пурсиданд: "Эй Расулаллоҳ, муфарридҳо кистанд?" Он кас ҷавоб доданд: "Касоне, ки Аллоҳро бисёр зикр мекунанд***"". Тавре Қарофӣ дар "Захира" меорад, Ҳасан мегӯяд: "Зикр ду хел мешавад: якум, зикри забон, ин хуб аст, аммо бо иҷрои фармонҳо ва худдорӣ аз боздоштҳо зикр кардани Аллоҳ афзалтар аст". Зикрҳои машҳур зиёданд. Метавонед ба манбаи онҳо муроҷиат намоед.

Истиғфор ҳам мандуб аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالْمُسْتَغْفِرِينَ بِالأَسْحَارِ

"***Ва онон, ки дар саҳаргоҳон омурзиш металабанд***" [3:17].

وَمَن يَعْمَلْ سُوءًا أَوْ يَظْلِمْ نَفْسَهُ ثُمَّ يَسْتَغْفِرِ اللّهَ يَجِدِ اللّهَ غَفُورًا رَّحِيمًا

"***Ва ҳар кӣ коре нописанд кунад ё ба худ ситам раво дорад, он гоҳ аз Аллоҳ омурзиш хоҳад, Аллоҳро омурзанда ва меҳрубон хоҳад ёфт***" [4:110].

وَمَا كَانَ اللّهُ لِيُعَذِّبَهُمْ وَأَنتَ فِيهِمْ وَمَا كَانَ اللّهُ مُعَذِّبَهُمْ وَهُمْ يَسْتَغْفِرُونَ

"***То он гоҳ, ки ту дар миёнашон ҳастӣ, Аллоҳ азобашон накунад ва то он гоҳ, ки аз Аллоҳ омурзиш металабанд, низ Аллоҳ азобашон нахоҳад кард***" [8:33].

وَالَّذِينَ إِذَا فَعَلُواْ فَاحِشَةً أَوْ ظَلَمُواْ أَنْفُسَهُمْ ذَكَرُواْ اللّهَ فَاسْتَغْفَرُواْ لِذُنُوبِهِمْ وَمَن يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلاَّ اللّهُ وَلَمْ يُصِرُّواْ عَلَى مَا فَعَلُواْ وَهُمْ يَعْلَمُونَ

"***Ва он касон, ки чун муртакиби коре зишт шаванд ё ба худ ситаме кунанд, Аллоҳро ёд мекунанд ва барои гуноҳони хеш омурзиш мехоҳанд ва кист ҷуз Аллоҳ, ки гуноҳонро биёмурзад? Ва чун ба зиштии гуноҳ огоҳанд, дар он чӣ мекарданд, пой нафушуранд***" [3:135].

Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ، لَوْ لَمْ تُذْنِبُوا، لَذَهَبَ اللهُ تَعَالَى بِكُمْ، وَلَجَاءَ بِقَوْمٍ يُذْنِبُونَ، فَيَسْتَغْفِرُونَ اللهَ تَعَالَى، فَيَغْفِرُ لَهُمْ"

"***Қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, агар гуноҳ накунед, Аллоҳ Таоло шуморо аз байн бардошта, ба ҷои шумо қавмеро меорад, ки гуноҳ карда, ба Аллоҳ Таоло***

***истиғфор мегӯянд ва Аллоҳ Таоло эшонро мағфират мекунад***". Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ бо санади ҳасан баровардааст, Анас (р) ривоят мекунад, ки ҳадиси қудсии зеринро аз Пайғамбар (с) шунидааст:

" قَالَ اللهُ تَعَالَى: يَا ابْنَ آدَمَ إِنَّكَ مَـا دَعَوْتَنِي وَرَجَوْتَنِي غَفَرْتُ لَكَ عَلَى مَـا كَانَ مِنْكَ وَلاَ أُبَالِي، يَا ابْنَ آدَمَ، لَوْ بَلَغَتْ ذُنُوبُكَ عَنَانَ السَّمَـاءِ ثُمَّ اسْتَغْفَرْتَنِي غَفَرْتُ لَكَ وَلاَ أُبَالِي، يَا ابْنَ آدَمَ إِنَّكَ لَوْ أَتَيْتَنِي بِقُرَابِ الأَرْضِ خَطَايَا ثُمَّ لَقِيتَنِي لاَ تُشْرِكُ بِي شَيْئًا لأَتَيْتُكَ بِقُرَابِهَا مَغْفِرَةً"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Эй фарзанди Одам, агар ба Ман дуо карда, аз Ман умедвор шавӣ, ба гуноҳҳои ту парвое намекунам ва мебахшам. Эй фарзанди Одам, агар гуноҳҳоят ба абрҳои осмон расад ва дар ин сурат ҳам, аз Ман мағфират пурсӣ, парво накарда туро мағфират менамоям. Эй фарзанди Одам, гарчи ба назди Ман бо гуноҳи баробари ғилофи замин биёӣ ҳам, агар ба Ман ҳеҷ касро шарик накарда рӯ ба рӯ шавӣ, туро бо мағфирати баробари ҳамон ғилоф пешвоз мегирам***". Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" قَالَ إِبْلِيسُ: وَعِزَّتِكَ، لاَ أَبْرَحُ أُغْوِي عِبَادَكَ مَـا دَامَتْ أَرْوَاحُهُمْ فِي أَجْسَادِهِمْ، فَقَالَ: وَعِزَّتِي وَجَلاَلِي لاَ أَزَالُ أَغْفِرُ لَهُمْ مَـا اسْتَغْفَرُونِي"

"***Иблис мегӯяд: "Ба ҳаққи иззатат, модом ки ҷони бандагонат дар ҷасад аст, ман онҳоро гумроҳ месозам". Аммо Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Ба ҳаққи иззатам ва бузургиям, модом ки онҳо ба Ман истиғфор мегӯянд, Ман онҳоро мағфират мекунам***"". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, ҳасан гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст. Тавре дар Ибни Моҷа бо исноди саҳеҳ меояд, Абдуллоҳ ибни Буср ривоят мекунад, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

"طُوبَى لِـمَـانْ وُجِدَ فِي صَحِيفَتِهِ اسْتِغْفَارٌ كَثِيرٌ"[3]

"***Ҷаннат бод ба касе, ки дар номаи аъмолаш истиғфор бисёр аст***". Тавре дар Муслим меояд, Абӯзарр аз Пайғамбар (с), он кас аз Парвардигори Азза ва Ҷалла ривоят мекунанд:

" يَا عِبَادِي إِنَّكُمْ تُخْطِئُونَ بِاللَّيْلِ وَالنَّهَارِ، وَأَنَا أَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعًا، فَاسْتَغْفِرُونِي أَغْفِرْ لَكُمْ"

"***Эй бандагонам, шумо шабу рӯз гуноҳ мекунед ва Ман ҳамаи гуноҳонро меомурзам. Пас, ба Ман истиғфор гӯед, шуморо мағфират мекунам***".

# *ТАВАККУЛ ВА ИХЛОС БА АЛЛОҲ*

Ба Аллоҳ Субҳонаҳу таваккул кардан ба якчанд масъала алоқаманд аст:

**Якум:** Ба ақида вобаста аст, яъне Офаридгор – Аллоҳ Субҳонаҳу мавҷуд буда, мусулмон дар ба даст овардани фоида ё дафъи зарар ба Ӯ такя мекунад. Ҳар кӣ инро инкор кунад, кофир аст.

**Дуюм:** Банда бояд дар ҳар як кор ба Аллоҳ таваккул кунад. Таваккул кори қалб буда, агар онро қалб тасдиқ накунад, бо забон гуфтани он эътиборе надорад.

Сеюм: Агар банда далелҳои қатъии таваккулро инкор кунад, кофир мешавад.

Чорум: Таваккул аз истифода бурдани сабабҳо фарқ мекунад. Ин ду масъалаҳои гуногун буда, далелҳояшон низ мухталифанд. Пайғамбар (с) ҳам таваккул мекарданд ва ҳам сабабҳоро истифода мебурданд. Саҳобаҳои худро бо воситаи ояту ҳадисҳо ба ҳамин мефармуданд. Он кас сабабҳои монанди гӯр кардани чоҳҳои Бадр, хандақ кофтан, аз Сафвон ба иҷора гирифтани ҷавшанҳо, ҷосусҳо фиристодан, аз Хайбар қатъ кардани об, ҳангоми омодагӣ ба фатҳи Макка аз Қурайш пинҳон доштани хабарҳо, ба Макка бо ҷавшани дуқабата даромадан ва ғайраро истифода мебурданд. То нозил шудани ояти зерини Аллоҳ Таоло:

**وَاللّهُ يَعْصِمُكَ مِنَ النَّاسِ**

"***Аллоҳ туро аз мардум ҳифз мекунад***" [5:67]

ҳатто ба худ посбон гирифта буданд. Ин корҳое мебошанд, ки баъд аз барпо шудани давлат дар Мадина рӯй додаанд.

Аммо дар Макка ба саҳобагон рухсат додаанд, ки ба Ҳабашистон ҳиҷрат кунанд. Ҳимояи амакашон Абӯтолибро қабул кардаанд. Дар он муддате, ки алоқа тамоман қатъ шуда буд, дар дара истоданд. Шаби ҳиҷрат ба Алӣ фармуданд, ки ба ҷои он кас хоб кунад. Дар ғор се шаб хоб рафтанд. Аз Банӣ-Даил як шахси моҳирро киро карданд, то ки роҳ нишон диҳад. Ин ҳама истифода бурдани сабабҳо буда, ба таваккул зид нестанд. Таваккул умуман ба ин корҳо алоқае надорад. Ба ҳам омехтани ин ду масъала таваккулро ба як чизи шаклии бетаъсир табдил медиҳад.

Далелҳо ба воҷиб будани таваккул:

- Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**الَّذِينَ قَالَ لَهُمُ النَّاسُ إِنَّ النَّاسَ قَدْ جَمَعُواْ لَكُمْ فَاخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيمَاناً وَقَالُواْ حَسْبُنَا اللّهُ وَنِعْمَ الْوَكِيلُ**

"***Касоне, ки мардум гуфтандашон, ки мардум барои ҷанг бо шумо гирд омадаанд, аз онҳо битарсед ва ин сухан бар имонашон бияфзуд ва гуфтанд: "Аллоҳ моро басанда аст ва чӣ некӯ ёварест!***" [3:173].

**وَتَوَكَّلْ عَلَى الْحَيِّ الَّذِي لَا يَمُوتُ**

"***Ва бар Он зиндае, ки намемирад, тавакул кун***" [25:58].

**وَعَلَى اللّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ الْمُؤْمِنُونَ**

"**Ва мӯъминон (бояд) бар Аллоҳ таваккул кунанд**" [9:51].

فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللّهِ

"**Ва чун қасди коре кунӣ, бар Аллоҳ таваккул кун**" [3:159].

وَمَن يَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ فَهُوَ حَسْبُهُ

"***Ҳар кӣ ба Аллоҳ таваккул кунад, Аллоҳ ӯро кофист***" [65:3].

فَاعْبُدْهُ وَتَوَكَّلْ عَلَيْهِ

"***Ӯро бипараст ва бар Ӯ таваккул кун***" [11:123].

فَإِن تَوَلَّوْاْ فَقُلْ حَسْبِيَ اللّهُ لا إِلَـهَ إِلاَّ هُوَ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ وَهُوَ رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ

"***Агар бозгарданд, бигӯ: "Аллоҳ барои ман кофист, Аллоҳе ҷуз Ӯ нест, бар Ӯ таваккул кардам ва Ӯст Парвардигори арши бузург***" [9:129].

وَمَن يَتَوَكَّلْ عَلَى اللّهِ فَإِنَّ اللّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ

"***Ҳар кас, ки ба Аллоҳ таваккул кунад, ӯро пирӯзманд ва ҳаким хоҳад ёфт!***" [8:49].

Оятҳои зиёде ҳастанд, ки ба воҷиб будани таваккул далолат мекунанд.

• Дар ҳадисе, ки Ибни Аббос ривоят кардааст, Пайғамбар (с) дар хусуси ҳафтод ҳазор нафар, ки беҳисоб ва беазоб ба ҷаннат медароянд, гуфтанд:

"هُمْ الَّذِينَ لاَ يَرْقُونَ، وَلاَ يَسْتَرْقُونَ، وَلاَ يَتَطَيَّرُونَ، وَعَلَى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ"

"***Онҳо дам намеандозанду дам намеандозонанд, фол намекушоянд ва ба Парвардигорашон таваккул мекунанд***" (муттафақун алайҳ).

• Ибни Аббос ривоят мекунад: "Агар Пайғамбар (с) дар шаб бедор шаванд, намози таҳаҷҷуд мехонданд ва мегуфтанд:

"اَللّٰهُمَّ لَكَ أَسْلَمْتُ، وَبِكَ آمَنْتُ، وَعَلَيْكَ تَوَكَّلْتُ"

"***Эй Аллоҳ, ба Ту таслим шудам, ба Ту имон овардам ва ба Ту таваккул кардам***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯбакри Сиддиқ (р) мегӯяд: "***Вақте ки дар ғор будем, ман пойҳои мушриконро дидам. Онҳо дар болои сари мо меистоданд. Ман гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, агар нафаре аз онҳо зери пои худ нигоҳ кунад, моро мебинад***". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд:

"مَـا ظَنُّكَ يَا أَبَا بَكْرٍ بِاثْنَيْنِ اللهُ ثَالِثُهُمَـا"

"***Эй Абӯбакр, дар хусуси ду касе, ки сеюмашон Аллоҳ аст, чӣ гумон дорӣ?***" (муттафақун алайҳ).

• Уммусалама ривоят мекунад: "Вақте ки Пайғамбар (с) аз хона мебаромаданд, мегуфтанд:

"بِسْمِ اللهِ تَوَكَّلْتُ عَلَى اللهِ"

"***Ба номи Аллоҳ, ба Аллоҳ таваккул кардам***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳадиси ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Онро Нававӣ дар "Риёз" ҳадиси саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِذَا خَرَجَ الرَّجُلُ مِنْ بَيْتِهِ فَقَالَ: بِسْمِ اللهِ تَوَكَّلْتُ عَلَى اللهِ لاَ حَوْلَ وَلاَ قُوَّةَ إِلاَّ بِاللهِ، يُقَالُ لَهُ: حَسْبُكَ، قَدْ كُفِيتَ، وَهُدِيتَ، وَوُقِيتَ، فَيَلْقَى الشَّيْطَانُ شَيْطَانًا آخَرُ، فَيَقُولُ لَهُ: كَيْفَ لَكَ بِرَجُلٍ قَدْ كُفِيَ وَوُقِيَ وَهُدِيَ"

"***Агар инсон дар вақти аз хона баромадан гӯяд: "Ба номи Аллоҳ, ба Аллоҳ таваккул кардам, ҳеҷ қуввае нест, ки ба Аллоҳ вобаста набошад", ба ӯ гуфта мешавад: "Кофист, ту кифоя карда шудӣ, ҳидоят карда шудӣ ва ҳимоя карда***

***шудӣ". Пасон шайтоне ҳангоми вохӯрдан бо шайтони дигар мегӯяд: "Агар ба одами кифоя кардашуда, ҳидоят кардашуда ва ҳимоя кардашуда вохӯрӣ, аҳволат чӣ мешавад?***"". Онро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Абӯдовуд ва Насоӣ онро дар "Мухтора" баровардаанд ва исноди онро саҳеҳ гуфтаанд.

- Дар ҳадисе, ки Умар ибни Хаттоб (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

" لَوْ أَنَّكُمْ تَوَكَّلْتُمْ عَلَى اللهِ حَقَّ تَوَكُّلِهِ، لَرَزَقَكُمْ كَمَا يَرْزُقُ الطَّيْرَ، تَغْدُو خِمَاصًا وَتَرُوحُ بِطَانًا"

"***Агар шумо ба Аллоҳ таваккули ҳақиқӣ мекардед, монанди паррандае, ки пагоҳӣ гурусна рафта, бегоҳӣ сер бармегардад, ба шумо низ ризқ медод***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Онро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Онро Мақдисӣ дар "Мухтора" саҳеҳ гуфтааст.

Ихлос дар тоат риё накардан аст. Он амали қалб буда, онро фақат банда ва Офаридгор медонад. Гоҳо банда ба шубҳа мераваду худро гаштаю баргашта ҳисоб мекунад ва "Тоатро барои чӣ кардам" гуфта гаштаю баргашта ба худ савол медиҳад. Агар баъд аз тадқиқот маълум шавад, ки ӯ амалашро барои Аллоҳ кардааст, кораш холис шудааст. Агар бо мақсади дигар карда бошад, ба кораш риё омехта шудааст. Ин гуна нафсияро ислоҳ бояд кард. Мумкин аст, ки муддати ислоҳ кашол ёбад. Агар банда ба мартабае расида, пинҳон доштани некиҳои худро хоҳад, дар ӯ аломати ихлос намоён шудааст. Қуртубӣ мегӯяд: "***Вақте ки аз Ҳасан дар хусуси ихлос ва риё пурсиданд, ӯ ҷавоб дод: "Хостани пинҳон доштани некиҳои худ ва нахостани махфӣ доштани бадиҳои худ ихлос аст***"". Дар рӯзи Қодисия одамеро диданд, ки ҳар ду дасту пояш бурида шуда буданд ва ӯ ояти зеринро бо диққат мехонд:

"***Ва ҳар кӣ аз Аллоҳву пайғамбараш итоат кунад, ҳамроҳ бо касоне хоҳад буд, ки Аллоҳ неъматашон додааст, чун анбиё ва сиддиқон ва шаҳидону солеҳон ва инон чӣ некӯ рафиқонанд!" [4:69] Аз ӯ пурсиданд: "Эй бандаи Аллоҳ, ту кистӣ?" Ӯ ҷавоб дод: "Яке аз ансориён мебошам***", аммо номашро нагуфт, пинҳон кард.

Ихлос воҷиб аст. Ба ин дар Қуръону суннат далелҳои зиёд мавҷуданд.

Дар сураи "Зумар" Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**إِنَّا أَنزَلْنَا إِلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ فَاعْبُدِ اللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ الدِّينَ**

"***Мо ин Китобро ба ростӣ ба ту нозил кардем. Пас Аллоҳро бипараст ва дини худро барои Ӯ холис гардон***" [39:2].

**أَلَا لِلَّهِ الدِّينُ الْخَالِصُ**

"***Огоҳ бош, ки дини холис аз они Аллоҳ аст***" [39:3].

**قُلْ إِنِّي أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ اللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ الدِّينَ**

"***Бигӯ: "Ман маъмур шудаам, ки Аллоҳро бипарастам ва барои Ӯ дар дин ихлос варзам***" [39:11].

**قُلِ اللَّهَ أَعْبُدُ مُخْلِصًا لَّهُ دِينِي**

"***Бигӯ: "Аллоҳро мепарастам ва барои Ӯ дар дин ихлос меварзам***" [39:14]

Худ аз худ маълум аст, ки сухани ба Пайғамбар хитоб кардашуда ба уммати он кас гуфта шудааст.

Далелҳо аз суннат:

• Дар ҳадисе, ки Тирмизӣ ва Шофеӣ дар "Рисола"-и худ аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" نَضَّرَ اللهُ امْرَأً سَمِعَ مَقَالَتِي فَوَعَاهَا وَحَفِظَهَا وَبَلَّغَهَا، فَرُبَّ حَامِلِ فِقْهٍ إِلَى مَنْ هُوَ أَفْقَهُ مِنْهُ. ثَلاَثٌ لاَ يُغِلُّ عَلَيْهِنَّ قَلْبُ مُسْلِمٍ إِخْلاَصُ الْعَمَلِ لِلهِ، وَمُنَاصَحَةُ أَئِمَّةِ الْـمُسْلِمِينَ، وَلُزُومُ جَمَـاعَتِهِمْ، فَإِنَّ الدَّعْوَةَ تُحِيطُ مِنْ وَرَائِهِمْ"

"***Он шахсеро, ки сухани маро шунида, онро фаҳмидааст ва аз ёд карда, ба дигарон расонидааст, Аллоҳ бардаму саломат кунад. Одатан шахсоне вомехӯранд, ки ба одамони аз худ донотар дониш меомӯзанд. Се чиз ҳаст, ки ба қалби мусулмон сахт намерасад: амалро холис барои Аллоҳ кардан, ба роҳбарони мусулмон насиҳат кардан, ҷамоаи мусулмононро маҳкам доштан. Чунки даъват (дуо) аз паси онҳо иҳота мекунад***". Ин ҳадис дар Ибни Моҷа аз Зайд ибни Собит ривоят шудааст. Онро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Он дар Ибни Моҷа аз Ҷубайр ибни Мутъам низ ривоят шудааст. Ҳоким низ онро ривоят карда, бинобар шарти шайхайн саҳеҳ гуфтааст. Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ҳадиси мазкурро аз Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст. Баззор онро бо исноди ҳасан баровардааст. Суютӣ онро дар "Алазҳаралмутанасира" дар қатори ҳадисҳои мутавотир овардааст.

• Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Убай ибни Каъб ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" بَشِّرْ هَذِهِ الأُمَّةَ بِالسَّنَاءِ وَالرِّفْعَةِ وَالنَّصْرِ وَالتَّمْكِينِ فِي الأَرْضِ، فَمَنْ عَمِلَ مِنْهُمْ عَمَلَ الآخِرَةِ لِلدُّنْيَا لَمْ يَكُنْ لَهُ فِي الآخِرَةِ نَصِيبٌ"

"***Ба ин уммат дар хусуси бузургӣ, пешқадамӣ, пирӯзӣ ва имконият додан дар рӯи замин мужда бидеҳ. Ҳар кӣ кори***

***охиратро барои дунё кунад, дар охират барои ӯ насибае намешавад***". Дар "Мухтора" исноди онро ҳасан гуфтаанд.

- Дар ҳадисе, ки Ибни Моҷа аз Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَنْ فَارَقَ الدُّنْيَا عَلَى الإِخْلاَصِ لِلَّهِ وَحْدَهُ لاَ شَرِيكَ لَهُ، وَأَقَامَ الصَّلاَةَ، وَآتَى الزَّكَاةَ، فَارَقَهَا وَاللهُ عَنْهُ رَاضٍ"

"***Агар бандае, ки бе шарик танҳо барои Аллоҳ ихлос кардааст ва намоз хонда, закот додааст, аз дунё гузарад, Аллоҳ аз ӯ розӣ мешавад***". Ин ҳадисро Ҳоким низ ривоят карда, аз рӯи шарти шайхайн саҳеҳ гуфтааст.

- Дар ҳадисе, ки Абӯумома Боҳилӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِنَّ اللهَ لاَ يَقْبَلُ مِنْ الْعَمَلِ إِلاَّ مَـا كَانَ لَهُ خَالِصًا، وَابْتُغِيَ بِهِ وَجْهُهُ"

"***Аллоҳ танҳо он амалеро қабул мекунад, ки бо умеди дидори Ӯ холисона карда шудааст***". Мунзирӣ исноди ин ҳадисро мӯътамад гуфтааст.

# *СУБОТ ДАР БОЛОИ ҲАҚ*

Даъваткунанда чи дар диёри куфр ва чи дар диёри исломӣ вазифаҳои хоса дорад. Агар дар диёри куфр бошад, ӯ бояд барои ба диёри Ислом табдил додани он амал кунад. Агар дар диёри Ислом бошад, ӯ бояд бо назорат, амри маъруф ва наҳйи мункар машғул шавад. Мо дар ин мавзӯъ дар хусуси ҳолати якум тавaққуф мекунем. Инак, имрӯз дар охири чоряки якуми асри XV-уми ҳиҷрӣ қарор дорем. Аз он даме ки Хилофат барҳам хӯрд, Ислом аз ҳаёти мусулмонон барканор карда шуд ва дар тамоми рӯи замин пасткашон ҳукмрон гаштанд, ҳаштод сол сипарӣ шуд. Умуман ҳамаи мусулмонон ва хусусан даъваткунандагон рӯзҳоеро паси сар менамоянд, ки аҳволашон ба аҳволи мусулмонони даври Макка монанд гаштааст. Илова бар ин, онҳо бояд ҳукмҳоеро, ки баъд аз ҳиҷрат нозил шудааст, ба ҷо оранд. Азбаски ҳар ду ҳолат ба якдигар монанд аст, ин ҷо мо фақат бо корҳои пеш аз ҳиҷрат маҳдуд мегардем. Кофирони Макка аз мусулмонон талаб мекарданд, ки кофир шаванд, аз Ислом баргарданд, даъват накунанд, ибодати худро ба мардум маълум нанамоянд. Ҳокимони золими имрӯза айнан чунин рафтор мекунанд, балки аз онҳо ҳам мегузаронанд. Онҳо аз даъваткунандагон талаб мекунанд, ки ба ҳукмронии пасткашон хизмат кунанд, бо онҳо ҳамкорӣ намоянд ва ба гумоштагони фикрӣ ва ҷосусон табдил ёбанд. Ин гумоштагон ва ҷосусон

фикрҳоеро ривоҷ медиҳанд, ки дар диёрҳои мусулмонон муддати мавҷудияти нуфузи кофиронро дароз мекунад. Ин лашкаре, ки аз ҷосусон, гумоштаҳои фикрию фатводиҳанда ташкил ёфтааст, фаровон ёфт мешавад. Мепиндорам, ки ин гуна талаби палидонаро ҳатто Қурайш ҳам ба миён нагузоштааст. Кофирони Макка барои ба рӯёб баровардани талабҳои мазкур монанди куштан, азобдиҳӣ, озурдан, ҳабскунӣ, бастан, аз ҳиҷрат боздоштан, кашида гирифтани молу мулк, тамасхур, кам кардани ризқ, қатъи алоқа, паҳн кардани хабарҳои бардурӯғу бофта услубҳои гуногунро истифода бурданд. Ҳокимони золими имрӯза ҳам айнан ҳамин услубҳоро истифода бурданд, аз онҳо ҳам гузаронданд. Кашфиётҳои замонавиро, монанди қувваи барқ, на дар ривоҷдиҳии саноат, балки дар азобдиҳии мусулмонон истифода бурданд. Дар рӯ ба рӯи ин корҳо Пайғамбар (с) ва саҳобагон мавқеи хоса доштанд. Аз онҳо намуна гирифтан ва ба онҳо пайравӣ кардан ба мо воҷиб аст. Акнун дар хусуси талабҳои кофирон, услубҳои истифодабурдаи онҳо ва мавқеи мусулмонон нисбат ба онҳо батафсилтар таваққуф мекунем. Услубҳое, ки кофирони Макка истифода бурданд:

Задан: Ҳоким аз Анас (р) ривоят мекунад:

**" لَقَدْ ضَرَبُوا رَسُولَ اللهِ ﷺ حَتَّى غُشِيَ عَلَيْهِ، فَقَامَ أَبُو بَكْرٍ فَجَعَلَ يُنَادِي وَيَقُولُ: وَيْلَكُمْ أَتَقْتُلُونَ رَجُلاً أَنْ يَقُولَ رَبِّيَ اللهُ؟ قَالُوا: مَنْ هَذَا؟ قَالُوا: هَذَا ابْنُ أَبِي قُحَافَةَ الْـمَجْنُونُ"**

"***Пайғамбар (с)-ро то аз ҳуш рафтан заданд. Абӯбакр (р) бархоста фарёд кашид: "Вой бар ҳоли шумо, оё мардеро, ки мегӯяд, ки Парвардигори ман Аллоҳи яктост, мекушед?" Пурсиданд: "Кист ин?" Ҷавоб доданд: "Писари девонаи Абӯқаҳҳофа аст***"". Ин ҳадисро Ҳоким дар "Мустадрак" баровардааст ва бинобар шарти Муслим исноди онро саҳеҳ

гуфтааст. Муслим дар хусуси мусулмон шудани Абӯзарр аз худи ӯ ривоят мекунад:

" فَأَتَيْتُ مَكَّةَ فَتَضَعَّفْتُ رَجُلاً مِنْهُمْ، فَقُلْتُ أَيْنَ هَذَا الَّذِي تَدْعُونَهُ الصَّابِئَ؟ فَأَشَارَ إِلَيَّ فَقَالَ: الصَّابِئَ، فَمَالَ عَلَيَّ أَهْلُ الْوَادِي بِكُلِّ مَدَرَةٍ وَعَظْمٍ حَتَّى خَرَرْتُ مَغْشِيًّا عَلَيَّ، قَالَ فَارْتَفَعْتُ حِينَ ارْتَفَعْتُ كَأَنِّي نُصُبٌ أَحْمَرُ"

"***Сипас ба Макка омадам ва чун яке аз онҳоро андаке нарм карда: Куҷост марде, ки шумо онро аздинбаргашта мепиндоред, - гуфтам, вай ба сӯи ман ишора карда гуфт: "Ин аз дин баргаштааст". Он гоҳ тамоми аҳли водӣ ба ман ҳамла карда, бо панҷшоха, устухон ва ҳар чизи ба дасташон афтода то аз ҳуш рафтан маро латукӯб намуданд. Вақте ки аз ҷоям бархостам, ба ҳайкали суп-сурх монанд шуда будам...***".

**Бастан:** Бухорӣ дар масҷиди Кӯфа аз Саид ибни Зайд ибни Амр ибни Нуфайл ривоят мекунад:

" وَاللهِ لَقَدْ رَأَيْتُنِي وَإِنَّ عُمَرَ لَمُوثِقِي عَلَى الإِسْلاَمِ، قَبْلَ أَنْ يُسْلِمَ عُمَرُ، وَلَوْ أَنَّ أُحُدًا ارْفَضَّ لِلَّذِي صَنَعْتُمْ بِعُثْمَانَ لَكَانَ"

"***Қасам ба Аллоҳ, ки Умар пеш аз Ислом оварданаш маро барои мусулмон шуданам баста буд. Агар кас барои корҳое, ки шумо дар ҳаққи Усмон кардед, ашк резад, меарзад***". Дар ривояти Ҳоким гуфта шудааст: "***Маро ва модарамро баста буд***". Ҳоким ин ҳадисро бинобар шарти шайхайн саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст.

**Аз тарафи модар фишор овардан:** Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Мусъаб ибни Саъд, ӯ аз падараш ривоят мекунад: "***Модари Саъд гуфт: "Оё Аллоҳ ба некӣ нафармудааст? Қасам ба Аллоҳ, ки ё ман нахӯрдаву нанӯшида мемирам, ё***

***ту кофир мешавӣ***". Агар ба ӯ таом хӯронданӣ мешуданд, ба даҳонаш маҷбуран мерехтанд. Пасон ояти зерин нозил шуд:

وَوَصَّيْنَا الْإِنسَانَ بِوَالِدَيْهِ حُسْنًا

"***Ба одамӣ сафориш кардем, ки ба падару модари худ некӣ кунад***" [29:8].

**Дар офтоб тафсондан:** Абдуллоҳ ривоят мекунад: "***Ҳафт нафар пеш аз ҳама мусулмон шудани худро ошкор карданд. Аллоҳ Таоло Пайғамбар (с)-ро бо амакашон Абӯтолиб, Абӯбакрро бо қавмаш ҳимоя кард. Аммо дигаронро мушрикон дастгир карда, ҷавшани оҳанин пӯшонданд ва дар офтоб гузоштанд. Ғайр аз Билол мусулмоне набуд, ки талаби мушриконро иҷро накарда бошад. Билол дар роҳи Аллоҳи Азза ва Ҷалла ин озорҳоро ночиз донист. Қавмаш ӯро таҳқир намуда, ба кӯдакон доданд. Онҳо Билолро дар дараҳои Макка сазо дода давр мезанонданд, ӯ бошад, беист "Аҳад, Аҳад" мегуфт***". Ин ҳадисро Ҳоким дар "Мустадрак" ривоят карда, иснодашро саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ дар "Таърих" маъқул донистааст, лекин онро ду шайх набаровардаанд. Онро Ибни Ҳиббон низ дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст.

**Овозро баланд накунондан ва ба мардум омехта накардан:** Дар ҳадиси дароз, ки Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят кардааст, аз ҷумла гуфта мешавад: "***Қурайш ҳимояи Ибни Дуғуннаро инкор накард. Ба вай гуфтанд: "Ӯро бифармо, ки фақат дар ҳавлиаш ибодат кунад, ба берун набаромада, чӣ қадар хоҳад, ҳамон қадар намоз хонда, тиловат кунад, вале ба ҳама шунавонида моро озор надиҳад, зеро аз фитнанок шудани зану фарзандонамон метарсем***". ***Ибни Дуғунна инро ба Абӯбакр гуфт. Баъд аз ин Абӯбакр танҳо дар ҳавлии худ ба Парвардигор ибодат мекард, намоз мехонд, қироат мекард. Пасон ба фикри масҷид сохтан омад ва дар як***

*кунҷи ҳавлӣ масҷид сохт. Дар он ҷо намоз мехонд ва Қуръон тиловат мекард. Занҳо ва кӯдакони мушрикон дар назди ӯ ҷамъ меомаданд. Ин кор барои онҳо мароқовар буда, тамошо мекарданд. Абӯбакр одами нозуктабъ буда, ҳангоми тиловати Қуръон худро аз гиря дошта наметавонист. Ин чиз пешвоёни Қурайшро ба даҳшат овард. Ба Ибни Дуғунна сафир фиристоданд. Чун ӯ омад, гуфтанд: "Мо ба ҳимоя гирифтани Абӯбакрро аз ту фақат бо шарти дар ҳавлиаш ибодат кардан пазируфта будем, ӯ аз ҳад гузашт, дар як канори ҳавлиаш масҷид сохта, намоз ва қироати худро эълон кард, мо аз фитнанок шудани зану фарзандонамон метарсем, ӯро боздор, агар фақат бо ибодат кардан дар ҳавлиаш маҳдуд шавад, дар ҳоли пешина боқӣ монад, агар саркашӣ намуда гӯяд, ки ошкоро мекунам, аз ӯ пурс, ки ҳимояи аз ту гирифтаашро баргардонад. Зеро мо намехоҳем ваъдаеро, ки ба ту додем, вайрон кунем ва айни вақт розӣ нестем, ки Абӯбакр кори худро ошкоро давом диҳад"*".

**Санг партофтан:** Ибни Ҳиббон ва Ибни Ҳузайма дар "Саҳеҳ"-ҳои худ аз Ториқ Мухорибӣ ривоят мекунанд: "Аз бозори Зулмаҷоз гузаштани Пайғамбар (с)-ро дида будам. Он кас ба бар либоси сурх доштанд ва мегуфтанд:

"يَا أَيُّهَا النَّاسُ قُولُوا لاَ إِلَهَ إِلاَّ اللهُ تُفْلِحُوا"

"*Эй мардум, гӯед, ки нест илоҳе ҷуз Аллоҳ, наҷот меёбед*". *Касе аз қафои он кас рафта, санг мепартофт. Рӯи по ва ду буҷулаки пои он кас хунолуд шуд. Ӯ мегуфт:* "*Эй мардум, ба ӯ гӯш надиҳед, ӯ каззоб аст*". *Ман пурсидам, ки ин мард кист. Гуфтанд:* "*Ин ғуломи Банӣ-Абдулмутталиб аст*". *Ман пурсидам: Касе, ки аз қафои он кас рафта санг мезанад, ӯ кист? Гуфтанд, ки ӯ Абдулуззо Абӯлаҳаб мебошад*".

**Партофтани рўдаю ишкамба ва дигар ахлотҳо:** Бухорӣ аз Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад: "***Пайғамбар (с) дар саҷда буданд. Дар атрофашон қурайшиҳо меистоданд. Уқба ибни Абўмуайт ишкамбаи ҳайвони забҳшударо оварда ба болои Пайғамбар (с) партофт. Он кас сарашонро набардоштанд. Фотима (р) омада, онҳоро гирифт ва анҷомдиҳандаи ин корро дуои бад кард. Он гоҳ Пайғамбар (с) дуо карданд:***

**" اللّٰهُمَّ عَلَيْكَ الْـمَلأَ مِنْ قُرَيْشٍ أَبَا جَهْلِ بْنَ هِشَامٍ، وَعُتْبَةَ بْنَ رَبِيعَةَ، وَشَيْبَةَ بْنَ رَبِيعَةَ، وَأُمَيَّةَ بْنَ خَلَفٍ، أَوْ أُبَيَّ بْنَ خَلَفٍ"**

"***Эй Аллоҳ, ҷазои ин гурўҳи Қурайшро – Абўҷаҳл ибни Ҳишом, Утба ибни Рабиа, Шайба ибни Рабиа, Умайя ибни Халаф ё ки Убай ибни Халафро худат деҳ***"". Ровӣ мегўяд: "***Онҳо дар рўзи Бадр кушта шуданд ва ғайр аз Умайя ё Убай дигаронро ба чоҳ партофтанд. Бўғумҳои ононе, ки ба чоҳ партофта нашуданд, пора-пора бурида шуда буд***". Дар ҳадисе, ки аз Ибни Саъд дар "Табақот" аз Оиша (р) ривоят карда шудааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

**" كُنْتُ بَيْنَ شَرِّ جَارَيْنِ، بَيْنَ أَبِي لَهَبٍ وَعُقْبَةَ بْنِ أَبِي مُعِيطٍ، إِنْ كَانَا لَيَأْتِيَانِ بِالْفُرُوثِ، فَيَطْرَحَانِهَا عَلَى بَابِي، حَتَّى إِنَّهُمْ لَيَأْتُونَ بِبَعْضِ مَـا يَطْرَحُونَ مِنْ الأَذَى، فَيَطْرَحُونَهُ عَلَى بَابِي"**

"***Дар байни ду ҳамсояи бад – Абўлаҳаб ва Уқба ибни Абўмуайт, будам. Рўдаю ишкамбаҳоро ба назди дарвозаам мепартофтанд. Ҳатто ахлотҳои дигарро низ ба назди дарвозаам мепартофтанд***". ***Пайғамбар (с) онҳоро бартараф мекарданд ва мегуфтанд: "Эй Банӣ-Абдуманоф, ин чӣ ҳамсоягӣ аст?***"

**Кўшиш барои ба гардан савор шудан ва ба рў хок пошидан:** Муслим аз Абўҳурайра ривоят мекунад: "***Абўҷаҳл гуфт: "Оё мехоҳед дар пеши чашми шумо ба рўи Муҳаммад***

***хок пошанд***". ***Гуфтанд: "Оре". Он гоҳ ӯ гуфт: "Қасам ба Лот ва Уззо, ки агар боз чунин кардани ӯро бинам, ё ба гарданаш савор мешавам, ё ба рӯяш хок мепошам". Ҳангоми намоз хондани Пайғамбар (с) омада, акнун мехост ба гарданашон савор шавад, ногаҳон ба ақиб баргашта, бо даст аз чизе ба ҳимоякунӣ сар кард. Ба ӯ гуфтанд: "Ба ту чӣ шуд". Дар ҷавоб гуфт: "Байни ману ӯ як хандақи оташдор, чизи даҳшатовар ва болҳо пайдо шуд***". Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لَوْ دَنَا مِنِّي لاخْتَطَفَتْهُ الْـمَلاَئِكَةُ عُضْوًا عُضْوًا"

"***Агар ба ман наздик меомад, фариштагон ӯро пора-пора мекарданд***".

**Азобдиҳии мутлақ:** Заҳабӣ дар "Таърих", Байҳақӣ дар "Шаъб", Ибни Ҳишом дар "Сират" ва Аҳмад дар "Фазоилуссаҳоба" аз Урва (р) ривоят мекунанд: "***Варақа ибни Навфал аз назди Билол, ки азоб дода мешуд ва зикри "Аҳад, Аҳад"-ро ба забон меовард, гузашта мегуфт: "Эй Билол, Аллоҳ яккаву ягона аст". Пасон ба назди Умайя ибни Халаф ва аҳли Банӣ-Ҷамҳ, ки ӯро азоб медоданд, омада мегуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки агар ӯро бикушед, ба ӯ дилам сахт месӯзад". Ҳавлии Абӯбакр дар Банӣ-Ҷамҳ буд. Ӯ аз назди Билол, ки азоб дода мешуд, гузашта ба Умайя гуфт: "Оё дар ҳаққи ин мискин аз Аллоҳ наметарсӣ, то кай ин корро давом медиҳӣ?" Умайя гуфт: "Ту ӯро вайрон кардӣ, акнун худат халос кун". Абӯбакр гуфт: "Розиям, ман ғуломе дорам, ки аз ӯ бақувваттар ва тобовартар аст ва дар дини туст, ҳамонро иваз мекунам". Умайя гуфт: "Қабул кардам". Абӯбакр гуфт: "Ӯ аз они туст" ва ба ҳамон ғуломаш Билолро иваз карда, озод намуд. Абӯбакр пеш аз ҳиҷрат кардани худ дар Макка шаш нафар ғуломро барои мусулмон шуданашон озод карда буд. Билол ҳафтуми онҳо буд. Дар байни онҳо Уммуабийс, Зиннира ва Омир ибни***

***Фаҳира буданд, ки Бадру Уҳудро дидаанд ва дар рӯзи чоҳи Мауна шаҳид шудаанд. Дар ҳадисе, ки Ҷобир (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) аз назди Аммор ва оилаи ӯ, ки азоб дода мешуданд, гузашта гуфтанд:***

"أَبْشِرُوا آلَ عَمَـارٍ وَآلَ يَاسِرٍ فَإِنَّ مَوْعِدَكُمْ الْجَنَّةُ"

"***Эй оилаи Аммор, эй оилаи Ёсир, хушҳол бошед, чунки ба шумо ҷаннат ваъда карда шуд***". Ин ҳадисро Ҳоким дар "Мустадрак" бароварда, бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст. Онро Заҳабӣ дар "Талхис" маъқул донистааст. Аҳмад бо санаде, ки ровиҳояш боэътимоданд, аз Усмон (р) ривоят мекунад: "***Бо Пайғамбар (с) дар водӣ равон будем. Он кас аз дастам дошта буданд. Чун ба назди Аммор ва оилаи ӯ, ки азоб дода мешуд, омадем, Абӯаммор гуфт: "Эй Расулаллоҳ, замон ҳамин будааст!***" Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд:

"اِصْبِرْ ثُمَّ قَالَ: اللَّهُمَّ اغْفِرْ لآلِ يَاسِرٍ وَقَدْ فَعَلْتُ"

"***Сабр кун", сипас боз гуфтанд: "Эй Аллоҳ, ман оилаи Ёсирро бахшидам, Ту низ бубахш***".

**Гурусна гузоштан:** Дар ҳадисе, ки Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Анас ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" لَقَدْ أُوذِيتُ فِي اللهِ وَمَـا يُؤْذَى أَحَدٌ، وَلَقَدْ أُخِفْتُ فِي اللهِ وَمَـا يُخَافُ أَحَدٌ، وَلَقَدْ أَتَتْ عَلَيَّ ثَلاَثٌ مِنْ بَيْنِ يَوْمٍ وَلَيْلَةٍ وَمَـا لِي طَعَامٌ إِلاَّ مَـا وَارَاهُ إِبِطُ بِلاَلٍ"

"***Дар роҳи Аллоҳ ҳеҷ кас мисли ман озор дода нашудааст. Дар роҳи Аллоҳ ҳеҷ кас мисли ман тарсонида нашудааст. Ба сарам ҳолате омад, ки се шабонарӯз ғайр аз чизи ба бағали Билол ғунҷанда дигар хӯрданӣ надоштам***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ" ва Ҳоким дар "Мустадрак" аз Холид ибни Умайри Адавӣ ривоят мекунанд: "***Ба мо Утба ибни Ғазавон хутба кард ва баъд аз ҳамду сано ба Аллоҳ гуфт: "Ман худро яке аз ҳафт***

***нафар мешумурам, ки бо Пайғамбар (с) буданд. Мо ғайр аз барги дарахт дигар хўрданӣ надоштем, канори даҳонамон кафида, яра зер мекард. Ман як ҷомаро барои худ ва "Саворан Ислом", яъне Саъд ибни Абўваққос ду тақсим кардам. Нимашро Саъд ба худ пешбанд кард, нимашро ман. Имрўз ҳар кадоми мо, ки зинда мондааст, ба амири шаҳрҳо табдил ёфт. Ман паноҳ металабам, ки дар назди худ бузург, аммо дар назди Аллоҳ ҳақир бошам***" Ҳоким онро дар "Мустадрак" бароварда, бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ дар "Талхис" маъқул донистааст.

**Қатъи алоқа:** Ибни Саъд дар "Табақот" аз Воқидӣ, ў аз Ибни Аббос, Абўбакр ибни Абдурраҳмон ибни Ҳорис ибни Ҳишом ва Усмон ибни Абўсулаймон ибни Ҷубайр ибни Мутъам ривоят мекунад: "***Онҳо аҳднома бастанд, ки аз Банӣ-Ҳошим духтар намегиранд, духтар намедиҳанд, хариду фурўш ва рафтуомад намекунанд... Аз онҳо хўрокворӣ ва молҳои эҳтиёҷиро боздоштанд... Онҳо танҳо аз як мавсим ба мавсими дигар баромада метавонистанд. Аҳволашон ба танг омада, то андозае расид, ки нолаҳои кўдаконашонро аз пушти дара ҳам шунидан мумкин буд. Баъзе аз қурайшиҳо аз ин кор хушнуд шуда бошанд, баъзе норозӣ шуданд... Ҳамин тавр, онҳо дар дара се сол монданд...***". Заҳабӣ дар "Таърих" ин хабарро бо роҳи Мўсо ибни Уқба аз Зуҳрӣ ривоят мекунад.

**Аз болояш хандидан, масхара кардан:** Тавре Ибни Ҳишом дар "Сират" меорад, Ибни Исҳоқ аз Язид ибни Зиёд, ў аз Муҳаммад ибни Каъби Қурозӣ ривоят мекунад: "***Вақте ки Пайғамбар (с) ба Тоиф рафтанд, дар назди се бародар, ки онҳо дар он вақт сардорон ва бузургони Сақиф буданд, нишастанд. Онҳоро ба Аллоҳ даъват карда мақсади худро баён намуданд, ки ба Ислом ёрӣ диҳанд ва бар зидди қавмашон, ки зиддият нишон медод, ҳамроҳи он кас***

***бошанд. Он гоҳ яке аз онҳо гуфт: "Агар Аллоҳ туро фиристода бошад, либоси Каъбаро кашида мегирам". Боз дигаре гуфт: "Магар Аллоҳ барои фиристодан ба ғайр аз ту дигар касро наёфтааст". Нокасу нобакорон, ғуломону пасткашон он касро ҳақорат карда дод заданд***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад: "***Дар ҳузури онҳо будам. Назди як харсанг ҷамъ омада, дар бораи Пайғамбар (с) ҳар хел суханҳоро мегуфтанд: "Ба ҳеҷ кас то ин андоза сабр накарда будем, орзую умедҳоямонро бемаънӣ гуфт, падару бобоҳоямонро ба замин зад, динамонро муттаҳам кард, ҷамоаамонро пароканда сохт, худоҳоямонро ҳақорат кард. Бо вуҷуди ин ҳама сабр карда истодаем". Ҳамин вақт Пайғамбар (с) пайдо шуданд. Омада рукнро истилом (бӯса) намуданд ва Байтуллоҳро тавоф карда, аз наздашон гузаштанд. Ин вақт бо ҳар хел суханҳо он касро масхара карданд. Ман дар рӯи он кас таъсири инро дидам. Он кас гузашта рафтанд. Вақте ки дуюм бор гузаштанд, боз масхара карданд. Таъсири инро низ дар рӯяшон дидам. Боз гузашта рафтанд. Вақте ки ҳангоми сеюм маротиба гузаштан масхара карданд, он кас гуфтанд:***

"أَتَسْمَعُونَ يَا مَعْشَرَ قُرَيْشٍ أَمَـا وَالَّذِي نَفْسُ مُحَمَّدٍ بِيَدِهِ لَقَدْ جِئْتُكُمْ بِالذَّبْحِ"

"***Эй ҷамоаи Қурайш, бишнавед, қасам ба Худое, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ман ба шумо кушташавиро овардам***".

**Ба алоқаҳои байни сардору зердастон зарба задан:** Муслим аз Саъд ривоят мекунад: "***Шаш нафар бо Пайғамбар (с) будем. Мушрикон ба он кас гуфтанд: "Инҳоро аз наздат бирон, ба ҳар ҳол онҳо ба мо ҷуръат карда наметавонанд". Он ҷо ман, Ибни Масъуд, марде аз Ҳузайл, Билол ва боз ду нафар будем. Номҳои онҳоро намегӯям. Аз дили Пайғамбар***

***(с) бо хоҳиши Аллоҳ чизе гузашт ва ба худ чизе гуфтанд. Он гоҳ Аллоҳи Азза ва Ҷалла ояти зеринро нозил кард:***

**وَلاَ تَطْرُدِ الَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِالْغَدَاةِ وَالْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُ**

"***Касонеро, ки ҳар бомдод ва шабонгоҳ Парвардигори хешро мехонанд ва хостори хушнудии Ӯ ҳастанд, тард макун (аз наздат марон)***" [6:52]

**Бар ивази сардорӣ, молу давлат ва занҳо созиш кардан:** Абӯяъло дар "Муснад" ва Ибни Муин дар "Таърих"-и худ бо санаде, ки ғайр аз Аҷлаҳ ровиҳои дигараш боэътимоданд (аммо Ибни Муин Аҷлаҳро мӯътамад донистааст), аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят мекунанд: "***Абӯҷаҳл ва як гурӯҳ қурайшиҳо гуфтанд: "Кори Муҳаммад паҳн шуд, ба ягон касе, ки аз сеҳр, фолбинӣ ва назм хабар дорад, гӯем, то рафта кори ӯро аниқ кунад". Он гоҳ Утба гуфт: "Ман сеҳр, фолбинӣ ва назмро басо хуб медонам, агар кори Муҳаммад аз ҳамин қабил бошад, дарҳол пай мебарам" ва равон шуд. Ӯ ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт: "Эй Муҳаммад, оё ту беҳтар ҳастӣ ё Ҳошим, оё ту беҳтар ҳастӣ ё Абдулмутталиб, оё ту беҳтар ҳастӣ ё Абдуллоҳ?" Он кас ҷавоб надоданд. Ӯ боз гуфт: "Чаро худоҳои моро ҳақорат карда, падару species бобоҳоямонро гумроҳ мехонӣ? Агар сардориро хоста бошӣ, парчами худро ба ту диҳем ва туро ба худ сардор кунем. Агар ҳирсат пурзӯр бошад, даҳ нафари дилхостаатро аз духтарони Қурайш интихоб кун, онҳоро ба ту хонадор кунем. Агар молу давлат хоста истода бошӣ, молу дунёеро ҷамъ кунем, ки ба ту ва авлодат мерасад". Пайғамбар (с) ҳарф назада сукут мекарданд. Пас аз тамом кардани суханаш ба ӯ гуфтанд:***

**حم تَنزِيلٌ مِّنَ الرَّحْمَنِ الرَّحِيم كِتَابٌ فُصِّلَتْ آيَاتُهُ قُرْآنًا عَرَبِيًّا لِّقَوْمٍ يَعْلَمُونَ**

"*Ҳо, мим. Китобест, ки аз ҷониби он бахшояндаи меҳрубон нозил шудааст. Китобест, ки ояҳояш ба вузӯҳ баён шуда, Қуръонест ба забони арабӣ барои мардуме, ки медонанд*" [41:1-3]. Вақте ки ба ояти зерин расиданд:

فَإِنْ أَعْرَضُوا فَقُلْ أَنذَرْتُكُمْ صَاعِقَةً مِّثْلَ صَاعِقَةِ عَادٍ وَثَمُودَ

"*Бигӯ: "Шуморо аз соиқа (барқ, ҳалокат)-е ҳамонанди соиқае, ки бар Оду Самуд фуруд омад, метарсонам*"" [41:13]

***Утба даҳони он касро пӯшида, ба ҳаққи хешутаборӣ қасам хӯрд ва илтиҷо карда, ки бозистанд. Пасон ба назди хешовандонаш нарафта, аз онҳо пинҳон шуд. Он вақт Абӯҷаҳл гуфт: "Эй ҷамоаи Қурайш, қасам ба Аллоҳ, чунин ба назар мерасад, ки Утба низ ба тарафи Муҳаммад гузашта, ба луқмаи ӯ мароқ зоҳир кардааст. Ин танҳо аз мӯҳтоҷии ӯ содир мешавад. Биёед, ба наздаш равем". Чун ба назди ӯ омаданд, Абӯҷаҳл гуфт: "Эй Утба, қасам ба Аллоҳ, мо тарсидем, ки ту ба тарафи Муҳаммад гузаштаӣ, ба кори ӯ мароқ пайдо кардаӣ. Агар мӯҳтоҷ бошӣ, он қадар молу дунё ҷамъ оварем, ки туро аз луқмаи Муҳаммад беҳоҷат кунад". Утба аз ин ба хашм омад. Барои минбаъд бо Муҳаммад мулоқот накардан ба номи Аллоҳ қасам ёд карда гуфт: "Басо хуб медонед, ки ман яке аз бадавлаттарини Қурайш мебошам" ва воқеаи содиршударо нақл кард: "Ба назди ӯ рафта, мақсадамро баён кардам. Ӯ ба ман бо як чиз ҷавоб дод. Ин на сеҳр асту, на шеър ва на фолбинӣ. Ӯ ба ман инро хонда дод:***

حم تَنزِيلٌ مِّنَ الرَّحْمَنِ الرَّحِيم كِتَابٌ فُصِّلَتْ آيَاتُهُ قُرْآنًا عَرَبِيًّا لِّقَوْمٍ يَعْلَمُونَ

"*Ҳо, мим. Китобест, ки аз ҷониби он бахшояндаи меҳрубон нозил шудааст. Китобест, ки ояҳояш ба вузӯҳ баён шуда,*

*Қуръонест ба забони арабӣ барои мардуме, ки медонанд*" [41:1-3].

فَإِنْ أَعْرَضُوا فَقُلْ أَنذَرْتُكُمْ صَاعِقَةً مِّثْلَ صَاعِقَةِ عَادٍ وَثَمُودَ

"***Бигӯ: "Шуморо аз соиқа (барқ, ҳалокат)-е ҳамонанди соиқае, ки бар Оду Самуд фуруд омад, метарсонам***"" [41:13].

***Вақте ки ӯ ба ин ҷо расид, даҳонашро пӯшидам ва ба ҳаққи хешутаборӣ қасам хӯрда илтиҷо кардам, ки бозистад. Басо хуб медонед, ки Муҳаммад дурӯғ намегӯяд. Барои ҳамин тарсидам, ки боз ба шумо азобе нарасад***". Ривояти мазкури Ибни Муин аз ривояти Ибни Исҳоқ, ки аз Муҳаммад ибни Каъби Қуразӣ кардааст ва аз матни "Сират"-и Ибни Ҳишом фарқ мекунад.

**Ҳақорат кардан:** Бухорӣ ва Муслим аз Абдураҳмон ибни Авф ривоят мекунанд: "***Рӯзи Бадр дар саф истода будам. Ба росту чапи худ нигаристам, ки дар байни ду навраси ансорӣ будаам. Ба худ гуфтам, ки агар дар байни одамони аз инҳо бақувваттар бошам, хуб мешуд. Он гоҳ яке аз онҳо ба ман ишора карда гуфт: "Амак, Абӯҷаҳлро мешиносед?". Ман гуфтам: "Оре, мешиносам. Ҷиян, ӯро чӣ кор дорӣ?" Ӯ гуфт: "Шунидаам, ки ӯ Пайғамбар (с)-ро ҳақорат мекардааст, қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, агар ӯро бинам, то мурдани яке аз мо бар зидди ӯ меравам". Аз ин сухан ба тааҷҷуб афтодам. Он гоҳ дуюм низ ҳамин суханро такрор кард***". Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Аббос ривоят мекунанд: "Вақте ки Пайғамбар (с) дар Макка пинҳон шуда мегаштанд, ояти зерини Аллоҳ нозил шуд:

وَلاَ تَجْهَرْ بِصَلاَتِكَ وَلاَ تُخَافِتْ بِهَا وَابْتَغِ بَيْنَ ذَلِكَ سَبِيلاً

"***Садоятро ба намоз баланд макун ва низ садоятро бад-он оҳиста макун***" [17:110].

Чунки саҳобагон ҳангоми намоз хондан дар қироат овозҳояшонро баланд мекарданд. Агар мушрикон шунаванд, Қуръонро, Зоти нозилкардаи онро, фариштаи овардаи онро ҳақорат мекарданд. Он гоҳ Аллоҳ Таоло ба Пайғамбар (с) ояти зеринро нозил кард:

وَلاَ تَجْهَرْ بِصَلاَتِكَ وَلاَ تُخَافِتْ بِهَا وَابْتَغِ بَيْنَ ذَلِكَ سَبِيلاً

"***Садоятро ба намоз баланд макун ва низ садоятро бад-он оҳиста макун***" [17:110].

وَلاَ تَجْهَرْ

"***Баланд макун***" [17:110],

яъне мушрикон шунида, Қуръонро ҳақорат накунанд.

وَلاَ تُخَافِتْ بِهَا

"***Ва низ садоятро бад-он оҳиста макун***" [17:110],

яъне ба саҳобагон ношунаво нагардад.

وَابْتَغِ بَيْنَ ذَلِكَ سَبِيلاً

"***Ва миёни ин ду роҳе баргузин***" [17:110].

Дар ҳадисе, ки Аҳмад дар "Муснад" аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"أَلَمْ تَرَوْا كَيْفَ يَصْرِفُ اللهُ عَنِّي لَعْنَ قُرَيْشٍ وَشَتْمَهُمْ، يَسُبُّونَ مُذَمَّمًا، وَأَنَا مُحَمَّدٌ"

"***Оё мебинед, ки Аллоҳ чӣ тавр аз ман лаънат ва ҳақоратҳои Қурайшро бармегардонад? Онҳо дар бораи ман бадгӯӣ мекунанд, ҳол он ки ман Муҳаммад ҳастам***". Тавре

Ибни Аббос дар ҳадиси муттафақун алайҳ бо ровиҳои мўътамад ривоят кардааст, чун ояти зерин нозил шуд:

وَأَنذِرْ عَشِيرَتَكَ الْأَقْرَبِينَ

"***Хешовандони наздикатро битарсон***" [26:214]

***Пайғамбар (с) ба кўҳи Сафо баромада: "Эй субҳ" (нидое, ки дар субҳ барои огоҳ кардани мардум аз хавф гуфта мешавад) гуфта нидо карданд. Гуфтанд: "Ин мунодӣ кист?" Дар посух гуфтанд, ки Муҳаммад аст. Ҳама ҷамъ омаданд. Пайғамбар (с) гуфтанд:***

" أَرَأَيْتَكُمْ لَوْ أَخْبَرْتُكُمْ أَنَّ خَيْلاً تَخْرُجُ بِسَفْحِ هَذَا الْجَبَلِ أَكُنْتُمْ مُصَدِّقِيَّ؟ قَالُوا: مَـا جَرَّبْنَا عَلَيْكَ كَذِبًا، قَالَ: فَإِنِّي نَذِيرٌ لَكُمْ بَيْنَ يَدَيْ عَذَابٍ شَدِيدٍ، فَقَالَ أَبُو لَهَبٍ: تَبًّا لَكَ أَلِهَذَا جَمَعْتَنَا، ثُمَّ قَامَ، فَنَزَلَتْ ﴿ تَبَّتْ يَدَا أَبِي لَهَبٍ وَتَبَّ ﴾"

"***Агар ба шумо гўям, ки аз бари ин кўҳ савораҳо омада истодаанд, оё маро тасдиқ мекунед?" Гуфтанд: "Аз ту дурўғ нашунидаем". Он кас гуфтанд: "Ман шуморо аз азоби сахт огоҳ мекунам". Он гоҳ Абўлаҳаб: "Нобуд шав, моро барои ҳамин ҷамъ кардӣ" гуфта аз ҷояш бархост. Ояти зерин ҳамон вақт нозил шудааст: „Дастҳои Абўлаҳаб бурида бод ва ҳалок бар ў бод"*** [111:1]".

Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Мунбити Аздӣ баровардааст, гуфта мешавад: "Дар даври ҷоҳилият аз Пайғамбар (с) шунидаам:

"يَا أَيُّهَا النَّاسُ: قُولُوا لاَ إِلَهَ إِلاَّ اللهُ تُفْلِحُوا"

"**Эй мардум, гўед, ки нест илоҳе ҷуз Аллоҳ, наҷот меёбед**". Он гоҳ то қиёми офтоб баъзеҳо ба рўи он кас туф карданд, баъзеҳо хок пошиданд ва баъзе ҳақорат карданд. Пасон духтаре

дар як қадаҳи калон об оварда, дасту рӯи он касро шуст. Пайғамбар (с) ба ӯ гуфтанд:

"يَا بُنَيَّةُ لاَ تُخْشَى عَلَى أَبِيكِ غِيلَةٌ وَلاَ ذِلَّةٌ"

"***Эй духтарам, андӯҳгин мабош, ки падаратро хор медоранд ва ба ӯ ваҳшигарӣ мекунанд". Ман пурсидам: "Ин духтар кист?" Гуфтанд: "Духтари Пайғамбар (с) Зайнаб аст***". Ҳайсамӣ мегӯяд, ки дар ин ҳадис Мунбит ибни Мудрик ҳаст, ки ман ӯро намешиносам, ровиёни боқимонда мӯътамаданд.

**Дурӯғгӯ баровардан:** Дар ҳадисе, ки Бухорӣ ва Муслим аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لَـمَّـا كَذَّبَتْنِي قُرَيْشٌ قُمْتُ فِي الْحِجْرِ فَجَلاَ، (وَفِي رِوَايَةٍ) فَجَلَّى اللهُ لِي بَيْتَ الْـمَقْدِسِ، فَطَفِقْتُ أُخْبِرُهُمْ عَنْ آيَاتِهِ، وَأَنَا أَنْظُرُ إِلَيْهِ"

"***Чун Қурайш маро дурӯғгӯ баровард, дар санг рост истодам. Он гоҳ Байтулмақдис (дар пеши назарам) равшан намоён шуд. (Боз дар як ривоят) он гоҳ Аллоҳ ба ман Байтулмақдисро равшан кард ва ман ба он нигоҳ карда, ба гуфтани аломатҳояш сар кардам***". Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Абӯдардо ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِنَّ اللهَ بَعَثَنِي إِلَيْكُمْ فَقُلْتُمْ كَذَبْتَ وَقَالَ أَبُو بَكْرٍ صَدَقْتَ"

"***Аллоҳ маро ба сӯи шумо фиристод. Шумо гуфтед: "Ту дурӯғ мегӯӣ". Абӯбакр гуфт: "Рост мегӯӣ***"". Тавре дар ҳадиси Ториқ Мухорибӣ (р) дар бораи сангпартоӣ меояд, дар бозори Зулмаҷоз Абӯлаҳаб Пайғамбар (с)-ро нишон дода мегуфтааст: "***Ба ӯ итоат накунед, чунки ӯ каззоб аст***". Ин ҳадисро Ибни Ҳузайма ва Ибни Ҳиббон саҳеҳ гуфтаанд.

**Фитна ташкил кардан:** Дар ҳадиси дарозе, ки Аҳмад ва Табаронӣ аз Уммусалама ривоят кардаанд, аз ҷумла гуфта

мешавад: "Чун аз он ҷо берун шуданд, Амр ибни Ос гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, фардо кореро анҷом медиҳам, ки онҳоро решакан мекунад". Он вақт Абдуллоҳ ибни Рабиа, ки аз ҳар ду тақводортар буд, гуфт: "Ин тавр накун, чунки бо вуҷуди мухолифат бо мо хешутаборӣ низ доранд". Аммо Амр гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ба подшоҳ мегӯям, ки онҳо Исо ибни Марямро банда медонанд". Пасон пагоҳӣ рафта гуфт: "Эй подшоҳ, онҳо дар бораи Исо ибни Марям суханҳои басо зиштро мегӯянд, одам фиристода бипурс, ки чӣ мегӯянд". Подшоҳ сафир фиристода, дар ин бора пурсид. Ба мо ҳеҷ гоҳ ин қадар душвор нашуда буд. Ҳама ҷамъ омада гуфтанд: "Агар дар бораи Исо ибни Марям пурсад, чӣ мегӯем?" Пасон ба қароре омаданд: "Қасам ба Аллоҳ, ба ҳар ҳол суханеро мегӯем, ки Аллоҳ гуфтааст ва Пайғамбарамон овардаанд". Ҳайсамӣ дар бораи ин ҳадис гуфтааст, ки ровиёни он ровиёни ҳадиси саҳеҳанд. Муслим аз Ибни Аббос ривоят мекунад: "Замод ба Макка омад. Ӯ аз Аздишануда буд. Аз нобакорони Макка сухани "Муҳаммад маҷнун аст"-ро шунид"... Дар ҳадисе, ки Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Ибни Аббос ривоят кардааст, оварда мешавад: "Чун Каъб ибни Ашраф ба Макка ташриф овард, ба назди ӯ омада гуфтанд: "Нозир ва соқии Каъбатуллоҳ мо ҳастем. Ту сайиди аҳли Ясриб ҳастӣ. Оё санавбаре, ки аз қавмаш канда шуда, худро аз мо беҳтар медонад, беҳтар аст ё мо?" Ӯ ҷавоб дод: "Шумо аз ӯ беҳтар ҳастед". Он гоҳ Аллоҳ Таоло ба Пайғамбар (с) оятҳои зеринро нозил кард:

إِنَّ شَانِئَكَ هُوَ الْأَبْتَرُ

"***Бадхоҳи ту худ абтар аст (марде, ки наслаш идома наёбад)***" [108:3].

أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِينَ أُوتُواْ نَصِيبًا مِّنَ الْكِتَابِ يُؤْمِنُونَ بِالْجِبْتِ وَالطَّاغُوتِ وَيَقُولُونَ لِلَّذِينَ كَفَرُواْ هَؤُلاء أَهْدَى مِنَ الَّذِينَ آمَنُواْ سَبِيلاً

"***Оё касонеро, ки насибе аз китоб дода шудаанд, надидаӣ, ки ба Ҷибту Тоғут имон меоваранд ва дар бораи кофирон мегӯянд, ки роҳи инон аз роҳи мӯъминон ба ҳидоят наздиктар аст?***" [4:51].

**Аз ҳиҷрат боздоштан:** Дар ҳадисе, ки Ҳоким дар "Мустадрак" аз Суҳайб ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" أُرِيتُ دَارَ هِجْرَتِكُمْ سَبْخَةٌ بَيْنَ ظَهْرَانِي حَرَّةٍ، فَإِمَـا أَنْ تَكُونَ هَجَرًا، أَوْ تَكُونَ يَثْرِبَ"

"***Замине, ки шумо ҳиҷрат мекунед, ба ман ҳамчун замини санглох вонамуд шуд. Аз ин мебарояд, ки он ё Ҳаҷар хоҳад буд ва ё Ясриб***". Пайғамбар (с) ва Абӯбакр ба сӯи Мадина рафтанд. Бо онҳо рафтанӣ будам, ҷавонони Қурайш пеши роҳамро гирифтанд. Ҳамон шабро нанишаста, росто гузаронидам. Гарчи ягон шикоят накарда бошам ҳам, гуфтанд, ки ӯ аз паи кори худ шуда, шуморо партофта рафт. Пас аз он ки як барид (12 мил) роҳ гаштам, якчанд нафари онҳо ба ман расиданд ва баргардонданӣ шуданд. Ман ба онҳо гуфтам: "Агар якчанд уқия (37 грамм) тилло диҳам, маро сар медиҳед". Аз қафои онҳо то Макка омадам ва гуфтам: "Агар таги остонаи дарро кобед, дар он ҷо якчанд уқия тилло ҳаст, инчунин ба назди фалон зан рафта, сангҳои қиматбаҳоро ҳам гиред". Пасон баромада, ба назди Пайғамбар (с) рафтам. Он кас ҳоло аз Қубо нагузашта буданд. Маро дида се маротиба гуфтанд:

"يَا أَبَا يَحْيَى رَبِحَ البَيْعُ"

"***Эй Абўяҳё, савдоят барор гирад***". ***Ман гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, ҳеҷ кас пеш аз ман ба назди шумо наомад-ку, ин хабарро фақат Ҷабраил (а) расонидааст***".

Ташнагии онҳо ба баргардондани Пайғамбар (с) аз ҳиҷрат то андозае расид, ки ҳатто барои куштан ё асир гирифтани он кас ва дўсташон мукофот эълон карданд. Бухорӣ аз Барро ва ў аз Абўбакр ривоят мекунад: "Вақте ки мо равон шудем, онҳо ба ҷустуҷўии мо сар карда буданд". Суроқа ибни Ҷаъшам мегўяд: "Ба мо сафирони Қурайш омада гуфтанд, ки барои шахси Пайғамбар (с) ва Абўбакрро кушанда ё асиргиранда ҳақ таъин шудааст. Ман ба он кас гуфтам: "Қавматон барои шумо ҳақ таъин кардааст" Он кас гуфтанд:

**"فَقِفْ مَكَانَكَ لاَ تَتْرُكَنَّ أَحَدًا يَلْحَقُ بِنَا"**

"***Дар ин ҷоят биист, роҳ надеҳ, ки ягон нафари онҳо ба мо расад***". Ровӣ мегўяд: "***Агар ў дар аввали рўз бар зидди Пайғамбар (с) мубориза бурда бошад, дар охири рўз ба муҳофизи он кас табдил ёфт***".

Кўшиш ба куштан ё бо куштан таҳдид кардан: Бухорӣ аз Урва ибни Зубайр ривоят мекунад:

**" سَأَلْتُ عَبْدَ اللهِ بْنَ عَمْرٍو عَنْ أَشَدِّ مَا صَنَعَ الْـمُشْرِكُونَ بِرَسُولِ اللهِ ﷺ ؟ قَالَ رَأَيْتُ عُقْبَةَ بْنَ أَبِي مُعَيْطٍ جَاءَ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ وَهُوَ يُصَلِّي، فَوَضَعَ رِدَاءَهُ فِي عُنُقِهِ فَخَنَقَهُ بِهِ خَنْقًا شَدِيدًا، فَجَاءَ أَبُو بَكْرٍ حَتَّى دَفَعَهُ عَنْهُ، فَقَالَ أَتَقْتُلُونَ رَجُلاً أَنْ يَقُولَ رَبِّيَ اللهُ، وَقَدْ جَاءَكُمْ بِالْبَيِّنَاتِ مِنْ رَبِّكُمْ"**

"***Аз Абдуллоҳ ибни Амр корҳои сахттаринеро, ки мушрикон нисбат ба Пайғамбар (с) анҷом додаанд, пурсидам. Ў гуфт: Уқба ибни Абўмуайтро дидам, ки ҳангоми намоз хондани Пайғамбар (с) ба сўи он кас омада, ридоашро ба гарданашон андохт ва сахт буғӣ кард. Пасон Абўбакр омада, ҷудо  кард***

***ва гуфт: "Оё мардеро, ки мегӯяд, ки Парвардигори ман Аллоҳи яктост ва бо далелҳои равшан аз ҷониби Парвардигоратон омадааст, мекушед?" Ман шоҳиди чунин корҳо шудаам***". Дар боби мусулмон шудани Умар ибни Хаттоб Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад: "***Ӯ дар ҳавлӣ тарсида истода буд. Ҳамин вақт падари Амр Ос ибни Воили Саҳмӣ омад. Дар тан либоси рахрах ва куртае дошт, ки бо абрешим дӯхта шуда буд. Ӯ аз Банӣ-Саҳм буд. Ин қабила дар гузашта ҳампаймони мо буданд. Ос ба ӯ гуфт: "Ба ту чӣ шуд?" Ӯ гуфт: "Агар мусулмон шавам, қавмат маро мекуштааст". Ос гуфт: "Барои онҳо ба ту роҳ нест". Пас аз он ки ӯ ҳамин суханро гуфт, ман ором шудам***". Мушрикон аз забоняккунӣ барои куштани Пайғамбар (с) бознаистоданд. Тавре дар "Фатҳулборӣ"-и Ибни Ҳаҷар меояд, Ибни Исҳоқ, Мусо ибни Уқба ва муаллифҳои "Ғазавотҳо"-и дигар гуфтаанд: "***Чун Қурайш дид, ки саҳобагон ба як ҷо манзил сохта, бо ин оромию хотирҷамъиро ба даст даровардаанд ва Умар мусулмон шуда, Ислом ба қабилаҳо интишор ёфтааст, ба куштани Пайғамбар (с) забон як карданд. Чун ин хабар ба Абӯтолиб расид, Банӣ-Ҳошим ва Банӣ-Мутталибро ҷамъ оварда, Пайғамбар (с)-ро ба дараи худ даровардаид ва аз касоне, ки куштани он касро қасд карда буданд, ҳимоя намуданд***". Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَإِذْ يَمْكُرُ بِكَ الَّذِينَ كَفَرُواْ لِيُثْبِتُوكَ أَوْ يَقْتُلُوكَ أَوْ يُخْرِجُوكَ وَيَمْكُرُونَ وَيَمْكُرُ اللّهُ وَاللّهُ خَيْرُ الْمَاكِرِينَ

"***Ва он ҳангомро ба ёд овар, ки кофирон дар бораи ту макре карданд, то дар бандат афкананд ё бикушандат ё аз шаҳр берун созанд. Онон макр карданд ва Аллоҳ низ макр кард ва Аллоҳ беҳтарини макркунандагон аст***" [8:30].

Тавре Аҳмад аз Усмон Ҷазарӣ бо санаде, ки ровиёни дигараш боэътимоданд, ривоят мекунад, Ибни Аббос дар бораи ояти

мазкури Аллоҳ Таоло чунин мегӯяд: "***Дар Макка Қурайш шабе машварат ором. Баъзе аз онҳо гуфтанд, ки бо дамидани субҳ ӯро, яъне Пайғамбар (с)-ро мебандем. Баъзеи дигар гуфтанд, ки мекушем, боз баъзе гуфтанд, ки меронем***". Усмон Ҷазариро Ибни Ҳиббон боэътимод гуфтаас, вале дигарон заиф гуфтаанд.

Тавре дар "Сират"-и Ибни Ҳишом омадааст, Ибни Исҳоқ мегӯяд: "***Қурайш аз рафтани Пайғамбар (с) ба Мадина, яъне ба назди саҳобагонаш хавф бурда, чанд нафар аз онҳо дар Доруннадва ҷамъ омаданд ва дар хусуси нисбат ба кори Пайғамбар (с) чӣ рафтор кардан маслиҳат намуданд. Баъзе гуфтанд, ки кишани оҳанин мезанем, баъзеи дигар гуфтанд, ки аз байни худ берун мекунем. Он гоҳ Абӯҷаҳл гуфт: "Ман фикре дорам ва мепиндорам, ки шумо ба ин гуна фикр омада наметавонед". Гуфтанд: "Он чӣ фикр будааст, эй Абулҳакам?" Абӯҷаҳл гуфт: "Аз ҳар як қабила ҷавони бақуввату насабдорро интихоб карда, ба дасти ҳамаашон шамшери тез медиҳем. Онҳо чун зарбаи як кас ӯро зада мекушанд ва бо ин аз ӯ халос мешавем***"". Боз монанди модари Аммор Сумайя (р) саҳобагоне буданд, ки ба марг сабр кардаанд. Ӯ дар Ислом якумин шаҳид буд.

Дар рӯ ба рӯи ин азобҳо Пайғамбар (с) ва баъзе саҳобагон чунин мақом доштанд, ки бо ин мушриконро ба танг оварда, саботу матонати бемислро нишон доданд. Баъзеи онҳоро гуфта мегузарем:

- Бухорӣ дар "Таърихи кабир" аз Мусо ибни Уқба, ӯ аз Уқайл ибни Абӯтолиб ривоят мекунад: "***Қурайш ба назди Абӯтолиб омада гуфтанд, ки ҷиянат дар ҷамъомадҳоямон ба мо озор медиҳад. Ӯ дарҳол фармуд: "Эй Уқайл, Муҳаммадро биёр". Уқайл рафта, аз як хонаи хурд дар гармии рӯз он касро овард, ки аз сахтии гармӣ барои роҳ гаштан соя меҷустанд. Чун он касро овард, Абӯтолиб гуфт: "Аз рӯи***

***гуфтаи ин амакбачаҳоят, ту дар ҷамъомад ва масҷидҳояшон озор медодӣ, ин тавр накун***". Пайғамбар (с) чашмашонро ба осмон дӯхта гуфтанд:

" تَرَوْنَ هَذِهِ الشَّمْسَ قَالَ مَـا أَنَا بِأَقْدَرَ عَلَى أَنْ أَرُدَّ ذَلِكَ مِنْكُمْ عَلَـى أَنْ تَشْعُلُوا مِنْهَا شُعْلَةً"

"***Оё ин офтобро мебинед, агар шӯълаи он ба шумо расад, ман ба баргардондани он қодир нестам". Он гоҳ Абӯтолиб гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки ҷиянам маро ҳеҷ гоҳ фиреб надодааст, равед***".

• Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад: "***Саъд ибни Муоз ба адои умра рафта, дар хонаи Умайя ибни Халаф манзил гирифт. Умайя ҳам ба Шом равад ва аз Мадина гузарад, дар хонаи Саъд манзил мегирифт. Умайя ба Саъд гуфт: "То ба қиём омадани офтоб ва бо корҳои худ машғул шудани одамон интизор шав, пасон рафта тавоф мекунӣ". Ба болои тавоф карда истодани Саъд Абӯҷаҳл омад ва гуфт: "Ин кист, ки Каъбаро тавоф мекунад?" Саъд гуфт: "Ман Саъд ҳастам". Абӯҷаҳл гуфт: "Ба Муҳаммад ва саҳобагони ӯ сарпаноҳ дода, боз бемалол Каъбаро тавоф мекунӣ?" "Бале", гуфт Саъд. Ҳар ду ба дашномдиҳӣ сар карданд. Умайя ба Саъд гуфт: "Ба Абӯҳакам овозатро баланд накун, чунки ӯ сайиди аҳли водӣ аст". Саъд гуфт: "Агар маро аз тавоф кардани Байтуллоҳ бозгардонданӣ бошӣ, тиҷорати туро бо Шом қатъ мекунам". Умайя ба Саъд мегуфт: "Овозатро баланд накун" ва ба боздоштани ӯ ҳаракат мекард. Аз ин Саъд ба ғазаб омада гуфт: "Аз наздам дафъ шав, тавре ман аз Муҳаммад (с) шунидам, ӯ туро мекуштааст". Ӯ пурсид: "Маро?" Чун аз Саъд ҷавоби мусбат гирифт, худ ба худ гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки Муҳаммад дурӯғ намегӯяд***".

• Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Аббос (р) ривоят мекунанд: "***Чун ба Абӯзарр дар хусуси ба пайғамбарӣ фиристода шудани Пайғамбар (с) хабар расид, барои донистани аҳвол ба назди Пайғамбар (с) омад ва суханҳои он касро шунида, дар ҳамон ҷо мусулмон шуд. Пайғамбар (с) ба ӯ гуфтанд:***

"اِرْجِعْ إِلَى قَوْمِكَ فَأَخْبِرْهُمْ حَتَّى يَأْتِيَكَ أَمْرِي"

"***Ба назди қавми худ баргард, то омадани фармони ман онҳоро хабардор кун***". Ӯ гуфт: "Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, ин суханро дар байни онҳо бо овози баланд мегӯям". Аз он ҷо баромада ба масҷид омад ва бо тамоми овозаш гуфт: "Гувоҳӣ медиҳам, ки нест илоҳе ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад пайғамбари Аллоҳ аст". Мардум бархоста, ӯро то афтиданаш латукӯб карданд. Аббос омада, ба болои ӯ худро партофт ва гуфт: "Вой бар ҳоли шумо, оё намедонед, ки ӯ ғифорӣ мебошад, ки (шаҳри ӯ) дар роҳи тиҷорати шумо бо Шом воқеъ аст?" ва ӯро халос кард. Рӯзи дигар ӯ боз ҳамин корро такрор кард, мардум боз ба ӯ ҳамла карда, латукӯб карданд ва боз Аббос худро ба болои ӯ партофт".

• Аҳмад ибни Ҳанбал дар китоби "Фазилатҳои саҳобагон" аз Урва ривоят мекунад: "Инсоне, ки баъд аз Пайғамбар (с) Қуръонро бо овози баланд қироат кардааст, Абдуллоҳ ибни Масъуд буд. Рӯзе саҳобагон ҷамъ омада гуфтанд: "Қурайш ҳанӯз бо овози баланд қироат шудани Қуръонро нашунид, оё нафаре ҳаст, ки ба онҳо шунавонад?" Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфт: "Ман мешунавонам". Онҳо гуфтанд: "Хавф мебарем, ки ба ту озор медиҳанд. Мо нафареро фикр карда будем, ки хешовандон дорад ва агар коре шавад, ӯро ҳимоя мекунанд". Ӯ гуфт: "Парво накунед, маро Аллоҳ ҳимоя мекунад". Пасон Ибни Масъуд дар чоштгоҳ ба Мақом рафт ва дар ҷои ҷамъомади Қурайш оятҳои зеринро хонд:

بسم الله الرحمن الرحيم

"***Ба номи Аллоҳи бахшояндаи меҳрубон***"

الرَّحْمَنُ عَلَّمَ الْقُرْآنَ

"***Аллоҳи раҳмон Қуръонро таълим дод***" [55:1-2].

Пасон ба сӯи қибла нигариста, ба қироат шурӯъ кард. Мардум гӯш карда гуфтанд: "Ин бачаи ҷория чӣ мегӯяд?" Пас: "Ин овардаҳои Муҳаммадро қироат карда истодааст-ку" гуфта ба рӯи ӯ заданро сар карданд. Абдуллоҳ, ҳарчанд озор медид, хондан гирифт. Чун ӯ ба назди саҳобагон баргашт, дар рӯи ӯ пайҳоро диданд ва гуфтанд: "Мо аз ҳамин тарсида будем". Он гоҳ Абдуллоҳ гуфт: "То ҳол душманони Аллоҳ ба ман то ин андоза заифу хор вонамуд нашуда буданд, агар хоҳед, боз чунин карда метавонам". Онҳо гуфтанд: "Кифоя аст, ба онҳо он чизҳоеро, ки бад медиданд, шунавондӣ"".

• Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят мекунад: "Аз он вақте ки ақламро шинохтам, падару модарам мусулмон буданд... Ин чиз пешвоёни мушрикони Қурайшро ба даҳшат андохт. Ба Ибни Дуғунна одам фиристоданд. Чун ӯ омад, гуфтанд: "Мо бо туфайли ҳимояи ту ба Абӯбакр амонӣ дода будем... Мо розӣ нестем, ки ӯ ибодатҳои худро дар пеши чашми ҳама кунад". Пасон Ибни Дуғунна ба назди Абӯбакр омада гуфт: "Медонӣ, туро ба ҳимояи худ гирифтаам, барои ҳамин ё ба гуфтаи онҳо розӣ шав (яъне ибодатҳоятро ба касе нишон надода ва нашунавонда адо кун), ё ҳимояи маро баргардон. Чунки намеписандам, ки арабҳо дар бораи ман "ҳимояи ӯ нагузашт" гӯянд". Он гоҳ Абӯбакр гуфт: "Ҳимояи туро бармегардонам, ман ҳимояи Аллоҳи Азза ва Ҷалларо мехоҳам"".

• Ҳоким аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад: "Умар дар масҷиди Макка бо мушрикон аз субҳ то қиём кашмакаш кард. Пасон хаста шуд ва нишаст. Як шахси хушандом, ки ҷомаи сурх ва куртаи рахрах пӯшида буд, омада ӯро халос кард ва гуфт: "Аз

ин одам чӣ мехоҳед?" Онҳо гуфтанд: "Аз ин ягон чиз намехоҳем, қасам ба Аллоҳ, ки ӯ аз дин баргашт". Шахси хушсурат гуфт: "Агар як одам барои худ динеро ихтиёр кунад, ин чӣ бадӣ дорад. Бигзоред, ӯ дилхостаи худро ихтиёр кунад. Оё шумо мепиндоред, ки Банӣ-Адӣ ба марги Умар розӣ мешавад? Қасам ба Аллоҳ, ки розӣ намешавад". Ҳамон рӯз Умар гуфт: "Эй душманони Аллоҳ, агар шумораи мо ба сесад нафар мерасид, шуморо берун мекардем". Баъдтар аз падарам пурсидам: "Кӣ буд он шахсе, ки ҳамон рӯз шуморо халос кард?" Ҷавоб доданд: "Падари Амр ибни Ос – Ос ибни Воил буд". Ин ҳадисро Ҳоким дар "Мустадрак" ривоят карда, бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст. Онро Ибни Ҳиббон низ дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Ин ҳадисе, ки Ҳоким ривоят кардааст, ба ҳадиси боло, ки Бухорӣ ривоят кардааст, зид нест. Дар он Умар аз кушта шудан тарсида дар хона нишаста буд. Ин ду ҳадис мумкин аст ду ҳодиса бошад, ки дар ду вақт воқеъ шудаанд.

• Байҳақӣ дар "Далоил" ва Заҳабӣ дар "Таърих" аз Мусо ибни Уқба ривоят мекунанд: "Усмон ибни Мазъун ва дӯстҳтони ӯ ба қафо баргашта буданд. Ба Макка бе ҳомӣ даромада наметавонистанд. Валид ибни Муғийра Усмон ибни Мазъунро ба ҳимояи худ гирифт. Усмон дид, ки ба болои дӯстонаш балоҳо меборад, якчанд нафари онҳо бо тозиёна ва оташ азоб дода мешаванд, аммо худ дар амон аст. Бинобар ин ба бало рӯ ба рӯ шуданро афзал донист. Ба Валид гуфт: "Эй амак, маро ба ҳимояи худ гирифтед, акнун мехоҳам ба назди хешовандон баромада аз ман ҳимояи худро баргардонда гиред". Он гоҳ Валид гуфта буд: "Эй ҷиян, оё ягон кас туро озор дода, ҳақорат кард?" Усмон гуфт: "Ҳеҷ кас ба ман эътироз накардааст ё озор надодааст". Чун ӯ дар сухани худ сахт истод, Валид ночор ӯро ба масҷид баровард. Дар он ҷо Қурайш маҷлис барпо карда буд, Лабид ибни Рабиа шеър мехонд. Валид аз дасти Усмон дошта гуфт: "Ин бача маро маҷбур месозад, то ҳимояи худро

баргардонда гирам, ман дар гувоҳии шумо аз ӯ ҳимояи худро баргардонида мегирам. Фақат худаш хоҳад, боз аз нав ба ҳимоя мегирам". Он гоҳ Усмон гуфт: "Дуруст мегӯяд. Қасам ба Аллоҳ, ки ман ӯро ба ҳамин маҷбур кардам, акнун ман дар ҳимояи ӯ нестам". Чун ба қатори мардум нишаст, мардум ба ӯ дарафтоданд".

Бо вуҷуди он ки саҳобагон (р) намунаҳои сабот ва матонатро нишон доданд, боз ба Пайғамбар (с) шикоят карда, аз он кас хоҳиш намуданд, ки нусрат пурсида дуо кунанд. Дар ривояте, ки Бухорӣ аз Хаббоб ибни Арат кардааст, Пайғамбар (с) дар ҷавоби ин гуфтанд:

" شَكَوْنَا إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ وَهُوَ مُتَوَسِّدٌ بُرْدَةً لَهُ فِي ظِلِّ الْكَعْبَةِ، قُلْنَا لَهُ: أَلاَ تَسْتَنْصِرُ لَنَا أَلاَ تَدْعُو لَنَا؟ قَالَ: كَانَ الرَّجُلُ فِيمَنْ قَبْلَكُمْ يُحْفَرُ لَهُ فِي الْأَرْضِ فَيُجْعَلُ فِيهِ، فَيُجَاءُ بِالْمِنْشَارِ فَيُوضَعُ عَلَى رَأْسِهِ فَيُشَقُّ بِاثْنَتَيْنِ وَمَا يَصُدُّهُ ذَلِكَ عَنْ دِينِهِ، وَيُمْشَطُ بِأَمْشَاطِ الْحَدِيدِ مَا دُونَ لَحْمِهِ، مِنْ عَظْمٍ أَوْ عَصَبٍ وَمَا يَصُدُّهُ ذَلِكَ عَنْ دِينِهِ، وَاللهِ لَيُتِمَّنَّ هَذَا الأَمْرَ، حَتَّى يَسِيرَ الرَّاكِبُ مِنْ صَنْعَاءَ إِلَى حَضْرَمَوْتَ لاَ يَخَافُ إِلاَّ اللهَ أَوْ الذِّئْبَ عَلَى غَنَمِهِ، وَلَكِنَّكُمْ تَسْتَعْجِلُونَ"

"***Ба назди Пайғамбар (с) ба арзи шикоят рафтем, он кас дар сояи Каъба ҷомаи худро болин карда буданд. Гуфтем: "Оё барои мо нусрат намепурсед, дар ҳаққи мо дуо намекунед?" Дар ҷавоб он кас гуфтанд: "Дар даври пешиниёни шумо замин кофта мешуд, ба он нафаре то сараш гӯ карда мешуд. Пасон арраро меоварданд ва аз байни сари ӯ андохта, ба ду тақсим мекарданд. Ин кор онҳоро аз динашон барнамегардонд. Бо шонаҳои оҳанин аз гӯшт то устухону пайҳо метарошиданд. Ин ҳам онҳоро аз дин баргардонда наметавонист. Қасам ба Аллоҳ, ки Аллоҳ албатта ин корро ба камол мерасонад, ҳатто савора аз***

***Санъо то Хазрамавт танҳо аз Аллоҳ тарсида ё барои гӯсфандонаш аз гург тарсида меравад. Лекин шумо саросема мешавед".***

## *ФУРЎТАНӢ БА МЎЪМИНОН ВА САРБАЛАНДӢ БА КОФИРОН*

Нисбат ба мўъминон фурўтану хоксор ва нисбат ба кофирон мағруру гарданфароз будан воҷиб аст. Аллоҳ Таоло мегўяд:

"***Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар кӣ аз шумо аз динаш бозгардад, чӣ бок. Зудо, ки Аллоҳ мардумеро биёварад, ки дўсташон бидорад ва дўсташ бидоранд. Дар баробари мўъминон фурўтананд ва дар баробари кофирон саркаш; дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод мекунанд ва аз маломати ҳеҷ маломатгаре намеҳаросанд. Ин фазли Аллоҳ аст, ки ба ҳар кас, ки хоҳад, арзонӣ дорад ва Аллоҳ бахшояндаву доност!***" [5:54].

Хоксор шудан асло маънои хор шуданро надорад, балки меҳрубонӣ, раҳмдилӣ ва мулоимӣ аст. Гарданфароз шудан сахтгирӣ, дуруштӣ, душманӣ ва худро баланд донистан аст. Аллоҳ Таоло мегўяд:

**مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاء عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاء بَيْنَهُمْ**

"***Муҳаммад пайғамбари Аллоҳ ва касоне, ки бо ў ҳастанд, бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон***" [48:29].

Аллоҳ Субҳонаҳу Пайғамбар (с)-ро ба хоксорию фурўтанӣ фармудааст.

وَاخْفِضْ جَنَاحَكَ لِلْمُؤْمِنِينَ

"***Ва дар баробари мӯъминон фурӯтан бош***" [15:88].

وَاخْفِضْ جَنَاحَكَ لِمَنِ اتَّبَعَكَ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ

"***Дар баробари ҳар як аз мӯъминон, ки аз ту пайравӣ мекунад, боли фурӯтанӣ фуруд ор***" [26:215],

яъне нисбат ба онҳо мулоиму меҳрубон бошед. Айни замон он касро аз муносибати дурушт боздоштааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَبِمَا رَحْمَةٍ مِّنَ اللّهِ لِنتَ لَهُمْ وَلَوْ كُنتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لاَنفَضُّواْ مِنْ حَوْلِكَ فَاعْفُ عَنْهُمْ وَاسْتَغْفِرْ لَهُمْ وَشَاوِرْهُمْ فِي الأَمْرِ فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللّهِ إِنَّ اللّهَ يُحِبُّ الْمُتَوَكِّلِينَ

"***Ба сабаби раҳмати Аллоҳ аст, ки ту бо онҳо инчунин хушхӯю меҳрубон ҳастӣ. Агар тундхӯву сахтдил мебудӣ, аз гирди ту пароканда мешуданд. Пас бар онҳо бубахшой ва бар эшон омурзиш бихоҳ ва дар корҳо бо эшон машварат кун ва чун қасди коре кунӣ, бар Аллоҳ таваккул кун, ки Аллоҳ таваккулкунандагонро дӯст дорад***" [3:159].

Дар баробари он ки нисбат ба мӯъминон ба меҳрубонию мулоимӣ фармудааст ва аз дуруштӣ боздоштааст, нисбат ба кофирону мунофиқон ба дуруштӣ фармудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ جَاهِدِ الْكُفَّارَ وَالْمُنَافِقِينَ وَاغْلُظْ عَلَيْهِمْ وَمَأْوَاهُمْ جَهَنَّمُ وَبِئْسَ الْمَصِيرُ

"***Эй пайғамбар, бо кофирону мунофиқон биҷанг ва бо онон ба шиддат рафтор кун, ҷойгоҳашон ҷаҳаннам аст, ки бад саранҷомест!***" [9:73]

Хитобе, ки ба Пайғамбар (с) карда шудааст, модом ки далели хоскунанда надошта бошад, хитоб ба тамоми Уммат аст. Аз ин мебарояд, ба мӯъмин воҷиб аст, ки нисбат ба мӯъминон меҳрубон, раҳмдил ва мулоим бошад, аммо нисбат ба кофирон дурушт, сахтгир, душман, азиз, баланд бошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ قَاتِلُواْ الَّذِينَ يَلُونَكُم مِّنَ الْكُفَّارِ وَلِيَجِدُواْ فِيكُمْ غِلْظَةً وَاعْلَمُواْ أَنَّ اللّهَ مَعَ الْمُتَّقِينَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, бо кофироне, ки наздики шумоянд, ҷанг кунед, то дар шумо шиддату дурушти ёбанд ва бидонед, ки Аллоҳ бо парҳезгорон аст!***" [9:123].

Суннат низ ҳаминро тасдиқ мекунад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Нӯъмон ибни Башир ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَثَلُ الْـمُؤْمِنِينَ فِي تَوَادِّهِمْ وَتَرَاحُمِهِمْ وَتَعَاطُفِهِمْ مَثَلُ الْجَسَدِ، إِذَا اشْتَكَى مِنْهُ عُضْوٌ تَدَاعَى لَهُ سَائِرُ الْجَسَدِ بِالسَّهَرِ وَالْحُمَّى"

"**Мӯъминон дар дӯстӣ ва тараҳҳум нисбат ба якдигар ба тани ягона шабоҳат доранд. Агар яке аз узвҳои он таб кунад, узвҳои боқимонда бо бедорӣ ва таб ба ёрии он мешитобанд**". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Иёз ибни Ҳаммор (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" أَهْلُ الْجَنَّةِ ثَلاَثَةٌ: ذُو سُلْطَانٍ مُقْسِطٌ مُتَصَدِّقٌ مُوَفَّقٌ، وَرَجُلٌ رَحِيمٌ رَقِيقُ الْقَلْبِ لِكُلِّ ذِي قُرْبَى وَمُسْلِمٍ، وَعَفِيفٌ مُتَعَفِّفٌ ذُو عِيَالٍ"

"***Аҳли ҷаннат се тоифаанд: подшоҳи одилу саховатманд, ки сулҳро барқарор мекунад; инсоне, ки нисбат ба ҳар як хешованд ва ҳар як мусулмон қалбаш меҳрубону нарм аст; одами аёлманди боҳиммату боиффат***". Дар ҳадиси

муттафақун алайҳ, ки Ҷарир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"مَنْ لاَ يَرْحَمُ لاَ يُرْحَمُ"

"***Ҳар кӣ раҳм накунад, раҳм карда намешавад***". Аз раҳмати Аллоҳ маҳрум шудан далел аст, ки ба мӯъминон раҳмдил будан воҷиб аст. Дар "Саҳеҳ"-и Ибни Ҳиббон Абӯҳурайра (р) мегӯяд: "Аз Абулқосими содиқулмасдуқ (с) шунидаам:

"إِنَّ الرَّحْمَةَ لاَ تُنْزَعُ إِلاَّ مِنْ شَقِيٍّ"

"***Аз раҳмдилӣ фақат бадбахт бебаҳра аст***".

Ин ҳам як далел мебошад. Дар ривояти Муслим Оиша (р) мегӯяд: "Дар ҳамин хонаам аз Пайғамбар (с) шунидаам:

" اللَّهُمَّ مَنْ وَلِيَ مِنْ أَمْرِ أُمَّتِي شَيْئًا فَشَقَّ عَلَيْهِمْ فَاشْقُقْ عَلَيْهِ وَمَنْ وَلِيَ مِنْ أَمْرِ أُمَّتِي شَيْئًا فَرَفَقَ بِهِمْ فَارْفُقْ بِهِ"

"***Эй Аллоҳ, ҳар кӣ дар ягон кор аз болои умматам роҳбарӣ карда, ба онҳо машаққат орад, Ту низ ӯро ба машаққат гирифтор кун. Агар дар ягон кор аз болои умматам роҳбарӣ намуда, ба онҳо меҳрубон шавад, Ту ҳам нисбат ба ӯ меҳрубон бош***". Ин ҳам як далели дигар аст. Дар ҳадисе, ки Муслим аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لاَ يَرْحَمُ اللهُ مَنْ لاَ يَرْحَمُ النَّاسَ"

"***Ҳар кӣ ба мардум раҳм накунад, Аллоҳ ҳам ба ӯ раҳм намекунад***". Агар гӯянд, ки ин суханон умумӣ буда, чи мусулмон, чи кофир, чи мунофиқ, чи фармонбардор ва чи осӣ тамоми мардумро дар бар мегирад. Мо мегӯем: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الَّذِينَ قَالَ لَهُمُ النَّاسُ إِنَّ النَّاسَ قَدْ جَمَعُواْ لَكُمْ فَاخْشَوْهُمْ

"**Касоне, ки мардум гуфтандашон, ки мардум барои ҷанг бо шумо гирд омадаанд**" [3:173].

Гарчи дар ояти мазкур калимаи "мардум" ба таври умумӣ омадааст, аслан аз он хос ирода карда шудааст. Ҳадиси боло низ аз ҳамин қабил аст.

Дар хусуси нисбати мӯъминон меҳрубон будани Пайғамбар (с) Бухорӣ ва Муслим аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунанд: "Саъд ибни Убода бемор шуд. Пайғамбар (с) ҳамроҳи Абдурраҳмон ибни Авф, Саъд ибни Абӯваққос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд ба аёдати ӯ рафтанд. Вақте ки ба наздаш даромаданд, ӯ беҳуш мехобид. Он кас пурсиданд:

"أَقَدْ قُضِىَ؟"

"***Оё вафот кард?***". Дар ҷавоб гуфтанд: "***На, эй Расулаллоҳ***". Пайғамбар (с) гиря карданд. Гиряи он касро дида саҳобагон низ гиря карданд. Набӣ (с) гуфтанд:

" أَلاَ تَسْمَعُونَ؟ إِنَّ اللهَ لاَ يُعَذِّبُ بِدَمْعِ الْعَيْنِ، وَلاَ بِحُزْنِ الْقَلْبِ، وَلَكِنْ يُعَذِّبُ بِهَذَا - وَأَشَارَ إِلَى لِسَانِهِ - أَوْ يَرْحَمُ"

"***Оё намешунавед? Аллоҳ бо сабаби ашки чашму андӯҳи дил азоб намедиҳад. Лекин бо сабаби ин азоб медиҳад ё раҳм мекунад***" ва ба забонашон ишора карданд. Тирмизӣ аз Оиша (р) ривоят мекунад: "***Пайғамбар (с) Усмон ибни Мазъунро, ки дар ҳолати мурда мехобид, гирякунон (бо чашмони пурашк) бӯсиданд***". Тирмизӣ ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст. Муслим аз Анас (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) ғайр аз занони худ ба назди ягон зан намедаромаданд. Фақат ба назди Уммусалим медаромаданд. Вақте ки сабаби инро пурсиданд, ҷавоб доданд:

"إِنِّي أَرْحَمُهَا قُتِلَ أَخُوهَا مَعِي"

"***Ба ӯ раҳмам меояд, бародараш дар пеши ман кушта шуда буд***"". Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) аҳли Тоифро муҳосира карданд. Ҳанӯз фатҳ накарда гуфтанд: "Иншоаллоҳ, фардо бармегардем". Мусулмонон гуфтанд: "Охир ҳанӯз фатҳ накардем-ку, оё бармегардем". Он кас гуфтанд: "Аз субҳидам ба ҷанг дароед". Онҳо ба ҷанг даромада, ҷароҳатҳо гирифтанд. Пайғамбар (с) боз гуфтанд: "Фардо бармегардем". Мусулмонон аз ин сухан тааҷҷуб карда буданд, ки Пайғамбар (с) табассум намуданд". Муслим аз Муовия ибни Ҳакими Силмӣ ривоят мекунад: "Ҳамроҳи Пайғамбар (с) намоз мехондам, ки нафаре атса зад. Ман "Ярҳамукаллоҳ" гуфтам. Ҳама ба ман бо қиёфаи норозиёна нигоҳ карданд. Ман гуфтам: "Ман мураму модарам нола кунад, чаро ба ман ин хел нигоҳ мекунед?". Онҳо бо дасташон ба ронашон заданд. Бинам, бо ишора маро ором мекунанд. Лекин ман худам ором шудам. Чун Пайғамбар (с) аз намоз фориғ шуданд, падару модарам фидо бод ба он кас, на аввал ва на минбаъд ин гуна муаллими зеботаълимро надидам, қасам ба Аллоҳ, ки ба ман абрӯ гиреҳ накарданд, маро назаданд, дашном ҳам надоданд, фақат гуфтанд:

" إِنَّ هَذِهِ الصَّلاَةَ لاَ يَصْلُحُ فِيهَا شَيْءٌ مِنْ كَلاَمِ النَّاسِ، إِنَّمَا هُوَ التَّسْبِيحُ وَالتَّكْبِيرُ وَقِرَاءَةُ الْقُرْآنِ"

"***Намоз ин тасбеҳ, такбир ва қироати Қуръон аст. Ба он омехта шудани сухани башар дуруст нест***"". Бухорӣ аз Анас (р) ривоят мекунад: "Ҳамроҳи Пайғамбар (с) будам. Он кас дар тан як ҷомаи наҷронии дуруштҳошия доштанд. Аъробие ба он кас расида, аз гиребони ҷомаашон чунон сахт кашид, ки пояш монд. Ӯ гуфт: "Эй Муҳаммад, аз моле, ки Аллоҳ ба ту додааст, ба ман ҳам деҳ". Он кас ба сӯи ӯ рӯ оварда, табассум карданд ва фармуданд, ки ба ин аъробӣ як ҳадя диҳанд".

Саҳобагон ҳам нисбат ба якдигар меҳрубон буданд. Муслим аз Ибни Аббос ривоят мекунад: "Вақте ки Умар ҷароҳат бардошт, Суҳайб даромада "Во бародарам, во дӯстам" гуфта гиря мекард". Тирмизӣ аз Воқид ибни Амр ибни Саъд ибни Муоз ривоят мекунад: "Вақте ки Анас ибни Молик омад, ба наздаш рафтам. Ӯ пурсид: "Ту кистӣ?" Ман гуфтам: "Ман Воқид ибни Саъд ибни Муоз ҳастам". Он гоҳ ӯ: "Ту ба Саъд монанд будаӣ", гуфта гиря кард". Муслим аз Анас (р) ривоят мекунад: "Баъд аз вафоти Пайғамбар (с) Абӯбакр (р) ба Умар (р) гуфт: "Биё, мисли Пайғамбар (с) рафта Уммуайманро зиёрат мекунем". Чун ба наздаш рафтанд, Уммуайман онҳоро дида гиря кард. Онҳо гуфтанд: "Чаро гиря мекунӣ, барои Расулаллоҳ (с), он чӣ ки дар назди Аллоҳ ҳаст, афзалтар аст-ку". Ӯ гуфт: "Ман на аз рӯи надонистани он ки чизҳои назди Аллоҳ барои Пайғамбар (с) беҳтар аст, балки барои канда шудани ваҳй аз осмон гиря мекунам". Ин суханҳо онҳоро ба ҳаяҷон овард ва ҳамроҳи ӯ гиристанд". Дар ҳадиси дароз, ки Муслим дар хусуси фидяи асирони Бадр ривоят кардааст, Умар ибни Хаттоб мегӯяд: "Рӯзи дигар омадам, ки Пайғамбар (с) ва Абӯбакр гиря карда нишастаанд. Ман гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, ба ман гӯед, ки чаро шумо ва дӯстатон гиря мекунед. Агар гиря ёбам, гиря кунам, вагарна барои гиря карданатон ҳамроҳи шумо бигирям". Ибни Абдулбирр дар "Истиоб" аз Ҷанода ибни Абӯумайя ривоят мекунад: "Убода ибни Сомит ба ҷанги Искандария сарварӣ мекард. Вақте ки зердастони худро аз ҷанг боздошт, онҳо ҷанг карданд. Ба ман гуфт: "Эй Ҷанода, хабари мардумро бидон". Ман рафта омадам. Аз ман пурсид: "Оё ҳеҷ кас намурдааст". Ман "На" гуфта ҷавоб додам. Он гоҳ ӯ гуфт: "Шукри Аллоҳ, ки ҳеҷ кас дар ҳолати гунаҳкорӣ намурдааст"".

Бояд миёни мулоим, меҳрубон ва бораҳм будан ва сахтгир буданро нисбат ба мусулмонон фарқ кард. Чунки дар татбиқи ҳукми шаръӣ ва дар корҳои ба мусулмонон зараровар ба меҳрубонӣ ва мулоимӣ ҷой нест. Дар татбиқи ҳукми шаръӣ ва

дур кардани зарар аз мусулмонон сахтгир ва эҳтиёт шудан зарур аст.

Баёни ин чунин аст:

Дар корҳое, ки ба татбиқи ҳукми шаръӣ алоқа доранд:

• Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"اضْرِبُوهُ" ثُمَّ يَقُولُ "قُولُوا رَحِمَكَ اللهُ"

"***Ӯро занед ва бигӯед: "Аллоҳ ба ту раҳм кунад***"".

• Дар Ҳудайбия ба фикри саҳобагон муқобил баромаданд. Чунки он ҳукми шаръӣ буд. Аммо бо нармиву меҳрубонӣ ҳамфикр набудани худро изҳор карданд, то ки онҳоро ба вазъияти ногувор нагузоранд.

• Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Оиша (р) ривоят кардааст, оварда мешавад: "Қурайш дар хусуси зани махзумӣ, ки издӣ карда буд, ба ташвиш афтоданд. "Кӣ дар ин бора бо Пайғамбар (с) гуфтугӯ мекунад", гуфта маслиҳат карданд. Билохир ба қароре омаданд, ки танҳо нозпарварди Пайғамбар (с) Усома ба ин чиз ҷуръат карда метавонад. Чун Усома барои гуфтугӯ рафт, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" أَتَشْفَعُ فِي حَدٍّ مِنْ حُدُودِ اللهِ ثُمَّ قَامَ فَاخْتَطَبَ فَقَالَ: أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّمَا هَلَكَ الَّذِينَ قَبْلَكُمْ أَنَّهُمْ كَانُوا إِذَا سَرَقَ فِيهِمْ الشَّرِيفُ تَرَكُوهُ وَإِذَا سَرَقَ فِيهِمْ الضَّعِيفُ أَقَامُوا عَلَيْهِ الْحَدَّ وَايْمُ اللهِ لَوْ أَنَّ فَاطِمَةَ بِنْتَ مُحَمَّدٍ سَرَقَتْ لَقَطَعْتُ يَدَهَا"

"***Оё дар бораи як ҳадди Аллоҳ миёнаравӣ мекунӣ?" ва аз ҷояшон бархоста хитоб карданд: "Эй мардум, пешиниёни шумо аз он сабаб ҳалок шудаанд, ки агар аз байни онҳо шахси обрӯманд дуздӣ кунад, вогузоштаанд, аммо шахси***

***ночор дуздӣ кунад, ба вай ҳад муайян кардаанд. Қасам ба Аллоҳ, ки агар духтари Муҳаммад Фотима дуздӣ мекард, албатта дасти ӯро мебуридам***".

• Агар Пайғамбар (с) дар татбиқи ҳукми шаръӣ ба ягон кас раҳмдилӣ мекарданд, ба Ҳасан, ки аз садақа як хурмо гирифта буд, раҳм мекарданд. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, меояд: "Писари Алӣ Ҳасан аз садақа як хурморо гирифта, ба даҳонаш андохта буд, ки Пайғамбар (с) гуфтанд:

"!كِخْ كِخْ، ارْمِ بِهَا، أَمَـا عَلِمْتَ أَنَّا لَا نَأْكُلُ الصَّدَقَةَ؟"

"***Ких, ких, парто онро, оё намедонӣ, ки мо садақа намехӯрем?***".

Акнун ба корҳои Пайғамбар (с) дар бораи эҳтиёткорӣ дар рафъи зарар таваққуф мекунем. Дар ҳадиси Муслим, ки дар бораи ғазоти Табук аз Муоз ривоят кардааст, омадааст: "Сипас Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّكُمْ سَتَأْتُونَ غَدًا إِنْ شَاءَ اللهُ عَيْنَ تَبُوكَ، وَإِنَّكُمْ لَنْ تَأْتُوهَا حَتَّى يُضْحِيَ النَّهَارُ، فَمَنْ جَاءَهَا مِنْكُمْ فَلاَ يَمَسَّ مِنْ مَـائِهَا شَيْئًا حَتَّى آتِيَ، فَجِئْنَاهَا وَقَدْ سَبَقَنَا إِلَيْهَا رَجُلاَنِ، فَتَكُونُ مِثْلَ الشِّرَاكِ تَبِضُّ بِشَيْءٍ مِنْ مَـاءٍ، قَالَ: فَسَأَلَهُمَـا رَسُولُ اللهِ ﷺ هَلْ مَسَسْتُمَـا مِنْ مَـائِهَا شَيْئًا؟ قَالاَ نَعَمْ، فَسَبَّهُمَـا النَّبِيُّ ﷺ وَقَالَ لَهُمَـا مَـا شَاءَ اللهُ أَنْ يَقُولَ"

"***Шумо фардо иншоаллоҳ ба чашмаи Табук мерасед. То чоштгоҳ ҳаргиз ба он ҷо наравед. Ҳар кӣ биравад, то омадани ман ҳаргиз ба об даст нарасонад". Чун ба он ҷо расидем, дидем, ки пеш аз мо ду нафар омада будаанд. Аз чашма мисли ресмон оби андак мерафт. Пайғамбар (с) аз онҳо пурсиданд: "Оё ба об даст расондед?" Онҳо "Оре" гуфта ҷавоб доданд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) онҳоро накӯҳиш карда,***

***он чиро ки Аллоҳ хоста буд, гуфтанд***". Дар ҳадисе, ки Ибни Исҳоқ аз Муҳаммад ибни Яҳё ибни Ҳиббон ривоят кардааст, дар бораи қиссаи Банӣ Мусталақ ва кирдорҳои мунофиқон гуфта мешавад: "Пайғамбар (с) мардумро то шом, аз бегоҳ то субҳидам ва аз субҳи он рӯз то чоштгоҳ роҳ равонданд, пасон манзил бунёд кунонданд. Мақсад аз ин аз бисёр шудани гапу калоча нигоҳ доштан буд". Дар ҳадисе, ки Саид ибни Ҷубайр ривоят кардааст, гуфта мешавад: "Пайғамбар (с) рӯз ба поён нарасида ба роҳ баромаданд..." Ин ҳадисро, ки Ибни Касир саҳеҳ гуфтааст, Ибни Абӯхотам овардааст.

Акнун дар бораи эҳтиёткории саҳобагон таваққуф менамоем. Кори Абӯбакр мисоли равшани ин мебошад. Ӯ бар зидди муртадҳо ҷанг кард ва гарчи тамоми мусулмонон зид бошанд ҳам, Усомаро ба ҷанг фиристод. Ҳама ба ӯ итоат намуданд ва сипас ӯро ситоиш карданд.

Агар татбиқ кардани ҳукмҳо ва дафъ кардани зарарро истисно кунем, касони раҳм кардашаванда ононе мебошанд, ки ба мусибатҳое чун беморӣ, марг ё аз даст додани чиз ё каси барояшон азиз гирифтор шудаанд. Ба нодон ҳам меҳру шафқат ва нармӣ карда мешавад ва бо сабр таълим дода мешавад. Дар татбиқ кардани мубоҳ, чунон ки дар ҳадиси Ибни Умар омадааст, мисли кори Пайғамбар (с) дар муҳосираи Тоиф нисбат ба лашкар сабуктари ду кор гирифта мешавад.

Акнун дар бораи муомилаи сахту дурушт ва гарданфарозии мусулмонон нисбат ба кофирон сухан меронем.

**Якум, дар ҷанг**:

• Дар Бухорӣ аз Ваҳшӣ ҳадисе ривоят шудааст: "***Дар соли Инин мардум ба ҷанг баромаданд. Кӯҳи Инин дар рӯ ба рӯи Уҳуд воқеъ аст. Дар байни он ва Уҳуд як водӣ ҳаст. Ман ҳам ҳамроҳи дигарон ба ҷанг баромадам. Вақте ки ҳама барои ҷанг саф оростанд, Сибоъ баромада ба ҷанги тан ба тан***

***хонда гуфт: "Оё ба ман талабгор ҳаст?" Ҳамин вақт Ҳамза ибни Абдулмутталиб баромада ба ӯ гуфт: "Эй Сибоъ, эй писари Уммуаммор, эй муфсиди ба номуси занон таҷовузкунанда, оё ту бо Аллоҳ ва Расулаш ҷанг кардан мехоҳӣ?!" Сипас бо як ҳамла ӯро кушт...***".

Ҷангҳои тан ба тани Ҳамза, Барро, Холид, Амр ибни Маъдикариб, Зоҳир ибни Рофеъ ва дигарон дар китобҳои таърих ва ғазавот ба таври муфассал баён карда шудааст. Ҳар як кас метавонад ба онҳо муроҷиат кунад. Азбаски китоби мо китоби таърих ё қисса нест, мувофиқи мақсад бо як ишора кифоя кардем.

**Дуюм, дар музокираҳо**:

• Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Мисвар ва Марвон ривоят кардааст, омадааст: ***"...Муғира ибни Шуъба бо шамшери ғилофдор дар болои сари Пайғамбар (с) меистод. Ҳар гоҳ ки Урва ба риши Пайғамбар (с) даст дароз мекард, ӯ бо дастаи шамшер ба дасти ӯ зада мегуфт: "Аз риши Пайғамбар (с) дастатро каш***"".

• Боз дар ҳамин ҳадис омадааст: "***Вақте ки Урва гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, дар гирдат касони пасткашеро мебинам, ки туро партофта мегурезанд", Абӯбакр ӯро рад намуда гуфт: "Фалони Лотро хӯрдӣ, оё мо ӯро партофта мегурезем?***" Пайғамбар (с) кору суханони Муғира ва Абӯбакрро дидаву шунида ҳеҷ чиз нагуфтанд. Сукут кардани он кас ҷоиз будани ин корро нишон медиҳад.

• Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ дар "Сиярулкабир" мегӯяд: "***Уяйна дар назди Пайғамбар (с) пойҳояшро дароз карда менишаст, ки ба болои ин Усайд ибни Хузайр омад ва дӯғ зад: "Эй Ҳаҷрас Уяйна пойҳоятро ҷамъ кун, магар дар назди Пайғамбар (с) по дароз мекунӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки агар***

***Пайғамбар (с) намебуданд, тухмҳоятро бо найза шикоф мекардам. Агар хоҳони ин бошӣ, марҳамат***".

Дар китобҳо музокираҳои Собит ибни Ақрам, Амр ибни Ос, Муғира ибни Шуъба, Қутайба, Муҳаммад ибни Муслим ва Маъмун навишта шудаанд, ки аз иззату ғурур ҳарф мезананд ва ба фаъолияткунандагон намуна аст.

**Сеюм, дар муомила бо аҳдшиканон**:

Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло мегӯяд:

إِنَّ شَرَّ الدَّوَابِّ عِندَ اللّهِ الَّذِينَ كَفَرُواْ فَهُمْ لاَ يُؤْمِنُونَ الَّذِينَ عَاهَدتَّ مِنْهُمْ ثُمَّ يَنقُضُونَ عَهْدَهُمْ فِي كُلِّ مَرَّةٍ وَهُمْ لاَ يَتَّقُونَ فَإِمَّا تَثْقَفَنَّهُمْ فِي الْحَرْبِ فَشَرِّدْ بِهِم مَّنْ خَلْفَهُمْ لَعَلَّهُمْ يَذَّكَّرُونَ

"***Ҳар оина бадтарин ҷунбандагон дар назди Аллоҳ онҳоянд, ки кофир шудаанд ва имон намеоваранд. Касоне, ки ту аз онон паймон гирифтӣ, сипас паёпай паймони хешро мешикананд ва ҳеҷ парво намекунанд. Пас агар онҳоро дар ҷанг биёбӣ, парокандаашон соз, то пайравонашон низ пароканда шаванд, бошад, ки ибрат гиранд***" [8:55-57].

- Дар ҳадисе, ки Муслим дар хусуси аҳдшикании Қурайш ва фатҳ шудани Макка аз Абӯҳурайра ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" يَا مَعْشَرَ الأَنْصَارِ، هَلْ تَرَوْنَ أَوْبَاشَ قُرَيْشٍ؟ قَالُوا نَعَمْ، قَالَ انْظُرُوا إِذَا لَقِيتُمُوهُمْ غَدًا أَنْ تَحْصُدُوهُمْ حَصْدًا، وَأَخْفَى بِيَدِهِ وَوَضَعَ يَمِينَهُ عَلَى شِمَالِهِ، وَقَالَ مَوْعِدُكُمْ الصَّفَا، قَالَ فَمَا أَشْرَفَ يَوْمَئِذٍ لَهُمْ أَحَدٌ إِلاَّ أَنَامُوهُ"

"***Эй ҷамоаи ансориён, оё авбошони Қурайшро дидед?" Онҳо "Оре" гуфтанд. Он кас фармуданд: "Агар фардо онҳоро вохӯред, аз паи даравидани ҳамаи онҳо бошед" ва дастонашонро пинҳон карда, дасти росташонро ба болои***

***дасти чапашон монданд. Сипас гуфтанд: "Ҷои ба шумо ваъда кардашуда Сафо аст". Ҳамон рӯз кадоме аз онҳо намудор шуд, ӯро (ба замин) хобонданд***".

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Умар ривоят кардааст, меояд: "***Пасон бо Банӣ-Назир ва Банӣ-Қурайза ҷанг шуд. Дар натиҷа Банӣ-Назир ронда шуда, Банӣ-Қурайза монд. Сипас бо Банӣ-Қурайза ҷанг карда шуд. Дар натиҷа мардҳояшон кушта ва зану фарзандон, молу мулкашон ба мусулмонон тақсим карда шуд. Фақат ба баъзеашон, ки ба назди Пайғамбар (с) рафта буданд, амонӣ доданд ва онҳо мусулмон шуданд. Ҳамаи яҳудони Мадина ба Банӣ-Қайнуқоъ ронда шуданд. Онҳо хешовандони Абдуллоҳ ибни Салом, яҳудиёни Банӣ-Ҳориса ва тамоми яҳудиёни Мадина буданд***".

## *ШАВҚ БА ҶАННАТ ВА ШИТОБ ДАР КОРҲОИ ХАЙР*

Ба ҳақ будани ҷаннат, барои мӯъминон омода карда шудани он ва аз он то абад маҳрум будани кофирон имон овардан як қисми имон ба рӯзи охират ба шумор меравад. Бо тасдиқ кардани ин чизҳо имони мо ба охират тасдиқи худро меёбад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَسَارِعُواْ إِلَى مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَاوَاتُ وَالأَرْضُ أُعِدَّتْ لِلْمُتَّقِينَ

"***Бар якдигар пешӣ гиред барои омурзиши Парвардигори хеш ва расидан ба он биҳишт, ки паҳнояш ба қадри ҳамаи осмонҳову замин аст ва барои парҳезгорон муҳайё шудааст***" [3:133].

وَنَادَى أَصْحَابُ النَّارِ أَصْحَابَ الْجَنَّةِ أَنْ أَفِيضُواْ عَلَيْنَا مِنَ الْمَاء أَوْ مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّهُ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ حَرَّمَهُمَا عَلَى الْكَافِرِينَ

"***Дӯзахиён биҳиштиёнро овоз диҳанд, ки андаке об ё аз чизҳое, ки Аллоҳ ба шумо арзонӣ кардааст, бар мо фурӯ резед! Гӯянд: "Аллоҳ онҳоро бар кофирон ҳаром кардааст!***" [7:50].

Ҳар кӣ ҷаннат ё дӯзах ё азнавзиндашавӣ ва ё ҳисобу китобро инкор кунад, ӯ кофир аст. Дар ин хусус ҳам аз ҷиҳати субут ва

ҳам аз ҷиҳати далолат далелҳои қатъӣ ворид шудаанд. Касоне, ки ҷаннат барои онҳо муҳайё карда шудааст, якчанд тоифаанд:

- Набиён, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَن يُطِعِ اللّهَ وَالرَّسُولَ فَأُوْلَـئِكَ مَعَ الَّذِينَ أَنْعَمَ اللّهُ عَلَيْهِم مِّنَ النَّبِيِّينَ وَالصِّدِّيقِينَ وَالشُّهَدَاء وَالصَّالِحِينَ وَحَسُنَ أُولَـئِكَ رَفِيقًا

"***Ва ҳар кӣ аз Аллоҳу пайғамбараш итоат кунад, ҳамроҳ бо касоне хоҳад буд, ки Аллоҳ неъматашон додааст, чун анбиё ва сиддиқон ва шаҳидону солеҳон ва инон чӣ некӯ рафиқонанд!***" [4:69].

- Некон: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ الْأَبْرَارَ لَفِي نَعِيمٍ

"***Ҳар оина некон дар неъматанд***" [83:22].

إِنَّ الْأَبْرَارَ يَشْرَبُونَ مِن كَأْسٍ كَانَ مِزَاجُهَا كَافُورً عَيْنًا يَشْرَبُ بِهَا عِبَادُ اللَّهِ يُفَجِّرُونَهَا تَفْجِيرًا يُوفُونَ بِالنَّذْرِ وَيَخَافُونَ يَوْمًا كَانَ شَرُّهُ مُسْتَطِيرً وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمْ جَزَاء وَلَا شُكُورً إِنَّا نَخَافُ مِن رَّبِّنَا يَوْمًا عَبُوسًا قَمْطَرِيرًا فَوَقَاهُمُ اللَّهُ شَرَّ ذَلِكَ الْيَوْمِ وَلَقَّاهُمْ نَضْرَةً وَسُرُورً وَجَزَاهُم بِمَا صَبَرُوا جَنَّةً وَحَرِيرًا

"***Некон аз ҷомҳое менӯшанд, ки омехта ба кофур аст, чашмае, ки бандагони Аллоҳ аз он менӯшанд ва онро ба ҳар ҷое, ки мехоҳанд, равон месозанд. Ба назр вафо мекунанд ва аз рӯзе, ки шарри он ҳама ҷоро гирифтааст, метарсанд. Ва таомро дар ҳоле, ки худ дӯсташ доранд, ба мискину ятим ва асир мехӯронанд, ҷуз ин нест, ки шуморо барои Аллоҳ итъом мекунем ва аз шумо на подоше мехоҳем на сипосе. Мо аз Парвардигори худ метарсем, дар рӯзе, ки он рӯз абусу сахт ва ҳавлнок аст. Аллоҳ эшонро аз шарри он рӯз нигаҳ***

***дошт ва ононро тароватӯ шодмонӣ бахшид. Ба подоши сабре, ки кардаанд, подошашонро биҳишту ҳарир дод*" [76:5-12].

- Муқаррабони пешқадам:

وَالسَّابِقُونَ السَّابِقُونَ أُوْلَئِكَ الْمُقَرَّبُونَ فِي جَنَّاتِ النَّعِيمِ

"***Се дигар онҳо, ки сабқат ҷуста буданд ва инак пеш афтодаанд. Инон муқаррабонанд дар биҳиштҳои пурнеъмат***" [56:10-12].

- Асҳоби саодат:

وَأَصْحَابُ الْيَمِينِ مَا أَصْحَابُ الْيَمِينِ فِي سِدْرٍ مَّخْضُود وَطَلْحٍ مَّنضُود وَظِلٍّ مَّمْدُود وَمَاء مَّسْكُوبٍ وَفَاكِهَةٍ كَثِيرَة لَّا مَقْطُوعَةٍ وَلَا مَمْنُوعَةٍ وَفُرُشٍ مَّرْفُوعَة إِنَّا أَنشَأْنَاهُنَّ إِنشَاء فَجَعَلْنَاهُنَّ أَبْكَارًا عُرُبًا أَتْرَابًا لِّأَصْحَابِ الْيَمِينِ

"***Аммо асҳоби саодат, асҳоби саодат чӣ ҳол доранд? Дар зери дарахти сидри бехор ва дарахти мӯзе, ки меваааш бар якдигар чида шуда ва сояе доим ва обе ҳамвора ҷорӣ ва мевае бисёр, ки на мунқатеъ мегардад ва на касро аз он боздоранд. Ва заноне арҷманд. Он занонро Мо биёфаридем, офаридане ва дӯшизагон сохтем. Маъшуқаи ҳамсарони хешанд, барои асҳоби саодат***" [56:27-38].

- Мӯҳсинон:

لِّلَّذِينَ أَحْسَنُواْ الْحُسْنَى وَزِيَادَةٌ وَلاَ يَرْهَقُ وُجُوهَهُمْ قَتَرٌ وَلاَ ذِلَّةٌ أُوْلَـئِكَ أَصْحَابُ الْجَنَّةِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

"***Подоши онон, ки некӣ мекунанд, некист ва чизе афзун бар он. На сияҳрӯй шаванду на хор. Инон аҳли биҳиштанд ва дар он ҷовидонанд***" [10:26].

- Собирон:

جَنَّاتُ عَدْنٍ يَدْخُلُونَهَا وَمَنْ صَلَحَ مِنْ آبَائِهِمْ وَأَزْوَاجِهِمْ وَذُرِّيَّاتِهِمْ وَالمَلاَئِكَةُ يَدْخُلُونَ عَلَيْهِم مِّن كُلِّ بَابٍ سَلاَمٌ عَلَيْكُم بِمَا صَبَرْتُمْ فَنِعْمَ عُقْبَى الدَّارِ

"***Биҳиштҳои ҷовидон, онҳо ва ҳар кӣ некӯкор будааст аз падарону ҳамсарон ва фарзандонашон, бад-он дохил шаванд ва фариштагон аз ҳар дар ба наздашон оянд. Салом бар шумо ба хотири он ҳама шикебоӣ, ки варзидаед. Сарои охират чӣ сарое некӯст!***" [13:23-24].

- Инсоне, ки аз истодан ба пешгоҳи Парвардигораш метарсад:

وَلِمَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ جَنَّتَانِ

"***Ҳар касро, ки аз истодан ба пешгоҳи Парвардигораш тарсида бошад, ду биҳишт аст***" [55:46].

- Парҳезгорон:

إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ

"***Парҳезгорон дар биҳиштҳо, канори чашмасоронанд***" [15:45].

إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي مَقَامٍ أَمِينٍ فِي جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ

"***Парҳезгорон дар ҷои амне ҳастанд, дар боғҳову чашмасорҳо***" [44:51-52].

تِلْكَ الْجَنَّةُ الَّتِي نُورِثُ مِنْ عِبَادِنَا مَن كَانَ تَقِيًّا

"***Ин ҳамон биҳиштест, ки ба бандагонамон, онҳо ки парҳезгорӣ кардаанд, ато мекунем***" [19:63].

مَّثَلُ الْجَنَّةِ الَّتِي وُعِدَ الْمُتَّقُونَ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الأَنْهَارُ أُكُلُهَا دَآئِمٌ وِظِلُّهَا تِلْكَ عُقْبَى الَّذِينَ اتَّقَواْ وَّعُقْبَى الْكَافِرِينَ النَّارُ

"***Сифати биҳиште, ки ба парҳезгорон ваъда шуда: об аз зери дарахтонаш равон аст ва меваҳову сояаш ҳамешагист. Ин саранҷоми касонест, ки парҳезгоранд ва саранҷоми кофирон оташ аст***" [13:35].

- Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста карданд:

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَانَتْ لَهُمْ جَنَّاتُ الْفِرْدَوْسِ نُزُلًا خَالِدِينَ فِيهَا لَا يَبْغُونَ عَنْهَا حِوَلًا

"***Касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд, меҳмонсарояшон боғҳои Фирдавс аст. Дар он ҷо ҷовидонанд ва ҳаргиз ҳавои интиқол накунанд***" [18:107-108].

الَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ طُوبَى لَهُمْ وَحُسْنُ مَآبٍ

"***Зиндагии хуш ва бозгаштангоҳи некӯ аз они касонест, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд***" [13:29].

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ يَهْدِيهِمْ رَبُّهُمْ بِإِيمَانِهِمْ تَجْرِي مِن تَحْتِهِمُ الأَنْهَارُ فِي جَنَّاتِ النَّعِيمِ

"***Ононро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, Парвардигорашон ба сабаби имонашон ба биҳиштҳои пурнеъмат, ки наҳрҳои об дар зери пояшон ҷорист, ҳидоят мекунад***" [10:9].

الَّذِينَ آمَنُوا بِآيَاتِنَا وَكَانُوا مُسْلِمِينَ ادْخُلُوا الْجَنَّةَ أَنتُمْ وَأَزْوَاجُكُمْ تُحْبَرُونَ

"***Касоне, ки ба оятҳои Мо имон овардаанд ва таслими амри Мо шудаанд, шумо ва ҷуфтҳоятон бо шодкомӣ ба биҳишт дохил шавед***" [43:69-70].

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ وَأَخْبَتُواْ إِلَى رَبِّهِمْ أُوْلَـئِكَ أَصْحَابُ الجَنَّةِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

"***Касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ва дар баробари Парвардигорашон фурӯтанӣ намудаанд, аҳли биҳиштанд ва дар он ҷовидонанд***" [11:23].

• Тавбакунандагон:

إِلَّا مَن تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ صَالِحًا فَأُوْلَئِكَ يَدْخُلُونَ الْجَنَّةَ وَلَا يُظْلَمُونَ شَيْئًا

"***Магар он кас, ки тавба кард ва имон овард ва корҳое шоиста кард. Инон ба биҳишт дохил мешаванд ва ҳеҷ мавриди ситам қарор намегиранд***" [19:60].

Неъматҳои ҷаннат неъматҳои ҳисшаванда аст. Ба ин далелҳо:

• Либос:

وَلِبَاسُهُمْ فِيهَا حَرِيرٌ

"***Либосашон аз ҳарир аст***" [22:23].

يَلْبَسُونَ مِن سُندُسٍ وَإِسْتَبْرَقٍ مُّتَقَابِلِينَ

"***Либосҳое аз сундусу истабрақ мепӯшанд ва рӯбарӯи ҳам мешинанд***"

[44:53].

وَجَزَاهُم بِمَا صَبَرُوا جَنَّةً وَحَرِيرًا

"***Ба подоши сабре, ки кардаанд, подошашонро биҳишту ҳарир дод***" [76:12].

عَالِيَهُمْ ثِيَابُ سُندُسٍ خُضْرٌ وَإِسْتَبْرَقٌ وَحُلُّوا أَسَاوِرَ مِن فِضَّةٍ

"***Бар танашон ҷомаҳоест аз сундуси сабз ва истабрақ. Ва ба дастбандҳое аз сим зинат шудаанд***" [76:21].

• Таом ва шароб:

وَفَاكِهَةٍ مِّمَّا يَتَخَيَّرُونَ وَلَحْمِ طَيْرٍ مِّمَّا يَشْتَهُونَ

"***Ва меваҳое, ки худ бармегузинанд. Ва гӯшти парранда, ҳар чӣ бихоҳанд***" [56:20-21].

فِي سِدْرٍ مَّخْضُود وَطَلْحٍ مَّنضُود وَظِلٍّ مَّمْدُود وَمَاء مَّسْكُوبٍ وَفَاكِهَةٍ كَثِيرَة لَّا مَقْطُوعَةٍ وَلَا مَمْنُوعَةٍ

"***Дар зери дарахти сидри бехор ва дарахти мӯзе, ки мевааш бар якдигар чида шуда ва сояе доим ва обе ҳамвора ҷорӣ ва меваe бисёр, ки на мунқатеъ мегардад ва на касро аз он боздоранд***" [56:28-33].

يُسْقَوْنَ مِن رَّحِيقٍ مَّخْتُوم خِتَامُهُ مِسْكٌ وَفِي ذَلِكَ فَلْيَتَنَافَسِ الْمُتَنَافِسُونَ وَمِزَاجُهُ مِن تَسْنِيم عَيْنًا يَشْرَبُ بِهَا الْمُقَرَّبُونَ

"***Аз шаробе холис, ки бар сари он мӯҳр ниҳодаанд, сероб мешаванд. Мӯҳри он аз мушк аст ва пешдастӣ кунандагон дар он барои якдигар пешдастӣ мекунанд. Омезаи он тасним аст, чашмаест, ки муқаррабони Аллоҳ аз он меошоманд***" [83:25-28].

إِنَّ الْأَبْرَارَ يَشْرَبُونَ مِن كَأْسٍ كَانَ مِزَاجُهَا كَافُورً عَيْنًا يَشْرَبُ بِهَا عِبَادُ اللَّهِ يُفَجِّرُونَهَا تَفْجِيراً

"***Некон аз ҷомҳое менӯшанд, ки омехта ба кофур аст, чашмае, ки бандагони Аллоҳ аз он менӯшанд ва онро ба ҳар ҷое, ки мехоҳанд, равон месозанд***" [76:5-6].

وَدَانِيَةً عَلَيْهِمْ ظِلَالُهَا وَذُلِّلَتْ قُطُوفُهَا تَذْلِيلًا

"***Сояҳои дарахтонаш бар сарашон афтода ва меваҳояш ба фармонашон бошад***" [76:14].

وَيُسْقَوْنَ فِيهَا كَأْسًا كَانَ مِزَاجُهَا زَنجَبِيلًا عَيْنًا فِيهَا تُسَمَّى سَلْسَبِيلًا

"***Дар он ҷо ҷоме бинӯшонандашон, ки омехта бо занҷабил бошад, аз чашмае, ки онро салсабил мегӯянд***" [76:17-18].

وَسَقَاهُمْ رَبُّهُمْ شَرَابًا طَهُورًا

"***Ва Парвардигорашон аз шаробе покиза серобашон созад***" [76:21].

"***Дар он ҷо бароятон меваҳои бисёр ҳаст, ки аз он мехӯред***" [43:73].

يَدْعُونَ فِيهَا بِكُلِّ فَاكِهَةٍ آمِنِينَ

"***Дар эминӣ ҳар меваеро, ки бихоҳанд, металабанд***" [44:55].

وَفَوَاكِهَ مِمَّا يَشْتَهُونَ

"***Бо ҳар мевае, ки орзу кунанд***" [77:42].

وَأَمْدَدْنَاهُم بِفَاكِهَةٍ وَلَحْمٍ مِّمَّا يَشْتَهُونَ

"***Ва пайваста аз ҳар гуна, ки бихоҳанд меваю гӯшт атояшон мекунем***" [52:22].

فِيهِمَا عَيْنَانِ تَجْرِيَانِ فَبِأَيِّ آلَاء رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ فِيهِمَا مِن كُلِّ فَاكِهَةٍ زَوْجَانِ

"***Дар он ду чашма ҷорист. Пас кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? Дар он ҷо аз ҳар гуна мевае ду қисм аст***" [55:50-52].

مُتَّكِئِينَ عَلَى فُرُشٍ بَطَائِنُهَا مِنْ إِسْتَبْرَقٍ وَجَنَى الْجَنَّتَيْنِ دَانٍ

"***Ва меваҳои он ду биҳишт дар дастрасашон бошад***" [55:54].

- Издивоҷ:

كَذَلِكَ وَزَوَّجْنَاهُم بِحُورٍ عِينٍ

"*Ҳамчунин ҳурулъайнро ба ҳамсариашон дармеоварем*" [44:54].

وَحُورٌ عِينٌ كَأَمْثَالِ اللُّؤْلُؤِ الْمَكْنُونِ

"***Ва ҳурони дуруштчашм ҳамонанди марворидҳое дар садаф***" [56:22-23].

إِنَّا أَنشَأْنَاهُنَّ إِنشَاء فَجَعَلْنَاهُنَّ أَبْكَارً عُرُبًا أَتْرَابًا

"**Он занонро Мо биёфаридем, офаридани ва дӯшизагон сохтем**" [56:35-37].

وَزَوَّجْنَاهُم بِحُورٍ عِينٍ

"*Ҳуриёнро ҳамсарашон мегардонем*" [52:20].

فِيهِنَّ قَاصِرَاتُ الطَّرْفِ لَمْ يَطْمِثْهُنَّ إِنسٌ قَبْلَهُمْ وَلَا جَانٌّ فَبِأَيِّ آلَاء رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ كَأَنَّهُنَّ الْيَاقُوتُ وَالْمَرْجَانُ

"***Дар он ҷост заноне, ки ҷуз ба шавҳари хеш нанигаранд ва пеш аз биҳиштиён ҳеҷ одамиву ҷинне ба онҳо даст назадааст. Пас кадом як аз неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед? Ҳамонанди ёқуту марҷон***" [55:56-58].

- Хизматкорон:

يَطُوفُ عَلَيْهِمْ وِلْدَانٌ مُّخَلَّدُونَ

"***Писарони ҳамвора ҷавон гирдашон мечарханд***" [56:17].

وَيَطُوفُ عَلَيْهِمْ وِلْدَانٌ مُّخَلَّدُونَ إِذَا رَأَيْتَهُمْ حَسِبْتَهُمْ لُؤْلُؤًا مَّنثُورًا

"**Ҳамвора писароне ба гирдашон мечарханд, ки чун онҳоро бубинӣ, пиндорӣ марвориди парокандаанд**" [76:19].

• Таҷҳизоти хона:

مِّنْ غِلٍّ إِخْوَانًا عَلَى سُرُرٍ مُّتَقَابِلِينَ

"***Ҳама бародаронанд, бар тахтҳо рӯбарӯи ҳаманд***" [15:47].

يُطَافُ عَلَيْهِم بِصِحَافٍ مِّن ذَهَبٍ وَأَكْوَابٍ

"**Қадаҳҳои заррин ва сабӯҳоро дар миёнашон ба гардиш меоваранд**" [43:71].

عَلَى الْأَرَائِكِ يَنظُرُونَ

"***Бар тахтҳо нишаста ва назора мекунанд***" [83:23].

بِأَكْوَابٍ وَأَبَارِيقَ وَكَأْسٍ مِّن مَّعِينٍ

"***Бо қадаҳҳову ибриқҳо ва ҷомҳое аз шаробе, ки дар ҷӯйҳо ҷорист***" [56:18].

عَلَى سُرُرٍ مَّوْضُونَةٍ مُّتَّكِئِينَ عَلَيْهَا مُتَقَابِلِينَ

"***Дар он ҷо бар тахтҳо такя задаанд***" [56:15-16].

وَيُطَافُ عَلَيْهِم بِآنِيَةٍ مِّن فِضَّةٍ وَأَكْوَابٍ كَانَتْ قَوَارِيرَا

"***Косаҳои симину кӯзаҳои шароб миёнашон ба гардиш дармеояд***" [76:15].

مُتَّكِئِينَ عَلَى سُرُرٍ مَّصْفُوفَةٍ وَزَوَّجْنَاهُم بِحُورٍ عِينٍ

"***Бар тахтаҳои мурассаъ рӯбарӯи ҳам бар онҳо такя задаанд***" [56:20].

وَفُرُشٍ مَّرْفُوعَةٍ

"***Ва бистарҳои баланд***" [56:34].

فِيهَا سُرُرٌ مَّرْفُوعَةٌ وَأَكْوَابٌ مَّوْضُوعَةٌ وَنَمَارِقُ مَصْفُوفَةٌ وَزَرَابِيُّ مَبْثُوثَةٌ

"***Ва тахтҳое баланд зада ва сабӯҳое ниҳода ва болиштҳое дар канори ҳам чида ва фаршҳое густурда***" [88:13-16].

مُتَّكِئِينَ عَلَى سُرُرٍ مَّصْفُوفَةٍ

"***Бар он тахтҳои канори ҳам чида такя мезананд***" [52:20].

مُتَّكِئِينَ عَلَى فُرُشٍ بَطَائِنُهَا مِنْ إِسْتَبْرَقٍ

"***Бар бистарҳое, ки астарашон аз истабрақ аст, такя задаанд***" [55:54].

- Обу ҳавои мӯътадил:

مُتَّكِئِينَ فِيهَا عَلَى الْأَرَائِكِ لَا يَرَوْنَ فِيهَا شَمْسًا وَلَا زَمْهَرِيرًا وَدَانِيَةً عَلَيْهِمْ ظِلَالُهَا وَذُلِّلَتْ قُطُوفُهَا تَذْلِيلًا

"***Дар он ҷо бар тахтҳо такя задаанд, на ҳеҷ офтобе мебинанд ва на сармое. Сояҳои дарахтонаш бар сарашон афтода***" [76:13-14].

- Чизҳои дилхоҳ:

مَا تَشْتَهِيهِ الْأَنفُسُ وَتَلَذُّ الْأَعْيُنُ وَأَنتُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

"***Дар он ҷост ҳар чӣ нафс орзу кунад ва дида аз он лаззат бибарад. Ва дар он ҷо ҷовидона хоҳед буд!***" [43:71].

وَلَهُم مَّا يَشْتَهُونَ

"***Барои худ ҳар чӣ дӯст доранд***" [16:57].

وَلَكُمْ فِيهَا مَا تَشْتَهِي أَنفُسُكُمْ وَلَكُمْ فِيهَا مَا تَدَّعُونَ

"***Дар биҳишт ҳар чӣ дилатон бихоҳад ва ҳар чӣ талаб кунед, бароятон фароҳам аст***" [41:31].

إِنَّ الَّذِينَ سَبَقَتْ لَهُم مِّنَّا الْحُسْنَى أُوْلَئِكَ عَنْهَا مُبْعَدُونَ لَا يَسْمَعُونَ حَسِيسَهَا وَهُمْ فِي مَا اشْتَهَتْ أَنفُسُهُمْ خَالِدُونَ

"***Касоне, ки пеш аз ин муқаррар кардаем, ки ба онҳо некӯӣ кунем, аз ҷаҳаннам барканоранд. Инон садои дӯзахро намешунаванд ва дар биҳишт, ки ҳар чӣ хоҳанд, муҳайёст, ҷовидонанд***" [21:101-102].

Аллоҳ аҳли биҳиштро аз чизҳои бад ҳимоя кардааст:

• Аз кинаю адоват:

وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنْ غِلٍّ

"***Ҳар кинаеро аз дилашон баркандаем***" [15:47].

• Аз ранҷ:

لاَ يَمَسُّهُمْ فِيهَا نَصَبٌ

"***Ҳеҷ ранҷе ба онҳо намерасад***" [15:48].

• Аз хавфу ҳузн:

يَا عِبَادِ لَا خَوْفٌ عَلَيْكُمُ الْيَوْمَ وَلَا أَنتُمْ تَحْزَنُونَ

"***Эй бандагони Ман, дар он рӯз биме бар шумо нест ва шумо ғамгин намешавед***" [43:68].

Неъматҳои биҳишт интиҳо надоранд ва ҷовидонанд. Аҳли он ҳаргиз аз он ҷо берун карда намешаванд.

وَمَا هُم مِّنْهَا بِمُخْرَجِينَ

"***Ва аз он ҷо берунашон наронанд***" [15:48].

وَأَنتُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

"***Шумо дар он ҷо ҷовидона хоҳед буд***" [43:71].

لَا يَذُوقُونَ فِيهَا الْمَوْتَ إِلَّا الْمَوْتَةَ الْأُولَى وَوَقَاهُمْ عَذَابَ الْجَحِيمِ

"***Дар он ҷо таъми маргро намечашанд, магар ҳамон марги нахустин. Ва онҳоро Аллоҳ аз азоби ҷаҳаннам нигоҳ доштааст***" [44:56].

وَهُمْ فِي مَا اشْتَهَتْ أَنفُسُهُمْ خَالِدُونَ

"***Дар биҳишт, ки ҳар чӣ хоҳанд, муҳайёст, ҷовидонаанд***" [21:102].

**Биҳишт ҳамин аст, пас ба он бишитобед!**

وَسَارِعُواْ إِلَى مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَاوَاتُ وَالأَرْضُ أُعِدَّتْ لِلْمُتَّقِينَ

"***Бар якдигар пешӣ гиред барои омурзиши Парвардигори хеш ва расидан ба он биҳишт, ки паҳнояш ба қадри ҳамаи осмонҳову замин аст ва барои парҳезгорон муҳайё шудааст***" [3:133].

**Пас, ба анҷоми корҳои хайр бишитобед!**

فَاسْتَبِقُواْ الْخَيْرَاتِ أَيْنَ مَا تَكُونُواْ يَأْتِ بِكُمُ اللّهُ جَمِيعًا إِنَّ اللّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

"***Пас дар некӣ кардан бар якдигар сабқат гиред. Ҳар ҷо, ки бошед, Аллоҳ шуморо ҳозир меоварад, ки Ӯ бар ҳар коре тавоност***" [2:148].

Дар ҳамон вақт Аллоҳ ба шумо дар ин дунё нусрат медиҳад ва дар охират бо инсонҳое якҷоя хоҳед шуд, ки дар иллийини аъло ба неъматҳои Аллоҳ сазовор шудаанд.

وَمَن يُطِعِ اللّهَ وَالرَّسُولَ فَأُوْلَـئِكَ مَعَ الَّذِينَ أَنْعَمَ اللّهُ عَلَيْهِم مِّنَ النَّبِيِّينَ وَالصِّدِّيقِينَ وَالشُّهَدَاء وَالصَّالِحِينَ وَحَسُنَ أُولَـئِكَ رَفِيقًا

"***Ва ҳар кӣ аз Аллоҳу паёмабараш итоат кунад, ҳамроҳ бо касоне хоҳад буд, ки Аллоҳ неъматашон додааст, чун анбиё ва сиддиқон ва шаҳидону солеҳон ва инон чӣ некӯ рафиқонанд***!" [4:69].

Оё инсоне ҳаст, ки дар шитоб намудан ба сӯи некӣ, мағфират, ҷаннат ва ризои Аллоҳ, ки неъмати бузургтарин аст, аз даъваткунандагон шоистатар бошад?

Некиҳои фармудаи Аллоҳ, ки мо бояд ба сӯи онҳо бишитобем ва ҳарис бошем, гуногунанд.

• **Фарзҳои айн:** намоз, рӯза, закот, ҳаҷ, донистани фиқҳ то андозае ки дар ҳаёти инсон лозим аст, ҷиҳоди мудофиавӣ, ҷиҳод дар вақти ба он хондани Халифа, ба байъати итоат даромадан, ба миқдори воҷиббуда сарфу харҷ намудан ва барои он меҳнат кардан, маҳкам доштани ҷамоа ва ғайра.

• **Фарзҳои кифоя:** ба вуҷуд овардани гурӯҳе, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунад, ҷиҳоди талаб, байъати инъиқод, талаби илм ва ғайра.

Ин ду навъи фарз аз амалҳое ба шумор меравconfigured, ки бандаро аз ҳама бештар ба Аллоҳ наздик мекунанд. Банда онҳоро иҷро накарда, ба розигии Парвардигораш мушарраф шуда наметавонад. Дар "Кабир"-и Табаронӣ Абӯумома ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّ اللهَ تَعَالَى قَالَ: مَنْ أَهَانَ لِي وَلِيًّا فَقَدْ بَارَزَنِي فِي الْعَدَاوَةِ، ابْنَ آدَمَ لَنْ تُدْرِكَ مَـا عِنْدِي إِلاَ بِأَدَاءِ مَـا افْتَرَضْتُهُ عَلَيْكَ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Ҳар кӣ як дӯсти Маро хор кунад, дар душманӣ бо Ман ба ҷанги тан ба тан баромадааст. Эй***

***фарзанди Одам, то амалҳоеро, ки ба ту фарз кардаам, ба ҷо наорӣ, ба чизе, ки дар назди Ман аст, муяссар шуда наметавонӣ***".

- **Мандубҳо:** Агар банда дар қатори амалҳои фарз амалҳои мандубро низ адо карда, ба Аллоҳ наздик шавад, Аллоҳ ҳам ба ӯ наздик мешавад ва ӯро дӯст медорад. Дар давоми ҳадиси боло, ки Абӯумома ривоят кардааст, гуфта мешавад:

" وَلاَ يَزَالُ عَبْدِي يَتَقَرَّبُ إِلَيَّ بِالنَّوَافِلِ حَتَّى أُحِبَّهُ، فَأَكُونَ قَلْبَهُ الَّذِي يَعْقِلُ بِهِ، وَلِسَانَهُ الَّذِي يَنْطِقُ بِهِ، وَبَصَرَهُ الَّذِي يُبْصِرُ بِهِ، فَإِذَا دَعَانِي أَجَبْتُهُ، وَإِذَا سَأَلَنِي أَعْطَيْتُهُ، وَإِذَا اسْتَنْصَرَنِي نَصَرْتُهُ، وَأَحَبُّ عِبَادَةِ عَبْدِي إِلَيَّ النَّصِيحَةُ"

"***Агар бандаам амалҳои нафлро иҷро карда, ба Ман наздик шавад, билохир Ман ӯро дӯст медорам. Он гоҳ Ман ба қалби эҳсоскунандаи ӯ, ба забони гӯёи ӯ ва ба чашми бинои ӯ табдил меёбам. Агар ба Ман дуо кунад, иҷобат мекунам, пурсад, медиҳам, пирӯзӣ хоҳад, пирӯз мегардонам. Бароям маҳбубтарин ибодати бандаам насиҳат аст***". Дар Бухорӣ Анас (р) аз Пайғамбар (с), он кас аз Парвардигори олам ривоят мекунанд:

" إِذَا تَقَرَّبَ الْعَبْدُ إِلَيَّ شِبْرًا تَقَرَّبْتُ إِلَيْهِ ذِرَاعًا، وَإِذَا تَقَرَّبَ إِلَيَّ ذِرَاعًا تَقَرَّبْتُ مِنْهُ بَاعًا، وَإِذَا أَتَانِي يَمْشِي أَتَيْتُهُ هَرْوَلَةً"

"***Агар бандаам ба Ман як ваҷаб наздик шавад, Ман ба ӯ як оринҷ наздик мешавам, ба Ман як оринҷ наздик шавад, Ман ба ӯ як газ наздик мешавам, ба сӯи Ман роҳ гашта ояд, Ман ба сӯи ӯ давида меравам***". Амалҳои зерин аз амалҳои мандуб ба ҳисоб меравад:

Дар ҳар намоз таҳорат кардан ва дар ҳар як таҳорат мисвокро истифода бурдан: Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

لَوْلاَ أَنْ أَشُقَّ عَلَى أُمَّتِي لأَمَرْتُهُمْ عِنْدَ كُلِّ صَلاَةٍ بِوُضُوءٍ، وَ مَعَ كُلِّ وُضُوءٍ " بِسِوَاكٍ"

"***Агар барои умматам душвор шуданашро намеандешидам, онҳоро мефармудам, ки дар ҳар намоз таҳорат кунанд ва дар ҳар таҳорат мисвокро истифода баранд***". Боз дар як ривояти муттафақун алайҳ гуфта шудааст:

"لَوْلاَ أَنْ أَشُقَّ عَلَى أُمَّتِي لأَمَرْتُهُمْ"

"***Агар намеандешам, ки ба умматам душвор мекунам, мефармудам, (ки дар ҳар намоз мисвок кор фармоянд)***".

Баъд аз таҳорат ду ракъат намози нафл хондан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) ба Билол гуфтанд:

" يَا بِلاَلُ حَدِّثْنِي بِأَرْجَى عَمَلٍ عَمِلْتَهُ فِي الإِسْلاَمِ، فَإِنِّي سَمِعْتُ دَفَّ نَعْلَيْكَ بَيْنَ يَدَيَّ فِي الْجَنَّةِ؟ قَالَ: مَـا عَمِلْتُ عَمَلاً أَرْجَى عِنْدِي مِنْ أَنِّي لَمْ أَتَطَهَّرْ طَهُورًا، فِي سَاعَةٍ مِنْ لَيْلٍ أَوْ نَهَارٍ، إِلاَّ صَلَّيْتُ بِذَلِكَ الطُّهُورِ مَـا كُتِبَ لِي أَنْ أُصَلِّيَ"

"***Эй Билол, ба ман аз амали худ нақл кун, ки пас аз мусулмон шудан кардаӣ ва ба умедвор шудан аз ҳама бештар муносиб аст. Чунки ман дар ҷаннат аз мақоми худ садои қадамҳои туро шунидам". Билол ҷавоб дод: "Дар кадом соати шаб ё рӯз таҳорат кунам, бо ҳамон таҳорат ба миқдори насибкарда намоз хондаам. Ғайр аз ин, амале надорам, ки ба умедвор шудан арзад***"".

Азон гуфтан, дар сафи аввал будан ва субҳидам ба намоз рафтан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لَوْ يَعْلَمُ النَّاسُ مَـا فِي النِّدَاءِ وَالصَّفِّ الأَوَّلِ، ثُمَّ لَمْ يَجِدُوا إِلاَّ أَنْ يَسْتَهِمُوا عَلَيْهِ لاسْتَهَمُوا، وَلَوْ يَعْلَمُونَ مَـا فِي التَّهْجِيرِ لاسْتَبَقُوا إِلَيْهِ، وَلَوْ يَعْلَمُونَ مَـا فِي الْعَتَمَةِ وَالصُّبْحِ لأَتَوْهُمَـا وَلَوْ حَبْوًا"

"***Агар мардум медонистанд, ки дар даъват кардан (яъне азон гуфтан) ба намоз ва дар сафи аввал истодан чиҳо мавҷуд аст, гарчи ғайр аз ҳиссае чизи дигар наёбанд ҳам, ҳамон ҳиссаро мегирифтанд. Агар медонистанд, ки дар ҳиҷрат чиҳо ҳаст, барои он мусобиқа мекарданд. Агар медонистанд, ки дар қисми аввали сеяки шаб ва дар субҳ чиҳо ҳаст, гарчи гаваккашон бошад ҳам, ба онҳо меомаданд***". Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Барро ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

" إِنَّ اللهَ وَمَلاَئِكَتَهُ يُصَلُّونَ عَلَى الصَّفِّ الْـمُقَدَّمِ، وَالْـمُؤَذِّنُ يُغْفَرُ لَهُ مَدَى صَوْتِهِ، وَصَدَّقَهُ مَنْ سَمِعَهُ مِنْ رَطْبٍ وَيَابِسٍ، وَلَهُ أَجْرُ مَنْ صَلَّى مَعَهُ"

"***Ба сафи аввал Аллоҳ ва фариштагонаш салавот мегӯянд. Муаззин то расидани овозаш мағфират карда мешавад, ҳар хушку таре, ки онро мешунаванд, тасдиқ мекунанд. Ба ӯ савоби касоне дода мешавад, ки ҳамроҳаш намоз мехонанд***". Ин ҳадисро Насоӣ низ бо иснодаш ривоят кардааст. Мунзирӣ онро ҳасани боэътимод гуфтааст.

Ба муаззин ҷавоб гуфтан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِذَا سَمِعْتُمْ الْـمُؤَذِّنَ فَقُولُوا مِثْلَ مَـا يَقُولُ"

"***Агар муаззинро шунавед, гуфтаҳои ӯро такрор кунед***". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِذَا سَمِعْتُمْ الْـمُؤَذِّنَ فَقُولُوا مِثْلَ مَـا يَقُولُ، ثُمَّ صَلُّوا عَلَيَّ، فَإِنَّهُ مَنْ صَلَّى عَلَيَّ صَلاَةً صَلَّى اللهُ بِهَا عَشْرًا، ثُمَّ سَلُوا اللهَ لِي الْوَسِيلَةَ، فَإِنَّهَا مَنْزِلَةٌ فِي الْجَنَّةِ لاَ تَنْبَغِي إِلاَّ لِعَبْدٍ مِنْ عِبَادِ اللهِ، وَأَرْجُو أَنْ أَكُونَ أَنَا هُوَ، فَمَنْ سَأَلَ لِي الْوَسِيلَةَ حَلَّتْ لَهُ الشَّفَاعَةُ"

"***Агар муаззинро шунавед, гуфтаҳои ӯро такрор кунед, пасон ба ман салавот фиристед. Чунки ҳар кас ба ман як бор салавот гӯяд, бар ивази ин Аллоҳ ба ӯ даҳ бор салавот мегӯяд (яъне раҳмат мекунад). Сипас ба ман аз Аллоҳ васила пурсед. Зеро он дар биҳишт мақомест, ки фақат як бандаи Аллоҳ лоиқи он аст. Ман мехоҳам, ки ҳамон банда ман бошам. Ҳар кӣ барои ман васила пурсад, шафоатам ба ӯ мерасад***". Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Ҷобир ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармуданд:

" مَنْ قَالَ حِينَ يَسْمَعُ النِّدَاءَ اللهُمَّ رَبَّ هَذِهِ الدَّعْوَةِ التَّامَّةِ، وَالصَّلاَةِ الْقَائِمَةِ، آتِ مُحَمَّدًا الْوَسِيلَةَ وَالْفَضِيلَةَ، وَابْعَثْهُ مَقَامًا مَحْمُودًا الَّذِي وَعَدْتَهُ، حَلَّتْ لَهُ شَفَاعَتِي يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кӣ ҳангоми шунидани азон гӯяд: "Эй Аллоҳ, эй Парвардигори ин даъвати мукаммал ва Парвардигори намози вақташ расида, ба Муҳаммад васила ва фазилат ато намо, ӯро дар мақоми сутудашуда аз нав зинда гардон, ки Ту ваъда кардаӣ", дар рӯзи қиёмат шафоатам ба ӯ мерасад". "Ҳангоми шунидани азон***" гуфтани Пайғамбар (с) маънои баъд аз шуниданро дорад.

Дар байни азон ва иқомат дуо кардан: Дар ҳадисе, ки Абӯдовуд, Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон аз Анас (р) ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"الدُّعَاءُ بَيْنَ الأَذَانِ وَالإِقَامَةِ لاَ يُرَدُّ"

"***Дуои байни азон ва иқомат рад карда намешавад***".

Масҷидҳо сохтан: Тавре дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Усмон (р) ривоят кардааст, меояд, ҳангоми масҷиди Пайғамбар (с)-ро сохтанаш дар байни мардум гапу калоча зиёд шуд. Ў гуфт: "Шумо суханони бемаврид мегўед, чунки ман аз Пайғамбар (с) шунидаам:

"مَنْ بَنَى مَسْجِدًا يَبْتَغِي بِهِ وَجْهَ اللهِ بَنَى اللهُ لَهُ بَيْتًا فِي الْجَنَّةِ"

"***Ҳар кӣ бо умеди дидори Аллоҳ як масҷид созад, Аллоҳ барои ў дар биҳишт як хона бунёд мекунад***"".

Барои адои намоз ба масҷидҳо пиёда рафтан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абўҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" صَلاَةُ الرَّجُلِ فِي الْجَمَـاعَةِ تُضَعَّفُ صَلاَتَهِ فِي بَيْتِهِ وَفِي سُوقِهِ خَمْسًا وَعِشْرِينَ دَرَجَةً، وَذَلِكَ أَنَّهُ إِذَا تَوَضَّأَ فَأَحْسَنَ الْوُضُوءَ، ثُمَّ خَرَجَ إِلَى الصَّلاَةِ لاَ يُخْرِجُهُ إِلاَّ الصَّلاَةُ، لَمْ يَخْطُ خَطْوَةً إِلاَّ رُفِعَتْ لَهُ بِهَا دَرَجَةٌ وَحُطَّ عَنْهُ بِهَا خَطِيئَةٌ، فَإِذَا صَلَّى، لَمْ تَزَلْ الْـمَلاَئِكَةُ تُصَلِّي عَلَيْهِ مَـا دَامَ فِي مُصَلَّاهُ: اللهُمَّ صَلِّ عَلَيْهِ، اللهُمَّ ارْحَمْهُ، وَلاَ يَزَالُ فِي صَلاَةٍ مَـا انْتَظَرَ الصَّلاَةَ"

"***Дараҷаи намозе, ки кас бо ҷамоат мехонад, назар ба намозе, ки дар хона ё бозор мехонад, бисту панҷ маротиба зиёдтар аст. Агар ў некў таҳорат кунад ва фақат бо мақсади намоз ба намоз (яъне масҷид) барояд, барои ҳар як қадамаш як дараҷа баланд шуда, як хатояш аз ў поён мемонад. Агар намоз хонад, модом ки дар болои ҷойнамоз бошад, фариштаҳо мефиристанд: "Эй Аллоҳ, ўро раҳмат кун, ўро шафоат намо" ва ба ў салавот мегўянд. Модом ки мунтазири намоз нишинад, дар дохили намоз ба ҳисоб меравад***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абўмўсо (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّ أَعْظَمَ النَّاسِ أَجْرًا فِي الصَّلاَةِ أَبْعَدُهُمْ إِلَيْهَا مَمْشًى فَأَبْعَدُهُمْ، وَالَّذِي يَنْتَظِرُ الصَّلاَةَ حَتَّى يُصَلِّيَهَا مَعَ الإِمَـامِ، أَعْظَمُ أَجْرًا مِنْ الَّذِي يُصَلِّيهَا ثُمَّ يَنَامُ"

"***Шахсе, ки роҳи дурро паймуда омадааст, дар намоз аз ҳама савоби бузург дорад. Савоби касе, ки барои ҳамроҳи имом хондани намоз мунтазир меистад, аз савоби касе, ки намозро хонда, хоб меравад, бузургтар аст***".

Дар хона намози нафл хондан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Умар ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اجْعَلُوا مِنْ صَلاَتِكُمْ فِي بُيُوتِكُمْ وَلاَ تَتَّخِذُوهَا قُبُورًا"

"***Баъзе намозҳоятонро дар хонаҳоятон адо кунед, онҳоро ба қабрҳо табдил надиҳед***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Зайд ибни Собит ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"فَصَلُّوا أَيُّهَا النَّاسُ فِي بُيُوتِكُمْ فَإِنَّ أَفْضَلَ الصَّلاَةِ صَلاَةُ الْـمَرْءِ فِي بَيْتِهِ إِلاَّ الْـمَكْتُوبَةَ"

"***Эй мардум, дар хонаҳоятон намоз хонед, чунки афзалтарин намоз ғайр аз намозҳои фарз намозест, ки кас дар хона мехонад***".

Шабзиндадорӣ: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

تَتَجَافَىٰ جُنُوبُهُمْ عَنِ الْمَضَاجِعِ

"***Аз бистари хоб паҳлӯ тиҳӣ мекунанд***" [32:16].

كَانُوا قَلِيلًا مِّنَ اللَّيْلِ مَا يَهْجَعُونَ

"***Андаке аз шабро мехобиданд***" [51:17]. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

يَعْقِدُ الشَّيْطَانُ عَلَى قَافِيَةِ رَأْسِ أَحَدِكُمْ إِذَا هُوَ نَامَ ثَلاَثَ عُقَدٍ، يَضْرِبُ عَلَى كُلِّ عُقْدَةٍ: " عَلَيْكَ لَيْلٌ طَوِيلٌ فَارْقُدْ، فَإِذَا اسْتَيْقَظَ فَذَكَرَ اللهَ تَعَالَى انْحَلَّتْ عُقْدَةٌ، فَإِذَا تَوَضَّأَ انْحَلَّتْ عُقْدَةٌ، فَإِنْ صَلَّى انْحَلَّتْ عُقَدُهُ كُلُّهَا، فَأَصْبَحَ نَشِيطًا طَيِّبَ النَّفْسِ، وَإِلاَّ أَصْبَحَ خَبِيثَ النَّفْسِ كَسْلاَنَ"

"***Ҳар кӣ аз шумо хоб равад, шайтон ба майнаи ӯ се гиреҳ баста, ба ҳар як гиреҳ: "Ҳоло шаб дароз аст, хоб рав", гуфта мӯҳр мезанад. Агар бархоста Аллоҳ Таолоро ба ёд орад, як гиреҳ кушода мешавад, таҳорат кунад, боз як гиреҳ кушода мешавад, намоз хонад, тамоми гиреҳҳо кушода шуда, боғайрату хушҳол шабро рӯз мекунад. Агар ин амалҳоро накунад, кайфияташ вайрон шуда, бо танбалӣ шабро рӯз мекунад***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Масъуд ривоят кардааст, омадааст: "Вақте ки дар назди Пайғамбар (с) дар хусуси инсони тамоми шаб то субҳидам хобкарда ҳарф заданд, он кас гуфтанд:

"ذَاكَ رَجُلٌ بَالَ الشَّيْطَانُ فِي أُذُنَيْهِ أَوْ قَالَ فِي أُذُنِهِ"

"***Ӯ касест, ки дар гӯшҳояш шайтон пешоб кардааст" ё ки гуфтанд: дар гӯшаш (шайтон пешоб кардааст)***". Дар шаб витр будани намози охирин суннат аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Умар ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اجْعَلُوا آخِرَ صَلاَتِكُمْ بِاللَّيْلِ وِتْرًا"

"***Шаб намози охирини худро витр намоед***".

Рӯзи ҷумъа ғусл кардан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Умар ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِذَا جَاءَ أَحَدُكُمْ الْجُمُعَةَ فَلْيَغْتَسِلْ"

"***Чун нафаре аз шумо ба (намози) ҷумъа ояд, пас бояд ғусл кунад***". Дар ҳадисе, ки Салмони Форсӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

" مَنْ اغْتَسَلَ يَوْمَ الْجُمُعَةِ وَتَطَهَّرَ بِمَـا اسْتَطَاعَ مِنْ طُهْرٍ ثُمَّ ادَّهَنَ أَوْ مَسَّ مِنْ طِيبٍ، ثُمَّ رَاحَ فَلَمْ يُفَرِّقْ بَيْنَ اثْنَيْنِ فَصَلَّى مَـا كُتِبَ لَهُ ثُمَّ إِذَا خَرَجَ الإِمَـامُ أَنْصَتَ غُفِرَ لَهُ مَـا بَيْنَهُ وَبَيْنَ الْجُمُعَةِ الأُخْرَى"

"***Ҳар кӣ рӯзи ҷумъа ғусл карда, ба қадри имкон покиза шавад, пасон равған молида ё хушбӯӣ пошида равад ва байни ду касро ҷудо накунад, ба қадри насибкарда намоз хонад, ҳангоми ба минбар баромадани имом хомӯш нишинад, гуноҳҳои ӯ аз як ҷумъа то ҷумъаи дигар мағфират карда мешаванд***".

Садақаи нофила: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ تَصَدَّقَ بِعَدْلِ تَمْرَةٍ مِنْ كَسْبٍ طَيِّبٍ - وَلاَ يَقْبَلُ اللهُ إِلاَّ الطَّيِّبَ - فَإِنَّ اللهَ يَتَقَبَّلُهَا بِيَمِينِهِ ثُمَّ يُرَبِّيهَا لِصَاحِبِهَا، كَمَـا يُرَبِّي أَحَدُكُمْ فَلُوَّهُ حَتَّى تَكُونَ مِثْلَ الْجَبَلِ"

"***Ҳар кӣ аз касби ҳалоли худ ба миқдори як хурмо садақа кунад (Аллоҳ фақат ҳалолро қабул мекунад), Аллоҳ онро бо дасти худ қабул карда, чунон ки инсон бачаи аспро мепарварад, то монанди кӯҳ шудан парвариш мекунад***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَـا مِنْكُمْ مِنْ أَحَدٍ إِلاَّ سَيُكَلِّمُهُ اللهُ لَيْسَ بَيْنَهُ وَبَيْنَهُ تُرْجُمَـانٌ، فَيَنْظُرُ أَيْمَنَ مِنْهُ فَلاَ يَرَى إِلاَّ مَـا قَدَّمَ، وَيَنْظُرُ أَشْأَمَ مِنْهُ فَلاَ يَرَى إِلاَّ مَـا قَدَّمَ، وَيَنْظُرُ بَيْنَ يَدَيْهِ فَلاَ يَرَى إِلاَّ النَّارَ تِلْقَاءَ وَجْهِهِ، فَاتَّقُوا النَّارَ وَلَوْ بِشِقِّ تَمْرَةٍ"

"***Бо ҳар яки шумо Аллоҳ бе тарҷумон гуфтугӯ хоҳад кард, дар байн тарҷумон намешавад. Он гоҳ кас ба тарафи рост менигарад ва ғайр аз овардаи худ чизеро намебинад, ба***

***тарафи чап менигарад ва ғайр аз овардаи худ дигар чизеро намебинад, ба пеш менигарад ва дар рӯ ба рӯяшҷуз дӯзах чизеро намебинад. Инак, гарчи бо нисфи хурмо бошад ҳам, худро аз дӯзах нигоҳ доред***". Абӯяъло аз Ҷобир бо исноди саҳеҳ ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) ба Каъб ибни Уҷра гуфтанд:

" يَا كَعْبُ بْنَ عُجْرَةَ، الصَّلاَةُ قُرْبَانٌ وَالصِّيَامُ جُنَّةٌ، وَالصَّدَقَةُ تُطْفِئُ الْخَطِيئَةَ كَمَـا يُطْفِئُ الْـمَـاءُ النَّارَ"

"***Эй Каъб ибни Уҷра, намоз ба Аллоҳ наздик шудан аст, рӯза сипар аст ва садақа гуноҳро маҳв мекунад, чунон ки об оташро (хомӯш мекунад)***"". Ин ҳадисро Ҳоким саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст. Садақаи пинҳонӣ афзалтарин садақа аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра дар хусуси ҳафт нафаре, ки Аллоҳ онҳоро ба сояи худ мегирад, ривоят кардааст, омадааст:

"وَرَجُلٌ تَصَدَّقَ بِصَدَقَةٍ فَأَخْفَاهَا حَتَّى لاَ تَعْلَمَ شِمَـالُهُ مَـا تُنْفِقُ يَمِينُهُ"

"***Ва касе, ки пинҳонӣ садақа мекунад, ҳатто дасти чапаш аз садақа додани дасти росташ бехабар мемонад***" Инчунин ба хешовандон садақа кардан афзалтарин садақа мебошад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Зайнаби Сақафия ривоят кардааст, Пайғамбар (с) дар ин бора гуфтаанд:

"لَهُمَـا أَجْرَانِ أَجْرُ الْقَرَابَةِ وَأَجْرُ الصَّدَقَةِ"

"***Барои онҳо ду савоб ҳаст: яке савоби хешутаборӣ, дигаре савоби садақа***".

Қарз додан: Дар ҳадисе, ки Ибни Моҷа, Ибни Ҳиббон ва Байҳақӣ, аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَـا مِنْ مُسْلِمٍ يُقْرِضُ مُسْلِمًا قَرْضًا مَرَّتَيْنِ إِلاَّ كَانَ كَصَدَقَتِهَا مَرَّةً"

"***Агар мусулмоне ба мусулмони дигар ду маротиба қарз диҳад, гӯё ба ӯ як бор садақа додааст***".

Ба сарватманд қарзи дарозмуддат додан ва аз они камбағалро бахшидан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ҳузайфа ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ رَجُلاً مِمَّنْ كَانَ قَبْلَكُمْ أَتَاهُ الْـمَلَكُ لِيَقْبِضَ رُوحَهُ، فَقَالَ هَلْ عَمِلْتَ مِنْ خَيْرٍ؟ قَالَ مَـا أَعْلَمُ، قِيلَ لَهُ انْظُرْ، قَالَ مَـا أَعْلَمُ شَيْئًا غَيْرَ أَنِّي كُنْتُ أُبَايِعُ النَّاسَ فِي الدُّنْيَا، فَأُنْظِرُ الْـمُوسِرَ، وَأَتَجَاوَزُ عَنْ الْـمُعْسِرِ فَأَدْخَلَهُ اللهُ الْجَنَّةَ"

"***Дар гузашта фаришта барои гирифтани ҷони марде омад ва пурсид: "Оё ягон некӣ кардаӣ". Ӯ гуфт: "Намедонам". Фаришта гуфт: "Андеша кун". Он гоҳ мард гуфт: "Вақте ки дар дунё бо мардум хариду фурӯш мекардам, ба сарватманд ба муддати дароз медодам, аз они камбағалро мебахшидам. Ғайр аз ин дигар чизро намедонам". Бо туфайли ҳамин кор Аллоҳ ӯро дохили ҷаннат кардааст***". Абӯмасъуд низ мегӯяд, ки ин ҳадисро аз Пайғамбар (с) шунидааст.

Таом додан: Тавре дар ҳадиси муттафақун алайҳи Абдуллоҳ ибни Амр омадааст, нафаре аз Пайғамбар (с) пурсид, ки кадом Ислом беҳтар аст. Он кас дар ҷавоб гуфтанд:

"تُطْعِمُ الطَّعَامَ وَتَقْرَأُ السَّلاَمَ عَلَى مَنْ عَرَفْتَ وَمَنْ لَمْ تَعْرِفْ"

"***Ба шиносу ношинос таом ва салом додан***".

Ба ҳар як зиндаҷон об додан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" بَيْنَمَـا رَجُلٌ يَمْشِي بِطَرِيقٍ اشْتَدَّ عَلَيْهِ الْحَرُّ، فَوَجَدَ بِئْرًا فَنَزَلَ فِيهَا فَشَرِبَ ثُمَّ خَرَجَ، فَإِذَا كَلْبٌ يَلْهَثُ يَأْكُلُ الثَّرَى مِنْ الْعَطَشِ، فَقَالَ الرَّجُلُ: لَقَدْ بَلَغَ هَذَا الْكَلْبَ مِنْ الْعَطَشِ مِثْلُ الَّذِي كَانَ مِنِّي، فَنَزَلَ الْبِئْرَ فَمَلأَ خُفَّهُ مَـاءً، ثُمَّ أَمْسَكَهُ بِفِيهِ حَتَّى رَقِيَ،

فَسَقَى الْكَلْبَ، فَشَكَرَ اللهُ لَهُ، فَغَفَرَ لَهُ. قَالُوا يَا رَسُولَ اللهِ: إِنَّ لَنَا فِي الْبَهَائِمِ أَجْرًا؟ فَقَالَ: فِي كُلِّ كَبِدٍ رَطْبَةٍ أَجْرٌ"

"***Марде дар гармои шадид роҳ мерафт. Ногоҳ чоҳе ёфт, ба даруни он фуромад ва об нӯшиду берун баромад. Он гоҳ дид, ки саге аз ташнагӣ то андозаи хок лесидан беҳолу бемадор истодааст. Он мард ба худ гуфт: "Ин саг ҳам мисли ман сахт ташна мондааст" ва ба чоҳ фуромада, мӯзаашро аз об пур кард. Онро бо даҳонаш дошта, ба боло баромад ва ба саг об дод. Аллоҳ аз ин кор мамнун гашта, ӯро мағфират кард". Пурсиданд: "Эй Расулуллоҳ, оё барои ҳайвонҳо ҳам мо савоб мегирем?" Он кас дар ҷавоб гуфтанд: "Барои ҳар як зиндаҷон савоб ҳаст***".

Доштани рӯзаи нафл: Абӯумома ривоят мекунад:

" قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ مُرْنِي بِعَمَلٍ، قَالَ عَلَيْكَ بِالصَّوْمِ فَإِنَّهُ لاَ عَدْلَ لَهُ، قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ مُرْنِي بِعَمَلٍ، قَالَ عَلَيْكَ بِالصَّوْمِ فَإِنَّهُ لاَ عِدْلَ لَهُ، قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ مُرْنِي بِعَمَلٍ، قَالَ عَلَيْكَ بِالصَّوْمِ فَإِنَّهُ لاَ مِثْلَ لَهُ"

"***Ман гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, ба ман ягон кор фармоед". Он кас гуфтанд: "Рӯза дор, чунки он ҳамто надорад". Ман боз гуфтам: "Эй Расулуллоҳ, бароям ягон кор фармоед". Он кас ин дафъа ҳам гуфтанд: "Рӯза дор, ки он беназир аст". Ман сеюм маротиба гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, бароям ягон кор фармоед". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Рӯза дор, ки он бемисл аст***"". Ин ҳадисро Насоӣ ва Ибни Ҳузайма дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Инчунин Ҳоким онро ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ маъқул донистааст. Ин умуман ба ҳама тааллуқ дорад. Барои ғозиёне, ки дар роҳи Аллоҳ ба ҷиҳод баромадаанд, дар шакли хоса ифода ёфтааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯсаид ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا مِنْ عَبْدٍ يَصُومُ يَوْمًا فِي سَبِيلِ اللهِ تَعَالَى، إِلاَّ بَاعَدَ اللهُ بِذَلِكَ الْيَوْمِ وَجْهَهُ عَنْ النَّارِ سَبْعِينَ خَرِيفًا"

"***Агар бандае дар роҳи Аллоҳ Таоло як рӯз рӯза дорад, Аллоҳ барои кори онрӯзааш аз рӯи ӯ дӯзахро ба масофаи ҳафтодсола дур месозад***". Дар шаш рӯзи моҳи Шаввол, рӯзи Арафа, моҳи Муҳаррам, рӯзҳои Ошуро, се рӯзи ҳар моҳ, рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе рӯза доштан мандуб аст.

Шабзиндадорӣ дар моҳи рамазон, хусусан дар шаби қадр ва дар даҳаи охир: Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Абӯҳурайра меояд: "Гарчи Пайғамбар (с) дар моҳи рамазон барои ибодат шабзиндадорӣ карданро қатъӣ талаб накунанд ҳам, ба ин чиз тарғиб менамуданд. Он кас мегуфтанд:

"مَنْ قَامَ رَمَضَانَ إِيمَـانًا وَاحْتِسَابًا غُفِرَ لَهُ مَـا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ"

"***Ҳар кӣ дар моҳи рамазон бо амри имонаш ва бо умеди савоб (барои ибодат) шабзиндадорӣ кунад, гуноҳҳои гузаштааш мағфират карда мешавад***"". Боз дар як ҳадиси муттафақун алайҳи ӯ гуфта шудааст:

"مَنْ قَامَ لَيْلَةَ الْقَدْرِ إِيمَـانًا وَاحْتِسَابًا غُفِرَ لَهُ مَـا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ"

"***Ҳар кӣ дар шаби қадр бо амри имон ва бо умеди савоб (барои ибодат) шабзиндадорӣ кунад, гуноҳҳои гузаштааш мағфират карда мешавад***".

Шабзиндадорӣ фақат барои намоз мебошад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Оиша (р) омадааст: "***Чун даҳаи охир фаро мерасид, Пайғамбар (с) шабзиндадорӣ мекарданд, оилаи худро бедор мекарданд, маҳкам миён баста, ҷидду ҷаҳд мекарданд***".

Саҳархезӣ: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"تَسَحَّرُوا فَإِنَّ فِي السَّحُورِ بَرَكَةً"

"***Саҳархезӣ кунед, чунки саҳархезӣ барака аст***".

Ба ифтор шитофтан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Саҳл ибни Саъд Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَزَالُ النَّاسُ بِخَيْرٍ مَـا عَجَّلُوا الْفِطْرَ"

"***Модом ки мардум ба ифтор мешитобанд, дар некӣ давом мекунанд"***. Бо хурмо, агар хурмо ёфт нашавад, бо об даҳон кушодан суннат аст. Дар ҳадиси Салмон ибни Омири Заббӣ Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِذَا أَفْطَرَ أَحَدُكُمْ فَلْيُفْطِرْ عَلَى تَمْرٍ فَإِنَّهُ بَرَكَةٌ، فَإِنْ لَمْ يَجِدْ تَمْرًا فَالْـمَـاءُ فَإِنَّهُ طَهُورٌ"

"***Агар нафаре аз шумо ифтор кунад, бо хурмо даҳон кушояд, чунки он барака аст. Агар хурмо наёбад, бо об даҳон кушояд, чунки он поккунанда аст***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон ва Ибни Ҳузайма дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Тирмизӣ низ онро ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Ҳадиси Анас, ки дар Ҳоким ва Ибни Ҳузайма омадааст, ба ҳамин маъност.

Ба ифтор таклиф кардани рӯзадор: Дар ҳадиси Зайд ибни Холид Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ فَطَّرَ صَائِمًا كَانَ لَهُ مِثْلُ أَجْرِهِ، غَيْرَ أَنَّهُ لاَ يَنْقُصُ مِنْ أَجْرِ الصَّائِمِ شَيْءٌ"

"***Ҳар кӣ ба як рӯзадор ифтор диҳад, ба миқдори савоби ӯ савоб мегирад, дар айни вақт аз савоби рӯзадор ҳеҷ чиз кам намешавад***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон ва Ибни Ҳузайма дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ баровардаанд. Онро Тирмизӣ низ ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

Умра кардан: Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Абӯҳурайра Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الْعُمْرَةُ إِلَى الْعُمْرَةِ كَفَّارَةٌ لِـمَـا بَيْنَهُمَـا، وَالْحَجُّ الْـمَبْرُورُ لَيْسَ لَهُ جَزَاءٌ إِلاَّ الْجَنَّةُ"

"***Аз умра то умраи дигар кафорати гуноҳҳои байни ин ду умра мебошад. Мукофоти ҳаҷи мақбул фақат биҳишт аст***". Дар рамазон умра кардан ба ҳаҷ баробар аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Ибни Аббос Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"عُمْرَةٌ فِي رَمَضَانَ تَعْدِلُ حَجَّةً"

"***Умраи моҳи рамазон бо ҳаҷ баробар аст***".

Дар даҳ рӯзи моҳи зулҳиҷҷа анҷом додани амалҳои нек: Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا مِنْ أَيَّامٍ، الْعَمَلُ الصَّالِحُ فِيهَا أَحَبُّ إِلَى اللهِ عَزَّ زَجَلَّ، مِنْ هَذِهِ الأَيَّامِ - يَعْنِي أَيَّامَ الْعَشْرِ – قَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ وَلاَ الْجِهَادُ فِي سَبِيلِ اللهِ، قَالَ: وَلاَ الْجِهَادُ فِي سَبِيلِ اللهِ، إِلاَّ رَجُلٌ خَرَجَ بِنَفْسِهِ وَمَـالِهِ ثُمَّ لَمْ يَرْجِعْ مِنْ ذَلِكَ بِشَيْءٍ"

"***Назар ба дигар рӯзҳо дар ҳамин даҳ рӯз анҷом додани амалҳои солеҳ барои Аллоҳи Азза ва Ҷалла маҳбубтар аст". Пурсиданд: "Эй Расулаллоҳ, оё аз ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ ҳам маҳбубтар аст?" Он кас ҷавоб доданд: "Оре, аз ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ ҳам, магар касе, ки бо молу ҷонаш мебарояду бе онҳо бармегардад***".

Пурсидани шаҳидӣ: Дар ҳадисе, ки Муслим аз Саҳл ибни Ҳаниф ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ سَأَلَ اللهَ الشَّهَادَةَ بِصِدْقٍ بَلَّغَهُ اللهُ مَنَازِلَ الشُّهَدَاءِ وَإِنْ مَـاتَ عَلَى فِرَاشِهِ"

"***Ҳар кӣ бо сидқи дил аз Аллоҳ шаҳидиро пурсад, гарчи дар бистар вафот кунад ҳам, Аллоҳ ӯро ба мақоми шаҳидӣ мерасонад***".

Хондани сураи "Каҳф" ё ки даҳ оят аз аввал ё аз охири он: Дар ҳадиси Муслим, ки аз Абӯдардо ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ حَفِظَ عَشْرَ آيَاتٍ مِنْ أَوَّلِ سُورَةِ الْكَهْف عُصِمَ مِنْ الدَّجَّالِ"

"***Ҳар кӣ аз аввали сураи "Каҳф" даҳ оят ҳифз кунад, аз даҷҷол паноҳ меёбад***". Боз дар як ривояти дигар гуфта шудааст:

"مِنْ آخِرِ سُورَةِ الْكَهْف"

"***Аз охири сураи "Каҳф***". Дар рӯзҳои кунунӣ мусулмон барои аз даҷҷол паноҳ ёфтан дар шаби ҷумъа ва рӯзи ҷумъа ҳамаи сураи "Каҳф"-ро хонад. Шофеӣ дар китоби "Умм" ин амалро мустаҳаб шуморида, далел овардааст, ки "зеро дар ин бора ҳадис ворид шудааст".

Дар хариду фурӯш, пурсидани қарз ва пардохтани қарз дасткушодӣ кардан: Дар ҳадиси Бухорӣ, ки аз Ҷобир ( ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"رَحِمَ اللهُ رَجُلاً سَمْحًا إِذَا بَاعَ، وَإِذَا اشْتَرَى، وَإِذَا اقْتَضَى"

"***Ҳар касро ки дар хариду фурӯш ва талаб кардани қарзи худ дасткушодӣ намояд, Аллоҳ раҳм кунад***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят мекунад, омадааст:

" أَنَّ رَجُلاً أَتَى النَّبِيَّ ﷺ يَتَقَاضَاهُ، فَأَغْلَظَ لَهُ، فَهَمَّ بِهِ أَصْحَابُهُ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ دَعُوهُ، فَإِنَّ لِصَاحِبِ الْحَقِّ مَقَالاً، ثُمَّ قَالَ أَعْطُوهُ سِنًّا مِثْلَ سِنِّهِ، قَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ لاَ نَجِدُ إِلاَّ أَمْثَلَ مِنْ سِنِّهِ، قَالَ: أَعْطُوهُ، فَإِنَّ خَيْرَكُمْ أَحْسَنُكُمْ قَضَاءً"

"***Шахсе ба назди Пайғамбар (с) бо талаби қарзаш омад ва муомилаи дурушт кард. Саҳобаҳо ба ӯ дарафтоданӣ буданд, ки Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бигзоред, одами ҳақдор ба сухан кардан ҳам ҳақ дорад". Сипас гуфтанд: "Баробари гӯсолааш ба ӯ гӯсолае диҳед". Саҳобагон гуфтанд: "Эй Расулалоҳ, баробар наёфтем. Ҳамаи онҳо аз гӯсолаи ӯ калон будаанд". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Диҳед, чунки беҳтарини шумо касест, ки қарзашро ба хубӣ адо мекунад***"". Боз дар як

ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ҷобир ривоят мекунад, гуфта мешавад:

"أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ اشْتَرَى مِنْهُ بَعِيرًا فَوَزَنَ لَهُ فَأَرْجَحَ"

"***Пайғамбар (с) аз ӯ як шутур харида буданд, вақте ки шутури ба ҷои он додашударо ба тарозу монданд, аз шутури ӯ вазнинтар омад***".

Ба Пайғамбар (с) салавот гуфтан: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ اللَّهَ وَمَلَائِكَتَهُ يُصَلُّونَ عَلَى النَّبِيِّ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا صَلُّوا عَلَيْهِ وَسَلِّمُوا تَسْلِيمًا

"***Аллоҳ ва фариштагонаш бар пайғамбар салавот мефиристанд. Эй касоне, ки имон овардаед, бар ӯ салавот фиристед ва салом кунед, саломе некӯ***" [33:56].

Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ صَلَّى عَلَيَّ صَلاَةً صَلَّى اللهُ عَلَيهِ بِهَا عَشْرًا"

"***Ҳар кӣ ба ман як салавот гӯяд, Аллоҳ ба ӯ даҳ салавот мегӯяд***".

Пӯшидани хатоҳои мӯъминони хос ва фармонбардор: Мусулмон гуноҳ кунад, ё ба ҳеҷ кас маълум накарда махфӣ мекунад, ё ба ҳама нишон дода шармандаворона мекунад. Гуноҳи пинҳонаро пӯшидан лозим аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Умар овардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"وَمَنْ سَتَرَ مُسْلِمًا سَتَرَهُ اللهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кӣ айби як мусулмонро пӯшад, Аллоҳ рӯзи қиёмат айби ӯро мепӯшад***". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"وَمَنْ سَتَرَ مُسْلِمًا سَتَرَهُ اللهُ فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ"

"***Ҳар кӣ айби як мусулмонро пӯшад, Аллоҳ дар дунёву охират айби ӯро мепӯшад***". Дар ҳадиси Утба ибни Омир Пайғамбар (с) гуфтанд:

"مَنْ سَتَرَ عَوْرَةً فَكَأَنَّمَا اسْتَحْيَا مَوْءُودَةً فِي قَبْرِهَا"

"***Ҳар кӣ як айбро пӯшад, гӯё як духтари зинда ба гӯр кардашударо аз нав зинда кардааст***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ овардааст. Онро Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ маъқул донистааст. Пинҳон кардани айби инсоне, ки ошкоро мекунад, шарт нест. Чунки ӯ худро шарманда карда, пӯшидаи Аллоҳро ошкор месозад. Ҳол он ки ин кор ҳаром аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Абӯҳурайра Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" كُلُّ أُمَّتِي يُعَافَى إِلاَّ الْـمُجَاهِرِينَ، وَإِنَّ مِنْ الْـمُجَاهَرَةِ أَنْ يَعْمَلَ الرَّجُلُ بِاللَّيْلِ عَمَلاً ثُمَّ يُصْبِحَ وَقَدْ سَتَرَهُ اللهُ، فَيَقُولَ: يَا فُلاَنُ عَمِلْتُ الْبَارِحَةَ كَذَا وَكَذَا، وَقَدْ بَاتَ يَسْتُرُهُ رَبُّهُ، وَيُصْبِحُ يَكْشِفُ سِتْرَ اللهِ عَنْهُ"

"***Ба ҳамаи уммати ман офият дода мешавад, магар касоне, ки ошкоро гуноҳ мекунанд. Кори шабонаи касеро Аллоҳ пӯшида бошад, аммо ӯ субҳ хеста гӯяд: "Эй фалонӣ, ман шаб чунин ва чунин корҳоро анҷом додам", аз ҷумлаи ошкоро гуноҳ кардан ба шумор меравад. Агар шаб Парвардигораш айби ӯро пӯшида бошад, субҳ хеста пӯшидаи Аллоҳро ошкор месозад***". Бо вуҷуди ин, мусулмон бояд аз гуфтани гуноҳи касоне, ки ошкоро гуноҳ мекунанд, худдорӣ намояд. Гарчи барои пӯшидани айби ӯ набошад ҳам, барои паҳн нашудани фасод дар байни мӯъминон ва боздоштани забон аз суханҳои беҳуда чунин бояд кард. Огоҳ кардан аз фосиқи ошкоро гуноҳкунанда аз ин мустасност. Ин ҳама ҳолатҳоест, ки зарари айб фақат ба соҳиби худ маҳдуд мешавад. Аммо агар зарари гуноҳ танҳо ба гуноҳкор маҳдуд нашуда, ба давлат, ҷомеа ва уммат ҳам расад, дар ин ҳол расондану ошкор сохтани ин айб ба

воҷиб табдил меёбад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳи Зайд ибни Арқам чунин меояд:

" كُنْتُ فِي غَزَاةٍ فَسَمِعْتُ عَبْدَ اللهِ بْنَ أُبَيٍّ يَقُولُ: لاَ تُنْفِقُوا عَلَى مَنْ عِنْدَ رَسُولِ اللهِ حَتَّى يَنْفَضُّوا مِنْ حَوْلِهِ، وَلَئِنْ رَجَعْنَا إِلَى الْـمَدِينَةِ لَيُخْرِجَنَّ الأَعَزُّ مِنْهَا الأَذَلَّ، فَذَكَرْتُ ذَلِكَ لِعَمِّي أَوْ لِعُمَرَ فَذَكَرَهُ لِلنَّبِيِّ ﷺ فَدَعَانِي فَحَدَّثْتُهُ"

"***Дар ғазот будам. Аз Абдуллоҳ ибни Убай шунидам, ки мегуфт: "Ба атрофиёни Расулуллоҳ (с) ҳеҷ чиз надиҳед, то ки онҳо аз атрофи ӯ пароканда шаванд. Агар ба Мадина баргардем, албатта аз он ҷо азиз хорро берун месозад". Инро ба амакам ё ба Умар гуфтам, ӯ ба Пайғамбар (с) маълум кардааст. Он кас маро ҷеғ заданд, ман ҳама гапро гуфта додам...***". Дар ривояти Муслим гуфта мешавад: "Ба назди Пайғамбар (с) рафта ҳама гапро гуфта додам". Абдуллоҳ ибни Убай ва наздикони мунофиқи ӯ ин корҳоро пинҳон медоштанд. Зеро, вақте ки Пайғамбар (с) аз ӯ пурсиданд, ӯ инкор карда буд. Бинобар ин суханҳои мазкури Зайд ибни Арқам аз қабили ҷосусӣ шудааст. Агар кори манъ кардашуда ба ҷоиз табдил ёбад, он воҷиб мегардад. Аз ин мебарояд, ки дар ин гуна ҳолатҳо омада гуфтан воҷиб аст. Чунки зарари оянда барои омма мебошад.

Бахшоянда будан, фурӯ бурдани ғазаб ва бардоштани озор: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي السَّرَّاء وَالضَّرَّاء وَالْكَاظِمِينَ الْغَيْظَ وَالْعَافِينَ عَنِ النَّاسِ وَاللّهُ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ

"***Он касон, ки дар тавонгариву тангдастӣ инфоқ мекунанд ва хашми хеш фурӯ мехӯранд ва аз хатои мардум дармегузаранд. Аллоҳ накӯкоронро дӯст дорад!***" [3:134].

وَلَمَن صَبَرَ وَغَفَرَ إِنَّ ذَلِكَ لَمِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

"***Ва он ки сабр кунад ва аз хато даргузарад, ин аз корҳои писандида аст***" [42:43].

فَاصْفَحِ الصَّفْحَ الْجَمِيلَ

"***Пас гузашт кун ва гузашти некӯ***" [15:85].

وَأَعْرِضْ عَنِ الْجَاهِلِينَ

"***Ва аз ҷоҳилият эъроз кун***" [7:199].

وَلْيَعْفُوا وَلْيَصْفَحُوا أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغْفِرَ اللَّهُ لَكُمْ

"***Бояд бибахшанду бибахшоянд. Оё намехоҳед, ки Аллоҳ шуморо биомурзад?***" [24:22].

Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" مَا نَقَصَتْ صَدَقَةٌ مِنْ مَالٍ، وَمَا زَادَ اللهُ عَبْدًا بِعَفْوٍ إِلاَّ عِزًّا، وَمَا تَوَاضَعَ أَحَدٌ لِلَّهِ إِلاَّ رَفَعَهُ اللهُ "

"***Садақа молро кам намекунад. Аллоҳ бар ивази бахшояндагии банда фақат азизии ӯро зиёда мекунад. Ҳар кӣ барои Аллоҳ хоксорӣ кунад, Аллоҳ мартабаи ӯро мебардорад***". Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"ارْحَمُوا تُرْحَمُوا وَاغْفِرُوا يُغْفَرْ لَكُمْ"

"***Раҳм кунед, раҳм карда мешавед, бубахшед, бахшида хоҳед шуд***". Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Убода ибни Сомит бо санади ровиёни ҳадиси саҳеҳ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَا مِنْ رَجُلٍ يُجْرَحُ فِيْ جَسَدِهِ جَرَاحَةً فَيَتَصَدَّقُ بِهَا، إِلَّا كَفَّرَ اللهُ تَبَارَكَ وَتَعَالَى عَنْهُ مِثْلَ مَا تَصَدَّقَ بِهِ "

"***Агар ба тани касе ҷароҳат расад ва бо сабаби он садақа кунад, Аллоҳ Таборака ва Таоло ба миқдори садақааш ӯро кафорат мекунад***". Дар ҳадиси Бухорӣ ва Муслим, ки аз Абӯҳурайра ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ الشَّدِيدُ بِالصُّرَعَةِ، إِنَّمَا الشَّدِيدُ الَّذِي يَمْلِكُ نَفْسَهُ عِنْدَ الْغَضَبِ"

"***Касе, ки дар гуштингирӣ ғолиб меояд, пӯрзур нест, балки пурзӯр касест, ки ҳангоми ғазаб худдорӣ карда тавонад***". Муслим аз Абӯҳурайра ривоят мекунад:

" أَنَّ رَجُلاً قَالَ يَا رَسُولَ اللهِ، إِنَّ لِي قَرَابَةً أَصِلُهُمْ وَيَقْطَعُونِي، وَأُحْسِنُ إِلَيْهِمْ وَيُسِيئُونَ إِلَيَّ، وَأَحْلُمُ عَنْهُمْ وَيَجْهَلُونَ عَلَيَّ، فَقَالَ: لَئِنْ كُنْتَ كَمَا قُلْتَ فَكَأَنَّمَا تُسِفُّهُمْ الْـمَلَّ، وَلاَ يَزَالُ مَعَكَ مِنْ اللهِ تَعَالَى ظَهِيرٌ عَلَيْهِمْ مَا دُمْتَ عَلَى ذَلِكَ"

"***Шахсе гуфт: "Эй Расулаллоҳ, ман бо хешовандонам рафтуомад мекунам, аммо онҳо аз ман ҷудоӣ мекунанд, ман ба эшон накӯӣ мекунам, аммо онҳо ба ман бадӣ мекунанд, ба онҳо ҳалимӣ мекунам, аммо онҳо ба ман қаҳр мекунанд". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Агар чунин бошад, гӯё ба онҳо фармудаӣ, ки барои бемории малолгирӣ дору хӯранд. Модом ки ба ин кор давом медиҳӣ, барои ту аз тарафи Аллоҳ Таоло ҳамеша ёваре хоҳад шуд***". Барҷалонӣ бо исноди саҳеҳ аз Суфён ибни Уяйна ривоят мекунад: "Умар аз дасти Ибни Иёш бисёр озор дида буд. Ба ӯ гуфт: "***Ту дар таҳқири мо чуқур фурӯ нарав, барои оштишавӣ низ ҷой мон. Зеро мо шахсеро, ки дар бораи мо ба Аллоҳи Бузург маъсият кардааст, ҷуз ба Аллоҳ итоат кардан ба тарзи дигар мукофот намедиҳем***"".

Ислоҳ кардани байни мардум: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لاَّ خَيْرَ فِي كَثِيرٍ مِّن نَّجْوَاهُمْ إِلاَّ مَنْ أَمَرَ بِصَدَقَةٍ أَوْ مَعْرُوفٍ أَوْ إِصْلاَحٍ بَيْنَ النَّاسِ

"***Дар бисёре аз наҷвоҳояшон (машварати пинҳониашон) фоидае нест, магар дар сухани онон, ки ба садақа додан ё некӣ кардан ва ё оштиҷӯӣ фармон медиҳанд***" [4:114].

وَالصُّلْحُ خَيْرٌ

"***Оштӣ беҳтар аст***" [4:128].

فَاتَّقُواْ اللّهَ وَأَصْلِحُواْ ذَاتَ بِيْنِكُمْ

"***Аз Аллоҳ битарсед ва бо якдигар ба оштӣ зист кунед***" [8:1].

إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ

"***Ҳар оина мӯъминон бародаронанд. Миёни бародаронатон оштӣ бияфканед***" [49:10].

Дар ҳадисе, ки Бухорӣ ва Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" كُلُّ سُلَامَى مِنْ النَّاسِ عَلَيْهِ صَدَقَةٌ كُلَّ يَوْمٍ تَطْلُعُ فِيهِ الشَّمْسُ، تَعْدِلُ بَيْنَ الاثْنَيْنِ صَدَقَةٌ، وَتُعِينُ الرَّجُلَ فِي دَابَّتِهِ تَحْمِلُهُ عَلَيْهَا أَوْ تَرْفَعُ لَهُ عَلَيْهَا مَتَاعَهُ صَدَقَةٌ، وَالْكَلِمَةُ الطَّيِّبَةُ صَدَقَةٌ، وَكُلُّ خُطْوَةٍ تَمْشِيهَا إِلَى الصَّلاَةِ صَدَقَةٌ، وَتُمِيطُ الأَذَى عَنْ الطَّرِيقِ صَدَقَةٌ"

"***Ҳар як ба ман салом гуфтани мардум садақа аст. Дар ҳар рӯзи офтобӣ дар байни ду одам одил истодан садақа аст. Нафареро барои ба маркабаш савор шудан ёрӣ додан ё борашро бор кардан садақа аст. Сухани нек садақа аст. Ҳар як қадам, ки ба сӯи намоз мегузорӣ, садақа аст. Аз роҳ дур кардани чизи озордиҳанда садақа аст***". Дар байни ду одам одил истодан маънои бо адолат ислоҳ кардани байни онҳоро дорад. Дар ҳадисе, ки аз Уммугулсум бинти Уқба ибни Абӯмуайт ривоят шудааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لَيْسَ الْكَذَّابُ الَّذِي يُصْلِحُ بَيْنَ النَّاسِ فَيَنْمِي خَيْرًا أَوْ يَقُولُ خَيْرًا"

"***Инсоне, ки барои ислоҳ кардани байни мардум ва гуфтану паҳн намудани некӣ дурӯғ гуфтааст, дурӯғгӯ нест***" (муттафақун алайҳ). Аз Саҳл ибни Саъд Соидӣ ривоят карда мешавад:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ بَلَغَهُ أَنَّ بَنِي عَمْرِو بْنِ عَوْفٍ كَانَ بَيْنَهُمْ شَرٌّ – وَفِي رِوَايَةِ الْبُخَارِيِّ شَيْءٌ - فَخَرَجَ رَسُولُ اللهِ ﷺ يُصْلِحُ بَيْنَهُمْ فِي أُنَاسٍ مَعَهُ"

"***Ба Пайғамбар (с) хабаре расид, ки дар байни қабилаи Амр ибни Авф як бадӣ (дар ривояти Бухорӣ "як чизе") гузаштааст. Сипас он кас баромада, бо якчанд нафар якҷоя байни онҳоро ислоҳ карданд***" (муттафақун алайҳ). Дар ҳадисе, ки Абӯдардо ривоят кардааст, омадааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَلاَ أُخْبِرُكُمْ بِأَفْضَلَ مِنْ دَرَجَةِ الصِّيَامِ وَالصَّلاَةِ وَالصَّدَقَةِ؟ قَالُوا: بَلَى، قَالَ: إِصْلاَحُ ذَاتِ الْبَيْنِ، فَإِنَّ فَسَادَ ذَاتِ الْبَيْنِ الْحَالِقَةُ"

"***Бароятон амалеро гӯям, ки аз рӯза, намоз ва закот беҳтар бошад?" Саҳобагон гуфтанд: "Оре, бигӯед". Он кас гуфтанд: "Ислоҳ кардани байн аст, чунки вайрон шудани байн садди роҳ аст"***. Ин ҳадисро Аҳмад ва Ибни Ҳиббон дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ баровардаанд. Онро Тирмизӣ низ ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

Зиёрат кардани қабрҳо: Абӯҳурайра ривоят мекунад, Пайғамбар (с) қабри модарашонро зиёрат карда, ҳам худ гиря карданд, ҳам атрофиёни худро ба гиря оварданд ва гуфтанд:

" اسْتَأْذَنْتُ رَبِّي فِي أَنْ أَسْتَغْفِرَ لَهَا فَلَمْ يُؤْذَنْ لِي، وَاسْتَأْذَنْتُهُ فِي أَنْ أَزُورَ قَبْرَهَا فَأُذِنَ لِي، فَزُورُوهَا فَإِنَّهَا تُذَكِّرُ الْـمَوْتَ"

"***Аз Парвардигорам пурсидам, ки барои модарам истиғфор гӯям, рухсат надод. Зиёрат кардани қабрашро пурсидам,***

***рухсат дод. Пас қабрҳоро зиёрат кунед, чунки онҳо маргро ба ёд меоранд"*** [Муслим].

Бардавом кардани амал: Яъне бардавом кардани амалҳои мандуб. Аммо фарзҳоро саривақт ба ҷо овардан шарт аст. Аз ин мебарояд, ки ҳар кӣ як суннатро ба ҷо орад, гарчи андак бошад ҳам, бояд онро бардавом кунад. Оиша (р) ривоят мекунанд:

" أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ دَخَلَ عَلَيْهَا وَعِنْدَهَا امْرَأَةٌ، قَالَ: مَنْ هَذِهِ؟ قَالَتْ هَذِهِ فُلاَنَةُ تَذْكُرُ مِنْ صَلاَتِهَا، قَالَ: مَهْ، عَلَيْكُمْ بِمَا تُطِيقُونَ، فَوَاللهِ لاَ يَمَلُّ اللهُ حَتَّى تَمَلُّوا، وَكَانَ أَحَبَّ الدِّينِ إِلَيْهِ مَا دَاوَمَ عَلَيْهِ صَاحِبُهُ"

"***Рӯзе Пайғамбар (с) ба ҳуҷраи ман даромаданд, ки дар наздам зане буд. Он кас пурсиданд, ки: "Ин зан кист?" Ман дар ҷавоб намози он занро ёдрас карда гуфтам, ки: "фалонист". Он гоҳ он кас гуфтанд: "Бас кун, амалҳоеро бар худ вазифа гузоред, ки тоқататон мерасад. Қасам ба Аллоҳ, ки то шумо малол нагиред, Аллоҳ малол намегирад. Барои Ӯ маҳбубтарин дин (амал) амалест, ки соҳибаш бардавом мекунад***" [муттафақун алайҳ]. Абдуллоҳ ибни Амр (р) гуфт: "Ба ман Пайғамбар (с) гуфтанд:

"يَا عَبْدَ اللهِ لاَ تَكُنْ مِثْلَ فُلاَنٍ، كَانَ يَقُومُ اللَّيْلَ، فَتَرَكَ قِيَامَ اللَّيْلِ"

"***Эй Абдуллоҳ, ту монанди фалонӣ нашав, ӯ шабзиндадорӣ мекард, лекин онро тарк кард***"" [муттафақун алайҳ].

# *БЕҲТАРИНИ ШУМО АЗ ҶИҲАТИ ХУЛҚ*

Хулқро шариат муайян мекунад. Шариат кадом хулқро зебо гӯяд, ҳамон хулқи зебост, кадом хулқро зишт гӯяд, ҳамон хулқи зишт аст. Чунки ахлоқ як қисми фармону боздоштҳои Аллоҳ мебошад. Шариат ба ахлоқи зебо тарғиб намуда, аз ахлоқи зишт боздоштааст. Мусулмон, хусусан даъваткунанда бояд дар асоси ҳукмҳои шаръӣ дорои ахлоқи зебо бошад. Фаромӯш набояд кард, ки ахлоқ бояд бар Ақидаи Ислом барпо шавад ва мӯъмин онро бо эътибори фармону боздоштҳои Аллоҳ бипазирад. Масалан, мӯъмин рост мегӯяд, барои он ки Аллоҳ ба ростгӯӣ фармудааст. Мӯъмин амонатро нигоҳ медорад, барои он ки Аллоҳ ба амонатдорӣ фармудааст. На барои он ки манфиати моддӣ меорад, аз қабили зиёд шудани муштариёни тиҷорӣ ё интихоб кардани мардум. Фарқи ростгӯии мӯъмин ва кофир дар ҳамин аст. Мӯъмин барои фармудани Аллоҳ рост мегӯяд, аммо кофир барои амалӣ кардани ягон манфиат. Миёни ин ду ростгӯӣ аз замин то ба осмон фарқ аст.

Ҳуҷҷатҳо оид ба хулқ:

• Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ مِنْ خِيَارِكُمْ أَحْسَنَكُمْ أَخْلَاقًا"

"***Беҳтарини шумо касест, ки ахлоқи зебо дорад***".

• Наввос ибни Самъон ривоят мекунад: "Аз Пайғамбар (с) дар бораи некӣ ва гуноҳ пурсидам, он кас гуфтанд:

"الْبِرُّ حُسْنُ الْخُلُقِ، وَالإِثْمُ مَـا حَاكَ فِي صَدْرِكَ وَكَرِهْتَ أَنْ يَطَّلِعَ عَلَيْهِ النَّاسُ"

"***Некӣ ахлоқи зебо доштан аст, аммо гуноҳ корест, ки дар даруни синаат гиреҳ мезанад ва намехоҳӣ, ки мардум аз он огоҳ шаванд***"". (Муслим).

• Тавре ки Абӯдардо ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا شَيْءٌ أَثْقَلُ فِي مِيزَانِ الْـمُؤْمِنِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ مِنْ خُلُقٍ حَسَنٍ، وَإِنَّ اللهَ لَيُبْغِضُ الْفَاحِشَ الْبَذِيءَ"

"***Рӯзи қиёмат дар мизони мӯъмин ҳеҷ чиз аз хулқи зебо вазнинтар намеояд. Аллоҳ бадахлоқи беномусро бад мебинад***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Онро Ибни Ҳиббон низ дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст.

• Абӯҳурайра ривоят мекунад: "Аз Пайғамбар (с) пурсиданд, ки кадом чиз аз ҳама бештар боиси ба биҳишт даромадани мардум мегардад. Он кас ҷавоб доданд:

"تَقْوَى اللهِ وَحُسْنُ الْخُلُقِ"

"***Аз Аллоҳ тақво кардан ва хулқи зебо доштан***". Боз пурсиданд, ки кадом чиз аз ҳама бештар боиси ба дӯзах афтидани мардум мегардад. Он кас ҷавоб доданд:

"الْفَمُ وَالْفَرْجُ"

"***Даҳон ва фарҷ (яъне чашмгуруснагӣ ва ҳирси шаҳвонӣ)***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст. Онро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ, Бухорӣ дар "Адабулмуфрад", инчунин Ибни Моҷа, Аҳмад ва Ҳоким ривоят кардаанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯумома ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لأَنَا زَعِيمٌ بِبَيْتٍ فِي رَبَضِ الْجَنَّةِ لِـمَنْ تَرَكَ الْـمِرَاءَ وَإِنْ كَانَ مُحِقًّا، وَبِبَيْتٍ فِي وَسَطِ الْجَنَّةِ لِـمَنْ تَرَكَ الْكَذِبَ وَإِنْ كَانَ مَـازِحًا، وَبِبَيْتٍ فِي أَعْلَى الْجَنَّةِ لِـمَنْ حَسَّنَ خُلُقَهُ"

"***Ман барои касе, ки гарчанд ҳақдор бошад ҳам, ҷанҷол намебардорад, кафил ҳастам аз қисмати поёни биҳишт манзил бигирад ва барои касе, ки гарчанд бо ҳазл бошад ҳам, дурӯғ намегӯяд, аз қисмати миёнаи биҳишт манзил бигирад ва барои касе, ки хулқи зебо дорад, аз қисмати баландтарини биҳишт манзил бигирад***". Ривояти Абӯдовуд. Нававӣ онро ҳадиси саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"أَكْمَلُ الْـمُؤْمِنِينَ إِيمَـانًا أَحْسَنُهُمْ خُلُقًا، وَخِيَارُكُمْ خِيَارُكُمْ لِنِسَائِهِمْ"

"***Комилтарини мӯъминон аз рӯи имон соҳибони хулқи зебо ҳастанд. Некӯтарини шумо касест, ки ба занаш муомилаи некӯ мекунад***".

Дар ин хусус аз Оиша, Абӯзарр, Ҷобир, Анас, Усома ибни Шарик, Муоз, Умайр ибни Қатода, Абӯсаълаба ва саҳобагони дигар (р) ҳадисҳои зиёде ривоят шудаанд. Ҳамаи ин ҳадисҳо ҳадисҳои ҳасананд.

I. Хулқҳои зебо

1) Ҳаё:

• Тавре ки Ибни Умар (р) ривоят мекунад, вақте ки як ансорӣ ба бародараш дар бораи ҳаё насиҳат мекард, Пайғамбар (с) аз назди онҳо гузаштанд ва гуфтанд:

"دَعْهُ فَإِنَّ الْحَيَاءَ مِنْ الإِيمَـانِ"

"***Бигзор ӯро, чунки ҳаё аз имон аст***" [муттафақун алайҳ].

• Дар ҳадисе, ки Имрон ибни Ҳусайн ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الْحَيَاءُ لاَ يَأْتِي إِلاَّ بِخَيْرٍ"

"***Ҳаё фақат некӣ меорад***" [муттафақун алайҳ].

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" الإِيمَـانُ بِضْعٌ وَسَبْعُونَ - أَوْ بِضْعٌ وَسِتُّونَ – شُعْبَةً، فَأَفْضَلُهَا: قَوْلُ لاَ إِلَهَ إِلاَّ اللهُ، وَأَدْنَاهَا: إِمَـاطَةُ الأَذَى عَنْ الطَّرِيقِ، وَالْحَيَاءُ شُعْبَةٌ مِنْ الإِيمَـانِ"

"***Имон ҳафтоду чанд ё шасту чанд шоха дорад. Афзалтарин шохаи он "Ло илоҳа иллаллоҳ" гуфтан аст. Пасттарин шохаи он аз роҳ дур кардани чизи озордиҳанда аст. Ҳаё низ як шохаи имон аст***".

2) Ҳалимӣ, собирӣ ва нармӣ:

• Дар ҳадисе, ки аз Ибни Аббос ва Абӯсаиди Худрӣ ривоят шудааст, Пайғамбар (с) ба Ашаҷ Абдулқайс гуфтанд:

"إِنَّ فِيكَ لَخَصْلَتَيْنِ يُحِبُّهُمَـا اللهُ الْحِلْـمُ وَالأَنَاةُ"

"Ту ду хислат дорӣ, ки Аллоҳ онҳоро дӯст медорад: ҳалимӣ ва собирӣ". Ривояти Муслим.

• Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ اللهَ رَفِيقٌ يُحِبُّ الرِّفْقَ فِي الأَمْرِ كُلِّهِ"

"***Аллоҳ нарм аст, дар ҳама кор нармиро дӯст медорад***" [муттафақун алайҳ].

• Дар ҳадиси дигаре, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّ اللهَ رَفِيقٌ يُحِبُّ الرِّفْقَ، وَيُعْطِي عَلَى الرِّفْقِ مَـا لاَ يُعْطِي عَلَى الْعُنْفِ، وَمَـا لاَ يُعْطِي عَلَى مَـا سِوَاهُ"

"***Аллоҳ мулоим аст, нармиро дӯст медорад ва чизеро, ки бо роҳи дуруштӣ муяссар намекунад ва умуман тавассути ягон чиз муяссар намекунад, бо нармӣ муяссар мекунад***". Ривояти Муслим.

• Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ الرِّفْقَ لاَ يَكُونُ فِي شَيْءٍ إِلاَّ زَانَهُ، وَلاَ يُنْزَعُ مِنْ شَيْءٍ إِلاَّ شَانَهُ"

"***Дар кадом кор нармӣ бошад, ба он зинат мебахшад, аз кадом кор нармӣ равад, онро нуқсондор мекунад***". Ривояти Муслим.

• Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) мегӯяд, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

"مَنْ يُحْرَمْ الرِّفْقَ يُحْرَمْ الْخَيْرَ"

"***Ҳар кӣ аз нармӣ маҳрум шавад, аз некӣ маҳрум мешавад***". Ривояти Муслим.

• Оиша (р) мегӯяд, ки дар хонааш аз Пайғамбар (с) шунидааст:

" اللهُمَّ مَنْ وَلِيَ مِنْ أَمْرِ أُمَّتِي شَيْئًا فَشَقَّ عَلَيْهِمْ فَاشْقُقْ عَلَيْهِ، وَمَنْ وَلِيَ مِنْ أَمْرِ أُمَّتِي شَيْئًا فَرَفَقَ بِهِمْ فَارْفُقْ بِهِ"

"***Эй Аллоҳ, ҳар кӣ дар коре ба умматам роҳбар шуда, ба онҳо душворию машаққат расонад, Ту низ ба ӯ душворию машаққат расон. Ҳар кӣ дар коре ба умматам роҳбарӣ***

***карда, нисбат ба онҳо нарм бошад, Ту ҳам ба ӯ нарм бош***". Ривояти Муслим.

3) Ростгӯӣ ва садоқат:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اتَّقُواْ اللّهَ وَكُونُواْ مَعَ الصَّادِقِينَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ битарсед ва бо содиқон бошед***" [9:119].

نَظَرَ الْمَغْشِيِّ عَلَيْهِ مِنَ الْمَوْتِ فَأَوْلَى لَهُمْ

"***Агар бо Аллоҳ садоқат варзанд, барояшон беҳтар аст***" [47:21].

• Дар ривояти Ибни Масъуд Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" عَلَيْكُمْ بِالصِّدْقِ، فَإِنَّ الصِّدْقَ يَهْدِي إِلَى الْبِرِّ، وَإِنَّ الْبِرَّ يَهْدِي إِلَى الْجَنَّةِ، وَمَا يَزَالُ الرَّجُلُ يَصْدُقُ وَيَتَحَرَّى الصِّدْقَ حَتَّى يُكْتَبَ عِنْدَ اللهِ صِدِّيقًا"

"***Ростгӯиро маҳкам доред. Чунки ростгӯӣ ба некӣ ва некӣ ба биҳишт мебарад. Агар инсон пайваста рост гӯяду ба ростӣ риоя кунад, ӯ дар ҳузури Аллоҳ сиддиқ навишта мешавад***" (муттафақун алайҳ).

• Тавре Каъб ибни Молик ривоят мекунад, чун дар ғазоти Табук аз Пайғамбар (с) қафо мемонад, гуфта будааст:

" وَقُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ إِنَّمَا أَنْجَانِي اللهُ بِالصِّدْقِ، وَإِنَّ مِنْ تَوْبَتِي أَنْ لاَ أُحَدِّثَ إِلاَّ صِدْقًا مَا بَقِيتُ"

"***Эй Расулаллоҳ, Аллоҳ ба ман ба туфайли ростгӯиям наҷот дод. Акнун, модом ки зинда ҳастам, фақат ва фақат рост сухан карданам як тавбаи ман бошад***" [муттафақун алайҳ].

• Ҳасан ибни Алӣ (р) ривоят мекунад: "Аз Пайғамбар (с) ин ҳадисро аз ёд кардаам:

"دَعْ مَـا يَرِيبُكَ إِلَى مَـا لاَ يَرِيبُكَ، فَإِنَّ الصِّدْقَ طُمَـانِينَةٌ وَالْكَذِبَ رِيبَةٌ"

"***Ҳар чӣ туро ба шубҳа андозад, онро ба чизе иваз кун, ки туро ба шубҳа намеандозад. Зеро ростгӯӣ хотирҷамъӣ асту дурӯғ шубҳа кардан аст***"". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

• Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад:

" قِيلَ: يَا رَسُولَ اللهِ، أَيُّ النَّاسِ أَفْضَلُ؟ قَالَ: كُلُّ مَخْمُومِ الْقَلْبِ صَدُوقِ اللِّسَانِ، قَالُوا: صَدُوقُ اللِّسَانِ نَعْرِفُهُ فَمَـا مَخْمُومُ الْقَلْبِ؟ قَالَ هُوَ التَّقِيُّ النَّقِيُّ، لاَ إِثْمَ فِيهِ، وَلاَ بَغْيَ، وَلاَ غِلَّ، وَلاَ حَسَدَ"

"***Пурсиданд: "Эй Расулаллоҳ, афзалтарин инсон кист?" Он кас гуфтанд: "Инсоне, ки қалби тоза ва забони ростгӯ дорад". Гуфтанд: "Инсоне, ки забони ростгӯ дорад, медонем, аммо инсоне, ки қалби тоза дорад, чӣ гуна аст?" Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Он қалби покизаву тақводорест, ки дар он на ягон ҷиноят, на ягон зӯроварӣ, на ягон кина (сахт гирифтан) ва на ягон ҳасад ҳаст***"". Ривояти Ибни Моҷа. Ҳайсамӣ ва Мунзирӣ исноди онро саҳеҳ гуфтаанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯбакри Сиддиқ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"عَلَيْكُمْ بِالصِّدْقِ، فَإِنَّهُ مَعَ الْبِرِّ، وَهُمَـا فِي الْجَنَّةِ"

"***Ростгӯиро маҳкам доред, чунки он ҳамроҳи некӣ аст ва ҳар дуи онҳо дар ҷаннатанд***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Онро Табаронӣ бо исноде, ки Мунзирӣ ва Ҳайсамӣ ҳасан гуфтаанд, аз Муовия ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯсаиди Худрӣ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"التَّاجِرُ الصَّدُوقُ الأَمِينُ مَعَ النَّبِيِّينَ وَالصِّدِّيقِينَ وَالشُّهَدَاءِ"

"***Савдогари ростгӯю амонатдор ҳамроҳи пайғамбарон, сиддиқон ва шаҳидон мебошад***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст.

4) Дониста гуфтани сухан ва таҳқиқи амиқ кардани он:

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ

"***Аз паи он чӣ надонӣ, ки чист, марав***" [17:36].

مَا يَلْفِظُ مِن قَوْلٍ إِلَّا لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ

"***Ҳеҷ каломе намегӯяд, магар он ки дар канори ӯ муроқибе ҳозир аст***" [50:18].

• Дар ривояти Абӯҳурайра (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"كَفَى بِالْـمَرْءِ كَذِبًا أَنْ يُحَدِّثَ بِكُلِّ مَـا سَمِعَ"

"***Гуфтани ҳар як сухани шунидашуда барои дурӯғгӯии инсон кифоя мекунад***". Ривояти Муслим.

5) Ширинсуханӣ:

• Дар ҳадисе, ки Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اتَّقُوا النَّارَ وَلَوْ بِشِقِّ تَمْرَةٍ، فَمَنْ لَمْ يَجِدْ فَبِكَلِمَةٍ طَيِّبَةٍ"

"***Гарчи бо нисфи хурмо бошад ҳам, худро аз дӯзах нигоҳ доред. Ҳар кӣ онро ёфта натавонад, бо сухани ширин худро нигоҳ дорад***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ривояти Абӯҳурайра (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَالْكَلِمَةُ الطَّيِّبَةُ صَدَقَةٌ"

"***Сухани ширин садақа аст***" [муттафақун алайҳ].

• Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ فِي الْجَنَّةِ غُرَفَةً، يُرَى ظَاهِرُهَا مِنْ بَاطِنِهَا، وَبَاطِنُهَا مِنْ ظَاهِرِهَا، فَقَالَ أَبُو مَـالِكٍ الْأَشْعَرِيُّ: لِـمَـانْ هِيَ يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَ: لِـمَـانْ أَطَابَ الْكَلَامَ، وَأَطْعَمَ الطَّعَامَ، وَبَاتَ قَائِمًا وَالنَّاسُ نِيَامٌ"

"***Дар биҳишт хонае ҳаст, ки берунаш аз дарун, дарунаш аз берун намоён аст". Он гоҳ Абӯмолики Ашъарӣ пурсид: "Он барои кист, эй Расулаллоҳ?" Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Он барои касест, ки ширингуфтору таомдиҳанда аст ва ҳангоме ки мардум дар хобанд, ӯ шабро бо ибодат мегузаронад***".

6) Кушодарӯӣ:

• Дар ҳадисе, ки Абӯзар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ تَحْقِرَنَّ مِنْ الْـمَعْرُوفِ شَيْئًا وَلَوْ أَنْ تَلْقَى أَخَاكَ بِوَجْهٍ طَلْقٍ"

"***Андаке некиро ҳам ноарзанда нашумор, гарчи он бо чеҳраи кушод истиқбол кардани бародарат бошад ҳам***". Муслим.

• Дар ҳадисе, ки Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" كُلُّ مَعْرُوفٍ صَدَقَةٌ، وَإِنَّ مِنْ الْـمَعْرُوفِ أَنْ تَلْقَى أَخَاكَ بِوَجْهٍ طَلْقٍ، وَأَنْ تُفْرِغَ مِنْ دَلْوِكَ فِي إِنَاءِ أَخِيكَ"

"***Ҳар як некӣ садақа аст. Бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтани бародарат ҳам, ба зарфи ӯ аз сатилат об рехта додан ҳам як некӣ аст***". Ривояти Аҳмад. Онро Тирмизӣ низ ривоят карда, ҳадиси ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯзар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"تَبَسُّمُكَ فِي وَجْهِ أَخِيكَ صَدَقَةٌ"

"***Ба рӯи бародарат бо табассум нигоҳ кардан ҳам садақа аст***". Аҳмад ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд.

• Абӯҷарай Ҳуҷаймӣ ривоят мекунад:

" أَتَيْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، إِنَّا قَوْمٌ مِنْ أَهْلِ الْبَادِيَةِ، فَعَلِّمْنَا شَيْئًا يَنْفَعُنَا اللهُ بِهِ، فَقَالَ: لاَ تَحْقِرَنَّ مِنَ الْـمَعْرُوفِ شَيْئًا، وَلَوْ أَنْ تُفْرِغَ مِنْ دَلْوِكَ فِي إِنَاءِ الْـمُسْتَسْقِي، وَلَوْ أَنْ تُكَلِّمَ أَخَاكَ وَوَجْهُكَ إِلَيْهِ مُنْبَسِطٌ"

"***Ба назди Пайғамбар (с) омада гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, мо мардуми саҳроием, барои мо чизеро омӯзед, ки онро Аллоҳ бароямон судбахш гардонад". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Андаке некиро ҳам ноарзанда напиндор, гарчи он ба зарфи каси обпурсида аз сатилат об рехта додан бошад ҳам, гарчи он ба бародарат бо рӯи кушод сухан кардан бошад ҳам"...".*** Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд. Тирмизӣ низ онро ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Онро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст.

7) Сукут кардан ва фақат сухани нек гуфтан:

Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"مَنْ كَانَ يُؤْمِنُ بِاللهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ فَلْيَقُلْ خَيْرًا أَوْ لِيَصْمُتْ"

"***Ҳар кӣ ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон дорад, пас бояд сухани нек гӯяд ё ин ки сукут кунад***" (муттафақун алайҳ).

• Барро ибни Озиб (р) ривоят мекунад:

جَاءَ أَعْرَابِيٌّ إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ، عَلِّمْنِي عَمَلاً يُدْخِلُنِي الْجَنَّةَ، قَالَ: " إِنْ كُنْتَ أَقْصَرْتَ الْخُطْبَةَ لَقَدْ أَعْرَضْتَ الْـمَسْأَلَةَ، أَعْتِقْ النَّسَمَةَ، وَفُكَّ الرَّقَبَةَ، فَإِنْ لَمْ تُطِقْ ذَلِكَ فَأَطْعِمْ الْجَائِعَ، وَاسْقِ الظَّمْآنَ، وَأْمُرْ بِالْـمَعْرُوفِ، وَانْهَ عَنْ الْـمُنْكَرِ، فَإِنْ لَمْ تُطِقْ ذَلِكَ فَكُفَّ لِسَانَكَ إِلاَّ عَنْ خَيْرٍ"

"***Аъробие ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт: "Ё Расулуллоҳ, роҳеро таълим диҳед, ки маро ба ҷаннат барад". Расул алайҳиссалом гуфтанд: "Гарчи ту ба таври кӯтоҳ хитоб карда бошӣ ҳам, масъаларо муфассал ба миён гузоштӣ: Ғуломро озод кун, агар аз ин оҷиз бошӣ, ба гурусна таом ва ба ташна об деҳ, ба некӣ бифармо ва аз бадӣ боздор, агар аз ин ҳам оҷиз бошӣ, забонатро нигоҳ дор ва фақат сухани нек бигӯ***". Ривояти Аҳмад. Ҳайсамӣ гуфтааст, ки ровиёни он боэътимоданд. Онро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ва Байҳақӣ дар "Ашшаъб" баровардаанд.

• Дар ҳадисе, ки Савбон (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"طُوبَى لِـمَـانْ مَلَكَ نَفْسَهُ، وَوَسَعَهُ بَيْتُهُ، وَبَكَى عَلَى خَطِيئَتِهِ"

"***Ҷаннат бод ба касе, ки худро (яъне нафсашро) идора карда метавонад, хонааш меғунҷонад ва ба хатояш гиря мекунад***". Ин ҳадисро Табаронӣ ривоят карда, исноди онро ҳасан гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Билол ибни Ҳориси Музанӣ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ الرَّجُلَ لَيَتَكَلَّمُ بِالْكَلِمَةِ مِنْ رِضْوَانِ اللهِ، مَـا كَانَ يَظُنُّ أَنْ تَبْلُغَ مَـا بَلَغَتْ، يَكْتُبُ اللهُ تَعَالَى لَهُ بِهَا رِضْوَانَهُ إِلَى يَوْمِ يَلْقَاهُ، وَإِنَّ الرَّجُلَ لَيَتَكَلَّمُ بِالْكَلِمَةِ مِنْ سَخَطِ اللهِ، مَـا كَانَ يَظُنُّ أَنْ تَبْلُغَ مَـا بَلَغَتْ، يَكْتُبُ اللهُ لَهُ بِهَا سَخَطَهُ إِلَى يَوْمِ يَلْقَاهُ"

"***Инсоне суханеро мегӯяд, ки Аллоҳ розӣ мешавад, аммо фикр намекунад, ки ин сухан то кучо мерасад. Аллоҳ Таоло***

***бо сабаби ҳамон сухан то рӯзи бо ӯ рӯ ба рӯ шудан розигии худро менависад. Боз инсони дигар суханеро мегӯяд, ки Аллоҳро дарғазаб мекунад. Лекин фикр намекунад, ки ин сухани ӯ то куҷо мерасад. Аллоҳ ба ӯ барои ҳамон сухан то вохӯрдан ғазабашро менависад***". Ривояти Молик. Тирмизӣ онро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Насоӣ, Ибни Моҷа, Ибни Ҳиббон дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Ҳоким низ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст.

• Муоз ибни Ҷабал ривоят мекунад:

" كُنْتُ مَعَ النَّبِيِّ ﷺ فِي سَفَرٍ، فَأَصْبَحْتُ يَوْمًا قَرِيبًا مِنْهُ وَنَحْنُ نَسِيرُ، فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، أَخْبِرْنِي بِعَمَلٍ يُدْخِلُنِي الْجَنَّةَ وَيُبَاعِدُنِي عَنْ النَّارِ ... ثُمَّ قَالَ أَلاَ أُخْبِرُكَ بِمِلاَكِ ذَلِكَ كُلِّهِ؟ قُلْتُ بَلَى يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَ كُفَّ عَلَيْكَ هَذَا، وَأَشَارَ إِلَى لِسَانِهِ، قُلْتُ: يَا نَبِيَّ اللهِ وَإِنَّا لَمُؤَاخَذُونَ بِمَا نَتَكَلَّمُ بِهِ؟ قَالَ: ثَكِلَتْكَ أُمُّكَ، وَهَلْ يَكُبُّ النَّاسَ فِي النَّارِ عَلَى وُجُوهِهِمْ، أَوْ قَالَ عَلَى مَنَاخِرِهِمْ، إِلاَّ حَصَائِدُ أَلْسِنَتِهِمْ"

"***Дар сафаре ҳамроҳи Пайғамбар (с) будам. Рӯзе роҳравон ногоҳ ба он кас наздик шудам ва гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, амалеро гӯед, ки маро ба биҳишт медарорад ва аз дӯзах дур месозад"... Сипас он кас гуфтанд: "Оё роҳеро низ гӯям, ки бо он ҳамаи инҳоро ба даст меорӣ?" Ман гуфтам: "Оре, гӯед, эй Расулаллоҳ". Он кас гуфтанд: "Инро нигоҳ дор" ва ба забон ишора карданд. Ман гуфтам: "Эй Пайғамбари Аллоҳ, оё барои сухани худ ҷазо мегирем?" Он кас гуфтанд: "Модарат дар болои мурдаат нола кунад! Маҳз пайомади ҳамин забон (яъне бӯҳтон ва суханҳои зишт) мардумро рӯнокӣ ба дӯзах мебарад" ё ки гуфтанд: "аз бинӣ кашида медарорад***"". Ривояти Аҳмад, Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Моҷа. Тирмизӣ онро ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

8) Вафо:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَوْفُواْ بِالْعُقُودِ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, ба паймонҳо вафо кунед***" [5:1].

وَأَوْفُواْ بِالْعَهْدِ إِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْؤُولاً

"***Ва ба аҳди хеш вафо кунед, ки бозхост хоҳед шуд***" [17:34].

9) Барои Аллоҳ дарғазаб шудан:

• Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ривоят мекунад:

" كَسَانِي رَسُولُ اللهِ ﷺ حُلَّةَ سِيَرَاءَ، فَخَرَجْتُ فِيهَا، فَرَأَيْتُ الْغَضَبَ فِي وَجْهِهِ، فَشَقَقْتُهَا بَيْنَ نِسَائِي"

"***Пайғамбар (с) ба ман либос пӯшонданд, бо ҳамон либос баромада будам, дар чеҳраи он кас ғазабро дидам. Пасон онро пора-пора карда, ба завҷаҳоям тақсим кардам***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯмасъуд Уқба ибни Бадрӣ (р) ривоят мекунад:

" جَاءَ رَجُلٌ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ ، فَقَالَ: إِنِّي لأَتَأَخَّرُ عَنْ صَلاَةِ الصُّبْحِ، مِنْ أَجْلِ فُلاَنٍ، مِمَا يُطِيلُ بِنَا، فَمَا رَأَيْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ غَضِبَ فِي مَوْعِظَةٍ قَطُّ أَشَدَّ مِمَا غَضِبَ يَوْمَئِذٍ، فَقَالَ: يَا أَيُّهَا النَّاسُ، إِنَّ مِنْكُمْ مُنَفِّرِينَ، فَأَيُّكُمْ أَمَّ النَّاسَ فَلْيُوجِزْ، فَإِنَّ مِنْ وَرَائِهِ الْكَبِيرَ وَالضَّعِيفَ وَذَا الْحَاجَةِ"

"***Шахсе ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт: "Ба туфайли фалонӣ ман ба намози бомдод дер мемонам, ӯ дароз мекунад". Дар ягон мавъизаашон надидаам, ки Пайғамбар (с) мисли онрӯза дарғазаб шуда бошанд. Сипас гуфтанд: "Эй мардум, баъзе аз шумо одамонро аз дин безор кардаед. Нафаре аз шумо ба мардум имом шавад, кӯтоҳ кунад, чунки дар қафои ӯ пирон, нотавонон ва ҳоҷатмандон ҳастанд***"" (муттафақун алайҳ).

• Оиша (р) ривоят мекунад:

" قَدِمَ رَسُولُ اللهِ ﷺ مِنْ سَفَرٍ، وَقَدْ سَتَرْتُ سَهْوَةً لِي بِقِرَامٍ فِيهِ تَمَاثِيلُ، فَلَمَّا رَآهُ رَسُولُ اللهِ ( هَتَكَهُ وَتَلَوَّنَ وَجْهُهُ وَقَالَ: يَا عَائِشَةُ، أَشَدُّ النَّاسِ عَذَابًا عِنْدَ اللهِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ الَّذِينَ يُضَاهُونَ بِخَلْقِ اللهِ"

"***Вақте ки Пайғамбар (с) аз сафар омаданд, болои сангчаҳоямро (ки бозӣ мекардам) бо матои сурх, ки дар он расми ҳайкалҳо буд, пинҳон кардам. Расулуллоҳ (с) онро дида пора-пора карданд ва авзояшон тағйир ёфта гуфтанд: "Эй Оиша, рӯзи қиёмат дар назди Аллоҳ аз ҳама ҷазои сахт ба онҳое дода мешавад, ки дар офаридгорӣ ба Аллоҳ монанд карданро мехоҳанд***"" (муттафақун алайҳ).

10) Дар бораи мӯъминон гумони нек кардан:

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لَوْلَا إِذْ سَمِعْتُمُوهُ ظَنَّ الْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بِأَنفُسِهِمْ خَيْرًا

"***Чаро ҳангоме ки он бӯҳтонро шунидед, мардону занони мӯъмин ба худ гумони нек набурданд?!***" [24:12].

11) Ҳамсояи нек будан:

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاعْبُدُواْ اللّهَ وَلاَ تُشْرِكُواْ بِهِ شَيْئًا وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَانًا وَبِذِي الْقُرْبَى وَالْيَتَامَى وَالْمَسَاكِينِ وَالْجَارِ ذِي الْقُرْبَى وَالْجَارِ الْجُنُبِ وَالصَّاحِبِ بِالجَنبِ وَابْنِ السَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ

"***Аллоҳро бипарастед ва ҳеҷ чиз шарики Ӯ масозед ва ба падару модар ва хешовандону ятимон ва бенавоёну ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар ва бандагони худ некӣ кунед***" [4:36].

• Дар ҳадисе, ки Ибни Умар ва Оиша (р) ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَا زَالَ جِبْرِيلُ يُوصِينِي بِالْجَارِ حَتَّى ظَنَنْتُ أَنَّهُ سَيُوَرِّثُهُ"

"***Азбаски Ҷабраил ба ман ҳамеша дар бораи ҳамсоя тавсия медод, ба гумоне рафтам, ки шояд ҳамсоя низ мерос барад***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯшурайҳ Хузоӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ كَانَ يُؤْمِنُ بِاللهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ فَلْيُحْسِنْ إِلَى جَارِهِ"

"***Ҳар кӣ ба Аллоҳ ва рӯзи охират бовар кунад, ба ҳамсояи худ некӣ кунад***". Дар ривояти Бухорӣ гуфта шудааст:

"فَلْيُكْرِمْ جَارَهَ"

"***Ҳамсояи худро эҳтиром кунад***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ، لاَ يُؤْمِنُ عَبْدٌ حَتَّى يُحِبَّ لِجَارِهِ أَوْ لأَخِيهِ مَا يُحِبُّ لِنَفْسِهِ"

"***Қасам ба Худое, ки ҷонам дар дасти Ӯст, то банда чизи дӯстдоштаи худро ба ҳамсояаш ё бародараш раво набинад, мӯъмин намешавад***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят карда мешавад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"خَيْرُ الأَصْحَابِ عِنْدَ اللهِ خَيْرُهُمْ لِصَاحِبِهِ، وَخَيْرُ الْجِيرَانِ عِنْدَ اللهِ خَيْرُهُمْ لِجَارِهِ"

"***Дар назди Аллоҳ беҳтарин дӯст онест, ки ба дӯсташ некӣ мекунад, дар назди Аллоҳ беҳтарин ҳамсоя онест, ки ба ҳамсояаш некӣ мекунад***". Ривояти Ибни Ҳузайма, Ибни Ҳиббон, Аҳмад ва Доримӣ. Ҳоким онро бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Саъд ибни Абӯваққос (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَرْبَعٌ مِنْ السَّعَادَةِ: الْـمَرْأَةُ الصَّالِحَةُ، وَالْـمَسْكَنُ الْوَاسِعُ وَالْجَارُ الصَّالِحُ وَالْـمَرْكَبُ الْهَنِيءُ"

"***Чаҳор чиз нишонаи саодат аст: зани солеҳа, хонаи васеъ, ҳамсояи нек ва маркаби мусоид***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Аҳмад онро бо санади саҳеҳ ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Нофеъ ибни Ҳорис (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مِنْ سَعَادَةِ الْـمَرْءِ الْجَارُ الصَّالِحُ وَالْـمَرْكَبُ الْهَنِيءُ وَالْـمَسْكَنُ الْوَاسِعُ"

"***Ҳамсояи нек, маркаби мусоид ва хонаи васеъ бахти инсон аст***". Ривояти Аҳмад. Мунзирӣ ва Ҳайсамӣ гуфтаанд, ки ровиёни он ровиёни ҳадиси саҳеҳ мебошанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯзар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"يَا أَبَا ذَرٍّ، إِذَا طَبَخْتَ مَرَقَةً فَأَكْثِرْ مَـاءَهَا، وَتَعَاهَدْ جِيرَانَكَ"

"***Эй Абӯзар, агар шӯрбо пазӣ, обашро бисёртар рез, бо ҳамсояҳои худ ба ҳам бин***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"يَا نِسَاءَ الْـمُسْلِمَـاتِ، لاَ تَحْقِرَنَّ جَارَةٌ لِجَارَتِهَا وَلَوْ فِرْسِنَ شَاةٍ"

"***Эй мусулмонзанон, зане ҳамсоязанро ҳақир нашуморад, гарчи онҳо гӯсфандбон бошанд ҳам***" (муттафақун алайҳ).

• Оиша (р) ривоят мекунанд: "Аз Пайғамбар (с) пурсидам: Эй Расулаллоҳ, ду ҳамсоя дорам, ба кадоме аз онҳо чиз диҳам. Он кас ҷавоб доданд:

"إِلَى أَقْرَبِهِمَـا مِنْكِ بَابًا"

"***Ба оне, ки дараш ба ту наздиктар аст***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

12) Амонатдорӣ:

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ اللّهَ يَأْمُرُكُمْ أَن تُؤدُّواْ الأَمَانَاتِ إِلَى أَهْلِهَا

"***Аллоҳ ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонашон бозгардонед***" [4:58].

• Ҳузайфа (р) ривоят мекунад:

" جَاءَ أَهْلُ نَجْرَانَ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ فَقَالُوا: ابْعَثْ لَنَا رَجُلاً أَمِينًا، فَقَالَ لأَبْعَثَنَّ إِلَيْكُمْ رَجُلاً أَمِينًا حَقَّ أَمِينٍ، فَاسْتَشْرَفَ لَهُ النَّاسُ، فَبَعَثَ أَبَا عُبَيْدَةَ بْنَ الْجَرَّاحِ"

"***Аҳли Наҷрон ба назди Пайғамбар (с) омада гуфтанд: "Ба мо як одами амонатдорро бифиристед". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бароятон одами амонатдори ҳақиқиро мефиристам". Ҳар кас мехост, ки ҳамон одам ӯ бошад. Он гоҳ Абӯубайда ибни Ҷарроҳро фиристоданд***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯзар (р) ривоят мекунад:

" قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، أَلاَ تَسْتَعْمِلُنِي، قَالَ فَضَرَبَ بِيَدِهِ عَلَى مَنْكِبِي، ثُمَّ قَالَ: يَا أَبَا ذَرٍّ، إِنَّكَ ضَعِيفٌ، وَإِنَّهَا أَمَـانَةُ، وَإِنَّهَا يَوْمَ الْقِيَامَةِ خِزْيٌ وَنَدَامَةٌ، إِلاَّ مَنْ أَخَذَهَا بِحَقِّهَا، وَأَدَّى الَّذِي عَلَيْهِ فِيهَا"

"***Ман гуфтам: "Эй Расулаллоҳ, маро ҳоким таъин намекунед?" Он кас ба китфонам зада гуфтанд: "Эй Абӯзар, ту заиф ҳастӣ. Инро амонат мегӯянд. Ҳар кӣ онро бо эътибори кофӣ қабул намуда, вазифаи дар ӯҳда доштаашро адо накунад, рӯзи қиёмат он ба шармандагиву надомат табдил меёбад***"". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Тавре аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят карда мешавад, ӯ гуфт: "Ба мо Пайғамбар (с) ду ҳадис гуфта буданд. Ман яке аз онҳоро дидам ва дигареро мунтазирам. Пайғамбар (с) ба мо гуфтанд:

"أَنَّ الأَمَـانَةَ نَزَلَتْ فِي جَذْرِ قُلُوبِ الرِّجَالِ"

"***Амонат дар умқи дили ҷавонмардон ҷой гирифтааст***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) ба атрофиёни худ гуфтанд:

" اِكْفِلُوا لِي بِستٍّ أَكْفِلُ لَكُمُ الْجَنَّةَ، قُلْتُ: مَـا هُنَّ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ: اَلصَّلاَةُ، وَالزَّكَاةُ، وَالأَمَـانَةُ، وَالْفَرْجُ، وَالْبَطْنُ، وَاللِّسَانُ"

"***Агар барои ман шаш чизро кафолат диҳед, ман барои шумо биҳиштро кафолат медиҳам. Ман пурсидам: "Онҳо чиҳоянд, эй Расулаллоҳ?" Он кас дар ҷавоб гуфтанд: "Намоз, закот, амонат, фарҷ, шикам ва забон***". Ривояти Табаронӣ. Мунзирӣ исноди онро дуруст гуфтааст. Ҳайсамӣ онро ҳасан гуфтааст.

Амонат аз таклифҳои шаръӣ ба ҳисоб меравад. Боз дар як қавл гуфта шудааст, ки ба таклифҳои шаръӣ итоат кардан аст. Он ҳама фармону боздоштҳоро дар бар мегирад. Халифа, волӣ, ҳоким, қозӣ, аъзои маҷлиси шӯро, амири лашкар, сафир, намозхон, рӯзадор, ҳаҷкунанда, закотдиҳанда, даъваткунанда, ба мардум некиро таълимдиҳанда, толиби илм, муфтӣ, мутаваллии вақф, соҳиби байтулмол, фурӯшанда, тахминкунанда, коршинос оид ба закотҳо, идоракунандаи заминҳои хироҷӣ, муҷтаҳид, муҳаддис, муаррих, сиёсатнавис, коршинос оид ба ғаниматҳо, мудири корхона, вазири ваколатдиҳанда, вазири иҷрокунанда, тарҷумон, муаллими мактаби бачагона, марде, ки оилаи худро идора мекунад, зане, ки хонаи шавҳарашро нигоҳубин мекунад, табиб, доя,

доруфурӯш, ширдиҳанда, шарик, иҷорагир, мудири Дорулхилофат ва зердастони ӯ: мудири савдо, мудири меҳмонхона, мудири гараҷ, мудири ошхона ва мудири шӯъбаи муҳофизат, сафедкунанда, касе, ки ба ҷониби занаш мегузарад, нигоҳдорандаи сир, иттилоотрасон, ҷамъкунандаи хабар, рӯзноманигоре, ки бо тақозои вазифа аз телефон ё интернет хабари мардумро мешунавад – ҳамаи инҳо ба зиммаи худ амонат гирифтаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки амонат шаъни бузург ва майдони васеъ дорад. Чи кам, чи бисёр, чи хурд, чи калон аздусар ӯҳдаи мукаллаф аз он холӣ нест.

13) Тақво кардан ва шубҳа накардан:

• Дар ҳадисе, ки Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"فَضْلُ الْعِلْمِ خَيْرٌ مِنْ فَضْلِ الْعِبَادَةِ، وَخَيْرُ دِينِكُمُ الْوَرَعُ"

"***Фазилати илм аз фазилати ибодат беҳтар аст, беҳтарини динатон тақво аст***". Ривояти Табаронӣ ва Баззор. Онро Мунзирӣ низ бо исноди ҳасан ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِنَّ الْحَلاَلَ بَيِّنٌ، وَإِنَّ الْحَرَامَ بَيِّنٌ، وَبَيْنَهُمَا مُشْتَبِهَاتٌ لاَ يَعْلَمُهُنَّ كَثِيرٌ مِنْ النَّاسِ، فَمَنْ اتَّقَى الشُّبُهَاتِ اسْتَبْرَأَ لِدِينِهِ وَعِرْضِهِ، وَمَنْ وَقَعَ فِي الشُّبُهَاتِ وَقَعَ فِي الْحَرَامِ، كَالرَّاعِي يَرْعَى حَوْلَ الْحِمَى يُوشِكُ أَنْ يَرْتَعَ فِيهِ، أَلاَ وَإِنَّ لِكُلِّ مَلِكٍ حِمًى، أَلاَ وَإِنَّ حِمَى اللهِ مَحَارِمُهُ، أَلاَ وَإِنَّ فِي الْجَسَدِ مُضْغَةً، إِذَا صَلَحَتْ صَلَحَ الْجَسَدُ كُلُّهُ، وَإِذَا فَسَدَتْ فَسَدَ الْجَسَدُ كُلُّهُ، أَلاَ وَهِيَ الْقَلْبُ"

"***Ҳалол аниқу равшан аст. Ҳаром низ аниқу равшан аст. Дар байни онҳо чизҳои шубҳаноке ҳастанд, ки бештари мардум аз он бехабаранд. Ҳар кӣ аз шубҳаҳо худро эҳтиёт кунад, софии дину обрӯяшро нигоҳ доштааст. Ҳар кӣ ба доми***

***шубҳаҳо афтад, пас ба ҳаром афтодааст. Ин монанди чӯпонест, ки дар атрофи мамнӯъгоҳ гӯсфанд мечаронад ва қариб гӯсфандҳо ба ҳамон тараф чарида меравconfigurand. Огоҳ бошед, ки мамнӯъгоҳи Аллоҳ корҳои ҳаромкардаи Ӯ мебошанд. Огоҳ бошед, ки дар ҷасад як пора гӯшт аст, агар он ислоҳ шавад, тамоми ҷасад ислоҳ мешавад, агар он вайрон шавад, тамоми ҷасад вайрон мешавад. Огоҳ бошед, ки он қалб аст***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Наввос ибни Самъон (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"الْبِرُّ حُسْنُ الْخُلُقِ، وَالإِثْمُ مَا حَاكَ فِي صَدْرِكَ، وَكَرِهْتَ أَنْ يَطَّلِعَ عَلَيْهِ النَّاسُ"

"***Некӣ ахлоқи зебо доштан аст, аммо гуноҳ корест, ки дар даруни синаат гиреҳ мезанад ва намехоҳӣ, ки мардум аз он огоҳ шаванд***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Вобиса ибни Муаббад (р) ривоят мекунад: "Тамоми савоб ва гуноҳро пурсиданӣ шуда ба назди Пайғамбар (с) рафта будам, ба ман гуфтанд:

" ادْنُ يَا وَابِصَةُ، فَدَنَوْتُ مِنْهُ حَتَّى مَسَّتْ رُكْبَتِي رُكْبَتَهُ، فَقَالَ لِي: يَا وَابِصَةُ أُخْبِرُكَ عَمَّا جِئْتَ تَسْأَلُ عَنْهُ؟ قُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ أَخْبِرْنِي، قَالَ: جِئْتَ تَسْأَلُ عَنْ الْبِرِّ وَالإِثْمِ، قُلْتُ: نَعَمْ، فَجَمَعَ أَصَابِعَهُ الثَّلاَثَ فَجَعَلَ يَنْكُتُ بِهَا صَدْرِي وَيَقُولُ: يَا وَابِصَةُ اسْتَفْتِ قَلْبَكَ، الْبِرُّ مَا اطْمَأَنَّ إِلَيْهِ النَّفْسُ، وَاطْمَأَنَّتْ إِلَيْهِ الْقَلْبُ، وَالإِثْمُ مَا حَاكَ فِي الْقَلْبِ، وَتَرَدَّدَ فِي الصَّدْرِ، وَإِنْ أَفْتَاكَ النَّاسُ وَأَفْتَوْكَ"

"***Наздиктар ой, эй Вобиса". Ман ба он кас наздик шудам, ҳатто зонуҳоям ба зонуҳояшон расид. Ба ман гуфтанд: "Эй Вобиса, бигӯям, ки барои пурсидани чӣ омадаӣ?" Ман гуфтам: "Ё Расулаллоҳ, бигӯед". Он кас гуфтанд: "Омадаӣ, то ки дар бораи савобу гуноҳ бипурсӣ". Ман гуфтам: "Оре". Пас се ангушташонро ҷамъ намуда, бо онҳо ба синаам зада гуфтанд: "Эй Вобиса, аз қалбат фатво пурс. Ҳарчанд***

***мардум фатво диҳанд ҳам, савоб он корест, ки ба қалбат таскину хотирҷамъӣ мебахшад. Аммо гуноҳ корест, ки дар қалбат гиреҳ шуда, дар дарунат дудилагӣ пайдо мекунад***"". Мунзирӣ мегӯяд, ки Аҳмад онро бо исноди ҳасан ривоят кардааст. Нававӣ мегӯяд, ки ин ҳадиси ҳасанро Аҳмад ва Доримӣ дар "Муснад"-ҳои худ ривоят кардаанд.

• Абӯсаълабаи Ҳошонӣ (р) ривоят мекунад: "Ба Пайғамбар (с) гуфтам: Эй Расулаллоҳ, ба ман гӯед, ки ҳалол чисту ҳаром чист. Он кас гуфтанд:

" الْبِرُّ مَـا سَكَنَتْ إِلَيْهِ النَّفْسُ، وَاطْمَـانَّ إِلَيْهِ الْقَلْبُ، وَالإِثْمُ مَـا لَمْ تَسْكُنْ إِلَيْهِ النَّفْسُ، وَلَمْ يَطْمَئِنَّ إِلَيْهِ الْقَلْبُ، وَإِنْ أَفْتَاكَ الْـمُفْتُونَ"

"***Ҳарчанд муфтиҳо фатво диҳанд ҳам, савоб он чизест, ки ба қалбат таскину хотирҷамъӣ мебахшад. Аммо гуноҳ чизест, ки ба қалбат таскину хотирҷамъӣ намебахшад***"". Мунзирӣ мегӯяд, ки онро Аҳмад бо санади боэътимод ривоят кардааст. Ҳайсамӣ мегӯяд, ки онро Аҳмад ва Табаронӣ ривоят кардаанд. Дар "Саҳеҳ" қисми аввали он ҳаст, ровиёнаш боэътимоданд.

• Анас (р) ривоят мекунад:

"وَجَدَ تَمْرَةً فِي الطَّرِيْقِ فَقَالَ: لَوْلاَ أَنِّي أَخَافُ أَنْ تَكُونَ مِنْ الصَّدَقَةِ لأَكَلْتُهَا"

"***Пайғамбар (с) аз роҳ як хурмо ёфта гуфтанд: "Агар наметарсидам, ки аз моли садақа аст, инро мехӯрдам***"" (муттафақун алайҳ).

• Ҳасан ибни Алӣ (р) ривоят мекунанд: "Аз Пайғамбар (с) ин ҳадисро аз ёд кардаам:

"دَعْ مَـا يَرِيبُكَ إِلَى مَـا لاَ يَرِيبُكَ"

"***Ҳар чӣ туро ба шубҳа андозад, онро ба чизе иваз кун, ки туро ба шубҳа намеандозад***". Ривояти Тирмизӣ ва Ибни

Ҳиббон. Тирмизӣ онро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Ибни Ҳиббон онро дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Онро Насоӣ низ ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки аз Атийя ибни Урваи Саъдӣ ривоят карда шудааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَبْلُغُ الْعَبْدُ أَنْ يَكُونَ مِنْ الْـمُتَّقِينَ، حَتَّى يَدَعَ مَـا لاَ بَأْسَ بِهِ حَذَرًا لِـمَـا بِهِ بَأْسٌ"

"***То банда чиз ё кори начандон аҳамиятнокро аз аҳамиятнок шудани он эҳтиёт шуда тарк накунад, ба дараҷаи тақводорон нахоҳад расид***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, исноди онро саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст.

• Абӯумома (р) ривоят мекунад:

" سَأَلَ رَجُلٌ النَّبِيَّ ﷺ مَـا الإِثْمُ؟ قَالَ: إِذَا حَاكَ فِي نَفْسِكَ شَيْءٌ فَدَعْهُ، قَالَ فَمَـا الإِيمَـانُ؟ قَالَ: إِذَا سَاءَتْكَ سَيِّئَتُكَ وَسَرَّتْكَ حَسَنَتُكَ فَأَنْتَ مُؤْمِنٌ"

"***Шахсе аз Пайғамбар (с) пурсид: "Гуноҳ чист?" Он кас гуфтанд: "Ҳар гоҳ ки дар дарунат чизе гиреҳ занад, онро тарк кун". Боз пурсид: "Имон чист?", он кас гуфтанд: "Агар кори бад туро ғамгин ва кори нек хурсанд кунад, пас ту мӯъмин ҳастӣ***". Мунзирӣ мегӯяд, ки ин ҳадисро Аҳмад бо исноди саҳеҳ ривоят кардааст.

14) Эҳтиром намудани олимон, фозилон ва калонсолон:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

"***Бигӯ: "Оё онҳое, ки медонанд бо онҳое, ки намедонанд, баробаранд?***" [39:9].

• Ҷобир (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) аз ононе, ки дар Уҳуд ҳалок шудаанд, ду нафарро якҷоя ба қабр мемонданд. Он кас мепурсиданд:

"أَيُّهُمَـا أَكْثَرُ أَخْذًا لِلْقُرْآنِ؟ فَإِذَا أُشِيرَ إِلَى أَحَدِهِمَـا قَدَّمَهُ فِي اللَّحْدِ"

"***Кадоме аз онҳо бештар ба Қуръон амал мекард?" Агар ба яке аз онҳо ишора мекарданд, ҳамонро аввал ба лаҳад мемонданд***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Ибни Аббос (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الْبَرَكَةُ فِي أَكَابِرِكُمْ"

"***Барака дар калонсолони шумост***". Аз Ҳоким ва Ибни Ҳиббон ривоят шудааст. Ҳоким онро бинобар шарти Бухорӣ саҳеҳ гуфтааст. Ибни Ҳиббон онро дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Ибни Муфлиҳ дар "Одоб" исноди онро боэътимод гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لَيْسَ مِنَّا مَنْ لَمْ يَرْحَمْ صَغِيرَنَا، وَيَعْرِفْ حَقَّ كَبِيرِنَا"

"***Ҳар кӣ ба хурдсолони мо шафқат накунад ва ҳаққи калонсолонро надонад, аз мо нест***". Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст.

• Дар ҳадисе, ки Убода ибни Сомит (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ مِنْ أُمَّتِي مَنْ لَمْ يُجِلَّ كَبِيرَنَا، وَيَرْحَمْ صَغِيرَنَا، وَيَعْرِفْ لِعَالِمِنَا حَقَّهُ"

"***Ҳар кӣ калонсолони моро эҳтиром ва ба хурдсолони мо шафқат накунад, ҳаққи олими моро нашиносад, аз уммати ман нест***". Мунзирӣ мегӯяд, ки Аҳмад онро бо исноди ҳасан

ривоят кардааст. Ҳайсамӣ мегӯяд, ки онро Аҳмад ва Табаронӣ ривоят кардаанд ва исноди он ҳасан аст.

• Дар ҳадисе, ки Амр ибни Шуайб аз падараш, ӯ аз бобояш ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ مِنَّا مَنْ لَمْ يَرْحَمْ صَغِيرَنَا، وَيَعْرِفْ شَرَفَ كَبِيرِنَا"

"***Ҳар кӣ ба хурди мо шафқат накунад ва шарафи калонсоли моро надонад, аз мо нест***". Аз Аҳмад, Тирмизӣ, Абӯдовуд ва Бухорӣ ривоят шудааст. Бухорӣ онро дар "Адабулмуфрад" баровардааст. Нававӣ онро ҳадиси саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لِيَلِنِي مِنْكُمْ أُولُو الأَحْلاَمِ وَالنُّهَى، ثُمَّ الَّذِينَ يَلُونَهُمْ ثَلاَثًا، وَإِيَّاكُمْ وَهَيْشَاتِ الأَسْوَاقِ"

"***Дар наздики ман болиғон ва мулоҳизакорони шумо биистанд, баъд касоне, ки наздики онҳоянд" ва (дар охир) илова карданд: "Аз ғавғои бозорҳо дуртар гардед***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Абӯсаид Сумра ибни Ҷундуб (р) ривоят мекунад: "Ман дар даври Пайғамбар (с) кӯдак будам. Аз он кас ҳадисҳоро аз ёд мекардам. Фақат ҳузур доштани шахсони калонсол маро аз сухан гуфтан бозмедошт" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯмӯсо (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ مِنْ إِجْلاَلِ اللهِ إِكْرَامَ ذِي الشَّيْبَةِ الْـمُسْلِمِ، وَحَامِلِ الْقُرْآنِ غَيْرِ الْغَالِي فِيهِ وَلاَ الْجَافِي عَنْهُ، وَإِكْرَامَ ذِي السُّلْطَانِ الْـمُقْسِطِ"

"***Эҳтироми мусулмони солхӯрда, эҳтироми ҳофизи Қуръоне, ки онро аз ҳад нагузашта ва тарк накарда аз ёд кардааст ва эҳтироми султони одил аз ҷумлаи бузургшумории Аллоҳ***

***мебошад***". Абӯдовуд ривоят кардааст. Нававӣ онро ҳадиси ҳасан гуфтааст. Ибни Муфлиҳ санади онро боэътимод гуфтааст.

15) Бародарашро аз худ авло донистан ва онро тасалло додан:

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад:

**" جَاءَ رَجُلٌ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ فَقَالَ: إِنِّي مَجْهُودٌ، فَأَرْسَلَ إِلَى بَعْضِ نِسَائِهِ، فَقَالَتْ: وَالَّذِي بَعَثَكَ بِالْحَقِّ مَـا عِنْدِي إِلاَّ مَـاءٌ، ثُمَّ أَرْسَلَ إِلَى أُخْرَى، فَقَالَتْ مِثْلَ ذَلِكَ، حَتَّى قُلْنَ كُلُّهُنَّ مِثْلَ ذَلِكَ: لاَ وَالَّذِي بَعَثَكَ بِالْحَقِّ مَـا عِنْدِي إِلاَّ مَـاءٌ، فَقَالَ النَّبِيُّ ﷺ: مَنْ يُضِيفُ هَذَا اللَّيْلَةَ؟ فَقَالَ رَجُلٌ مِنْ الأَنْصَارِ أَنَا يَا رَسُولَ اللهِ، فَانْطَلَقَ بِهِ إِلَى رَحْلِهِ فَقَالَ لامْرَأَتِهِ: أَكْرِمِي ضَيْفَ رَسُولِ اللهِ ﷺ ، وَفِي رِوَايَةٍ قَالَ لامْرَأَتِهِ: هَلْ عِنْدَكِ شَيْءٌ؟ فَقَالَتْ لاَ إِلاَّ قُوتُ صِبْيَانِي، قَالَ عَلِّلِيهِمْ بِشَيْءٍ، وَإِذَا أَرَادُوا الْعَشَاء فَنَوِّمِيهِمْ، وَإِذَا دَخَلَ ضَيْفُنَا فَأَطْفِئْ السِّرَاجَ، وَأَرِيهِ أَنَّا نَأْكُلُ فَقَعَدُوا وَأَكَلَ الضَّيْفُ وَبَاتَا طَاوِيَيْنِ، فَلَمَـا أَصْبَحَ غَدَا عَلَى النَّبِيِّ ﷺ فَقَالَ: قَدْ عَجِبَ اللهُ مِنْ صَنِيعِكُمَـا بِضَيْفِكُمَـا اللَّيْلَةَ"**

"***Нафаре ба назди Пайғамбар (с) омада гуфт, ки "Беҳол шудаам". Ба назди яке аз завҷаҳояшон одам фиристоданд, ки завҷаашон гуфт: "Қасам ба Худое, ки шуморо бо ҳақ фиристодааст, ман ғайр аз об чизи дигар надорам". Ба назди завҷаи дигарашон низ одам фиристоданд, ӯ ҳам чунин суханро такрор кард. Хуллас, ҳамаи завҷаҳояшон ҳамин хел гуфтанд: "Қасам ба Худое, ки шуморо бо ҳақ фиристодааст, ман ғайр аз об чизе надорам". Он гоҳ Набӣ (с) гуфтанд: "Имшаб ин касро кӣ меҳмон мекунад?" Як ансорӣ гуфт: "Ман, эй Расулаллоҳ" ва ӯро ба хонааш бурд. Ба занаш гуфт: "Меҳмони Расулуллоҳро эҳтиром кун". Боз дар як ривояти дигар аз занаш пурсид: "Дар хонаат ягон чиз дорӣ?" Занаш ҷавоб дод: "Ғайр аз хӯроки кӯдакон дигар чиз нест". Ансорӣ гуфт: "Онҳоро бо ягон чиз ором кун, агар гурусна монанд, бихобон. Вақте ки меҳмон медарояд, чароғро хомӯш кун ва худро чунон намоем, ки гӯё хӯрок хӯрда истодаем". Онҳо нишастанд, меҳмон таом хӯрд, зану***

***шавҳар бошанд, шабро гурусна рӯз карданд. Чун субҳ дамид ва ба назди Пайғамбар (с) рафтанд, он кас гуфтанд: "Аз корҳое, ки имшаб нисбат ба меҳмонат кардӣ, Аллоҳ тааҷҷуб кард***"" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"طَعَامُ الِاثْنَيْنِ كَافِي الثَّلاَثَةِ، وَطَعَامُ الثَّلاَثَةِ كَافِي الأَرْبَعَةِ"

"***Таоми ду нафар ба се кас ва таоми се нафар ба чаҳор кас кифоя мекунад***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯсаиди Худрӣ (р) ривоят мекунад:

" بَيْنَمَا نَحْنُ فِي سَفَرٍ مَعَ النَّبِيِّ ﷺ ، إِذْ جَاءَ رَجُلٌ عَلَى رَاحِلَةٍ لَهُ، فَجَعَلَ يَصْرِفُ بَصَرَهُ يَمِينًا وَشِمَالاً، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: مَنْ كَانَ مَعَهُ فَضْلُ ظَهْرٍ فَلْيَعُدْ بِهِ عَلَى مَنْ لاَ ظَهْرَ لَهُ، وَمَنْ كَانَ لَهُ فَضْلٌ مِنْ زَادٍ فَلْيَعُدْ بِهِ عَلَى مَنْ لاَ زَادَ لَهُ، فَذَكَرَ مِنْ أَصْنَافِ الْـمَالِ مَا ذَكَرَ حَتَّى رَأَيْنَا أَنَّهُ لاَ حَقَّ لأَحَدٍ مِنَّا فِي فَضْلٍ"

"***Мо дар як сафар ҳамроҳи Пайғамбар (с) будем. Ногоҳ нафаре савори маркаб омад, ки ба тарафи чапу рост ҳаросон чашм медавонид. Он гоҳ Пайғамбар (с) якчанд навъ молҳоро номбар карда гуфтанд: "Ҳар кӣ аз молҳои эҳтиёҷӣ зиёдатӣ дошта бошад, ба одами моли эҳтиёҷӣ надошта бидиҳад, ҳар кӣ хӯроквории зиёдатӣ дошта бошад, ба одами хӯрокнадошта диҳад". Дидем, ки ҳамон одам ба чизи зиёдатии яке аз мо ҳамроҳ шуд***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯмӯсо (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

" إِنَّ الأَشْعَرِيِّينَ إِذَا أَرْمَلُوا فِي الْغَزْوِ، أَوْ قَلَّ طَعَامُ عِيَالِهِمْ بِالْـمَدِينَةِ، جَمَعُوا مَا كَانَ عِنْدَهُمْ فِي ثَوْبٍ وَاحِدٍ، ثُمَّ اقْتَسَمُوهُ بَيْنَهُمْ فِي إِنَاءٍ وَاحِدٍ بِالسَّوِيَّةِ، فَهُمْ مِنِّي وَأَنَا مِنْهُمْ"

"***Агар Ашъариён дар ғазот бева монанд ё хӯрокворӣи оилаҳо дар шаҳр кам шавад, тамоми чизҳое, ки доранд, ба як либос ҷамъ меоранду, сипас дар байни худ бо як зарф ба ҳама баробар тақсим мекунанд. Пас онҳо аз мананд ва ман аз онҳоям***" (муттафақун алайҳ).

16) Саховатмандӣ ва ба корҳои нек харҷ намудан:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَا أَنفَقْتُم مِّن شَيْءٍ فَهُوَ يُخْلِفُهُ

"***Ва агар чизе инфоқ кунед, ивазашро хоҳад дод***" [34:39].

وَمَا تُنفِقُواْ مِنْ خَيْرٍ فَلأنفُسِكُمْ وَمَا تُنفِقُونَ إِلاَّ ابْتِغَاء وَجْهِ اللّهِ وَمَا تُنفِقُواْ مِنْ خَيْرٍ يُوَفَّ إِلَيْكُمْ وَأَنتُمْ لاَ تُظْلَمُونَ

"***Ва ҳар моле, ки инфоқ мекунед, савобаш аз они худи шумост ва ҷуз барои хушнудии Аллоҳ чизе инфоқ макунед ва ҳар чӣ инфоқ кунед, подоши он ба шумо мерасад ва бар шумо ситам нахоҳад шуд***" [2:272].

وَمَا تُنفِقُواْ مِنْ خَيْرٍ فَإِنَّ اللّهَ بِهِ عَلِيمٌ

"***Ва ҳар моле, ки инфоқ мекунед Аллоҳ ба он огоҳ аст***" [2:273].

وَأَنفِقُوا مِمَّا جَعَلَكُم مُّسْتَخْلَفِينَ فِيهِ فَالَّذِينَ آمَنُوا مِنكُمْ وَأَنفَقُوا لَهُمْ أَجْرٌ كَبِيرٌ

"***Ва аз он мол, ки ба варосат (мерос) ба шумо расондааст, инфоқ кунед. Аз миёни шумо ҳар киро имон оварда ва инфоқ карда, музде фаровонаш диҳанд***" [57:7].

وَأَنفَقُواْ مِمَّا رَزَقْنَاهُمْ سِرًّا وَعَلاَنِيَةً

"***Ва дар ниҳону ошкор аз он чӣ ба онҳо рӯзӣ додаем, инфоқ карданд***" [13:22].

لَن تَنَالُواْ الْبِرَّ حَتَّى تُنفِقُواْ مِمَّا تُحِبُّونَ

"***Некиро дарнахоҳед ёфт, то он гоҳ ки аз он чӣ дӯст медоред, инфоқ кунед***" [3:92].

مَّثَلُ الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنبَتَتْ سَبْعَ سَنَابِلَ فِي كُلِّ سُنبُلَةٍ مِّئَةُ حَبَّةٍ وَاللّهُ يُضَاعِفُ لِمَن يَشَاء وَاللّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ

"***Масали онон, ки моли худро дар роҳи Аллоҳ инфоқ мекунанд, масали донаест, ки ҳафт хӯша бароварад ва дар ҳар хӯшае сад дона бошад. Аллоҳ подоши ҳар киро, ки бихоҳад, чанд баробар мекунад. Аллоҳ кушоишдиҳанда ва доност!***" [2:261].

وَمَثَلُ الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمُ ابْتِغَاء مَرْضَاتِ اللّهِ وَتَثْبِيتًا مِّنْ أَنفُسِهِمْ كَمَثَلِ جَنَّةٍ بِرَبْوَةٍ أَصَابَهَا وَابِلٌ فَآتَتْ أُكُلَهَا ضِعْفَيْنِ فَإِن لَّمْ يُصِبْهَا وَابِلٌ فَطَلٌّ وَاللّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ

"***Ва масали касоне, ки амволи хешро барои талаби ризои Аллоҳ ва аз рӯи яқин ва эътиқод инфоқ мекунанд, масали бӯстонест бар теппае, ки бороне тунд бар он борад ва дучандон мева диҳад ва агар на бороне тунд, ки нарм бороне бар он борад. Аллоҳ ба корҳои шумо биност!***" [2:265].

الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُم بِاللَّيْلِ وَالنَّهَارِ سِرًّا وَعَلاَنِيَةً فَلَهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ

"***Онон, ки амволи хешро дар шабу рӯз, дар пинҳону ошкор инфоқ мекунанд, аҷрашон бо Парвардигорашон аст, на бимнок мешаванд ва на ғамгин***" [2:274].

الَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي السَّرَّاء وَالضَّرَّاء وَالْكَاظِمِينَ الْغَيْظَ وَالْعَافِينَ عَنِ النَّاسِ وَاللّهُ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ

"***Он касон, ки дар тавонгариву тангдастӣ инфоқ мекунанд ва хашми хеш фурӯ мехӯранд ва аз хатои мардум дармегузаранд. Аллоҳ накӯкоронро дӯст дорад!***" [3:134].

• Ибни Масъуд (р) аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

" لاَ حَسَدَ إِلاَّ فِي اثْنَتَيْنِ: رَجُلٍ آتَاهُ اللهُ مَـالاً فَسَلَّطَهُ عَلَى هَلَكَتِهِ فِي الْحَقِّ، وَرَجُلٍ آتَاهُ اللهُ حِكْمَةً فَهُوَ يَقْضِي بِهَا وَيُعَلِّمُهَا"

"***Фақат ба ду нафар ҳасад кардан мумкин аст: касе, ки Аллоҳ ба ӯ мол додааст ва ӯ молашро дар роҳи ҳақ сарф мекунад ва касе, ки Аллоҳ ба ӯ ҳикмат додааст ва ӯ ҳаққи ҳикматро адо карда, ба дигарон меомӯзад***" (муттафақун алайҳ).

• Ибни Масъуд (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) пурсиданд:

" أَيُّكُمْ مَـالُ وَارِثِهِ أَحَبُّ إِلَيْهِ مِنْ مَـالِهِ؟ قَالُوا يَا رَسُولَ اللهِ مَـا مِنَّا أَحَدٌ إِلاَّ مَـالُهُ أَحَبُّ إِلَيْهِ، قَالَ: فَإِنَّ مَـالَهُ مَـا قَدَّمَ وَمَـالُ وَارِثِهِ مَـا أَخَّرَ"

"***Барои кадоми шумо моли меросхӯри ӯ аз моли худаш маҳбубтар аст?" Саҳобагон гуфтанд: "Эй Расулаллоҳ, дар мо ин гуна одам нест, барои ҳамаи мо моли худамон маҳбубтар аст". Он кас гуфтанд: "Моле, ки барои охират сарф мешавад, моли ҳамон инсон аст. Моле, ки барои дунё сарф мешвад, моли меросхӯри ӯст***"". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اتَّقُوا النَّارَ وَلَوْ بِشِقِّ تَمْرَةٍ"

"***Гарчи бо ним дона хурмо бошад ҳам, аз дӯзах худро нигоҳ доред***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا مِنْ يَوْمٍ يُصْبِحُ الْعِبَادُ فِيهِ إِلاَّ مَلَكَانِ يَنْزِلاَنِ، فَيَقُولُ أَحَدُهُمَـا اللهُمَّ أَعْطِ مُنْفِقًا خَلَفًا، وَيَقُولُ الآخَرُ اللهُمَّ أَعْطِ مُمْسِكًا تَلَفًا"

"***Ҳар субҳ, ки бандагон аз хоб мехезанд, ду фаришта фуруд меоянд. Яке аз онҳо дуо мекунад: "Эй Аллоҳ, ба сахӣ ба ҷои сарфкардааш дигарашро деҳ". Дигаре низ дуо мекунад: "Эй Аллоҳ, моли мумсикро талаф деҳ***"" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"قَالَ اللهُ تَعَالَى: أَنْفِقْ يَا ابْنَ آدَمَ أُنْفِقْ عَلَيْكَ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Эй фарзанди Одам, инфоқ кун, Ман ҳам барои ту инфоқ мекунам***" (муттафақун алайҳ).

• Боз дар як ҳадиси муттафақун алайҳ меояд:

" أَنَّ رَجُلاً سَأَلَ رَسُولَ اللهِ ﷺ: أَيُّ الإِسْلاَمِ خَيْرٌ؟ قَالَ: تُطْعِمُ الطَّعَامَ، وَتَقْرَأُ السَّلاَمَ عَلَى مَنْ عَرَفْتَ وَمَنْ لَمْ تَعْرِفْ"

"***Нафаре аз Пайғамбар (с) пурсид: "Кадом Ислом беҳтар аст?" Он кас фармуданд: "Ба шиносу ношинос таом ва салом додан***"".

• Дар ҳадисе, ки Абӯумома Садӣ ибни Аҷалон (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" يَا ابْنَ آدَمَ، إِنَّكَ أَنْ تَبْذُلَ الْفَضْلَ خَيْرٌ لَكَ، وَأَنْ تُمْسِكَهُ شَرٌّ لَكَ، وَلاَ تُلاَمُ عَلَى كَفَافٍ، وَابْدَأْ بِمَنْ تَعُولُ، وَالْيَدُ الْعُلْيَا خَيْرٌ مِنْ الْيَدِ السُّفْلَى"

"***Эй фарзанди Одам, барои ту чизи зиёдатиро харҷ кардан некӣ аст, аммо пасандоз кардан бадӣ аст. Агар ба давлати басанда қаноат кунӣ, маломат карда намешавӣ. Аз оилаи***

***худ (яъне наздикон) сар кун. Дасти боло назар ба дасти поён беҳтар аст***". Аз Муслим ривоят шудааст.

- Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَرْبَعُونَ خَصْلَةً أَعْلاَهَا مَنِيحَةُ الْعَنْزِ، مَا مِنْ عَامِلٍ يَعْمَلُ بِخَصْلَةٍ مِنْهَا رَجَاءَ ثَوَابِهَا وَتَصْدِيقَ مَوْعُودِهَا، إِلاَّ أَدْخَلَهُ اللهُ تَعَالَى الْجَنَّةَ"

"***Чил хислат ҳаст, ки беҳтарини онҳо ҳадя додан аст. Ҳар кӣ амал кардан мехоҳад ва бо умеди савобу боварии ба чизи ваъда кардашуда ба яке аз онҳо амал кунад, Аллоҳ Таоло албатта ӯро ба ҷаннат медарорад***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

- Асмо бинти Абӯбакри Сиддиқ (р) ривоят мекунад: "Ба ман Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لاَ تُوكِي فَيُوكَى عَلَيْكِ"

"***Даҳони машкатро маҳкам накун, ки ба ту низ даҳони машкашонро мебанданд***" (муттафақун алайҳ).

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَثَلُ الْبَخِيلِ وَالْـمُنْفِقِ كَمَثَلِ رَجُلَيْنِ عَلَيْهِمَـا جُبَّتَانِ مِنْ حَدِيدٍ مِنْ ثُدِيِّهِمَـا إِلَى تَرَاقِيهِمَـا، فَأَمَـا الْـمُنْفِقُ فَلاَ يُنْفِقُ إِلاَّ سَبَغَتْ أَوْ وَفَرَتْ عَلَى جِلْدِهِ حَتَّى تُخْفِيَ بَنَانَهُ وَتَعْفُوَ أَثَرَهُ، وَأَمَـا الْبَخِيلُ فَلاَ يُرِيدُ أَنْ يُنْفِقَ شَيْئًا إِلاَّ لَزِقَتْ كُلُّ حَلْقَةٍ مَكَانَهَا فَهُوَ يُوَسِّعُهَا وَلاَ تَتَّسِعُ"

"***Масали бахил ва сахӣ масади ду касест, ки аз қафаси сина то чанбари гардан ҷавшан пӯшидаанд. Баробари саховат кардани сахӣ ҷавшанаш васеъ ва мукаммалтар шуда то андозае мерасад, ки ангуштонашро низ мепӯшонад ва пай намемонад. Аммо баробари бахилӣ кардани бахил ҳар як***

***ҳалқаи ҷавшанаш ба ҷои худ мечаспад ва васеъ карданро мехоҳад, вале васеъ намешавад***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

" مَنْ تَصَدَّقَ بِعَدْلِ تَمْرَةٍ مِنْ كَسْبٍ طَيِّبٍ، وَلاَ يَقْبَلُ اللهُ إِلاَّ الطَّيِّبَ، فَإِنَّ اللهَ يَقْبَلُهَا بِيَمِينِهِ ثُمَّ يُرَبِّيهَا لِصَاحِبِهِ كَمَا يُرَبِّي أَحَدُكُمْ فَلُوَّهُ حَتَّى تَكُونَ مِثْلَ الْجَبَلِ"

"***Ҳар кӣ аз касби ҳалол ба миқдори як дона хурмо садақа кунад (Аллоҳ фақат ҳалолро қабул мекунад), Аллоҳ онро бо дасти росташ қабул карда, то монанди кӯҳ шудан онро парвариш мекунад, чунон ки инсон бачаи аспи худро парвариш мекунад***" (муттафақун алайҳ).

17) Аз ҷоҳил рӯ гардондан:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَعْرِضْ عَنِ الْجَاهِلِينَ

"***Ва аз ҷоҳилият эъроз кун***" [7:199].

وَإِذَا خَاطَبَهُمُ الْجَاهِلُونَ قَالُوا سَلَامًا

"***Ва чун ҷоҳилон ононро мухотаб созанд, ба мулоимат сухан гӯянд***" [25:63].

18) Итоату фармонбардорӣ:

Итоат ду хел мешавад: Яке итоати мутлақ, ки бо ҳеҷ гуна чиз маҳдуд нест: итоати мутлақ ба Аллоҳ ва Расулаш. Дигаре бо кори савоб маҳдуд аст, дар корҳои гуноҳ итоат карда намешавад: итоат ба падару модар, шавҳар ва роҳбар. Ҳар ду итоат воҷиб буда, далелҳояшон маълум ва машҳуранд.

Чизҳои дар боло зикршуда ахлоқе буд, ки лоиқи таҳсинанд. Акнун дар хусуси ахлоқе таваққуф мекунем, ки мазаммат карда шудааст (яъне ахлоқи мамнӯъ):

## II. Ахлоқи зишт

1) Дурӯғгӯӣ:

• Дар ҳадисе, ки Ибни Масъуд (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" وَإِنَّ الْكَذِبَ يَهْدِي إِلَى الْفُجُورِ، وَإِنَّ الْفُجُورَ يَهْدِي إِلَى النَّارِ، وَإِنَّ الرَّجُلَ لَيَكْذِبُ حَتَّى يُكْتَبَ عِنْدَ اللهِ كَذَّابًا"

"***Дурӯғгӯӣ ба бадӣ ва бадӣ ба дӯзах мебарад. Агар инсон бардавом дурӯғ гӯяд, бо мурури вақт дар назди Аллоҳ каззоб навишта мешавад***" (муттафақун алайҳ).

• Ҳасан ибни Алӣ (р) ривоят мекунад: "Ин ҳадиси Расулаллоҳ (с)-ро аз ёд кардам:

"دَعْ مَـا يَرِيبُكَ إِلَى مَـا لاَ يَرِيبُكَ، فَإِنَّ الصِّدْقَ طُمَـانِينَةٌ، وَالْكَذِبَ رِيبَةٌ"

"***Ҳар чӣ туро ба шубҳа андозад, онро ба чизе иваз кун, ки туро ба шубҳа намеандозад. Зеро ростгӯӣ хотирҷамъӣ асту дурӯғ шубҳа кардан аст***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَرْبَعٌ مَنْ كُنَّ فِيهِ كَانَ مُنَافِقًا خَالِصًا، وَمَنْ كَانَتْ فِيهِ خَصْلَةٌ مِنْهُنَّ كَانَتْ فِيهِ خَصْلَةٌ مِنْ نِفَاقٍ حَتَّى يَدَعَهَا، إِذَا اؤْتُمِنَ خَانَ، وَإِذَا حَدَّثَ كَذَبَ، وَإِذَا عَاهَدَ غَدَرَ، وَإِذَا خَاصَمَ فَجَرَ"

"***Чаҳор хислат ҳаст, ки ҳар кас онҳоро дошта бошад, мунофиқи ҳақиқист. Ҳар кӣ яке аз онҳоро дошта бошад, то онро тарк накунад, як хислати мунофиқӣ дорад. Онҳо: ба***

***амонат хиёнат кардан, дурӯғ гуфтан, ба аҳд вафо накардан, ҳангоми баҳс беорӣ кардан***".

• Дар ҳадисе, ки Абӯбакр (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَإِيَّاكُمْ وَالْكَذِبَ، فَإِنَّهُ مَعَ الْفُجُورِ وَهُمَا فِي النَّارِ"

"***Аз дурӯғ дурӣ ҷӯед, чунки он ҳамроҳӣ бадӣ аст ва ҳар ду дар дӯзаханд***". Ибни Ҳиббон ин ҳадисро дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Табаронӣ аз Муовия ривоят кардааст. Ҳайсамӣ ва Мунзирӣ онро ҳасан гуфтаанд.

• Сумра ибни Ҷундуб (р) ривоят мекунад:

" كَانَ رَسُولُ اللهِ ﷺ مِمَا يُكْثِرُ أَنْ يَقُولَ لأَصْحَابِهِ: هَلْ رَأَى أَحَدٌ مِنْكُمْ مِنْ رُؤْيَا، فَيَقُصُّ عَلَيْهِ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ يَقُصَّ وَإِنَّهُ قَالَ لَنَا ذَاتَ غَدَاةٍ ... وَأَمَا الرَّجُلُ الَّذِي أَتَيْتَ عَلَيْهِ يُشَرْشَرُ شِدْقُهُ إِلَى قَفَاهُ، وَمَنْخِرُهُ إِلَى قَفَاهُ وَعَيْنُهُ إِلَى قَفَاهُ، فَإِنَّهُ الرَّجُلُ يَغْدُو مِنْ بَيْتِهِ فَيَكْذِبُ الْكَذْبَةَ تَبْلُغُ الآفَاقَ"

"***Пайғамбар (с) ба асҳобашон бисёр мегуфтанд: "Оё нафаре аз шумо хоб мебинад, ки Аллоҳ бо хости худ ҳикоя кунад. Субҳи рӯзе ба мо гуфтанд: "...Он касест, ки аз ҷоғаш то гардан, аз бинӣ то гардан ва аз чашмаш то гардан ғарқи гуноҳ гаштааст ва пагоҳӣ аз хонааш баромада, дурӯғҳое мегӯяд, ки ба дунё мерасад***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Тавре Ибни Умар (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِنَّ مِنْ أَفْرَى الْفِرَى أَنْ يُرِيَ عَيْنَيْهِ مَا لَمْ تَرَ"

"***Дурӯғтарин дурӯғ ҳамонест, ки чизи нодидаро "дидам" гӯяд***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"آيَةُ الْـمُنَافِقِ ثَلاَثٌ: إِذَا حَدَّثَ كَذَبَ، وَإِذَا وَعَدَ أَخْلَفَ، وَإِذَا اؤْتُمِنَ خَانَ"

"***Мунофиқ се аломат дорад: сухан гӯяд, дурӯғ мегӯяд, ваъда диҳад, хилоф мекунад ва амонат гирад, хиёнат мекунад***" (муттафақун алайҳ).

• Оиша (р) ривоят мекунад:

" مَـا كَانَ مِنْ خُلُقٍ أَبْغَضُ إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ مِنَ الْكَذِبِ، مَـا اطَّلَعَ عَلَى أَحَدٍ مِنْ ذَلِكَ بِشَيْءٍ فَيَخْرُجُ مِنْ قَلْبِهِ حَتَّى يَعْلَمَ أَنَّهُ قَدْ أَحْدَثَ تَوْبَةً"

"***Барои Пайғамбар (с) ҳеҷ чиз аз дурӯғ зишттар набуд. Агар дар ин бора аз ягон кас чизи андакро пай баранд, то донистани тавба карданаш ӯро аз дилашон мебаровarданд***". Ривояти Аҳмад ва Баззор. Ибни Ҳиббон онро дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Ҳоким низ онро ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ثَلاَثَةٌ لاَ يُكَلِّمُهُمْ اللهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، وَلاَ يُزَكِّيهِمْ، وَلاَ يَنْظُرُ إِلَيْهِمْ، وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ: شَيْخٌ زَانٍ، وَمَلِكٌ كَذَّابٌ، وَعَائِلٌ مُسْتَكْبِرٌ"

"***Се тоифа мардум ҳастанд, ки рӯзи қиёмат Аллоҳ бо онҳо сухан намегӯяд, онҳоро пок намекунад ва ба онҳо наменигарад ва барои онҳо азоби дарднок ҳаст: пирамарди зинокор, подшоҳи дурӯғгӯ ва камбағали мутакаббир***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Баҳз ибни Ҳаким аз падараш, ӯ аз бобояш Муовия ибни Ҳайда ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَيْلٌ لِلَّذِي يُحَدِّثُ بِالْحَدِيثِ لِيُضْحِكَ بِهِ الْقَوْمَ فَيَكْذِبُ، وَيْلٌ لَهُ، وَيْلٌ لَهُ"

"***Вой бар ҳоли касе, ки барои хандондани мардум дурӯғ мегӯяд, вой бар ҳолаш, вой бар ҳолаш***". Ривояти Тирмизӣ,

Абӯдовуд, Аҳмад, Доримӣ ва Байҳақӣ. Тирмизӣ ин ҳадисро ҳасан гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Ҳаким ибни Ҳизом (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" الْبَيِّعَانِ بِالْخِيَارِ مَا لَمْ يَتَفَرَّقَا، فَإِنْ صَدَقَ الْبَيِّعَانِ وَبَيَّنَا بُورِكَ لَهُمَا فِي بَيْعِهِمَا، وَإِنْ كَتَمَا وَكَذَبَا فَعَسَى أَنْ يَرْبَحَا رِبْحًا، وَيُمْحَقَا بَرَكَةَ بَيْعِهِمَا. اَلْيَمِيْنُ الْفَاجِرَةُ مُنْفِقَةٌ لِلسِّلْعَةِ مُمْحِقَةٌ لِلْكَسْبِ"

"***Модом ки харидор ва фурӯшанда аз ҳам ҷудо нашудаанд, ихтиёр доранд. Агар ҳар ду рост сухан карда, ошкоро гуфта бошанд, дар савдояшон барака мешавад. Агар дурӯғ гуфта, пинҳон карда бошанд, мумкин аст фоида бинанд, аммо баракаи савдоро мекушанд. Гарчи инсон бо қасами дурӯғ молашро гузаронад ҳам, баракаи касбу корро мекушад***" (муттафақун алайҳ).

• Рифоа ибни Рофеъ ибни Молик ибни Аҷалон Зарқии Ансорӣ (р) ривоят мекунад: "Ҳамроҳи Пайғамбар (с) ба намозгоҳ баромадам, он кас хариду фурӯш кардани мардумро дида гуфтанд:

" يَا مَعْشَرَ التُّجَّارِ، فَاسْتَجَابُوا لِرَسُولِ اللهِ ﷺ ، وَرَفَعُوا أَعْنَاقَهُمْ وَأَبْصَارَهُمْ إِلَيْهِ، فَقَالَ: "إِنَّ التُّجَّارَ يُبْعَثُونَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فُجَّارًا إِلاَّ مَنْ اتَّقَى اللهَ وَبَرَّ وَصَدَقَ"

"***Эй ҷамоаи савдогарон!" Ҳама ба Пайғамбар (с) гӯш дода, ба тарафи он кас рӯ оварданд. Он кас гуфтанд: "Савдогарон рӯзи қиёмат фиребгар зинда мешаванд. Онҳое, ки аз Аллоҳ тақво меварзанд, некӣ мекунанд ва рост сухан мегӯянд, аз ин мустасноянд***"". Тирмизӣ ва Ибни Моҷа ривоят кардаанд. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Онро Ҳоким низ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ маъқул донистааст.

• Абдуллоҳ ибни Шибл (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ التُّجَّارَ هُمْ الْفُجَّارُ، قَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ، أَلَيْسَ قَدْ أَحَلَّ اللهُ الْبَيْعَ؟ قَالَ: بَلَى، وَلَكِنَّهُمْ يَحْلِفُونَ فَيَأْثَمُونَ، وَيُحَدِّثُونَ فَيَكْذِبُونَ"

"***Савдогарон фиребгаранд". Гуфтанд: "Эй Расулаллоҳ, охир Аллоҳ хариду фурӯшро ҳалол кардааст-ку?" Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Дуруст, аммо онҳо қасам хӯрда гунаҳкор мешаванд, ҳангоми сухан гуфтан дурӯғ мегӯянд***"". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Заҳабӣ ва Аҳмад маъқул донистаанд. Ҳайсамӣ дар "Маҷмаъ" ровиёни онро боэътимод гуфтааст. Мунзирӣ санади онро боэътимод гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯзар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ثَلاَثَةٌ لاَ يَنْظُرُ اللهُ إِلَيْهِمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، وَلاَ يُزَكِّيهِمْ، وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ، قَالَ فَقَرَأَهَا رَسُولُ اللهِ ﷺ ثَلاَثَ مَرَّاتٍ، فَقُلْتُ: خَابُوا وَخَسِرُوا، وَمَنْ هُمْ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ: الْـمُسْبِلُ، وَالْـمَنَّانُ، وَالْـمُنَفِّقُ سِلْعَتَهُ بِالْحَلِفِ الْكَاذِبِ"

"***Се тоифа мардум ҳастанд, ки Аллоҳ рӯзи қиёмат ба онон нанигарад ва (аз гуноҳ) покашон накунад ва барояшон азоби дардноке ҳаст". Ин суханро се маротиба такрор намуданд. Ман пурсидам: "Эй Расулаллоҳ, он нокому ноумедон киҳоянд?" Он кас ҷавоб доданд: "Касе, ки (аз рӯи кибр) доманашро кашола мекунад, касе, ки миннат мекунад ва касе, ки бо қасами дурӯғ молашро мегузаронад***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Салмон (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ثَلاَثَةٌ لاَ يَنْظُرُ اللهُ إِلَيْهِمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ: أُشَيْمِطُ زَانٍ، وَعَائِلٌ مُسْتَكْبِرٌ، وَرَجُلٌ جَعَلَ اللهَ بِضَاعَتَهُ لاَ يَشْتَرِى إِلاَّ بِيَمِينِهِ وَلاَ يَبِيعُ إِلاَّ بِيَمِينِهِ"

"***Се тоифа мардум ҳастанд, ки рӯзи қиёмат Аллоҳ ба онҳо нанигарад: пирамарди зинокор, фақири мутакаббир ва касе, ки Аллоҳро ба матои худ табдил дода, бо қасам мехарад ва бо қасам мефурӯшад***". Табаронӣ дар "Алкабир" овардааст. Мунзирӣ гуфтааст, ки ровиёни он шахсоне мебошанд, ки суханашон дар бораи ҳадиси саҳеҳ ҳуҷҷат шуда метавонад. Ҳайсамӣ ровиёни онро ровиёни ҳадиси саҳеҳ гуфтааст.

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ثَلاَثَةٌ لاَ يُكَلِّمُهُمْ اللهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَلاَ يَنْظُرُ إِلَيْهِمْ: رَجُلٌ حَلَفَ عَلَى سِلْعَةٍ لَقَدْ أَعْطَى بِهَا أَكْثَرَ مِمَـا أَعْطَى وَهُوَ كَاذِبٌ، وَرَجُلٌ حَلَفَ عَلَى يَمِينٍ كَاذِبَةٍ بَعْدَ الْعَصْرِ لِيَقْتَطِعَ بِهَا مَـالَ رَجُلٍ مُسْلِمٍ، وَرَجُلٌ مَنَعَ فَضْلَ مَـاءٍ، فَيَقُولُ اللهُ الْيَوْمَ أَمْنَعُكَ فَضْلِي كَمَـا مَنَعْتَ فَضْلَ مَـا لَمْ تَعْمَلْ يَدَاكَ"

"***Се нафар аст, ки Аллоҳ рӯзи қиёмат ба онҳо сухан нагӯяд ва нанигарад: марде, ки дар хусуси моле бардурӯғ қасам мехӯрад, ки молро аз нархе, ки мефурӯшад, қиматтар харидааст; марде, ки баъд аз аср бардурӯғ қасам мехӯрад, то бо он моли марди мусулмонро азхуд намояд ва марде, ки оби зиёдатиро манъ мекунад ва Аллоҳ мегӯяд: "Имрӯз фазламро аз ту манъ мекунам, чунон ки оби зиёдатиро, ки ба ту лозим набуд, манъ кардӣ***"". Аз Бухорӣ ривоят шудааст. Бухорӣ ва Муслим онро бо лафзҳои дигар низ баровардаанд.

- Абӯсаид (р) ривоят мекунад: "Як аъробӣ бо гӯсфанде аз раҳ мегузашт. Ба ӯ гуфтам: "Оё гӯсфандатро ба се дирҳам мефурӯшӣ". Ӯ гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки на". Пасон фурӯхт. Вақте ки ин кор ба Пайғамбар (с) маълум шуд, он кас гуфтанд:

"بَاعَ آخِرَتَهُ بِدُنْيَاهُ"

"***Охираташро ба дунёаш фурӯхтааст***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст.

Ба масъалаи дурӯғ ду чиз алоқаманд аст:

**Якум:** Таврия (суханбозӣ) ва киноя: Дар ин шумо суханеро истифода мебаред, ки маънои зоҳирӣ ва ботинӣ дорад. Шумо маънои ботиниро ирода мекунед, аммо шунаванда маънои зоҳириро мефаҳмад. Ё ин ки калимаеро истифода мебаред, ки маънои асливу маҷозӣ дорад. Шумо мазмуни маҷозиро ирода мекунед, шунаванда бошад, маънои аслиро мефаҳмад. Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз Анас ривоят мекунад, омадааст:

" مَـاتَ ابْنٌ لأَبِي طَلْحَةَ، فَقَالَ: كَيْفَ الْغُلاَمُ؟ قَالَتْ أُمُّ سُلَيْمٍ: هَدَأَتْ نَفَسُهُ وَأَرْجُو أَنْ يَكُونَ قَدْ اسْتَرَاحَ، وَظَنَّ أَنَّهَا صَادِقَةٌ"

"***Як писари Абӯталҳа вафот кард. Абӯталҳа пурсид: "Ҳоли кӯдак чӣ тавр аст?" Уммусулайм гуфт: "Нафасаш осуда аст, умед дорам, ки ором ёфт". Абӯталҳа гумон кард, ки ӯ рост мегӯяд***". Дар ҳадис, ки дар "Саҳеҳ"-и Ибни Ҳиббон аз Ибни Аббос ривоят шудааст, омадааст:

" لَمَـا نَزَلَتْ تَبَّتْ يَدَا أَبِي لَهَبٍ جَاءَتْ امْرَأَةُ أَبِي لَهَبٍ، إِلَى النَّبِيِّ ﷺ وَمَعَهُ أَبُو بَكْرٍ، فَلَمَـا رَآهَا أَبُو بَكْرٍ قَالَ يَا رَسُولَ اللهِ إِنَّهَا امْرَأَةٌ بَذِيئَةٌ، وَأَخَافُ أَنْ تُؤْذِيَكَ، فَلَوْ قُمْتَ، قَالَ إِنَّهَا لَنْ تَرَانِي، فَجَاءَتْ، فَقَالَتْ: يَا أَبَا بَكْرٍ إِنَّ صَاحِبَكَ هَجَانِي، قَالَ: لاَ، وَمَـا يَقُولُ الشِّعْرَ، قَالَتْ أَنْتَ عِنْدِى مُصَدَّقٌ وَانْصَرَفَتْ. فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، لَمْ تَرَكَ؟ قَالَ: لاَ، لَمْ يَزَلْ مَلَكٌ يَسْتُرُنِى عَنْهَا بِجَنَاحِهِ"

"***Вақте ки ояти „Дастҳои Абӯлаҳаб бурида бод" нозил шуд, зани Абӯлаҳаб ба назди Пайғамбар (с) омад. Дар пешашон Абӯбакр ҳам буд. Ӯро дида гуфт: "Эй Расулаллоҳ, ин басо зани беномус аст, метарсам, ки ба шумо озор медиҳад, агар хеста мерафтед". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ӯ маро***

***намебинад". Ӯ омада ба Абӯбакр гуфт: "Дӯстат маро масхара кардааст". Абӯбакр гуфт: "На, ӯ шеър намегӯяд". Он зан гуфт: "Туро ростгӯ медонам" ва баргашта рафт. Он гоҳ Абӯбакр гуфт: "Эй Расулаллоҳ, дар ҳақиқат шуморо надид". Он кас гуфтанд: "Фариштае бо болаш маро аз ӯ ниҳон кард*** "". Тавре дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Анас (р) ривоят кардааст, Тирмизӣ дар "Шамоил"-и худ, Бағавӣ дар "Шарҳи суннат"-и худ ва Ибни Ҳаҷар дар "Исоба"-и худ саҳеҳ гуфтаанд, омадааст:

" إِنَّ رَجُلاً مِنْ أَهْلِ الْبَادِيَةِ كَانَ اسْمُهُ زَاهِرًا، كَانَ يُهْدِي لِلنَّبِيِّ ﷺ الْهَدِيَّةَ مِنْ الْبَادِيَةِ، فَيُجَهِّزُهُ رَسُولُ اللهِ ﷺ إِذَا أَرَادَ أَنْ يَخْرُجَ، فَقَالَ النَّبِيُّ ﷺ: إِنَّ زَاهِرًا بَادِيَتُنَا وَنَحْنُ حَاضِرُوهُ، وَكَانَ النَّبِيُّ ﷺ يُحِبُّهُ، وَكَانَ رَجُلاً دَمِيمًا فَأَتَاهُ النَّبِيُّ ﷺ يَوْمًا، وَهُوَ يَبِيعُ مَتَاعَهُ، فَاحْتَضَنَهُ مِنْ خَلْفِهِ، وَهُوَ لاَ يُبْصِرُهُ، فَقَالَ الرَّجُلُ: أَرْسِلْنِي، مَنْ هَذَا؟ فَالْتَفَتَ، فَعَرَفَ النَّبِيَّ ﷺ ، فَجَعَلَ لاَ يَأْلُو مَا أَلْصَقَ ظَهْرَهُ بِصَدْرِ النَّبِيِّ ﷺ حِينَ عَرَفَهُ، وَجَعَلَ النَّبِيُّ ﷺ يَقُولُ مَنْ يَشْتَرِي الْعَبْدَ؟ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ إِذَنْ وَاللهِ تَجِدُنِي كَاسِدًا، فَقَالَ النَّبِيّ ﷺ ُ: لَكِنْ عِنْدَ اللهِ لَسْتَ بِكَاسِدٍ، أَوْ قَالَ: لَكِنْ عِنْدَ اللهِ أَنْتَ غَالٍ"

"***Зоҳир ном бодиянишине буд, ки аз бодия ба Пайғамбар (с) ҳадяҳо меовард. Вақте ки ба роҳ баромаданӣ мешуд, Пайғамбар (с) ӯро омода мекарданд ва мегуфтанд: "Зоҳир бодиянишини мост ва мо рафиқони шаҳрии ӯ ҳастем". Ӯро дӯст медоштанд. Ӯ марди назарногир буд. Рӯзе чизҳояшро мефурӯхт, ки Пайғамбар (с) омада, ӯро аз қафо оғӯш карданд. Ӯ надида гуфт: "Сар деҳ, ту кистӣ?" Сипас ба гӯшаи чашм нигарист ва донист, ки Пайғамбар (с) аст, дарҳол китфашро ба қафаси синаи он кас зер кард. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Кӣ ғулом мегирад?" Ӯ гуфт: "Эй Расулаллоҳ, қасам ба Аллоҳ, ки ман моли касод ҳастам". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Лекин ту дар назди Аллоҳ касод нестӣ". Боз дар қавли дигар гуфтанд: "Лекин ту дар назди Аллоҳ гаронбаҳо ҳастӣ***". Хуллас, таврия (суханбозӣ) ва

киноя ҷоиз аст. Дар ривояте, ки Бухорӣ дар "Адабулмуфрад" бо исноди саҳеҳ аз Имрон ибни Ҳусайн ва Байҳақӣ бо исноди саҳеҳ аз Умар ибни Хаттоб (р) овардаанд, гуфта шудааст:

"إِنَّ فِي الْـمَعَارِيضِ لَمَنْدُوحَةً عَنْ الْكَذِبِ"

"***Дар таврия (суханбозӣ) ва киноя аз дурӯғ худдорӣ кардан ҳаст***". Ин ҳадис дар онҳо марфӯъ нест.

**Дуюм:** Дурӯғе, ки гуфтан мумкин аст: Ин кор дар се ҳолат ҷоиз аст: дар ҷанг, дарислоҳ намудани байни одамон ва дар байни зану шавҳар. Дар Муслим Уммугулсум бинти Уқба ибни Абӯмуайт (р) ривоят мекунад: "Шунидаам, ки фақат дар се маврид ба (дурӯғ) гуфтан рухсат дода шудааст. Яъне дар ҷанг, дар ислоҳ кардани байни мардум ва ҳангоми сухан кардани шавҳар ба зан ва зан ба шавҳар". Дар ҳадисе, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الْحَرْبُ خَدْعَةٌ"

"***Ҷанг фиреб аст***"

[муттафақун алайҳ]. Дар ҳадисе, ки Асмо бинти Язид ривоят кардааст, Пайғамбар (с) дар яке аз хутбаҳо гуфтанд:

" أَيُّهَا النَّاسُ مَـا يَحْمِلُكُمْ عَلَى أَنْ تَتَابَعُوا فِي الْكَذِبِ كَمَـا يَتَتَابَعُ الْفَرَاشُ فِي النَّارِ كُلُّ الْكَذِبِ يُكْتَبُ عَلَى ابْنِ آدَمَ إِلاَّ ثَلاَثَ خِصَالٍ رَجُلٌ كَذَبَ عَلَى امْرَأَتِهِ لِيُرْضِيَهَا أَوْ رَجُلٌ كَذَبَ فِي خَدِيعَةِ حَرْبٍ أَوْ رَجُلٌ كَذَبَ بَيْنَ امْرَأَيْنِ مُسْلِمَيْنِ لِيُصْلِحَ بَيْنَهُمَـا"

"***Эй мардум, чӣ шуморо маҷбур мекунад, ки ба сӯи дурӯғ бишитобед, чунон ки ҳашаротҳо ба сӯи оташ мешитобанд? Ғайр аз се хислат ҳар як дурӯғ ба зарари фарзанди Одам навишта мешавад: шавҳаре, ки барои розӣ кардани занаш дурӯғ мегӯяд, касе, ки дар ҷанг барои фиреб додан дурӯғ мегӯяд ва касе, ки барои ислоҳ намудани байни ду мусулмон дурӯғ мегӯяд***" [ривояти Аҳмад].

Ибни Ҳаҷар дар "Фатҳ" мегӯяд: "Олимон иттифоқ кардаанд, ки ба ҳамдигар дурӯғ гуфтани зану шавҳар танҳо дар ҳамон ҳолатҳо мумкин аст, ки ба ҳуқуқи ҳамдигар таҷовуз карда нашавад. Бо мақсади ноил шудан ба он чӣ, ки ҳақ надорад, дурӯғ гуфтан дуруст нест". Дар шарҳи Муслим Нававӣ мегӯяд: "Дурӯғе, ки дар байни зану шавҳар истифода бурда мешавад, корҳоест аз қабили изҳор намудани муҳаббати бардурӯғ ва ваъда кардани он чӣ, ки шарт нест. Аммо аз иҷрои вазифаи худ гурехтан ё барои ноил шудан ба он чӣ, ки ҳақ надорад, танбалӣ кардан бо иҷмои мусулмонон ҳаром аст". Масалан, мард аз нафақае, ки дар зиммаи ӯст, гурехта гӯяд, ки дар бозор набудааст, ё вақте ки шавҳар занро ба ҳамбистарӣ хонад, ӯ аз иҷрои ӯҳдадории худ гурехта гӯяд, ки ҳайз дидааст, ё мард аз моли занаш гирифта гӯяд, ки нагирифтааст, ё гарчи шавҳар зан ва кӯдаконашро ба таври кофӣ таъмин кунад ҳам, зан аз моли ӯ (яъне шавҳар) гирифта гӯяд, ки нагирифтааст – ин ҳама ҳаром аст.

2) Ваъдахилофӣ:

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"آيَةُ الْـمُنَافِقِ ثَلاَثٌ: إِذَا حَدَّثَ كَذَبَ، وَإِذَا وَعَدَ أَخْلَفَ، وَإِذَا اؤْتُمِنَ خَانَ"

"***Мунофиқ се аломат дорад: сухан гӯяд, дурӯғ мегӯяд, ваъда диҳад, хилоф мекунад, амонат гирад, хиёнат мекунад***" (муттафақун алайҳ). Мунофиқӣ дар ин ҷо на ба ақида, балки ба амал алоқадор аст. Зеро мунофиқӣ, агар ба амал алоқадор бошад, ҳаром аст, аммо ба ақида алоқадор бошад, куфр аст. Аллоҳ нигоҳ дорад.

3) Бадахлоқӣ ва гуфтани суханҳои беҳаё:

• Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَهْلاً يَا عَائِشَةُ عَلَيْكِ بِالرِّفْقِ، وَإِيَّاكِ وَالْعُنْفَ وَالْفُحْشَ"

"***Оҳиста, эй Оиша, нарм бош, дурушту бадахлоқ нашав***". (Бухорӣ). Боз дар як ҳадисе, ки Муслим аз Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَهْ يَا عَائِشَةُ، فَإِنَّ اللهَ لاَ يُحِبُّ الْفُحْشَ وَالتَّفَحُّشَ"

"***Худатро нигоҳ дор, эй Оиша, чунки Аллоҳ бадахлоқӣ ва гуфта шудани суханҳои бадахлоқонаро дӯст намедорад***" (муттафақун алайҳ).

- Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) фармудаанд:

"إِنَّ شَرَّ النَّاسِ مَنْزِلَةً عِنْدَ اللهِ مَنْ تَرَكَهُ أَوْ وَدَعَهُ النَّاسُ اتِّقَاءَ فُحْشِهِ"

"***Беқадртарин инсон дар назди Аллоҳ ҳамонест, ки мардум аз тарси бадахлоқиаш бо ӯ муомила намекунанд***" (муттафақун алайҳ).

- Тавре ки Иёз ибни Ҳаммори Муҷошеӣ ривоят мекунад, Пайғамбар (с) дар яке аз хутбаҳо гуфтаанд:

"وَأَهْلُ النَّارِ خَمْسَةٌ ... وَالشِّنْظِيرُ الْفَاحِشُ"

"***Аҳли дӯзах панҷ тоифаанд: ... ва бадахлоқи беномус***". Ривояти Муслим. Калимаи "***шинзир***" ба маънои бадахлоқ мебошад.

- Дар ҳадисе, ки Абӯдардо (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَإِنَّ اللهَ يُبْغِضُ الْفَاحِشَ الْبَذِيءَ"

"***Аллоҳ бадахлоқи беномусро бад мебинад***". Аз Тирмизӣ ва Ибни Ҳиббон ривоят шудааст. Тирмизӣ онро саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الْحَيَاءُ مِنَ الإِيمَـانِ، وَالإِيمَـانُ فِي الْجَنَّةِ، وَالْبَذَاءُ مِنَ الْجَفَاءِ، وَالْجَفَاءُ فِي النَّارِ"

"***Ҳаё аз имон аст ва имон дар биҳишт мебошад. Беҳаёӣ дуруштист ва дуруштӣ дар дӯзах аст***". Аҳмад ҳадисро бо санаде овардааст, ки ровиёнаш боэътимоданд. Тирмизӣ онро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Ибни Ҳиббон онро дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст.

• Дар ҳадисе, ки Ибни Масъуд (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ الْـمُؤْمِنُ بِالطَّعَّانِ، وَلاَ اللَّعَّانِ، وَلاَ الْفَاحِشِ، وَلاَ الْبَذِيءِ"

"***Мӯъмин таҳқир намекунад, лаънат намехонад ва бадахлоқу беномус намешавад***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст.

4) Сафсатагӯӣ: Яъне бо такаллуф бисёр сухан гуфтан.

• Муғира ибни Шуъба (р) гуфт, ки аз Пайғамбар (с) шунидааст:

"إِنَّ اللهَ كَرِهَ لَكُمْ ثَلاَثًا: قِيلَ وَقَالَ، وَإِضَاعَةَ الْـمَـالِ، وَكَثْرَةَ السُّؤَالِ"

"***Аллоҳ се хислати шуморо бад мебинад: сафсатагӯӣ, зоеъ кардани мол ва саволи бисёр додан***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ривояти Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ مِنْ أَحَبِّكُمْ إِلَيَّ، وَأَقْرَبِكُمْ مِنِّي مَجْلِسًا يَوْمَ الْقِيَامَةِ: أَحَاسِنَكُمْ أَخْلاَقًا، وَإِنَّ أَبْغَضَكُمْ إِلَيَّ وَأَبْعَدَكُمْ مِنِّي يَوْمَ الْقِيَامَةِ: الثَّرْثَارُونَ وَالْـمُتَشَدِّقُونَ وَالْـمُتَفَيْهِقُونَ"

"***Аз шумо ҳамон кас бароям маҳбубтарин атс ва рӯзи қиёмат ба ман аз ҳама наздиктар менишинад, ки ахлоқи***

***зеботар дорад. Барои ман манфуртарини шумо ва касе, ки рӯзи қиёмат нисбат ба ҳама аз ман дуртар мемонад, ҳарзагӯ, беҳудагӯ ва ҷанҷолӣ мебошад***". Тирмизӣ ривоят карда, ҳасан гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ الْعَبْدَ لَيَتَكَلَّمُ بِالْكَلِمَةِ مَـا يَتَبَيَّنُ فِيهَا، يَزِلُّ بِهَا فِي النَّارِ أَبْعَدَ مَـا بَيْنَ الْـمَشْرِقِ وَالْـمَغْرِبِ"

"***Банда чӣ будани як суханро надониста ҳарф мезанад, пасон бо туфайли ҳамин суханаш ба қаъри дӯзах меафтад, ки аз байни мағрибу машриқ чуқуртар аст***" (муттафақун алайҳ).

5) Таҳқир кардани мусулмон ё мусулмонон:

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"بِحَسْبِ امْرِئٍ مِنْ الشَّرِّ أَنْ يَحْقِرَ أَخَاهُ الْـمُسْلِمَ"

"***Барои бад будани инсон бародари мусулмонашро таҳқир кардан кифоя мекунад***". Аз Муслим ривоят шудааст.

6) Масхара кардани мусулмон ва ба ҳоли ӯ хандидан:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا يَسْخَرْ قَومٌ مِّن قَوْمٍ عَسَى أَن يَكُونُوا خَيْرًا مِّنْهُمْ وَلَا نِسَاء مِّن نِّسَاء عَسَى أَن يَكُنَّ خَيْرًا مِّنْهُنَّ وَلَا تَلْمِزُوا أَنفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوا بِالْأَلْقَابِ بِئْسَ الاِسْمُ الْفُسُوقُ بَعْدَ الْإِيمَانِ وَمَن لَّمْ يَتُبْ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, мабод, ки гурӯҳе аз мардон гурӯҳи дигарро масхара кунед, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва мабод, ки гурӯҳе аз занон гурӯҳи дигарро масхара кунед, шояд он масхарашудагон беҳтар аз***

***онҳо бошанд. Ва аз ҳам айбҷӯӣ макунед ва якдигарро ба алқоби зишт махонед. Бад аст унвони фисқ пас аз имон овардан. Ва касоне, ки тавба намекунанд, худ ситамкоронанд***" [49:11].

• Дар ҳадисе, ки Ҳасан ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ الْـمُسْتَهْزِئِينَ بِالنَّاسِ، يُفْتَحُ لأَحَدِهِمْ فِي الآخِرَةِ بَابٌ مِنْ الْجَنَّةِ، فَيُقَالُ لَهُ: هَلُمَّ هَلُمَّ، فَيَجِيءُ بِكُرَبِهِ وَغَمِّهِ، فَإِذَا جَاءَهُ أُغْلِقَ دُونَهُ، ثُمَّ يُفْتَحُ لَهُ بَابٌ آخَرُ، فَيُقَالُ لَهُ: هَلُمَّ هَلُمَّ، فَيَجِيءُ بِكُرَبِهِ وَغَمِّهِ، فَإِذَا جَاءَهُ أُغْلِقَ دُونَهُ، فَمَـا يَزَالُ كَذَلِكَ، حَتَّى إِنَّ أَحَدَهُمْ لَيُفْتَحُ لَهُ بَابٌ مِنْ أَبْوَابِ الْجَنَّةِ فَيُقَالُ هَلُمَّ فَمَـا يَأْتِيهِ مِنْ الإِيَاسِ"

"***Барои онҳое, ки мардумро масхара мекунанд, дар охират як дари биҳишт кушода мешавад ва мегӯянд: "Биёед, биёед". Вақте ки бо ғаму андӯҳ ба назди он меоянд, дар пӯшида мешавад. Пасон як дари дигар кушода мешавад ва мегӯянд: "Биёед, биёед". Вақте ки бо ғаму андӯҳ ба назди он мераванд, он низ баста мешавад. Ҳамин ҳолат идома меёбад. Ҳатто вақте ки барои яке аз онҳо боз як дари ҷаннат кушода мешавад ва мегӯянд: "Биёед", аз ноумедӣ дигар ба назди он намеравад***". Байҳақӣ дар "***Ашшаъб***" бо исноди ҳасани мурсал баровардааст.

7) Аз мусибати мусулмони дигар хурсанд шудан:

• Дар ҳадисе, ки Восила ибни Асқаъ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ تُظْهِرْ الشَّمَـاتَةَ لِأَخِيكَ فَيَرْحَمَهُ اللهُ وَيَبْتَلِيكَ"

"***Аз мусибати бародарат хурсанд нашав, то ки Аллоҳ ба ӯ раҳм намуда, туро ба бало гирифтор накунад***". Тирмизӣ ривоят карда, ҳадиси ҳасан гуфтааст.

8) Хиёнат:

• Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَرْبَعٌ مَنْ كُنَّ فِيهِ كَانَ مُنَافِقًا خَالِصًا، وَمَنْ كَانَتْ فِيهِ خَصْلَةٌ مِنْهُنَّ كَانَتْ فِيهِ خَصْلَةٌ مِنْ النِّفَاقِ حَتَّى يَدَعَهَا: ... وَإِذَا عَاهَدَ غَدَرَ"

"***Чаҳор хислат ҳаст, ки ҳар кас онҳоро дошта бошад, мунофиқи ҳақиқист. Ҳар кӣ яке аз онҳоро дошта бошад, то онро тарк накунад, як хислати мунофиқӣ дорад. Онҳо: ...ба аҳд вафо накардан***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Ибни Масъуд, Ибни Умар ва Анас (р) ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لِكُلِّ غَادِرٍ لِوَاءٌ يَوْمَ الْقِيَامَةِ يُقَالُ: هَذِهِ غَدْرَةُ فُلَانٍ"

"***Рӯзи қиёмат ҳар як хоин парчам дорад, ки мегӯянд: "Ин хиёнати фалонӣ аст***"" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯсаиди Худрӣ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لِكُلِّ غَادِرٍ لِوَاءٌ عِنْدَ اسْتِهِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، يُرْفَعُ لَهُ بِقَدْرِ غَدْرِهِ، أَلاَ وَلاَ غَادِرَ أَعْظَمُ غَدْرًا مِنْ أَمِيرِ عَامَّةٍ"

"***Рӯзи қиёмат дар сурини ҳар як хоин як парчам аст, ки мувофиқи хиёнаташ баланд мешавад. Огоҳ бошед, ки хиёнате аз хиёнати амири омма бузургтар нест***". Муслим.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"قَالَ اللهُ تَعَالَى: ثَلاَثَةٌ أَنَا خَصْمُهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ: رَجُلٌ أَعْطَى بِي ثُمَّ غَدَرَ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Се тоифа мардум ҳастанд, ки рӯзи қиёмат Ман душмани онҳоям: касе, ки бо номи Ман ваъда дода, сипас хиёнат мекунад***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Тавре Язид ибни Шарик ривоят мекунад, Алӣ (р) дар минбар хутба хонда гуфт: "На, қасам ба Аллоҳ, ки ғайр аз Китоби Аллоҳ китоби дигар нест, ки мо хонем. Аммо чизҳое, ки дар саҳифаҳои ин китоб навишта шудааст..." ва онро кушоданд. Дар он дар бораи дандон ва ҷароҳати шутурҳо навишта шуда буд ва боз ин ҳадиси Пайғамбар (с) ҳам буд:

" ذِمَّةُ الْـمُسْلِمِينَ وَاحِدَةٌ، يَسْعَى بِهَا أَدْنَاهُمْ، فَمَنْ أَخْفَرَ مُسْلِمًا فَعَلَيْهِ لَعْنَةُ اللهِ وَالْـمَلاَئِكَةِ وَالنَّاسِ أَجْمَعِينَ، لاَ يَقْبَلُ اللهُ مِنْهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ عَدْلاً وَلاَ صَرْفًا"

"***Ҳимояи мусулмонон (барои ҳама) як аст. Мусулмоне, ки аз ҳама дар канор аст, барои он ҳаракат мекунад. Ҳар кӣ ҳимояи мусулмонро вайрон кунад, ба ӯ лаънати Аллоҳ, фариштагон ва мардум бод, рӯзи қиёмат Аллоҳ аз ӯ на тавбае бипазирад ва на маблағе***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯбурайда (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَـا نَقَضَ قَوْمٌ الْعَهْدَ إِلاَّ كَانَ الْقَتْلُ بَيْنَهُمْ"

"***Агар қавме аҳдро вайрон кунад, дар байни онҳо ҷанг сар мезанад***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст.

• Дар ҳадисе, ки Амр ибни Ҳамақ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَيُّمَـا رَجُلٍ أَمَّنَ رَجُلاً عَلَى دَمِهِ، ثُمَّ قَتَلَهُ فَأَنَا مِنَ الْقَاتِلِ بَرِيءٌ وَإِنْ كَانَ الْـمَقْتُولُ كَافِرًا"

"***Ҳар кӣ ба касе амонӣ диҳад ва сипас ӯро кушад, ман аз қотил безорам, гарчи кушташуда кофир бошад ҳам***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ овардааст.

• Дар ривояти Абӯбакр (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ قَتَلَ نَفْسًا مُعَاهَدَةً بِغَيْرِ حَقِّهَا لَمْ يَرِحْ رَائِحَةَ الْجَنَّةِ، وَإِنَّ رِيحَ الْجَنَّةِ لَيُوجَدُ مِنْ مَسِيرَةِ خَمْسِ مِائَةِ عَامٍ"

"***Ҳар кӣ муоҳидро ноҳақ бикушад, бӯи биҳишт ба машомаш намерасад. Ҳол он ки бӯи биҳишт аз масофаи панҷсадсола шамида мешавад***". Боз дар як ривоят омадааст:

" مَنْ قَتَلَ مُعَاهَدًا فِي عَهْدِهِ، لَمْ يَرِحْ رَائِحَةَ الْجَنَّةِ، وَإِنَّ رِيحَهَا لَيُوجَدُ مِنْ مَسِيرَةِ خَمْسِ مِائَةِ عَامٍ"

"***Ҳар кӣ муоҳидро қатл кунад, бӯи ҷаннат ба машомаш намерасад. Ҳол он ки бӯи ҷаннат аз масофаи панҷсадсола шамида мешавад***". Аз Ибни Ҳиббон ривоят шудааст.

9) Миннат кардани эҳсон ва некиҳои дигар:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تُبْطِلُواْ صَدَقَاتِكُم بِالْمَنِّ وَالأذَى

"***Эй касоне, ки имон овардаед, садақоҳои хешро ба миннат ниҳодан ва озор расонидан ботил макунед***" [2:264].

• Дар ҳадисе, ки Абӯзар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ثَلاَثَةٌ لاَ يُكَلِّمُهُمْ اللهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، وَلاَ يَنْظُرُ إِلَيْهِمْ، وَلاَ يُزَكِّيهِمْ، وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ، قَالَ فَقَرَأَهَا رَسُولُ اللهِ ﷺ ثَلاَثَ مَرَّاتٍ، قَالَ أَبُو ذَرٍّ: خَابُوا وَخَسِرُوا، مَنْ هُمْ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ الْـمُسْبِلُ، وَالْـمَنَّانُ، وَالْـمُنَفِّقُ سِلْعَتَهُ بِالْحَلِفِ الْكَاذِبِ"

"***Се тоифа мардум ҳастанд, ки Аллоҳ рӯзи қиёмат ба онҳо сухан нагӯяд, (аз гуноҳ) покашон накунад ва барояшон азоби дардноке ҳаст. Ин суханонро се маротиба такрор намуданд. Абӯзар гуфт: "Ноумеду ноком шаванд, онҳо кистанд, эй Расулаллоҳ?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Касе, ки (аз рӯи кибр) доманашро кашол мекунад, касе, ки миннат***

***мекунад ва касе, ки молашро бо қасами дурӯғ мегузаронад***". Аз Муслим ривоят шудааст.

10) Ҳасад: Орзуи несту нобуд шудани неъмате, ки як инсон дорад, ҳасад аст. Аммо орзуи доштани ҳамон неъмат ҳавас аст. Ҳавас кардан ҷоиз мебошад.

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**أَمْ يَحْسُدُونَ النَّاسَ عَلَى مَا آتَاهُمُ اللّهُ مِن فَضْلِهِ**

"***Ё бар мардум ба хотири неъмате, ки Аллоҳ аз фазли хеш ба онон арзонӣ дошта, ҳасад мебаранд?***" [4:54].

**وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ**

"***Ва аз шарри ҳасад чун рашк меварзад!***" [113:5]

• Дар ҳадисе, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**"وَلاَ تَحَاسَدُوا"**

"***Ба якдигар ҳасад набаред***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**" لاَ يَجْتَمِعُ فِي جَوْفِ عَبْدٍ مُؤْمِنٍ غُبَارٌ فِي سَبِيلِ اللهِ وَفَيْحُ جَهَنَّمَ، وَلاَ يَجْتَمِعُ فِي جَوْفِ عَبْدٍ الإِيمَـانُ وَالْحَسَدُ"**

"***Дар ботини бандаи мӯъмин ғубори роҳи Аллоҳ ва бӯи ҷаҳаннам ҷамъ намешавад. Дар ботини банда имон ва ҳасад ҷамъ намешавад***". Аҳмад, Байҳақӣ, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон ривоят кардаанд.

• Тавре Зумра ибни Салаба (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَزَالُ النَّاسُ بِخَيْرٍ مَـا لَمْ يَتَحَاسَدُوا"

"***Модом ки мардум ба якдигар ҳасад намекунанд, пайваста дар некӣ мебошанд***". Аз Табаронӣ ривоят шудааст. Мунзирӣ ва Ҳайсамӣ ровиёни онро боэътимод гуфтаанд.

- Дар ҳадисе, ки Зубайр (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" دَبَّ إِلَيْكُمْ دَاءُ الأُمَمِ قَبْلَكُمْ: الْحَسَدُ وَالْبَغْضَاءُ، وَالْبَغْضَاءُ هِيَ الْحَالِقَةُ، أَمَـا إِنِّي لاَ أَقُولُ تَحْلِقُ الشَّعْرَ وَلَكِنْ تَحْلِقُ الدِّينَ"

"***Бемории умматҳои гузашта, ки ҳасад ва бад дидани якдигар мебошад, то ба шумо омадааст. Бад дидани якдигар ҳолиқа, яъне тарошанда аст. Ман намегӯям, ки мӯйро метарошад, ман мегӯям, ки динро метарошад***". Байҳақӣ ва Баззор ривоят кардаанд. Ҳайсамӣ ва Мунзирӣ исноди онро боэътимод гуфтаанд.

- Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят мекунад:

" قِيلَ يَا رَسُولَ اللهِ أَيُّ النَّاسِ أَفْضَلُ؟ قَالَ كُلُّ مَخْمُومِ الْقَلْبِ صَدُوقِ اللِّسَانِ. قَالُوا صَدُوقُ اللِّسَانِ نَعْرِفُهُ فَمَـا مَخْمُومُ الْقَلْبِ؟ قَالَ هُوَ التَّقِيُّ النَّقِيُّ لاَ إِثْمَ فِيهِ وَلاَ بَغْيَ، وَلاَ غِلَّ، وَلاَ حَسَدَ"

"***Аз Пайғамбар (с) пурсиданд: "Афзалтарини мардум кист?" Он кас ҷавоб доданд: "Инсоне, ки қалби тоза дораду забони ростгӯ". Гуфтанд: "Инсони ростгӯро медонем, аммо инсони қалбаш тоза чӣ гуна аст?" Он кас гуфтанд: "Инсони поку ботақвост, ки на ҷиноят мекунад ва на зӯроварӣ, на кина меварзад ва на ҳасад***"". Аз Ибни Моҷа ривоят шудааст. Мунзирӣ ва Ҳайсамӣ исноди онро саҳеҳ гуфтаанд.

11) Фиребгарӣ:

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ غَشَّنَا فَلَيْسَ مِنَّا"

"***Ҳар кӣ моро фиреб диҳад, аз мо нест***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Маъқал ибни Ясор ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا مِنْ عَبْدٍ يَسْتَرْعِيهِ اللهُ رَعِيَّةً يَمُوتُ يَوْمَ يَمُوتُ وَهُوَ غَاشٌّ لِرَعِيَّتِهِ إِلاَّ حَرَّمَ اللهُ عَلَيْهِ الْجَنَّةَ"

"***Ҳар киро Аллоҳ ба қавме сардор кунад ва ӯ қавми худро фиреб диҳаду дар ҳамин ҳолат бимирад, бешакку шубҳа, Аллоҳ ба ӯ ҷаннатро ҳаром мекунад***" (муттафақун алайҳ).

12) Ҳилагарӣ:

• Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ غَشَّنَا فَلَيْسَ مِنَّا، وَالْـمَكْرُ وَالْخِدَاعُ فِي النَّارِ"

"***Ҳар кӣ моро фиреб диҳад, аз мо нест, маккорӣ ва фиребгарӣ дар дӯзаханд***"". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Иёз ибни Ҳаммори Муҷошеӣ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) дар яке аз хутбаҳо аз ҷумла гуфтаанд:

"وَأَهْلُ النَّارِ خَمْسَةٌ:...وَرَجُلٌ لاَ يُصْبِحُ وَلاَ يُمْسِي إِلاَّ وَهُوَ يُخَادِعُكَ عَنْ أَهْلِكَ وَمَـالِكَ"

"***Аҳли дӯзах панҷ тоифаанд: ... касе, ки шабу рӯз туро дар хусуси аҳли оила ва молат фиреб медиҳад***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Тавре Ибни Умар (р) ривоят мекунад, нафаре ба Пайғамбар (с) гуфт, ки дар хариду фурӯш фиреб медиҳад. Он кас гуфтанд:

"مَنْ بَايَعْتَ فَقُلْ لاَ خِلاَبَةَ"

"***Бо ҳар кӣ хариду фурӯш кунӣ, бигӯ, ки фиреб додан нест***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ривояти Ибни Умар (р) гуфта мешавад:

"أَنَّ النَبِيَّ ﷺ نَهَى عَنْ النَّجْشِ"

"***Пайғамбар (с) аз наҷш боздоштаанд***" (муттафақун алайҳ). Нававӣ дар хусуси наҷш гуфтааст, ки на барои харидани мол, балки барои фиреб додани дигарон нархи молро бардоштан аст. Ибни Қутайба гуфтааст, ки ин бо ҳила ба мақсад расидан ва фиребгарӣ аст.

13) Барои ғайри Аллоҳ дарғазаб шудан:

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад:

"أَنَّ رَجُلاً قَالَ لِلنَّبِيِّ ﷺ أَوْصِنِي قَالَ: لاَ تَغْضَبْ، فَرَدَّدَ مِرَارًا قَالَ: لاَ تَغْضَبْ"

"***Нафаре ба Пайғамбар (с) гуфт: "Ба ман насиҳат кунед". Он кас гуфтанд: "Дарғазаб нашав". Ӯ якчанд маротиба ҳамон суханро такрор кард ва Пайғамбар (с) ҳар дафъа ҷавоб медоданд: "Дарғазаб нашав***"". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ الشَّدِيدُ بِالصُّرَعَةِ، إِنَّمَا الشَّدِيدُ مَنْ يَمْلِكُ نَفْسَهُ عِنْدَ الْغَضَبِ"

"***Касе, ки дар гуштингирӣ ғолиб меояд, пӯрзур нест, балки пурзӯр касест, ки ҳангоми ғазаб худдорӣ карда тавонад***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯсаиди Худрӣ (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) ҳамроҳи мо намози асрро хонданд ва бархоста хутба карданд, ки аз ҳамон рӯз мо онро аз ёд медонем:

أَلاَ إِنَّ بَنِي آدَمَ خُلِقُوا عَلَى طَبَقَاتٍ، أَلاَ وَإِنَّ مِنْهُمْ الْبَطِيءَ الْغَضَبِ سَرِيعَ الْفَيْءِ، " وَمِنْهُمْ سَرِيعُ الْغَضَبِ سَرِيعُ الْفَيْءِ، فَتِلْكَ بِتِلْكَ، أَلاَ وَإِنَّ مِنْهُمْ سَرِيعَ الْغَضَبِ بَطِيءَ الْفَيْءِ، أَلاَ وَخَيْرُهُمْ بَطِيءُ الْغَضَبِ سَرِيعُ الْفَيْءِ، وَشَرُّهُمْ سَرِيعُ الْغَضَبِ بَطِيءُ الْفَيْءِ، أَلاَ وَإِنَّ الْغَضَبَ جَمْرَةٌ فِي قَلْبِ ابْنِ آدَمَ، أَمَا رَأَيْتُمْ إِلَى حُمْرَةِ عَيْنَيْهِ وَانْتِفَاخِ أَوْدَاجِهِ، "فَمَنْ أَحَسَّ بِشَيْءٍ مِنْ ذَلِكَ، فَلْيَلْصَقْ بِالأَرْضِ

"***Огоҳ бошед, ки банӣ-одам якчанд хел офарида шудаанд. Огоҳ бошед, ки баъзеи онҳо оҳиста дарғазаб ва зуд хомӯш мешаванд, аммо баъзе зуд дарғазаб ва зуд ором мешаванд. Ҳар ду баробаранд. Огоҳ бошед, ки баъзеи онҳо зуд дарғазаб ва оҳиста ором мешаванд. Огоҳ бошед, ки беҳтаринашон касест, ки оҳиста дарғазаб ва зуд ором мешавад, аммо бадтарини онҳо онест, ки зуд дарғазаб мешавад, аммо суст ором мешавад. Огоҳ бошед, ки ғазаб оташе дар қалби банӣ-одам аст. Оё надидаед, ки чашмҳо сурх мешаванду дар гардан рагҳои кабуд варам мекунанд? Ҳар кӣ аз он чизеро пай барад, дарҳол ба замин бичаспад***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст.

• Дар ҳадисе, ки Ибни Умар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَا مِنْ جُرْعَةٍ أَعْظَمُ عِنْدَ اللهِ مِنْ جُرْعَةِ غَيْظٍ، كَظَمَهَا عَبْدٌ ابْتِغَاءَ وَجْهِ اللهِ"

"***Дар назди Аллоҳ ягон фурӯбарӣ аз фурӯ бурдани ғазаб, ки банда онро барои Аллоҳ фурӯ бурда бошад, бузургтар нест, агар банда онро барои Аллоҳ фурӯ бурда бошад***". Аз ибни Моҷа ривоят шудааст. Ҳайсамӣ исноди онро саҳеҳ ва ровиёнашро боэътимод гуфтааст. Мунзирӣ гуфтааст: "Ровиёни он шахсонест, ки дар бораи саҳеҳ ба ҳуҷҷат гирифта мешаванд".

• Ибни Аббос (р) дар шарҳи ояти Аллоҳ Таоло:

ادْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

"***Ҳамвора ба некӯтарин ваҷҳе посух деҳ***" [41:34]

гуфтааст, ки ҳангоми ғазаб сабр кардан ва бадикардагонро бахшидан аст. Агар ҳамин гуна рафтор кунанд, Аллоҳ онҳоро нигоҳ медорад ва душман ба онҳо сар хам мекунад. Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

14) Дар бораи мусулмонон гумони бад доштан:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اجْتَنِبُوا كَثِيراً مِّنَ الظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ إِثْمٌ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз гумони фаровон бипарҳезед. Зеро порае аз гумонҳо дар ҳадди гуноҳ аст***" [49:12].

Ибни Аббос дар тафсири ин оят гуфтааст: "Аллоҳ мӯъминро боздоштааст, ки дар хусуси мӯъмини дигар дар гумони бад набошад".

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِيَّاكُمْ وَالظَّنَّ، فَإِنَّ الظَّنَّ أَكْذَبُ الْحَدِيثِ"

"***Аз гумон эҳтиёт бошед, чунки гумон дурӯғтарин сухан аст***" (муттафақун алайҳ).

Дар хусуси мӯъмине, ки аз намуди зоҳириаш некӯкору зебоамалкунанда буданаш ошкор аст, гумони бад бурдан ҷоиз нест. Аммо дар хусуси мусулмоне, ки бадкор, зиштկор ва анҷомдиҳандаи амали шубҳанок буданаш ошкор аст, бадгумон шудан дуруст аст. Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَـا أَظُنُّ فُلاَنًا وَفُلاَنًا يَعْرِفَانِ مِنْ دِينِنَا"

"***Ман намепиндорам, ки фалонӣ ва фалонӣ аз дини мо ягон чӣ медонанд***". Дар ривояти дигар гуфта шудааст:

"مِنْ دِينِنَا الَّذِى نَحْنُ عَلَيْه"

"***Аз дине, ки мо дар он мебошем***". Лайс ибни Саъд мегӯяд, ки ҳар дуи онҳо аз мунофиқон буданд. Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

15) Дурӯягӣ:

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) аз ҷумла гуфтанд:

"وَتَجِدُونَ شَرَّ النَّاسِ ذَا الْوَجْهَيْنِ الَّذِي يَأْتِي هَؤُلاَءِ بِوَجْهٍ وَيَأْتِي هَؤُلاَءِ بِوَجْهٍ"

"***Шумо медонед, ки дурӯяҳо ба баъзе бо як рӯ ва ба дигарон бо рӯи дигар меоянд ва онҳо бадтарин мардуманд***" (муттафақун алайҳ).

- Тавре Муҳаммад ибни Зайд ривоят мекунад, якчанд нафар ба бобояш Абдуллоҳ ибни Умар (р) гуфтанд:

" إِنَّا نَدْخُلُ عَلَى سَلاَطِينِنَا، فَنَقُولُ لَهُمْ بِخِلاَفِ مَا نَتَكَلَّمُ إِذَا خَرَجْنَا مِنْ عِنْدِهِمْ قَالَ: " كُنَّا نَعُدُّ هَذَا نِفَاقًا عَلَى عَهْدِ رَسُولِ اللهِ "

"***Чун мо ба назди подшоҳони худ дароем, дигар сухан мегӯем ва дар берун дигар сухан***". ***Абдуллоҳ ибни Умар (р) дар ҷавоб гуфт: "Мо дар даври Пайғамбар (с) ин корро мунофиқӣ мешумурдем***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

- Тавре Аммор ибни Ёсир (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ كَانَ لَهُ وَجْهَانِ فِي الدُّنْيَا، كَانَ لَهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لِسَانَانِ مِنْ نَارٍ"

"***Ҳар кӣ дар ин дунё ду рӯй дошта бошад, рӯзи қиёмат аз оташ ду забон дода мешавад***". Абӯдовуд ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд.

16) Зулм:

• Дар ҳадисе, ки Ибни Умар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الظُّلْـمُ ظُلُمَـاتٌ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Зулм рӯзи қиёмат торикист***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯмӯсо (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِنَّ اللهَ يُمْلِي لِلظَّالِمِ فَإِذَا أَخَذَهُ لَمْ يُفْلِتْهُ"

"**Аллоҳ ба золим умри дароз медиҳад, аммо вақте ки ӯро бо азоб медорад, ӯро роҳи халосӣ нест**" ва ояти зеринро хонданд:

وَكَذَلِكَ أَخْذُ رَبِّكَ إِذَا أَخَذَ الْقُرَى وَهِيَ ظَالِمَةٌ إِنَّ أَخْذَهُ أَلِيمٌ شَدِيدٌ

"***Инчунин буд муохазаи Парвардигори ту, вақте ки бихоҳад қарияе ситамкорро ба муохаза кашад. Муохазаи Ӯ азобе сахт дардовар аст!***" [11:102] (муттафақун алайҳ).

• Тавре Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, вақте ки Пайғамбар (с) Муозро ба Яман фиристоданд, гуфтанд:

"اتَّقِ دَعْوَةَ الْـمَظْلُومِ فَإِنَّهُ لَيْسَ بَيْنَهَا وَبَيْنَ اللهِ حِجَابٌ"

"***Аз дуои мазлум эҳтиёт бош, чунки миёни он ва Аллоҳ пардае нест***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯзар (р) аз Пайғамбар (с), он кас аз Аллоҳи Азза ва Ҷалла ривоят мекунанд:

"يَا عِبَادِي إِنِّي حَرَّمْتُ الظُّلْـمَ عَلَى نَفْسِي وَجَعَلْتُهُ بَيْنَكُمْ مُحَرَّمًا فَلَا تَظَالَمُوا"

"***Эй бандагонам, Ман зулмро барои худ ҳаром кардам, онро ба шумо низ ҳаром гардондам, пас ба якдигар зулм накунед***". Аз Муслим ривоят шудааст.

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ كَانَتْ عِنْدَهُ مَظْلَمَةٌ لأَخِيهِ مِنْ عِرْضٍ، أَوْ مِنْ شَيْءٍ، فَلْيَتَحَلَّلْهُ مِنْهُ الْيَوْمَ، قَبْلَ أَنْ لاَ يَكُونَ دِينَارٌ وَلاَ دِرْهَمٌ، إِنْ كَانَ لَهُ عَمَلٌ صَالِحٌ أُخِذَ مِنْهُ بِقَدْرِ مَظْلَمَتِهِ، وَإِنْ لَمْ تَكُنْ لَهُ حَسَنَاتٌ أُخِذَ مِنْ سَيِّئَاتِ صَاحِبِهِ، فَحُمِلَ عَلَيْهِ"

"***Ҳар кӣ дар боби обрӯ ё ягон чизи дигар ба бародараш зулм карда бошад, имрӯз, яъне пеш аз омадани он рӯзе, ки динору дирҳам суд намедиҳад, онро ҳал кунад. (Агар ҳамон рӯз фаро расад) мувофиқи зулмаш аз амалҳои некаш мегиранд, амали нек надошта бошад, аз гуноҳҳои мазлум гирифта, ба болои ӯ бор мекунанд***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" الْـمُسْلِمُ أَخُو الْـمُسْلِمِ، لاَ يَظْلِمُهُ، وَلاَ يَخْذُلُهُ، وَلاَ يَحْقِرُهُ، التَّقْوَى هَاهُنَا التَّقْوَى هَاهُنَا، وَيُشِيرُ إِلَى صَدْرِهِ، بِحَسْبِ امْرِئٍ مِنْ الشَّرِّ أَنْ يَحْقِرَ أَخَاهُ الْـمُسْلِمَ، كُلُّ الْـمُسْلِمِ عَلَى الْـمُسْلِمِ حَرَامٌ دَمُهُ وَعِرْضُهُ وَمَـالُهُ"

"***Мусулмон бародари мусулмон аст, ӯро зулм намекунад, бе ёрӣ намегузорад ва таҳқир намекунад". Сипас ба қафаси синаашон ишора намуда гуфтанд: "Тақво дар ин ҷост, тақво дар ин ҷост. Танҳо таҳқир кардани бародари мусулмон ба бадии инсон кифоя мекунад, барои мусулмон обрӯ, хун ва моли мусулмони дигар ҳаром аст***"". Аз Муслим ривоят шудааст.

- Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

ثَلاَثَةٌ لاَ تُرَدُّ دَعْوَتُهُمْ: الصَّائِمُ حَتَّى يُفْطِرَ، وَالإِمَـامُ الْعَادِلُ، وَدَعْوَةُ الْـمَظْلُومِ يَرْفَعُهَا " اللهُ فَوْقَ الْغَمَـامِ وَيَفْتَحُ لَهَا أَبْوَابَ السَّمَـاءِ، وَيَقُولُ الرَّبُّ: وَعِزَّتِي لأَنْصُرَنَّكِ وَلَوْ بَعْدَ حِينٍ"

"***Дуои се нафар рад карда намешавад: дуои рӯзадор то ифтор карданаш, дуои роҳбари одил ва дуои мазлум. Аллоҳ онро аз абрҳо болотар бардошта, ба он дарҳои осмонро боз мекунад ва мегӯяд: "Ба ҳаққи иззатам, баъд аз андаке фурсат бошад ҳам, албатта ба ту ёрӣ медиҳам***"". Аҳмад, Тирмизӣ, Ибни Ҳузайма ва Ибни Ҳиббон дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Тирмизӣ онро ҳасан гуфтааст.

• Дар ривояти Уқба ибни Омир Ҷуҳанӣ (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"ثَلاَثَةٌ تُسْتَجَابُ دَعْوَتُهُمْ: الْوَالِدُ وَالْـمُسَافِرُ وَالْـمَظْلُومُ"

"***Дуои се нафар мустаҷоб аст: падар, мусофир ва мазлум***". Аз Табаронӣ ривоят шудааст. Мунзирӣ исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Ҳайсамӣ гуфтааст: "Ровиёни он ғайр аз Абдуллоҳ ибни Язиди Азрақ ровиёни ҳадиси саҳеҳ мебошанд. Ровии мазкур низ боэътимод аст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"دَعْوَةُ الْـمَظْلُومِ مُسْتَجَابَةٌ، وَإِنْ كَانَ فَاجِرًا فَفُجُورُهُ عَلَى نَفْسِهِ"

"***Дуои мазлум мустаҷоб аст, агарчи ӯ бадкирдор бошад ҳам, чунки бадии ӯ барои худаш аст***". Аз Аҳмад ривоят шудааст. Мунзирӣ исноди онро ҳасан гуфтааст. Ҳайсамӣ низ исноди онро ҳасан гуфтааст.

17) Номувофиқии сухан ва амал:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

أَتَأْمُرُونَ النَّاسَ بِالْبِرِّ وَتَنسَوْنَ أَنفُسَكُمْ وَأَنتُمْ تَتْلُونَ الْكِتَابَ أَفَلاَ تَعْقِلُونَ

"***Оё дар ҳоле ки китобро мехонед, мардумро ба некӣ фармон медиҳед ва худро фаромӯш мекунед? Оё ба ақл дарнамеёбед?***" [2:44].

Дар ин оят ба Банӣ-Исроил хитоб карда шудааст. Аз ин мебарояд, ки он аз шариати гузаштагон аст. Аммо Аллоҳ Субҳонаҳу бо зикр намудани ибораи охирин:

أَفَلاَ تَعْقِلُونَ

"***Оё фикр намекунед?!***" [2:44]

ба мо мефаҳмонад, ки монанди онҳо кор бурдан беақлист ва назари моро ба ин кор менигаронад. Бо ин ба мо низ хитоб мекунад. Боз Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفْعَلُونَ كَبُرَ مَقْتًا عِندَ اللَّهِ أَن تَقُولُوا مَا لَا تَفْعَلُونَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, чаро суханоне мегӯед, ки ба корашон намебандед? Аллоҳ сахт ба хашм меояд, ки чизе бигӯеду ба ҷой наёваред***" [61:2-3].

- Дар ривояти Усома ибни Зайд (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" يُؤْتَى بِالرَّجُلِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، فَيُلْقَى فِي النَّارِ، فَتَنْدَلِقُ أَقْتَابُ بَطْنِهِ، فَيَدُورُ بِهَا كَمَا يَدُورُ الْحِمَارُ بِرَحَاهُ، فَيَجْتَمِعُ إِلَيْهِ أَهْلُ النَّارِ، فَيَقُولُونَ: أَيْ فُلاَنُ مَا شَأْنُكَ؟ أَلَيْسَ كُنْتَ تَأْمُرُ بِالْـمَعْرُوفِ وَتَنْهَى عَنْ الْـمُنْكَرِ؟ فَيَقُولُ: بَلَى، قَدْ كُنْتُ آمُرُكُمْ بِالْـمَعْرُوفِ وَلاَ آتِيهِ وَأَنْهَاكُمْ عَنْ الْـمُنْكَرِ وَآتِيهِ"

"***Рӯзи қиёмат нафареро оварда ба дӯзах мепартоянд. Рӯдаву шикамаш овезону ҳар сӯ парешон шуда, дар атрофи он давр мезанад, чунон ки хар дар атрофи осиё давр мезанад. Ба назди ӯ дӯзахиён ҷамъ омада мегӯянд: "Эй фалонӣ, ба ту чӣ шуд, охир ту ҳамаро ба некӣ даъват намуда, аз бадӣ бозмедоштӣ-ку!" Ӯ мегӯяд: "Оре, чунин***

***мекардам, аммо ман ба некӣ мефармудаму худ намекардам, аз бадӣ бозмедоштаму худ аз он худдорӣ намекардам***"" (муттафақун алайҳ).

• Дар ривояти Ҷундуб ибни Абдуллоҳи Аздӣ (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَثَلُ الَّذِي يُعَلِّمُ النَّاسَ الْخَيْرَ وَيَنْسَى نَفْسَهُ، كَمَثَلِ السِّرَاجِ يُضِيءُ لِلنَّاسِ وَيُحْرِقُ نَفْسَهُ"

"***Инсоне, ки ба мардум некиро таълим дода, худро фаромӯш мекунад, монанди чароғест, ки ба мардум равшанӣ бахшида, худ месӯзад***". Аз Табаронӣ ривоят шудааст. Мунзирӣ исноди онро ҳасан гуфтааст. Ҳайсамӣ ровиёни онро боэътимод гуфтааст.

18) Бо ифтихор худро ситоиш кардан:

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَلَا تُزَكُّوا أَنفُسَكُمْ هُوَ أَعْلَمُ بِمَنِ اتَّقَى

"***Хештанро бегуноҳ мадонед. Ӯст, ки парҳезгорро беҳтар мешиносад!***" [53:32].

• Муҳаммад ибни Амр ибни Атоъ ривоят мекунад: "Номи духтарамро Барро (яъне нек) монда будам, ба ман Зайнаб бинти Абӯсалама гуфт:

" إِنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ نَهَى عَنْ هَذَا الاسْمِ، وَسُمِّيتُ بَرَّةَ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: لاَ تُزَكُّوا أَنْفُسَكُمْ، اللهُ أَعْلَمُ بِأَهْلِ الْبِرِّ مِنْكُمْ، فَقَالُوا بِمَ نُسَمِّيهَا؟ فَقَالَ: سَمُّوهَا زَيْنَبَ"

"***Пайғамбар (с) аз гузоштани ин ном боздоштаанд. Маро низ Барро ном гузошта буданд. Он кас гуфтанд: "Худро ситоиш накунед, Аллоҳ беҳтар медонад, ки чӣ касе аз шумо нек аст". Гуфтанд: "Пас чӣ ном гузорем?" Он кас гуфтанд: "Зайнаб номед***"". Аз Муслим ривоят шудааст.

Бе ҳеҷ гуна эҳтиёҷи шаръӣ фақат барои манманӣ ва фахр худро ситоиш намудан ҷоиз нест. Дар эҳтиёҷи шаръӣ, яъне дар мавридҳои таъинкардаи шариат худро ситоиш кардан ҷоиз аст. Масалан:

• Агар ин кор аз ҷумлаи амалҳое бошад, ки онро гуфтану расонидани Пайғамбар (с) лозим аст. Чунки ин чизро мақоми дунявию ухравии пайғамбарӣ тақозо мекунад. Дар Бухорӣ аз Анас (р) ривоят карда мешавад:

" جَاءَ ثَلاَثَةُ رَهْطٍ إِلَى بُيُوتِ أَزْوَاجِ النَّبِيِّ ﷺ ، يَسْأَلُونَ عَنْ عِبَادَةِ النَّبِيِّ ﷺ ، فَلَمَّا أُخْبِرُوا كَأَنَّهُمْ تَقَالُّوهَا، فَقَالُوا وَأَيْنَ نَحْنُ مِنْ النَّبِيِّ ﷺ قَدْ غَفَرَ اللهُ لَهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ وَمَا تَأَخَّرَ، قَالَ أَحَدُهُمْ: أَمَّا أَنَا فَإِنِّي أُصَلِّي اللَّيْلَ أَبَدًا، وَقَالَ آخَرُ: وَأَنَا أَصُومُ الدَّهْرَ وَلاَ أُفْطِرُ، وَقَالَ آخَرُ: أَنَا أَعْتَزِلُ النِّسَاءَ فَلاَ أَتَزَوَّجُ أَبَدًا، فَجَاءَ رَسُولُ اللهِ ﷺ ، فَقَالَ أَنْتُمْ الَّذِينَ قُلْتُمْ كَذَا وَكَذَا، أَمَا وَاللهِ إِنِّي لأَخْشَاكُمْ لِلَّهِ وَأَتْقَاكُمْ لَهُ، لَكِنِّي أَصُومُ وَأُفْطِرُ، وَأُصَلِّي وَأَرْقُدُ، وَأَتَزَوَّجُ النِّسَاءَ، فَمَنْ رَغِبَ عَنْ سُنَّتِي فَلَيْسَ مِنِّي"

"***Се нафар ба хонаи завҷаи Пайғамбар (с) омада, аз ибодати он кас пурсон шуданд. Баъд аз он ки ҷавобро шуниданд, худ аз худ нафрат карда гуфтанд: "Мо дар куҷоему Пайғамбар (с) дар куҷоянд, ҳол он ки Аллоҳ гуноҳҳои гузаштаву ояндаи он касро бахшида бошад". Яке аз онҳо гуфт: "Ман то охири умр шабона намоз мехонам". Дигаре гуфт: "Ман тамоми умр рӯза медорам ва ҳаргиз даҳонамро намекушоям". Боз дигаре гуфт: "Ман аз занҳо худдорӣ мекунам ва то охири умр издивоҷ намекунам". Сипас Пайғамбар (с) омада гуфтанд: "Оё фалон-фалон суханҳоро шумо гуфтед? Акнун (аз ман шунавед): Қасам ба Аллоҳ, ки ман назар ба шумо бештар аз Аллоҳ метарсам ва тақво мекунам. Аммо ман ҳам рӯза медорам, ҳам даҳонамро мекушоям, ҳам намоз мехонам, ҳам хоб мекунам ва ҳам ба занҳо издивоҷ мекунам. Пас, ҳар кӣ аз суннати ман рӯ гардонад, ӯ аз ман***

***нест***"". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"أَنَا سَيِّدُ الْقَوْمِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Рӯзи қиёмат ман сайиди қавмам мешавам***". Дар ривояти Муслим он кас гуфтаанд:

"أَنَا سَيِّدُ النَّاسِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، أَنَا سَيِّدُ النَّاسِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Рӯзи қиёмат ман сайиди мардум мешавам, рӯзи қиёмат ман сайиди мардум мешавам***". Дар ҳадиси Абӯсаид, ки Тирмизӣ овардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَنَا سَيِّدُ وَلَدِ آدَمَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَلاَ فَخْرَ، وَبِيَدِي لِوَاءُ الْحَمْدِ وَلاَ فَخْرَ، وَمَا مِنْ نَبِيٍّ يَوْمَئِذٍ آدَمُ فَمَنْ سِوَاهُ إِلاَّ تَحْتَ لِوَائِي، وَأَنَا أَوَّلُ مَنْ تَنْشَقُّ عَنْهُ الأَرْضُ وَلاَ فَخْرَ"

"***Рӯзи қиёмат сайиди банӣ-одам ман мешавам ва ин фахр нест. Парчами ҳамд дар дасти ман мешавад ва ин низ фахр нест. Дар он рӯз ҳар як пайғамбар чи Одам алайҳиссалом ва чи пайғамбарони дигар дар зери парчами ман мешаванд. Аввалин бор гӯри ман кушода мешавад ва ин низ фахр нест***". Тирмизӣ инро ҳадиси ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Дар ривояти Абӯҳурайра, ки Муслим овардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"أَنَا سَيِّدُ وَلَدِ آدَمَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، وَأَوَّلُ مَنْ يَنْشَقُّ عَنْهُ الْقَبْرُ، وَأَوَّلُ شَافِعٍ وَأَوَّلُ مُشَفَّعٍ"

"***Рӯзи қиёмат сайиди банӣ-одам ман мешавам, нахустин қабри ман кушода мешавад, ҳам нахустин ҳимоякунанда ва ҳам нахустин шафоаткунанда ман мешавам***". Дар ҳадисе, ки Муслим аз Восила ибни Асқаъ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ اللهَ اصْطَفَى كِنَانَةَ مِنْ وَلَدِ إِسْمَاعِيلَ، وَاصْطَفَى قُرَيْشًا مِنْ كِنَانَةَ، وَاصْطَفَى مِنْ قُرَيْشٍ بَنِي هَاشِمٍ، وَاصْطَفَانِي مِنْ بَنِي هَاشِمٍ"

"***Аллоҳ аз авлоди Исмоил Кинонаро интихоб намудааст, аз Кинона Қурайшро, аз Қурайш Банӣ-Ҳошимро ва аз Банӣ-Ҳошим маро интихоб намудааст***".

• Олим метавонад худро ситоиш кунад, то мардумро тарғиб кунад, ки аз ӯ илм гиранд. Чунки ӯ илм дорад, мардум ба ӯ мӯҳтоҷ ҳастанд. Ин кори вай ғурур кардан ё аз дигарон авло донистани худ нест. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Ибни Масъуд мегӯяд:

" وَلَقَدْ عَلِمَ أَصْحَابُ رَسُولِ اللهِ ﷺ أَنِّي أَعْلَمُهُمْ بِكِتَابِ اللهِ، وَلَوْ أَعْلَمُ أَنَّ أَحَدًا أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي لَرَحَلْتُ إِلَيْهِ"

"***Саҳобагон медонистанд, ки ман Китоби Аллоҳро аз ҳама беҳтар медонам. Агар медонистам, ки шахси аз ман донотар ҳаст, ба назди ӯ мерафтам***". Дар Бухорӣ ҷумлаи "ҳол он ки ман беҳтарини онҳо нестам" омадааст. Дар шарҳи Муслим Нававӣ мегӯяд, ки саҳобагон сухани Ибни Масъудро инкор накардаанд. Дар ривояти Абӯтуфайл Омир ибни Восила Алӣ (р) гуфтаанд:

" سَلُونِي قَبْلَ أَنْ تَفْقِدُونِي، وَلَنْ تَسْأَلُوا بَعْدِي مِثْلِي، فَقَامَ ابْنُ الْكَوَّاءِ، فَقَالَ: مَنْ الَّذِينَ بَدَّلُوا نِعْمَةَ اللهِ كُفْرًا، وَأَحَلُّوا قَوْمَهُمْ دَارَ الْبَوَارِ؟، قَالَ: مُنَافِقُو قُرَيْشٍ، قَالَ فَمَنْ الَّذِينَ ضَلَّ سَعْيُهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا، وَ هُمْ يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونُ صُنْعًا؟ قَالَ مِنْهُمْ أَهْلُ حَرُورَاءَ"

"***Пеш аз он ки маро аз даст медиҳед, аз ман пурсида гиред, баъд аз ман барои пурсидан мисли ман шахсеро намеёбед". Он гоҳ Ибни Куво бархоста пурсид: "Кистанд онҳое, ки неъматҳои Аллоҳро ба куфр иваз намуда, қавмашонро ба ҷаҳаннам мепартоянд?" Алӣ (р) гуфт: "Мунофиқони Қурайшанд". Боз пурсид: "Кистанд онҳое, ки дар корҳои ҳаёти ин дунё гумроҳ шудаанд, вале гумон мекунанд, ки кори нек анҷом медиҳанд?" Алӣ (р) дар ҷавоб гуфт: "Онҳо***

***аҳли Ҳаруроянд***"". Ҳоким онро ривоят карда, ҳадиси саҳеҳ гуфтааст. Шайхайн онро набаровардаанд. Ман мегӯям, ки ин ҳадиси Алиро саҳобагон шунидаанд-ку.

• Барои аз худ дафъ кардани ягон бадӣ худро ситоиш кардан мумкин аст. Дар Бухорӣ Абӯабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Ҳубайб ибни Рабиа, ки аз бузургони тобеин аст, ривоят мекунад:

**" أَنَّ عُثْمَـانَ ﷺ حِينَ حُوصِرَ، أَشْرَفَ عَلَيْهِمْ، وَقَالَ: أَنْشُدُكُمْ اللهَ وَلاَ أَنْشُدُ إِلاَّ أَصْحَابَ النَّبِيِّ ( أَلَسْتُمْ تَعْلَمُونَ أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ قَالَ: مَنْ حَفَرَ رُومَةَ فَلَهُ الْجَنَّةُ فَحَفَرْتُهَا، أَلَسْتُمْ تَعْلَمُونَ أَنَّهُ قَالَ مَنْ جَهَّزَ جَيْشَ الْعُسْرَةِ فَلَهُ الْجَنَّةُ فَجَهَّزْتُهُمْ، قَالَ فَصَدَّقُوهُ بِمَـا قَالَ"**

"***Вақте ки Усмонро муҳосира карданд, ӯ ба назди онҳо баромада гуфт: "Ба номи Аллоҳ қасам хӯрда аз шумо мепурсам (ман ғайр аз саҳобагони Пайғамбар (с) аз ҳеҷ кас ба номи Аллоҳ қасам хӯрда намепурсам), оё намедонед, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд: "Ҳар кӣ як хоҳишро амалӣ созад, ба ӯ биҳишт мешавад" ва ман онро ба рӯёб баровардам. Оё намедонед, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд: "Ҳар кӣ лашкареро, ки дар аҳволи душвор аст, омода кунад, ба ӯ биҳишт мешавад" ва ман онро омода сохтам". Мардум суханҳои ӯро тасдиқ намуданд". Саҳобагон ин суханони Усмон (с)-ро шунидаву дида напиндоштанд, ки он худситоии ба маънои салбӣ мебошад***".

• Бо мақсади аз худ дафъ намудани бӯҳтон ва шикоят худро ситоиш кардан низ ҷоиз аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Саъд мегӯяд:

**" إِنِّي لأَوَّلُ الْعَرَبِ رَمَى بِسَهْمٍ فِي سَبِيلِ اللهِ، وَكُنَّا نَغْزُو مَعَ النَّبِيِّ ﷺ وَمَـا لَنَا طَعَامٌ إِلاَّ وَرَقُ الشَّجَرِ، حَتَّى إِنَّ أَحَدَنَا لَيَضَعُ كَمَـا يَضَعُ الْبَعِيرُ أَوْ الشَّاةُ مَـا لَهُ خِلْطٌ، ثُمَّ**

أَصْبَحَتْ بَنُو أَسَدٍ تُعَزِّرُنِي عَلَى الإِسْلاَمِ، لَقَدْ خِبْتُ إِذًا وَضَلَّ عَمَلِي. وَكَانُوا وَشَوْا بِهِ إِلَى عُمَرَ قَالُوا لاَ يُحْسِنُ الصَّلاَةَ"

"***Нахустин арабе, ки дар роҳи Аллоҳ тир паррондааст, ман мебошам. Вақте ки бо Пайғамбар (с) ғазот мекардем, ғайр аз барги дарахт ягон хӯрданӣ надоштем. Ҳатто ахлоти баъзеамон ба саргини шутур ё гӯсфанд шабоҳат дошт. Аммо алҳол Банӣ-Асад маро дар мусулмонӣ айбдор мекунад. Аз ин мебарояд, ки магар амалҳоям беҳуда рафтаанду худам ноумед шудаам?!" (Онҳо ба Умар хабаркашӣ карда буданд, ки ӯ намозро нағз намехонад)***".

19) Бахилӣ:

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

"***Ва онон, ки аз ҳирси нафси хеш дар амон мондаанд, растагоранд***" [64:16].

وَأَمَّا مَن بَخِلَ وَاسْتَغْنَى وَكَذَّبَ بِالْحُسْنَى فَسَنُيَسِّرُهُ لِلْعُسْرَى

"***Аммо он кас ки бухлу бениёзӣ варзид ва он беҳтаринро таксиб кард, ӯро барои дӯзах омода месозем***" [92:8-10].

• Дар ҳадисе, ки Ҷобир (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" وَاتَّقُوا الشُّحَّ، فَإِنَّ الشُّحَّ أَهْلَكَ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ، حَمَلَهُمْ عَلَى أَنْ سَفَكُوا دِمَاءَهُمْ وَاسْتَحَلُّوا مَحَارِمَهُمْ"

"***Аз бахилӣ эҳтиёт бошед. Чунки бахилӣ пешиниёни шуморо то ҷое расонидааст, ки ноҳақ хун рехтаанд ва корҳои ҳаромро анҷом додаанд ва ба ҳалокат дучор кардааст***". Муслим.

• Дар ҳадисе, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اللهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ الْبُخْلِ"

"***Эй Аллоҳ, ман ба Ту аз бахилӣ паноҳ мепурсам***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"شَرُّ مَـا فِي الرَّجُلِ شُحٌّ هَالِعٌ، وَجُبْنٌ خَالِعٌ"

"***Зишттарин хислати инсон бахили гузаро ва тарсӯи гузаро будан аст***". Аҳмад, Абӯдовуд ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَلاَ يَجْتَمِعُ شُحٌّ وَإِيمَـانٌ فِي قَلْبِ عَبْدٍ أَبَدًا"

"***Дар қалби банда ҳаргиз имон ва бахилӣ ҷамъ намешавад***". Аҳмад, Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ва Ҳоким ривоят кардаанд.

20) Озурдахотирӣ (яъне рӯ турш кардан, хафа шуда гаштан):

• Анас (р) ривоят мекунад:

" لاَ تَقَاطَعُوا، وَلاَ تَدَابَرُوا، وَلاَ تَبَاغَضُوا، وَلاَ تَحَاسَدُوا، وَكُونُوا عِبَادَ اللهِ إِخْوَانًا، وَلاَ يَحِلُّ لِـمُسْلِمٍ أَنْ يَهْجُرَ أَخَاهُ فَوْقَ ثَلاَثٍ"

"***Аз якдигар канда нашавед, рӯ нагардонед, якдигарро бад набинед, ҳасад набаред. Бо ҳам бародарона бандагони Аллоҳ бошед. Барои мусулмон ҳалол нест, ки бо бародараш беш аз се рӯз қаҳрӣ гардад***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" تُعْرَضُ الأَعْمَـالُ فِي كُلِّ اثْنَيْنِ وَخَمِيسٍ، فَيَغْفِرُ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ فِي ذَلِكَ الْيَوْمِ لِكُلِّ امْرِئٍ لاَ يُشْرِكُ بِاللهِ شَيْئًا، إِلاَّ امْرَأً كَانَتْ بَيْنَهُ وَبَيْنَ أَخِيهِ شَحْنَاءُ، فَيَقُولُ: اتْرُكُوا هَذَيْنِ حَتَّى يَصْطَلِحَا"

"***Ҳар рӯзи душанбе ва панҷшанбе амалҳо нишон дода мешаванд, Аллоҳи Азза ва Ҷалла гуноҳи ҳар касеро, ки ба Аллоҳ ҳеҷ касро шарик накардааст, мебахшад. Аммо бародаронеро, ки ба ҳамдигар озурдахотирӣ мекунанд, намебахшад ва мегӯяд: "Ҳар дуи инҳоро бигузоред, аввал оштӣ шаванд***"". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯайюб (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لاَ يَحِلُّ لِمُسْلِمٍ أَنْ يَهْجُرَ أَخَاهُ فَوْقَ ثَلاَثِ لَيَالٍ، يَلْتَقِيَانِ فَيُعْرِضُ هَذَا وَيُعْرِضُ هَذَا، وَخَيْرُهُمَـا الَّذِي يَبْدَأُ بِالسَّلاَمِ"

"***Барои мусулмон ҳалол нест, ки бо бародараш беш аз се шаб озурдахотирӣ кунад ва ҳангоми вохӯрдан аз якдигар рӯ гардонанд. Кадоме аз онҳо аввалин шуда салом диҳад, ҳамон бартар аст***".

Агар озурдахотирӣ барои Аллоҳ бошад, ҷоиз аст. Пайғамбар (с) бо ҳамон се нафар, ки ба ҷиҳод набаромада буданд, алоқа накарданро фармудаанд.

21) Ҳақорат додан ва лаънат хондан:

Лаънат кардани мусулмоне, ки аз гуноҳ мепарҳезад, бо иҷмои мусулмонон ҳаром аст. Аммо ашхосеро, ки дорои сифатҳои зишт ҳастанд, лаънат кардан ҷоиз мебошад. Масалан, "Аллоҳ золимонро лаънат кунад", "Аллоҳ кофиронро лаънат кунад", "Аллоҳ фосиқонро лаънат кунад", "Аллоҳ яҳудиёну

насрониёнро лаънат кунад", "Аллоҳ сураткашонро лаънат кунад" гуфтан дуруст аст.

Ба ҳаром будани лаънат кардани айнан як мӯъмин далелҳои зиёд ҳастанд. Дар ҳадисе, ки Абӯзайд Собит ибни Заҳҳок Ансорӣ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"وَلَعْنُ الْـمُؤْمِنِ كَقَتْلِهِ"

"***Лаънат кардани мӯъмин бо куштани ӯ баробар аст***" (муттафақун алайҳ). Дар ҳадисе, ки Абӯдардо ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَكُونُ اللَّعَّانُونَ شُفَعَاءَ، وَلاَ شُهَدَاءَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Лаънаткунандагон рӯзи қиёмат на шафеъ мешаванд ва на гувоҳ***" (Муслим). Тавре дар ҳадиси Ибни Масъуд меояд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"سِبَابُ الْـمُسْلِمِ فُسُوقٌ"

"Ҳақорат кардани мусулмон фосиқӣ аст" (муттафақун алайҳ). Дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят кардааст, "Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ مِنْ أَكْبَرِ الْكَبَائِرِ أَنْ يَلْعَنَ الرَّجُلُ وَالِدَيْهِ، قِيلَ: يَا رَسُولَ اللهِ وَكَيْفَ يَلْعَنُ الرَّجُلُ وَالِدَيْهِ؟ قَالَ: يَسُبُّ أَبَا الرَّجُلِ فَيَسُبُّ أَبَاهُ، وَيَسُبُّ أُمَّهُ فَيَسُبُّ أُمَّهُ"

"***Падару модари худро лаънат кардани инсон гуноҳи кабира аст". Гуфтанд: "Эй Расулаллоҳ, инсон чӣ тавр падару модари худро лаънат мекунад?" Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Падари касеро ҳақорат мекунад ва он кас низ падари ӯро ҳақорат мекунад, модари касеро ҳақорат мекунад ва он кас низ модари ӯро ҳақорат мекунад***"". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

Далелҳои зиёде омадаанд, ки лаънат кардани шахси дорои сифатҳои муайян (зишт) ҷоиз аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لُعِنَ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِن بَنِي إِسْرَائِيلَ عَلَى لِسَانِ دَاوُودَ وَعِيسَى ابْنِ مَرْيَمَ ذَلِكَ بِمَا عَصَوا وَّكَانُواْ يَعْتَدُونَ

"***Аз Банӣ Исроил онон, ки кофир шуданд, ба забони Довуд ва Исо бинни Марям лаънат шуданд ва ин лаънат подоши исён ва таҷовузашон буд***" [5:78].

إِنَّ اللَّهَ لَعَنَ الْكَافِرِينَ

"***Аллоҳ кофиронро лаънат кардааст***" [33:64].

أَوْ نَلْعَنَهُمْ كَمَا لَعَنَّا أَصْحَابَ السَّبْتِ

"***Ё ҳамчунон, ки асҳоби сабтро лаънат кардем, шуморо ҳам лаънат кунем***" [4:47].

فَنَجْعَل لَّعْنَةُ اللّهِ عَلَى الْكَاذِبِينَ

"***Лаънати Аллоҳро ба дурӯғгӯён бифиристем!***" [3:61].

أَلاَ لَعْنَةُ اللّهِ عَلَى الظَّالِمِينَ

"***Лаънати Аллоҳ бар ситамкорон бод!***" [11:18].

أُولَـئِكَ يَلعَنُهُمُ اللّهُ وَيَلْعَنُهُمُ اللَّاعِنُونَ

"***Онҳоро Аллоҳ лаънат мекунад ва ҳам дигар лаънаткунандагон***" [2:159].

Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَعَنَ اللهُ الْيَهُودَ وَالنَّصَارَى، اتَّخَذُوا قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ مَسَاجِدَ"

"***Аллоҳ яҳудиён ва насрониёнро лаънат кунад, онҳо қабрҳои пайғамбаронашонро масҷид карда гирифтанд***" (муттафақун

алайҳ). Дар ҳадисе, ки Умар (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَعَنَ اللهُ الْيَهُودَ، حُرِّمَتْ عَلَيْهِمْ الشُّحُومُ فَجَمَّلُوهَا فَبَاعُوهَا"

"***Аллоҳ яҳудиёнро лаънат кунад, ба онҳо равған ҳаром буд, аммо онҳо онро ҷамъ карда фурӯхтанд***" (муттафақун алайҳ). Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَعَنَ اللهُ السَّارِقَ، يَسْرِقُ الْبَيْضَةَ فَتُقْطَعُ يَدُهُ، وَيَسْرِقُ الْحَبْلَ فَتُقْطَعُ يَدُهُ"

"***Аллоҳ дуздро лаънат кунад, тухм медуздад, дасташро мебуранд, ресмон медуздад, дасташро мебуранд***" (муттафақун алайҳ). Ибни Умар (р) ривоят мекунад:

"لَعَنَ النَّبِيُّ ﷺ الْوَاصِلَةَ، وَالْـمُسْتَوْصِلَةَ، وَالْوَاشِمَةَ، وَالْـمُسْتَوْشِمَةَ"

"***Пайғамбар (с) ҳам касеро, ки мӯй илова мекунад, ҳам касеро, ки илова мекунонад, ҳам касеро, ки ба танаш нақш мекашад, ҳам касеро, нақш мекашонад, лаънат карданд***" (муттафақун алайҳ). Ибни Аббос (р) ривоят мекунад:

" لَعَنَ رَسُولُ اللهِ ﷺ الْـمُتَشَبِّهِينَ مِنْ الرِّجَالِ بِالنِّسَاءِ، وَالْـمُتَشَبِّهَاتِ مِنْ النِّسَاءِ بِالرِّجَالِ"

"Пайғамбар (с) мардҳоеро, ки худро ба занон монанд кардан мекунанд ва занонеро, ки худро ба мардҳо монанд мекунанд, лаънат кардаанд". Боз дар як ривояти ҳамин саҳоба гуфта шудааст:

" لَعَنَ النَّبِيُّ ﷺ الْـمُخَنَّثِينَ مِنْ الرِّجَالِ، وَالْـمُتَرَجِّلَاتِ مِنْ النِّسَاءِ، وَقَالَ أَخْرِجُوهُمْ مِنْ بُيُوتِكُمْ"

"***Пайғамбар (с) мардҳоеро, ки монанди занҳо рафтор мекунанд ва занҳоеро, ки монанди мардҳо рафтор мекунанд, лаънат карданд ва гуфтанд: "Онҳоро аз***

***хонаҳоятон биронед***"". Аз Бухорӣ ривоят шудааст. Ибни Умар ривоят мекунад:

"لَعَنَ رَسُولُ اللهِ ﷺ مَنْ مَثَّلَ بِالْحَيَوَانِ"

"***Пайғамбар (с) касонеро, ки ҳайвонро мусла мекунанд, лаънат карданд***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст. (Мусла ягон аъзои онро буридан аст). Боз дар як ҳадисе, ки аз ҳамин саҳоба ривоят шудааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لَعَنَ اللهُ مَنْ اتَّخَذَ شَيْئًا فِيهِ الرُّوحُ غَرَضًا"

"***Аллоҳ лаънат кунад касеро, ки ҷони ҷонвореро бо ғараз гирифтааст***". (Муслим). Ҷобир (р) ривоят мекунад:

"لَعَنَ رَسُولُ اللهِ ﷺ آكِلَ الرِّبَا، وَمُوكِلَهُ، وَكَاتِبَهُ، وَشَاهِدَيْهِ، وَقَالَ هُمْ سَوَاءٌ"

"***Пайғамбар (с) рибогиранда ва ҳам рибодиҳандаро, ҳам котиб ва ҳам гувоҳҳои онро лаънат карданд ва гуфтанд, ки ҳамаи онҳо баробаранд***"". Аз Муслим ривоят шудааст.

22) Касоне, ки бе ягон ҳазар гуноҳҳои ноарзандаро анҷом медиҳанд:

• Дар ҳадисе, ки Саҳл ибни Саъд (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" إِيَّاكُمْ وَمُحَقَّرَاتِ الذُّنُوبِ، فَإِنَّمَا مَثَلُ مُحَقَّرَاتِ الذُّنُوبِ، كَمَثَلِ قَوْمٍ نَزَلُوا بَطْنَ وَادٍ، فَجَاءَ ذَا بِعُودٍ، وَجَاءَ ذَا بِعُودٍ، حَتَّى حَمَلُوا مَا أَنْضَجُوا بِهِ خُبْزَهُمْ، وَإِنَّ مُحَقَّرَاتِ الذُّنُوبِ مَتَى يُؤْخَذْ بِهَا صَاحِبُهَا تُهْلِكْهُ"

"***Аз гуноҳҳои ноарзанда эҳтиёт бошед. Чунки мисоли онҳо қавмест, ки дар як водӣ ҷойгир мешаванд, сипас аз роҳҳои дур мардум меоянд, ҳатто асбоби нонпазиро низ бардошта мегиранд. Соҳиби гуноҳҳои ноарзанда ҳисобу китоб карда шавад, ин гуноҳҳо ӯро ҳалок мекунанд***". Аз Аҳмад ривоят шудааст. Ҳайсамӣ гуфтааст, ки ровиёни он ровиёни ҳадиси

саҳеҳ мебошанд. Мунзирӣ гуфтааст, ки ровиёни он шахсонест, ки суханашон дар бораи саҳеҳ ҳуҷҷат мешавад.

• Дар ҳадисе, ки Оиша (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِيَّاكِ وَمُحَقَّرَاتِ الذُّنُوبِ، فَإِنَّ لَهَا مِنْ اللهِ طَالِبًا"

"***Аз гуноҳҳои ноарзанда эҳтиёт бошед, чунки онҳо аз ҷониби Аллоҳ талабгоре доранд***". Насоӣ, Ибни Моҷа, Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ва Аҳмад ривоят кардаанд. Ҳайсамӣ исноди онро саҳеҳ ва ровиёнашро боэътимод гуфтааст.

• Анас (р) мегӯяд:

" إِنَّكُمْ لَتَعْمَلُونَ أَعْمَـالاً هِيَ أَدَقُّ فِي أَعْيُنِكُمْ مِنْ الشَّعَرِ، إِنْ كُنَّا لَنَعُدُّهَا عَلَى عَهْدِ النَّبِيِّ ﷺ مِنْ الْـمُوبِقَاتِ"

"***Шумо баъзе корҳоеро анҷом медиҳед, ки дар назаратон аз тори мӯй нозуктар менамоянд. Ҳол он ки мо онҳоро дар замони Пайғамбар (с) аз гуноҳҳои кабира мешумурдем***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

23) Ҳаққеро, ки соҳибаш пурсида меояд, ба таъхир андохтани сарватманд:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِنْ أَمِنَ بَعْضُكُم بَعْضًا فَلْيُؤَدِّ الَّذِي اؤْتُمِنَ أَمَانَتَهُ

"***Агар касе аз шумо дигареро амин донист, он кас, ки амин дониста шуда, амонатро боздиҳад***" [2:283].

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"مَطْلُ الْغَنِيِّ ظُلْمٌ، وَإِذَا أُتْبِعَ أَحَدُكُمْ عَلَى مَلِيءٍ فَلْيَتْبَعْ"

"***Ба таъхир андохтани сарватманд зулм аст (хоҳ ҳақдор ҳаққашро пурсад, хоҳ на). Агар сарватманд ба яке аз шумо ҳила кор фармояд, ӯ низ ҳила кор фармояд***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Шарид ибни Сувайди Сақафӣ (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**"لَيُّ الْوَاجِدِ يُحِلُّ عِرْضَهُ وَعُقُوبَتَهُ"**

"***Ҷазо додану рехтани обрӯи сарватманде, ки ба таъхир меандозад, ҳалол аст***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Ҳоким низ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст. Онро Аҳмад, Насоӣ, Абӯдовуд ва Ибни Моҷа низ ривоят кардаанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯзарр (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**" ثَلاَثَةٌ يُحِبُّهُمْ اللهُ وَثَلاَثَةٌ يُبْغِضُهُمْ اللهُ ... وَالثَّلاَثَةُ الَّذِينَ يُبْغِضُهُمْ اللهُ: الشَّيْخُ الزَّانِي، وَالْفَقِيرُ الْـمُخْتَالُ، وَالْغَنِيُّ الظَّلُومُ"**

"***Се тоифа мардумро Аллоҳ дӯст медорад ва се тоифа мардумро Аллоҳ бад мебинад... Се тоифае, ки Аллоҳ бад мебинад: пирамарди зинокор, фақири мутакаббир ва сарватманди золим***". Ибни Ҳузайма ва Ибни Ҳиббон дар китобҳои "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Инчунин Аҳмад, Насоӣ ва Тирмизӣ ривоят кардаанд. Ҳоким низ ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст.

24) Ҳамсоягии бад:

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**" وَاللهِ لاَ يُؤْمِنُ، وَاللهِ لاَ يُؤْمِنُ، وَاللهِ لاَ يُؤْمِنُ، قِيلَ: مَنْ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ: الَّذِي لاَ يَأْمَنُ جَارُهُ بَوَائِقَهُ"**

"***Қасам ба Аллоҳ, ки мӯъмин нест, қасам ба Аллоҳ, ки мӯъмин нест, қасам ба Аллоҳ, ки мӯъмин нест". Гуфтанд: "Эй Расулаллоҳ, кӣ (мӯъмин нест)?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Касе, ки ҳамсояаш аз кулфати ӯ эмин нест***"" (муттафақун алайҳ). Бухорӣ ин ҳадисро аз Абӯшурайҳи Каъбӣ низ ривоят кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ كَانَ يُؤْمِنُ بِاللهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ فَلاَ يُؤْذِ جَارَهُ"

"***Ҳар кӣ ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон овардааст, ба ҳамсояаш озор надиҳад...***" (муттафақун алайҳ).

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اللهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ جَارِ السَّوْءِ فِي دَارِ الْـمُقَامَةِ، فَإِنَّ جَارَ الْبَادِيَةِ يَتَحَوَّلُ"

"***Эй Аллоҳ, ман ба Ту аз ҳамсояи бад дар ҷои муқим паноҳ металабам". Чунки бодиянишинон иваз шуда меистанд***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ, Бухорӣ дар "Адабулмуфрад", Насоӣ ва Ҳоким ривоят кардаанд.

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад:

" جَاءَ رَجُلٌ إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ يَشْكُو جَارَهُ، فَقَالَ لَهُ: اذْهَبْ فَاصْبِرْ، فَأَتَاهُ مَرَّتَيْنِ أَوْ ثَلاَثًا فَقَالَ: اذْهَبْ فَاطْرَحْ مَتَاعَكَ فِي الطَّرِيقِ، فَفَعَلَ، فَجَعَلَ النَّاسُ يَمُرُّون وَيَسْأَلُونَهُ فَيُخْبِرُهُمْ خَبَرَ جَارِهِ، فَجَعَلُوا يَلْعَنُونَهُ فَعَلَ اللهُ بِهِ وَفَعَلَ، وَبَعْضُهُمْ يَدْعُو عَلَيْهِ، فَجَاءَ إِلَيْهِ جَارُهُ فَقَالَ: ارْجِعْ فَإِنَّكَ لَنْ تَرَى مِنِّي شَيْئًا تَكْرَهُهُ"

"***Нафаре ба назди Пайғамбар (с) омада, аз ҳамсояаш шикоят кард. Он кас гуфтанд "Бирав, сабр кун". Вақте ки ӯ боз ду ё се маротиба омад, Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бирав ва асбобу анҷоми хонаатро ба роҳ барор". Ӯ ҳамин тавр кард. Мардум аз роҳ гузаштаравон сабаби ин корро***

***пурсиданд. Ӯ дар бораи ҳамсояаш нақл кард. Онҳо "Аллоҳ ӯро фалон кунад" гуфта лаънат карданд. Дар натиҷа Аллоҳ ӯро ҳамин хел кард. Баъзеҳо ӯро дуои бад карданд. Он гоҳ ҳамсояаш ба назди ӯ омада гуфт: "Ба хонаат баргард, акнун дигар аз ман ягон бадӣ намебинӣ***"". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ, Бухорӣ дар "Адабулмуфрад" Абӯдовуд ва Ҳоким ривоят кардаанд.

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад:

" قَالَ رَجُلٌ: يَا رَسُولَ اللهِ إِنَّ فُلاَنَةَ يُذْكَرُ مِنْ كَثْرَةِ صَلاَتِهَا وَصَدَقَتِهَا وَصِيَامِهَا، غَيْرَ أَنَّهَا تُؤْذِي جِيرَانَهَا بِلِسَانِهَا، قَالَ: هِيَ فِي النَّارِ"

"***Нафаре гуфт: "Эй Расулаллоҳ, аз зиёд будани намоз, садақа ва рӯзаи фалон зан ҳарф мезананд, аммо ӯ бо забон ба ҳамсояҳояш озор медиҳад". Пайғамбар (с) гуфтанд: "(Ҷои) ӯ дар дӯзах аст***"". Аҳмад, Баззор ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардаанд. Ҳайсамӣ ровиёни онро боэътимод гуфтааст. Ҳоким низ ривоят карда, исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Ибни Абӯшайба онро бо исноде ривоят кардааст, ки Мунзирӣ саҳеҳ тавсиф додааст.

• Дар ривояти Саъд ибни Абӯваққос (р) Пайғамбар (с) гуфтанд:

" أَرْبَعٌ مِنْ السَّعَادَةِ ... وَأَرْبَعٌ مِنْ الشَّقَاءِ: الْجَارُ السُّوءُ، الْـمَرْأَةُ السُّوءُ، وَالْـمَرْكَبُ السُّوءُ، وَالْـمَسْكَنُ الضَّيِّقُ"

"***Чаҳор чиз хушбахтӣ аст... Чаҳор чиз бадбахтист: ҳамсояи бад, зани бад, маркаби бад ва маскани танг***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ва Аҳмад бо исноди саҳеҳ ривоят кардаанд.

25) Хиёнат:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ اللّهَ لاَ يُحِبُّ الخَائِنِينَ

"***Зеро Аллоҳ хоинонро дӯст надорад***" [8:58].

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَخُونُواْ اللّهَ وَالرَّسُولَ وَتَخُونُواْ أَمَانَاتِكُمْ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, медонед, ки набояд ба Аллоҳу пайғамбар хиёнат кунед ва дар амонат хиёнат варзед***" [8:27].

• Тавре Иёз ибни Ҳаммори Муҷошеӣ ривоят мекунад, Пайғамбар (с) дар як хутба гуфтаанд:

"وَأَهْلُ النَّارِ خَمْسَةٌ: ... وَالْخَائِنُ الَّذِي لاَ يَخْفَى لَهُ طَمَعٌ وَإِنْ دَقَّ إِلاَّ خَانَهُ"

"***Аҳли дӯзах панҷ тоифаанд... хоине, ки баробари пай бурдани андаке нафъ дарҳол хиёнат мекунад***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِذَا ضُيِّعَتْ الأَمَـانَةُ فَانْتَظِرْ السَّاعَةَ، قَالَ: كَيْفَ إِضَاعَتُهَا؟ قَالَ: إِذَا أُسْنِدَ الأَمْرُ إِلَى غَيْرِ أَهْلِهِ فَانْتَظِرْ السَّاعَةَ"

"***Агар амонат зоеъ шавад, қиёматро интизор шав". Пурсиданд: "Он чӣ тавр зоеъ мешавад?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Агар кор аз аҳли худ ба дигаре гузошта шавад, қиёматро мунтазир бош***"". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

• Дар ривояти Абӯҳурайра (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"آيَةُ الْـمُنَافِقِ ثَلاَثٌ: إِذَا حَدَّثَ كَذَبَ، وَإِذَا وَعَدَ أَخْلَفَ، وَإِذَا اؤْتُمِنَ خَانَ"

"***Мунофиқ се аломат дорад: сухан гӯяд, дурӯғ мегӯяд, ваъда диҳад, хилоф мекунад ва амонат гирад, хиёнат мекунад***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ الْجُوعِ، فَإِنَّهُ بِئْسَ الضَّجِيعُ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ الْخِيَانَةِ، فَإِنَّهَا بِئْسَتِ الْبِطَانَةُ"

"***Эй Аллоҳ, ба Ту аз гуруснагӣ паноҳ мепурсам, чунки он басо ҳамболини бадест. Ба Ту аз хиёнат паноҳ металабам, чунки он басо ҳаммуносибати бад аст***". Абӯдовуд, Насоӣ, Ибни Моҷа ривоят кардаанд. Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст. Дар "Риёз" исноди онро саҳеҳ гуфтаанд.

• Дар ҳадисе, ки Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) аз Аллоҳ Таоло ривоят кардаанд:

"أَنَا ثَالِثُ الشَّرِيكَيْنِ مَا لَمْ يَخُنْ أَحَدُهُمَا صَاحِبَهُ، فَإِذَا خَانَ خَرَجْتُ مِنْ بَيْنِهِمَا"

"***Модом ки яке ба дигараш хиёнат намекунад, ман сеюмини ду шарик ҳастам. Агар хиёнат кунад, аз байни онҳо мебароям***". Аз Абӯдовуд ривоят шудааст. Ҳоким онро ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва Заҳабӣ онро маъқул донистааст.

26) Ғайбат ва бӯҳтон:

Гуфтани хислати нописанде, ки бародарат дорад, ғайбат аст. Гуфтани он чӣ ки ӯ надорад, бӯҳтон аст. Ҳар ду кор ҳаром аст. Ба ин чиз далелҳои зиёде мавҷуданд:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اجْتَنِبُوا كَثِيراً مِّنَ الظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ إِثْمٌ وَلَا تَجَسَّسُوا وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوهُ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ

"***Ва аз якдигар ғайбат макунед. Оё ҳеҷ як аз шумо дӯст дорад, ки гӯшти бародари мурдаи худро бихӯрад? Пас онро нохуш хоҳед дошт. Ва аз Аллоҳ битарсед, зеро Аллоҳ тавбапазиру меҳрубон аст!***" [49:12].

هَمَّازٍ مَّشَّاء بِنَمِيمٍ

***"(Ба) айбҷӯе, ки барои суханчинӣ ин ҷову он ҷо меравад (пайравӣ макун)"*** [68:11].

• Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَتَدْرُونَ مَـا الْغِيبَةُ؟ قَالُوا: اللهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ، قَالَ: ذِكْرُكَ أَخَاكَ بِمَـا يَكْرَهُ، قِيلَ: أَفَرَأَيْتَ إِنْ كَانَ فِي أَخِي مَـا أَقُولُ؟ قَالَ: إِنْ كَانَ فِيهِ مَـا تَقُولُ فَقَدْ اغْتَبْتَهُ، وَإِنْ لَمْ يَكُنْ فِيهِ مَـا تَقُولُ فَقَدْ بَهَتَّهُ"

"***Оё медонед, ки ғайбат чист?" Гуфтанд: "Аллоҳ ва Расулаш донотаранд". Он кас гуфтанд: "Бародаратро бо хислати нописандаш ёд кардан ғайбат аст?" Гуфтанд: "Агар бародарам ҳамон хислатро дошта бошад-чӣ?" Он кас гуфтанд: "Агар ӯ ҳамон хислатро дошта бошад, ӯро гайбат кардаӣ, агар надошта бошад, ба ӯ бӯҳтон кардаӣ***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Дар ривояти Абӯҳурайра (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"كُلُّ الْـمُسْلِمِ عَلَى الْـمُسْلِمِ حَرَامٌ دَمُهُ وَعِرْضُهُ وَمَـالُهُ"

"***Хун, обрӯ ва моли мусулмон ба мусулмони дигар ҳаром аст***". Аз Муслим ривоят шудааст.

• Тавре Абӯбакр (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) дар хутбаи ҳаҷҷатулвадоъ гуфтанд:

" إِنَّ دِمَـاءَكُمْ وَأَمْوَالَكُمْ وَأَعْرَاضَكُمْ حَرَامٌ عَلَيْكُمْ، كَحُرْمَةِ يَوْمِكُمْ هَذَا، فِي شَهْرِكُمْ هَذَا، فِي بَلَدِكُمْ هَذَا، أَلاَ هَلْ بَلَّغْتُ"

"***Огоҳ бошед, ки ба шумо хун, мол ва обрӯи якдигар ҳаром аст, чунон ки дар ин рӯз, дар ин моҳ ва дар ин шаҳр ҷанг ҳаром аст. Оё расонидам?***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ривояти Оиша (р) Пайғамбар (с) ба саҳобагон гуфтаанд:

تَدْرُونَ أَرْبَى الرِّبَا عِنْدَ اللهِ؟ قَالُوا: اللهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ، فَإِنَّ أَرْبَى الرِّبَا عِنْدَ اللهِ " اسْتِحْلَالُ عِرْضِ امْرِئٍ مُسْلِمٍ، ثُمَّ قَرَأَ رَسُولُ اللهِ

"**Оё медонед, ки дар назди Аллоҳ бадтарин рибо чист?" Гуфтанд: "Аллоҳ ва Расулаш беҳтар медонанд". Он кас гуфтанд: "Ҳалол донистани обрӯи мусулмон дар назди Аллоҳ бадтарин рибо аст**". Сипас ояти зерини Аллоҳ Таолоро хонданд:

وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيْرِ مَا اكْتَسَبُوا فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَانًا وَإِثْمًا مُّبِينًا

"***Ва касоне, ки мардони мӯъмину занони мӯъминро бе ҳеҷ гуноҳе, ки карда бошанд, меозоранд, тӯҳмату гуноҳи ошкореро бар дӯш мекашанд***" [33:58].

Аз Абӯяъло ривоят шудааст. Мунзирӣ ва Ҳайсамӣ ровиёни онро ровиёни ҳадиси саҳеҳ гуфтаанд.

Инчунин гӯш кардани ғайбат ҳаром аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالَّذِينَ هُمْ عَنِ اللَّغْوِ مُعْرِضُونَ

"***Ва онон, ки аз беҳуда эъроз мекунанд***" [23:3].

وَإِذَا رَأَيْتَ الَّذِينَ يَخُوضُونَ فِي آيَاتِنَا فَأَعْرِضْ عَنْهُمْ حَتَّى يَخُوضُواْ فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ وَإِمَّا يُنسِيَنَّكَ الشَّيْطَانُ فَلاَ تَقْعُدْ بَعْدَ الذِّكْرَى مَعَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ

"***Ва чун бубинӣ, ки дар оёти Мо аз рӯи инод (масхара) гуфтугӯ мекунанд, аз онҳо рӯйгардон шав, то ба сухане ҷуз он пардозанд. Ва агар шайтон туро ба фаромӯшӣ афканад, чун ба ёдат омад, бо он мардуми ситамкора манишин***" [6:68]

Мусулмон, агар қодир бошад, гарчи ба тарзи ғоибона бошад ҳам, бояд обрӯи бародарашро ҳимоя кунад. Дар ҳадиси Абӯҳурайра, ки дар Муслим омадааст, гуфта шудааст:

"الْـمُسْلِمُ أَخُو الْـمُسْلِمِ لاَ يَظْلِمُهُ وَلاَ يَخْذُلُهُ"

"***Мусулмон бародари мусулмон аст, ӯро зулм намекунад ва бе ёрӣ намегузорад...***". Агар мусулмон қодир бошад ва ҳимоя накунад, пас бе ёрӣ гузоштааст. Дар ривояти Ҷобир (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا مِنْ مُسْلِمٍ يَخْذُلُ امْرَأً مُسْلِمًا فِي مَوْضِعٍ تُنْتَهَكُ فِيهِ حُرْمَتُهُ، وَيُنْتَقَصُ فِيهِ مِنْ عِرْضِهِ، إِلاَّ خَذَلَهُ اللهُ فِي مَوْطِنٍ يُحِبُّ فِيهِ نُصْرَتَهُ، وَمَـا مِنْ امْرِئٍ يَنْصُرُ مُسْلِمًـا فِي مَوْضِعٍ يُنْتَقَصُ فِيهِ مِنْ عِرْضِهِ، وَيُنْتَهَكُ فِيهِ مِنْ حُرْمَتِهِ، إِلاَّ نَصَرَهُ اللهُ فِي مَوْطِنٍ يُحِبُّ فِيهِ نُصْرَتَهُ"

"***Ҳар мусулмоне, ки дар вақти поймол шудани обрӯ ва ҳурмати мусулмони дигар ӯро бе ёрӣ гузорад, Аллоҳ ӯро дар як вақти ёрӣ хостанаш бе ёрӣ мегузорад. Ҳар кӣ дар вақти поймол шудани обрӯ ва ҳурмати мусулмоне ба ӯ ёрӣ диҳад, Аллоҳ низ ба ӯ дар вақти ёрӣ хостан ёрӣ медиҳад***". Абӯдовуд ривоят кардааст. Ҳайсамӣ исноди онро ҳасан гуфтааст. Ҳадисҳои Абӯдардо, Асмо бинти Язид, Анас, Имрон ибни Ҳусайн ва Абӯҳурайра, ки дар боби "Барои Аллоҳ дӯст доштан ва барои Аллоҳ бад дидан" омаданд, ба ҳамин маънояnд. Вақте ки Муоз обрӯи бародараш Каъб ибни Моликро ҳимоя кард, Пайғамбар (с) сукут карданд. Дар як ҳадиси дароз, ки аз Каъб ибни Молик дар хусуси тавбаи ӯ ривоят шудааст, омадааст: "Пайғамбар (с) дар Табук дар байни мардум нишаста пурсиданд:

" مَـا فَعَلَ كَعْبُ بْنُ مَـالِكٍ؟ قَالَ رَجُلٌ مِنْ بَنِي سَلِمَةَ: يَا رَسُولَ اللهِ حَبَسَهُ بُرْدَاهُ وَالنَّظَرُ فِي عِطْفَيْهِ، فَقَالَ لَهُ مُعَاذُ بْنُ جَبَلٍ (3.: بِئْسَ مَـا قُلْتَ، وَاللهِ يَا رَسُولَ اللهِ مَـا عَلِمْنَا عَلَيْهِ إِلاَّ خَيْرًا، فَسَكَتَ رَسُولُ الله ﷺ

"***Каъб бо чӣ коре машғул аст?" Нафаре аз Банӣ-Салама гуфт: "Эй Расулаллоҳ, ӯ ба ҷома печида дароз кашидааст". Он гоҳ Муоз ибни Ҷобир (с) гуфт: "Чӣ бад мегӯӣ! Эй***

***Расулаллоҳ, қасам ба Аллоҳ, ки аз ӯ фақат некӣ дидаем". Пайғамбар (с) сукут карданд***".

Олимон аз рӯи шаш сабаб ба ғайбат рухсат додаанд: зулм дидан, барои тағйир додани мункар ёрӣ хостан, фатво пурсидан, мусулмононро аз бадӣ эҳтиёт намуда насиҳат кардан, шинос кардан ва зикр кардани шахсе, ки ошкоро фосиқӣ ва бидъат мекунад. Нававӣ дар "Азкор" мегӯяд, ки дар аксари ин сабабҳо ғайбат кардан ҷоиз аст ва ба ин иҷмо карда шудааст, ки ин чиз аз ҳадисҳои дорои далелҳои машҳур кушоду равшан намоён аст. Ӯ ин мазмунро дар "Риёз" низ оварда, баъзе далелҳоро зикр намудааст. Инчунин Саънонӣ дар "Субулуссалом" онҳоро гуфта гузаштааст. Қарофӣ дар "Захира" меорад: "Баъзе олимон панҷ ҳолатро аз ғайбат мустасно кардаанд: дар насиҳат кардан, дар ҷудо кардани гувоҳу ровиёни мӯътамаду ғайримӯътамад, нисбат ба одаме, ки ошкоро фосиқӣ мекунад, нисбат ба шахсоне, ки ба бидъатҳои гумроҳсозанда тарғиб намуда китобҳо менависанд ва агар гӯянда ва шунаванда ғайбатшавандаро аз аввал шиносанд ва донанд".

27) Суханчинӣ:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

هَمَّازٍ مَّشَّاء بِنَمِيمٍ

***"(Ба) айбҷӯе, ки барои суханчинӣ ин ҷову он ҷо меравад (пайравӣ макун)***" [68:11].

• Дар ҳадисе, ки Ҳузайфа (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَدْخُلُ الْجَنَّةَ نَمَّـامٌ"

"Суханчин ба ҷаннат намедарояд" (муттафақун алайҳ).

• Ибни Аббос (р) ривоят мекунад:

أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ مَرَّ بِقَبْرَيْنِ فَقَالَ: إِنَّهُمَـا يُعَذَّبَانِ، وَمَـا يُعَذَّبَانِ فِي كَبِيرٍ! بَلَى إِنَّهُ " كَبِيرٌ، أَمَـا أَحَدُهُمَـا فَكَانَ يَمْشِي بِالنَّمِيمَةِ، وَأَمَـا الآخَرُ فَكَانَ لاَ يَسْتَتِرُ مِنْ بَوْلِهِ"

"***Пайғамбар (с), ҳангоме ки аз пеши ду қабр мегузаштанд, гуфтанд: "Ҳар дуи инҳо дар азобанд. Ба туфайли гуноҳи калон азоб намекашанд! Оре, дуруст, он ҳам гуноҳи калон аст. Яке суханчинӣ мекард, дигаре аз пешоб худро эҳтиёт намекард***"" (муттафақун алайҳ).

28) Қатъи хешутаборӣ:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَهَلْ عَسَيْتُمْ إِن تَوَلَّيْتُمْ أَن تُفْسِدُوا فِي الْأَرْضِ وَتُقَطِّعُوا أَرْحَامَكُمْ أُوْلَئِكَ الَّذِينَ لَعَنَهُمُ اللَّهُ فَأَصَمَّهُمْ وَأَعْمَى أَبْصَارَهُمْ

"***Оё агар ба ҳукумат расидед, мехоҳед дар замин фасод кунед ва пайванди хешовандиятонро бибуред? Инонанд, ки Аллоҳ лаънаташон кардааст ва гӯшҳояшонро кару чашмонашонро кӯр сохтааст***" [47:22-23].

وَالَّذِينَ يَنقُضُونَ عَهْدَ اللّهِ مِن بَعْدِ مِيثَاقِهِ وَيَقْطَعُونَ مَا أَمَرَ اللّهُ بِهِ أَن يُوصَلَ وَيُفْسِدُونَ فِي الأَرْضِ أُوْلَئِكَ لَهُمُ اللَّعْنَةُ وَلَهُمْ سُوءُ الدَّارِ

"***Ва онон, ки паймони Аллоҳро пас аз устувор карданаш мешикананд ва он чиро, ки Аллоҳ ба пайвастани он фармон дода, мегусиланд (мекананд) ва дар замин фасод мекунанд, лаънат бар онҳост ва бадиҳои он ҷаҳон насибашон***" [13:25].

• Дар ривояти Абӯмуҳаммад Ҷубайр ибни Мутъим (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَدْخُلُ الْجَنَّةَ قَاطِعٌ"

"***Ҳар кӣ хешутабориро қатъ кунад, ба ҷаннат намедарояд***" (муттафақун алайҳ).

• Дар ривояти Абӯабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ اللهَ خَلَقَ الْخَلْقَ حَتَّى إِذَا فَرَغَ مِنْهُمْ، قَامَتْ الرَّحِمُ فَقَالَتْ: هَذَا مَقَامُ الْعَائِذِ بِكَ مِنْ الْقَطِيعَةِ، قَالَ نَعَمْ أَمَا تَرْضَيْنَ أَنْ أَصِلَ مَنْ وَصَلَكِ وَأَقْطَعَ مَنْ قَطَعَكِ، قَالَتْ: بَلَى، قَالَ: فَذَلِكِ لَكِ"

"***Вақте ки Аллоҳ аз офаридани махлуқот фориғ шуд, хешутаборӣ бархоста гуфт: "Ин ҷои мардуме бошад, ки аз ин кандашавӣ аз Ту паноҳ мепурсанд". Аллоҳ гуфт: "Хуб, оё мехоҳӣ, ки бо ту пайвастшудагон пайваст шавам, бо ту кандашудагон канда?" Он гуфт: "Оре, мехоҳам". Аллоҳ гуфт: "Ҳамон аз они туст***"" (муттафақун алайҳ).

• Тавре дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ омадааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ الْوَاصِلُ بِالْـمُكَافِئِ، وَلَكِنْ الْوَاصِلُ الَّذِي إِذَا قُطِعَتْ رَحِمُهُ وَصَلَهَا"

"***Инсоне, ки баробари хешовандонаш рафтуомад мекунад, пайвандкунандаи риштаи хешуторӣ ба ҳисоб намеравад. Инсоне, ки хешутабории ҳақиқиро пайвастааст, онест, ки гарчи хешаш хешутабориро барканад ҳам, рафтуомад мекунад***".

• Дар ривояти Оиша (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الرَّحِمُ مُعَلَّقَةٌ بِالْعَرْشِ تَقُولُ: مَنْ وَصَلَنِي وَصَلَهُ اللهُ، وَمَنْ قَطَعَنِي قَطَعَهُ اللهُ"

"***Хешовандӣ ба Арш овезон шуда мегӯяд: "Ҳар кӣ маро пайвандад, Аллоҳ бо ӯ бипайвандад, ҳар кӣ маро барканад, Аллоҳ аз ӯ канда шавад***"" (муттафақун алайҳ).

29) Риё (худнамоӣ) ва гуфтани кори худ:

Риё дар иҷрои амали қурбат (яъне амале, ки ба Аллоҳ наздик мекунад) розигии мардумро қасд кардан аст. Пас риё амали забон ё узвҳои дигар нест, балки амали қалб аст. Риё аз сухан ё амал қасд кардани ягон чиз аст. Дар риё амали қурбат, ба ҷои он ки барои Аллоҳ иҷро карда шавад, барои мардум иҷро карда мешавад. Худи сухан ё амал, яъне амали қурбат риё нест, балки он ҷои риё аст. Риё ин қасд кардан аст, на чизи қасд кардашуда. Чунки чизи қасд кардашуда розигии мардум аст. Агар қасд кардан ҳам ба Аллоҳ, ҳам ба мардум нигаронида шавад, ин амали қурбат ҳаром мешавад. Агар қасд на ба Аллоҳ, балки фақат ба мардум нигаронида шавад, аз ин ҳам бадтар аст.

Риё фақат дар кори қурбат мешавад, аммо дар корҳои дигар намешавад. Масалан, дар пеши назари мардум созишнома бастан ва либосҳои зебои мубоҳро пӯшидан ба ин чиз дохил намешавад. Мақсад аз "бо хости розигии мардум" гуфта маҳдуд кардан истисно кардани мақсадҳои дигар аст, аз қабили аз ҳаҷ манфиатро қасд кардани инсоне.

Қурбат мумкин аст ҳам дар ибодатҳо, ҳам дар корҳои дигар бошад. Ҳар кӣ барои назари мардум дар саҷда дароз истад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои назари мардум садақа диҳад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои назари мардум ҷиҳод кунад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои чун олим шинохта шудан мақола нависад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои қоил кунондани ҳама маърӯза кунад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои зоҳид гуфтани мардум либосҳои дарбеҳдорро пӯшад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои "**суннатро маҳкам медорад**" гуфтани мардум риши дароз монда, шалвори почакалта пӯшад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои зоҳид гуфтани мардум талқон хӯрад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои саховатманд гуфтани мардум ҳазорҳо нафарро ба меҳмонӣ хонад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои хоксор гуфтани мардум сар хам кунад, риёкор аст. Ҳар кӣ барои шунидани ҳамсояҳо Қуръонро бо овози баланд хонад, риёкор

аст. Ҳар кӣ Қуръони хурдро бардошта гаштани худро дидани мардумро хоҳад, риёкор аст.

Мо ҳоло дар замоне ҳастем, ки аз риё шарм намедоранд. Мардум ҳатто намедонанд, ки риё ва ҳукми он чист. Далели ин аст, ки имрӯз ҷома-саллаҳо пайдо шуданд, ки Пайғамбари сиддиқ хабар додаанд. Дар ҳадисе, ки Анас (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**" يَكُونُ فِي آخِرِ الزَّمَـانِ دِيدَانُ الْقُرَّاءِ، فَمَنْ أَدْرَكَ ذَلِكَ الزَّمَـانَ فَلْيَتَعَوَّذْ بِاللهِ مِنْ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ وَمِنْهُمْ، وَهُمْ الأَنْتَنُونَ، ثُمَّ يَظْهَرُ قَلاَنِسُ الْبُرُودِ فَلاَ يُسْتَحْيَا يَوْمَئِذٍ مِنْ الرِّيَاءِ، وَالْـمُتَمَسِّكُ بِدِينِهِ أَجْرُهُ كَأَجْرِ خَمْسِينَ، قَالُوا: أَمِنَّا أَوْ مِنْهُمْ؟ قَالَ بَلْ مِنْكُمْ"**

"***Дар охирзамон қориҳои кирмдор мешаванд. Ҳар кӣ ба он замон расад, ба Аллоҳ аз шайтони рондашуда ва аз ҳамон қориҳо паноҳ пурсад. Онҳо бадбӯянд. Сипас ҷома-саллаҳо пайдо мешаванд. Он рӯз аз риё шарм намедоранд. Дар он рӯз инсоне, ки динро маҳкам медорад, баробари касест, ки гӯё дар даст оташпораро медорад. Савоби касе, ки динашро маҳкам медорад, ба савоби панҷоҳ нафар баробар аст. Пурсиданд: "Оё панҷоҳ нафар аз мо ё аз худашон?" Пайғамбар (с) ҷавоб доданд: "Аз шумо"***". Мақсад аз ҷома-саллаҳо диндоронест, ки дар либос аз мардум фарқ мекунанд. Ба ҷома-саллаҳо эътибор додани мардум аломати аз риё шарм надоштани онҳо мебошад. Ин ҳадисро Зубайдӣ, Соффӣ дар "Канз", Ҳаким Тирмизӣ дар "Наводир" ва Абӯнаим бо исноде, ки дар назди Ҳоким беиллат аст, дар "Ҳиля" овардаанд.

Шунавондани кори қурбат барои розӣ кардани мардум нақл кардани он аст. Фарқи риё ва шунавондан ин аст, ки риё дар вақти содиршавии кор рух медиҳад, аммо шунавондан баъдтар, яъне баъд аз кор рух медиҳад. Риёро ғайр аз Аллоҳ ҳеҷ кас намедонад. Барои донистани он ба ақли инсон роҳ нест. Ҳатто содиркунандаи риё, агар мухлис набошад, онро намедонад.

Тавре Нававӣ дар "Маҷмӯъ" нақл мекунад, Шофеӣ гуфтааст: "Риёро фақат мухлис медонад". Аммо барои мухлис шудан ҷон коҳондан, паси сар кардани душвориҳо лозим мешавад. Ин кор фақат ба инсоне насиб мегардад, ки дунёро талоқ додааст.

Анҷоми амали қурбат барои ба мардум шунавондан гоҳо дар корҳои махфӣ низ рух медиҳад. Масалан, нафаре шабзиндадорӣ мекунад ва субҳ онро нақл мекунад. Боз нафаре дар як ҷой амали қурбатро анҷом медиҳад ва дар ҷои дигар онро нақл мекунад. Ҳамаи ин корҳоро барои розигии мардум анҷом медиҳанд

Яке аз намунаҳои зебо, ки дар ин бора аз асри якум ба мо нақл шудааст, ин аст. Абӯюсуф дар "Осор" аз Абӯҳанифа, ӯ аз Алӣ ибни Армақ ривоят мекунад: "Умар ибни Хаттоб аз назди нафаре гузашт, ки бо дасти чап таом мехӯрд. Ба ӯ гуфт: "Эй бандаи Аллоҳ, таомро бо дасти рост бихӯр". Ӯ гуфт: "Дасти ростам банд аст". Умар бори дуюм гузашта, боз чунин гуфт. Ӯ боз ҳамон ҷавобро дод. Сеюм маротиба гузашта, боз ҳамон суханро гуфт ва боз ҳамон ҷавобро гирифт. Он гоҳ Умар гуфт: "Бо чӣ банд аст?!" Ӯ ҷавоб дод: "Дар рӯзи Мӯъта бурида шудааст". Аз ин сухан Умар ба даҳшат афтод ва якчанд саволҳо дод, аз қабили "Либосҳоятро кӣ мешӯяд?", "Ба мӯйҳоят кӣ равғанҳои хушбӯ мемолад?", "Хизмататро кӣ мекунад?" Сипас ба ӯ як хизматкорзан, таомдиҳанда ва маош таъин карданд. Мардум гуфтанд: "Аллоҳ барои ба раияти худ муомилаи нек кардан ба Умар мукофотҳои нек ато фармояд". Бухорӣ аз Абӯмусо ривоят мекунад:

" خَرَجْنَا مَعَ النَّبِيِّ ﷺ فِي غَزَاةٍ وَنَحْنُ سِتَّةُ نَفَرٍ، بَيْنَنَا بَعِيرٌ نَعْتَقِبُهُ، فَنَقِبَتْ أَقْدَامُنَا، وَنَقِبَتْ قَدَمَايَ، وَسَقَطَتْ أَظْفَارِي، وَكُنَّا نَلُفُّ عَلَى أَرْجُلِنَا، وَحَدَّثَ أَبُو مُوسَى بِهَذَا ثُمَّ كَرِهَ ذَاكَ قَالَ مَا كُنْتُ أَصْنَعُ بِأَنْ أَذْكُرَهُ، كَأَنَّهُ كَرِهَ أَنْ يَكُونَ شَيْءٌ مِنْ عَمَلِهِ أَفْشَاهُ"

"***Вақте ки бо Пайғамбар (с) дар як ғазот будем, барои шаш нафари мо як шутур буд ва аз паси он мерафтем. Азбаски қадамҳоямон заминро канда мерафт, нохунҳоямон канда шуда буданд. Пойҳоямонро мебастем". Абӯмусо баъд аз ин ба худ нафрат карда гуфт: "Чаро мисли инсоне, ки кори худро мегӯяд, инро нақл кардам?***""

Риё ва кори худро барои шунавондан нақл кардан бе ягон ихтилоф ҳаром аст. Ба ин далелҳои зиёде ҳастанд:

• Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الَّذِينَ هُمْ يُرَاؤُونَ

"***Онон, ки риё мекунанд***" [107:6].

قُلْ إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَى إِلَيَّ أَنَّمَا إِلَهُكُمْ إِلَهٌ وَاحِدٌ فَمَن كَانَ يَرْجُو لِقَاء رَبِّهِ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَالِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِ أَحَدًا

"***Ҳар кас дидори Парвардигори хешро умед мебандад, бояд кирдори шоиста дошта бошад ва дар парастиши Парвардигораш ҳеҷ касро шарик насозад***" [18:110]

• Дар ҳадисе, ки Ҷундуб (р) дар Бухорӣ ва Муслим ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ سَمَّعَ سَمَّعَ اللهُ بِهِ، وَمَنْ يُرَائِي يُرَائِي اللهُ بِهِ"

"***Ҳар кӣ кори худро гӯяд, Аллоҳ ӯро бадном мекунад, ҳар кӣ барои худнамоӣ кор кунад, Аллоҳ ба ӯ нишон медиҳад***". Лафз аз они Бухорӣ.

• Дар ҳадис, ки дар Муслим аз Ибни Аббос ривоят шудааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ سَمَّعَ سَمَّعَ اللهُ بِهِ، وَمَنْ رَاءَى رَاءَى اللهُ بِهِ"

"***Ҳар кӣ кори худро гӯяд, Аллоҳ ӯро бадном мекунад, ҳар кӣ барои назари мардум амал кунад, Аллоҳ ба ӯ нишон медиҳад***".

• Дар ҳадисе, ки дар Муслим ва Насоӣ Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ أَوَّلَ النَّاسِ يُقْضَى يَوْمَ الْقِيَامَةِ عَلَيْهِ رَجُلٌ اسْتُشْهِدَ فَأُتِيَ بِهِ، فَعَرَّفَهُ نِعْمَتَهُ فَعَرَفَهَا، قَالَ فَمَـا عَمِلْتَ فِيهَا؟ قَالَ: قَاتَلْتُ فِيكَ حَتَّى اسْتُشْهِدْتُ، قَالَ: كَذَبْتَ وَلَكِنَّكَ قَاتَلْتَ لأَنْ يُقَالَ هُوَ جَرِيءٌ فَقَدْ قِيلَ، ثُمَّ أُمِرَ بِهِ فَسُحِبَ عَلَى وَجْهِهِ حَتَّى أُلْقِيَ فِي النَّارِ. وَرَجُلٌ تَعَلَّمَ الْعِلْـمَ وَعَلَّمَهُ وَقَرَأَ الْقُرْآنَ، فَأُتِيَ بِهِ فَعَرَّفَهُ نِعْمَتَهُ فَعَرَفَهَا، قَالَ: فَمَـا عَمِلْتَ فِيهَا؟ قَالَ: تَعَلَّمْتُ الْعِلْـمَ وَعَلَّمْتُهُ، وَقَرَأْتُ فِيكَ الْقُرْآنَ، قَالَ: كَذَبْتَ وَلَكِنَّكَ تَعَلَّمْتَ لِيُقَالَ عَالِمٌ، وَقَرَأْتَ الْقُرْآنَ لِيُقَالَ هُوَ قَارِئٌ فَقَدْ قِيلَ، ثُمَّ أُمِرَ بِهِ فَسُحِبَ عَلَى وَجْهِهِ حَتَّى أُلْقِيَ فِي النَّارِ. وَرَجُلٌ وَسَّعَ اللهُ عَلَيْهِ وَأَعْطَاهُ مِنْ أَصْنَافِ الْـمَـالِ كُلِّهِ، فَأُتِيَ بِهِ فَعَرَّفَهُ نِعَمَهُ فَعَرَفَهَا، قَالَ: فَمَـا عَمِلْتَ فِيهَا؟ قَالَ: مَـا تَرَكْتُ مِنْ سَبِيلٍ تُحِبُّ أَنْ يُنْفَقَ فِيهَا إِلاَّ أَنْفَقْتُ فِيهَا لَكَ، قَالَ: كَذَبْتَ وَلَكِنَّكَ فَعَلْتَ لِيُقَالَ هُوَ جَوَادٌ، فَقَدْ قِيلَ، ثُمَّ أُمِرَ بِهِ فَسُحِبَ عَلَى وَجْهِهِ ثُمَّ أُلْقِيَ فِي النَّارِ"

"***Рӯзи қиёмат аввал аз болои шаҳид ҳукм бароварда мешавад. Вақте ки (Аллоҳ) ӯро бо неъматҳои атокардаи худ шинос мекунад, ӯ ҳамаи онҳоро мешиносад. (Аллоҳ) мепурсад: "Дар бораи ин неъматҳо чӣ кор кардӣ?" Ӯ мегӯяд: "Барои Ту ҷанг кардам, ҳатто шаҳид шудам". (Он гоҳ Аллоҳ) мегӯяд: "Дурӯғ мегӯӣ, ту барои "фалонӣ ҷасур будааст" гуфтани мардум ҷанг кардӣ, ҳамон сухан гуфта шуд". Пас фармон медиҳад ва ӯро кашолкунон бурда ба дӯзах мепартоянд. Нафареро меоранд, ки илм омӯхтааст, таълим додааст ва Қуръон хондааст. Вақте ки (Аллоҳ) ба ӯ неъматҳои атокардаи худро ёдрас мекунад, ӯ ҳамаашро мешиносад. (Аллоҳ) мепурсад: "Дар бораи ин неъматҳо чӣ кор кардӣ?" Ӯ мегӯяд: "Барои Ту илм гирифтам, илм додам ва Қуръон хондам". (Он гоҳ Аллоҳ) мегӯяд: "Дурӯғ мегӯӣ, ту***

***барои "фалонӣ олим будааст" гуфтани мардум илм омӯхтаӣ ва барои "фалонӣ қорӣ будааст" гуфтани мардум Қуръон хондаӣ, ҳамон сухан гуфта шуд". Пас фармон медиҳад ва ӯро кашолкунон бурда ба дӯзах мепартоянд. Сипас нафареро меоранд, ки Аллоҳ ба ӯ ризқи фаровон ва молу дунёи гуногун ато кардааст. Вақте ки (Аллоҳ) ӯро бо неъматҳои худ шинос мекунад, ӯ ҳамаи онҳоро мешиносад. Аз ӯ мепурсад: "Дар бораи ин неъматҳо чӣ кардӣ?" Ӯ мегӯяд: "Ба ҳар роҳе, ки Ту сарф кардани маро мехостӣ, барои Ту сарф кардам". (Он гоҳ Аллоҳ) мегӯяд: "Дурӯғ мегӯӣ, ту барои "фалонӣ саховатманд будааст" гуфтани мардум ин корро кардаӣ, ҳамон сухан гуфта шуд". Пас фармон медиҳад ва ӯро кашолкунон бурда ба дӯзах мепартоянд***".

• Дар ҳадисе, ки Байҳақӣ, Табаронӣ ва Аҳмад аз Абӯҳинди Дорӣ ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ قَامَ مَقَامَ رِيَاءٍ وَسُمْعَةٍ رَايَا اللهُ بِهِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَسَمَّعَ"

"***Ҳар кӣ барои дидану шунидани мардум амал кунад, рӯзи қиёмат Аллоҳ ба ӯ нишон медиҳад ва мешунавонад***". Мунзирӣ исноди онро боэътимод гуфтааст. Ҳайсамӣ гуфтааст, ки ровиёни Аҳмад ва Баззор, инчунин яке аз санадҳои Табаронӣ ровиёни ҳадиси саҳеҳанд.

• Дар ҳадисе, ки Табаронӣ ва Байҳақӣ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ سَمَّعَ النَّاسَ بِعَمَلِهِ سَمَّعَ اللهُ بِهِ سَامِعَ خَلْقِهِ وَصَغَّرَهُ وَحَقَّرَهُ"

"***Ҳар кӣ кори худро ба мардум нақл кунад, Аллоҳ ӯро дар назди ҳама бадном мекунад, хор медорад ва ба замин мезанад***". Мунзирӣ гуфтааст, ки яке аз санадҳои Табаронӣ саҳеҳ мебошад.

• Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Авф ибни Молики Ашҷаӣ овардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ قَامَ مَقَامَ رِيَاءٍ رَايَا اللهُ بِهِ، وَمَنْ قَامَ مَقَامَ سُمْعَةٍ وَسَمَّعَ اللهُ بِهِ"

"***Ҳар кӣ барои худнамоӣ амал кунад, Аллоҳ ба ӯ нишон медиҳад, ҳар кӣ барои шунидани мардум кор кунад, Аллоҳ ба ӯ мешунавонад***". Яъне ҳар кӣ кори худро нақл кунад, Аллоҳ ӯро бадном мекунад.

• Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Муоз ибни Ҷабал бо исноди ҳасан овардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَـا مِنْ عَبْدٍ يَقُومُ فِي الدُّنْيَا مَقَامَ سُمْعَةٍ وَرِيَاءٍ إِلاَّ سَمَّعَ اللهُ بِهِ عَلَى رُءُوسِ الْخَلاَئِقِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кӣ дар ин дунё барои дидану шунидани мардум амал кунад, рӯзи қиёмат Аллоҳ ӯро дар назди халоиқ бадном мекунад***".

Ибни Моҷа ва Байҳақӣ аз Абӯсаиди Худрӣ (р) бо исноди саҳеҳ ривоят мекунанд: "Мо дар бораи Даҷҷоли масеҳ баҳс кардем, он гоҳ Пайғамбар (с) баромада гуфтанд:

" أَلاَ أُخْبِرُكُمْ بِمَـا هُوَ أَخْوَفُ عَلَيْكُمْ مِنْ الْـمَسِيحِ الدَّجَّالِ؟ فَقُلْنَا بَلَى يَا رَسُولَ اللهِ، فَقَالَ: الشِّرْكُ الْخَفِيُّ أَنْ يَقُومَ الرَّجُلُ فَيُصَلِّي فَيُزَيِّنُ صَلاَتَهُ لِـمَـا يَرَى مِنْ نَظَرِ رَجُلٍ"

"***Оё ба шумо чизеро гӯям, ки аз Даҷҷоли масеҳ ҳам хатарноктар аст?" Мо гуфтем: "Оре, бигӯед, эй Расулаллоҳ". Он кас гуфтанд: "Он ширки махфӣ аст, яъне инсон бархоста намоз мехонад ва барои назар кардани мардум намози худро оро медиҳад***"".

Дар Ибни Моҷа, Байҳақӣ ва Ҳоким Зайд ибни Аслам аз падараш ривоят мекунад: "Умар (р) ба масҷид даромад ва дид, ки Муоз (р) дар пеши қабри Пайғамбар (с) гиря мекунад. Умар

пурсид: "Чаро гиря мекунӣ?" Муоз гуфт: "Барои як ҳадисе, ки аз Пайғамбар (с) шунидаам" ва ҳамон ҳадисро нақл кард:

" الْيَسِيرُ مِنْ الرِّيَاءِ شِرْكٌ، وَمَنْ عَادَى أَوْلِيَاءَ اللهِ فَقَدْ بَارَزَ اللهَ بِالْـمُحَارَبَةِ، إِنَّ اللهَ يُحِبُّ الأَبْرَارَ الأَتْقِيَاءَ الأَخْفِيَاءَ الَّذِينَ إِذَا غَابُوا لَمْ يُفْتَقَدُوا، وَإِنْ حَضَرُوا لَمْ يُعْرَفُوا، قُلُوبُهُمْ مَصَابِيحُ الْهُدَى يَخْرُجُونَ مِنْ كُلِّ غَبْرَاءَ مُظْلِمَةٍ"

"***Андаке аз риё ширк аст. Ҳар кӣ ба дӯстони Аллоҳ душманӣ кунад, бо Аллоҳ ба ҷанги тан ба тан баромадааст. Аллоҳ тақводоронеро дӯст медорад, ки (агар ҳозир набошанд, мардум "фалонӣ наомадааст" намегӯянд ва агар ҳузур дошта бошанд, мардум "фалонӣ омадааст" намегӯянд), ҳузур доштан ё надоштанашон маълум намешавад, дар дил чароғи ҳидоят доранд ва аз ҳар торикию зулмат раҳо шуда метавонанд, корҳои худро нақл намекунанд ва аз гуноҳҳо худро пок медоранд***". Ҳоким ин ҳадисро саҳеҳ ва беиллат гуфтааст.

Агар ба коре, ки барои қурбати Аллоҳ анҷом медиҳанд, риё омехта шавад, онро фосид мекунад ва савоб ба гуноҳ табдил меёбад. Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" قَالَ اللهُ تَبَارَكَ وَتَعَالَى: أَنَا أَغْنَى الشُّرَكَاءِ عَنْ الشِّرْكِ، مَنْ عَمِلَ عَمَلاً أَشْرَكَ مَعِي فِيهِ غَيْرِي تَرَكْتُهُ وَشِرْكَهُ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Ман шарики аз шарикӣ беҳоҷаттарин ҳастам. Ҳар кӣ коре кунад ва дар он ба Ман ягон чиз ё касро шарик созад, Ман ӯро ба ҳамон чиз ё кас вомегузорам***". Азбаски риёи шарикӣ амалро бекор мекунад, худ аз худ маълум аст, ки риёи холис онро бекор мекунад. Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Убай ибни Каъб бо исноди ҳасан ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" بَشِّرْ هَذِهِ الأُمَّةَ بِالسَّنَاءِ وَالرِّفْعَةِ وَالنَّصْرِ وَالتَّمْكِينِ، فَمَنْ عَمِلَ مِنْهُمْ عَمَلَ الآخِرَةِ لِلدُّنْيَا لَمْ يَكُنْ لَهُ فِي الآخِرَةِ نَصِيبٌ"

"***Ба ин уммат дар хусуси бузургӣ, пешқадамӣ, пирӯзӣ ва имконият башорат диҳед. Ҳар кӣ кори охиратро барои дунё кунад, дар охират ба ӯ насибае намешавад***". Дар ҳадисе, ки Байҳақӣ ва Баззор аз Заҳҳок ибни Қайс бо исноди дуруст ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ اللهَ تَبَارَكَ وَتَعَالَى يَقُولُ أَنَا خَيْرُ شَرِيكٍ فَمَنْ أَشْرَكَ مَعِي شَرِيكًا فَهُوَ لِشَرِيكِي. يَاأَيُّهَا النَّاسُ أَخْلِصُوا أَعْمَالَكُمْ لِلهِ، فَإِنَّ اللهَ تَبَارَكَ وَتَعَالَى لاَ يَقْبَلُ مِنْ الأَعْمَالِ إِلاَّ مَا خَلَصَ لَهُ، وَلاَ تَقُولُوا هَذَا لِلهِ وَلِلرَّحِمِ فَإِنَّهَا لِلرَّحِمِ وَلَيْسَ لِلهِ مِنْهَا شَيْءٌ، وَلاَ تَقُولُوا هَذَا لِلهِ وَلِوُجُوهِكُمْ فَإِنَّهَا لِوُجُوهِكُمْ وَلَيْسَ لِلهِ فِيهَا شَيْءٌ"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Беҳтарин шарик Ман ҳастам, ҳар кӣ ба Ман ягон чиз ё касро шарик кунад, кори ӯ фақат барои ҳамон чиз ё кас мешавад". Эй мардум, амали худро холис барои Аллоҳ кунед. Чунки Аллоҳ фақат амали холисро мепазирад. Нагӯед, ки: "Ин барои Аллоҳ ва ин барои хешутаборӣ аст". Чунки ин гуна амал фақат барои хешутаборӣ шуда, аз он ҳеҷ чиз барои Аллоҳ намешавад. Нагӯед, ки "Ин ба ҳурмати Аллоҳ ва ин ба ҳурмати шумо аст". Чунки ин гуна амал фақат барои ҳурмати шумо шуда, аз он ҳеҷ чиз ба ҳурмати Аллоҳ намешавад***". Дар ривояти Тирмизӣ, Ибни Моҷа, Ибни Ҳиббон, Байҳақӣ ва Аҳмад, ки аз Абӯсаид ибни Абӯфузола (р) овардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِذَا جَمَعَ اللهُ الأَوَّلِينَ وَالآخِرِينَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لِيَوْمٍ لاَ رَيْبَ فِيهِ، نَادَى مُنَادٍ مَنْ كَانَ أَشْرَكَ فِي عَمَلِهِ أَحَدًا فَلْيَطْلُبْ ثَوَابَهُ مِنْ عِنْدِهِ، فَإِنَّ اللهَ أَغْنَى الشُّرَكَاءِ عَنْ الشِّرْكِ"

"***Рӯзи қиёмат, ки воқеъ шудани он аниқ аст, Аллоҳ аввалину охиринро (яъне тамоми мардумро) ҷамъ меоварад ва нидокунандае мегӯяд: "Ҳар кӣ дар амал ягон касро шарик***

***карда бошад, савобашро аз ҳамон кас талаб кунад, чунки Аллоҳ шарики аз шарикӣ беҳоҷаттарин аст***"".

Ба қадри имкон пинҳонӣ ба ҷо овардани амалҳои солеҳ, аз қабили садақаи нафл, намози нафл, намозҳои суннат, дуо, истиғфор ва Қуръон хондан, суннат аст. Ба ин далелҳо зиёданд. Дар ҳадисе, ки Аҳмад аз Анас (р) бо исноди саҳеҳ ривоят кардааст, Пайғамбар (с) аз ҷумла гуфтаанд:

**" نَعَمْ الرِّيحُ، قَالَتْ: يَا رَبِّ فَهَلْ مِنْ خَلْقِكَ شَيْءٌ أَشَدُّ مِنْ الرِّيحِ؟ قَالَ: نَعَمْ ابْنُ آدَمَ يَتَصَدَّقُ بِيَمِينِهِ يُخْفِيهَا عَنْ شِمَالِهِ"**

"***Оре, шамол аст. (Фариштагон) пурсиданд: "Парвардигоро, оё миёни махлуқотат чизе ҳаст, ки аз шамол ҳам пурзӯртар бошад?" (Он гоҳ Аллоҳ) гуфт: "Фарзанди Одам, ки бо дасти рост садақа карда, онро аз дасти чап пинҳон мекунад"". Дар асаре, ки Насоӣ, Муззӣ, Алӣ ибни Ҷаъд ва дигарон ривоят кардаанд, Зубайр ибни Авом гуфтааст: "Кадоме аз шумо амали солеҳро пинҳон карда тавонад, пинҳон кунад***". Зиё дар "Мухтора" исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Илова бар ин, ҳодисаи Қутайба ва соҳиби нақб маълум ва машҳур аст.

Пайғамбар (с) ба мо роҳи аз ширки махфӣ парҳез карданро таълим додаанд. Тавре Аҳмад, Табаронӣ ва Абӯяъло бо исноди ҳасан аз Абӯмусои Ашъарӣ ривоят мекунанд, ӯ дар як хутбаи худ гуфт: "Эй мардум, аз ин ширк парҳез кунед, чунки он аз ҳаракати мӯрча ҳам махфитар аст". Он гоҳ Абдурраҳмон ибни Ҳазн ва Қайс ибни Музориб бархоста гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ, ки ё ту ба ин сухани худ далел меорӣ, ё хоҳ нохоҳ туро ба пеши Умар мебарем". Абӯмусо гуфт: "Ба сухани худ далел меорам" ва як хутбаи Пайғамбар (с)-ро нақл кард. Дар он Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُوا هَذَا الشِّرْكَ فَإِنَّهُ أَخْفَى مِنْ دَبِيبِ النَّمْلِ، فَقَالَ لَهُ مَنْ شَاءَ اللهُ أَنْ يَقُولَ: وَكَيْفَ نَتَّقِيهِ وَهُوَ أَخْفَى مِنْ دَبِيبِ النَّمْلِ يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَك قُولُوا اللهُمَّ إِنَّا نَعُوذُ بِكَ مِنْ أَنْ نُشْرِكَ بِكَ شَيْئًا نَعْلَمُهُ، وَنَسْتَغْفِرُكَ لِمَا لاَ نَعْلَمُ"

"***Эй мардум, аз ин ширк парҳез кунед, чунки он аз ҳаракати мӯрча ҳам махфитар аст". Он гоҳ бо хости Аллоҳ нафаре гуфт: "Эй Расулаллоҳ, агар он аз ҳаракати мӯрча ҳам махфитар бошад, чӣ тавр аз он парҳез мекунем?" Он кас гуфтанд: "Бигӯед: "Эй Аллоҳ, мо аз Ту паноҳ металабем, то чизҳои донистаи худро ба Ту шарик насозем, аммо барои чизҳои надонистаи худ ба Ту истиғфор мегӯем***"". Агарчи кори худро нақл кардан мисли риё ҳаром бошад ҳам, амалро бекор намекунад. Аммо ба амал риё омехта гардад, он бе нақл кардан ҳабата (беҳуда) мешавад. Агар амал холис барои Аллоҳ бошад, аммо баъдтар онро нохост нақл кунад, барои нақл кардан гунаҳкор мешавад. Ин гуноҳ мисли гуноҳҳои дигар аст, барои он истиғфор гуфтану тавба кардан мумкин аст. Агар Аллоҳ пеш аз марг онро бахшад ё рӯзи қиёмат пинҳон кунад, хуб аст. Дар акси ҳол ба мезони гуноҳҳо мегузорад ва он некиҳоро кам мекунад. Аммо Аллоҳ амали холисро ҳабата намекунад. Чунки далелҳои нақл кардани амал фақат ҳаром будани онро ифода мекунанд, бекор шудани амалро ифода намекунанд. Аммо риё ин тавр нест. Дар риё Аллоҳ савоб намедиҳад ва мегӯяд, ки барои кӣ карда бошад, ба назди ҳамон равад ва ҳамон савоб диҳад. Ин ҳабата шудани амал мебошад. Аммо баъдтар нохост нақл кардан ин тавр нест. Дар он фақат барои нохост нақл кардан гунаҳкор мешавад. Суханҳои "Аллоҳ ӯро бадном мекунад", "Дар назди ҳама бадном мекунад", "Дар пеши халоиқ бадном мекунад" беҳуда рафтани амалро ифода намекунанд, балки фақат ифода мекунанд, ки барои ин кор ҷазо ҳаст.

Нақл кардани кори худро ба риё қиёс кардан мумкин нест. Чунки амале, ки ба он риё омехта мешавад, беҳуда меравад, гӯё ки воқеъ нашудааст. Аммо нақл кардани амале, ки холис барои Аллоҳ анҷом додааст, ин тавр нест. Хуллас, қурбатеро, ки дар ҳақиқат холис аст, бо қурбате, ки беҳуда рафтааст, қиёс кардан мумкин нест.

30) Кибр, худбинӣ ва калонигарӣ:

Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لاَ يَدْخُلُ الْجَنَّةَ مَنْ كَانَ فِي قَلْبِهِ مِثْقَالُ ذَرَّةٍ مِنْ كِبْرٍ، قَالَ رَجُلٌ: إِنَّ الرَّجُلَ يُحِبُّ أَنْ يَكُونَ ثَوْبُهُ حَسَنًا وَنَعْلُهُ حَسَنَةً، قَالَ: إِنَّ اللهَ جَمِيلٌ يُحِبُّ الْجَمَالَ، الْكِبْرُ بَطَرُ الْحَقِّ وَغَمْطُ النَّاسِ"

"***Ҳар кӣ дар қалб мисли заррае кибр дорад, ба биҳишт намедарояд". Нафаре гуфт: "Охир ҳар кас мехоҳад, ки либос ва пойафзолаш зебо бошад?!" Он кас гуфтанд: "Аллоҳ зебо аст ва зебоиро дӯст медорад. Аммо кибр аз ҳақ норозӣ шудан ва писанд накардани мардум аст***". Аз ҳақ норозӣ шудан соҳиби онро рад намудан аст. Аммо писанд накардани мардум таҳқир ва айбдор кардани онҳост. Дар хусуси маънои кибр суханҳое, аз қабили калонигарӣ кардан, худро аз ҳад зиёд боло донистан, мағрурӣ, манманӣ, калондимоғӣ, бо худ мағрур шуда, худро аз дигарон калон гирифтан, гуфта шудаанд. Ҷои кибр қалб аст. Ба ин ояти Аллоҳ Таоло далел аст:

"***Дар дилашон ҷуз ҳавои бузургӣ нест***" [Мӯъмин, 56]. Инчунин сухани Пайғамбар (с) далел аст: "***Ҳар кӣ дар қалб мисли заррае кибр дорад***".

Худро калон гирифтан ба худ бино мондани инсон аст. Фарқи калонгирӣ ва кибр ин аст, ки калонгирӣ дар соҳиби худ буда, ӯ

ҳам дар вақти набудани ҳеҷ кас ва ҳам дар байни мардум калонгирӣ мекунад, аммо кибр бар зидди мардум нигаронида шуда, аз ҳақ норозӣ шудан ва мардумро писанд накардан аст.

Ҳам кибр, ҳам калонгирӣ ҳаром аст. Ба ин чизҳои зерин далел аст:

• Тавре дар Бухорӣ дар боби "Кибр" меояд, Муҷоҳид ояти Аллоҳ Таолоро:

خِزْيٌ وَنُذِيقُهُ

"***Гарданро ба такаббур ба як сӯ мепечонанд***" [22:9] "инсоне, ки худро калон мегирад" гуфта ва калимаи "тараф"-ро "гардан" гуфта тафсир кардааст.

• Дар ҳадисе, ки Бухорӣ ва Муслим аз Ҳориса ибни Ваҳб Хузоӣ ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَلاَ أُخْبِرُكُمْ بِأَهْلِ الْجَنَّةِ، كُلُّ ضَعِيفٍ مُتَضَاعِفٍ لَوْ أَقْسَمَ عَلَى اللهِ لأَبَرَّهُ. أَلاَ أُخْبِرُكُمْ بِأَهْلِ النَّارِ، كُلُّ عُتُلٍّ جَوَّاظٍ مُسْتَكْبِرٍ"

"***Бигӯям, ки аҳли ҷаннат кистанд? Онҳо касоне ҳастанд, ки худро хурд медонанд, агар ба номи Аллоҳ қасам хӯранд, албатта аз болои он мебароянд ва қалби хурд доранд. Ба шумо бигӯям, ки аҳли дӯзах кистанд? Онҳо мутакаббирони дурушту дағал мебошанд***".

• Дар ҳадисе, ки Муслим дар "Саҳеҳ" ва Бухорӣ дар "Адабулмуфрад" аз Абӯҳурайра ва Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардаанд, Пайғамбар (с) гуфтанд:

"الْعِزُّ إِزَارُهُ وَالْكِبْرِيَاءُ رِدَاؤُهُ فَمَنْ يُنَازِعُنِي عَذَّبْتُهُ"

"***Иззат куртаи Ӯст, мутакаббирӣ ҷомаи Ӯст. Аллоҳ мегӯяд: "Ҳар кӣ бо Ман дар ин бора талош кунад, ӯро азоб медиҳам***"".

• Тирмизӣ, Бухорӣ, Насоӣ, Ибни Моҷа, Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ" ва Ҳоким дар "Мустадрак" аз Савбон ривоят мекунанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ مَـاتَ وَهُوَ بَرِيءٌ الْكِبْرِ وَالْغُلُولِ وَالدَّيْنِ دَخَلَ الْجَنَّةَ"

"***Ҳар кӣ бимирад ва аз кибр, кина ва қарз пок бошад, ба ҷаннат медарояд***". Ҳоким ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

• Бухорӣ дар "Адабулмуфрад", Тирмизӣ, Аҳмад, Ҳумайдӣ дар китобҳои "Муснад"-и худ ва Ибни Муборак дар "Зуҳд" аз Амр ибни Шуайб, ӯ аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардаанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" يُحْشَرُ الْـمُتَكَبِّرُونَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَمْثَالَ الذَّرِّ فِي صُوَرِ الرِّجَالِ يَغْشَاهُمْ الذُّلُّ مِنْ كُلِّ مَكَانٍ"

"***Рӯзи қиёмат мутакаббирон ҳамчун ҳашароти дар сурати инсон аз нав зинда мешаванд, онҳоро аз ҳар тараф хорӣ фаро мегирад***". Тирмизӣ ин ҳадисро ҳасани саҳеҳ гуфтааст.

• Бухорӣ дар "Адабулмуфрад", Ҳоким дар "Мустадрак" ва Аҳмад аз Ибни Умар (р) ривоят мекунанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ تَعَظَّمَ فِي نَفْسِهِ، أَوْ اخْتَالَ فِي مِشْيَتِهِ، لَقِيَ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ وَهُوَ عَلَيْهِ غَضْبَانُ"

"***Ҳар кӣ худро калон гирад ва бо кибр қадам монад, ба Аллоҳи Азза ва Ҷалла дар сурате рӯ ба рӯ мешавад, ки Аллоҳ аз ӯ дарғазаб аст***". Ҳоким ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст. Ҳайсамӣ дар бораи исноди Аҳмад гуфтааст, ки ровиёни ӯ ровиёни ҳадиси саҳеҳ мебошанд.

• Дар ривояте, ки Бизор бо санади боэътимод аз Анас (р) овардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَوْ لَمْ تُذْنِبُوا لَخَشِيتُ عَلَيْكُمْ مَـا هُوَ أَكْبَرُ مِنْهُ: الْعُجْبُ"

"***Агар гуноҳ накунед, дар хусуси шумо аз чизи аз он калонтар, яъне худро калон гирифтан хавф мебарам***".

• Ибни Ҳиббон дар "Равзатулуқало", Аҳмад ва Баззор аз Умар ибни Хаттоб ривоят кардаанд: "Агар инсон барои Аллоҳ фурӯтан бошад, Аллоҳ қадди ӯро рост карда мегӯяд: "Қад рост кун, Аллоҳ туро рост кард". Агарчи ӯ барои худ хурд бошад ҳам, дар назари мардум калон аст. Агар банда худро калон гирифта, аз ҳад гузарад, Аллоҳ ӯро ба замин зада мегӯяд: "Дафъ шав, Аллоҳ туро пеш кард". Агарчи ӯ барои худ калон бошад ҳам, дар назари мардум хурд аст".

• Дар китоби "Адабуддунё ваддин" Мовардӣ аз Аҳнаф ибни Қайс ривоят мекунад: "Ба инсоне, ки аз роҳи пешоб ду маротиба гузашта, боз худро калон мегирад, ҳайрон ҳастам".

• Нававӣ дар "Маҷмӯъ" аз Шофеӣ ривоят мекунад: "Ҳар кӣ ба худ нарх монад, Аллоҳ ӯро ба қимати худ бармегардонад". "Инсоне, ки қадри худро намедонад, инсони аз ҳама боқадртар аст. Инсоне, ки фазилати худро намебинад, одами аз ҳама фозилтар аст".

# *ОДОБИ ГУФТУГЎ*

## I. Одоби дарс

• Бо мақсади малол наомадан аҳён-аҳён дарс додан. Ибни Масъуд (р) ҳар панҷшанбе дарс медод. Нафаре ба ў гуфт:

" يَا أَبَا عَبْدِ الرَّحْمَنِ إِنَّا نُحِبُّ حَدِيثَكَ وَنَشْتَهِيهِ، وَلَوَدِدْنَا أَنَّكَ حَدَّثْتَنَا كُلَّ يَوْمٍ، فَقَالَ: مَـا يَمْنَعُنِي أَنْ أُحَدِّثَكُمْ إِلاَّ كَرَاهِيَةُ أَنْ أُمِلَّكُمْ، إِنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ كَانَ يَتَخَوَّلُنَا بِالْـمَوْعِظَةِ مَخَافَةَ السَّآمَةِ عَلَيْنَا"

"***Эй Абўабдурраҳмон, мо сухан кардани шуморо дўст медорем, бисёр мехостем, ки ҳар рўз сухан кунед". Он гоҳ Ибни Масъуд гуфт: "Ман фақат барои малол нагирифтани шумо чунин намекунам, балки Пайғамбар (с) аз дилгир шудани мо эҳтиёт шуда, ба мо аҳён-аҳён насиҳат мекарданд***"" (муттафақун алайҳ). Ибни Аббос (р) мегўяд:

" حَدِّثْ النَّاسَ كُلَّ جُمُعَةٍ مَرَّةً، فَإِنْ أَكْثَرْتُ فَمَرَّتَيْنِ، فَإِنْ أَكْثَرْتَ فَثَلاَثًا، وَلاَ تُمِلَّ النَّاسَ مِنْ هَذَا الْقُرْآنِ، وَلاَ تَأْتِ الْقَوْمَ وَهُمْ فِي حَدِيثٍ فَتَقْطَعْ عَلَيْهِمْ حَدِيثَهُمْ فَتُمِلَّهُمْ، وَلَكِنْ أَنْصِتْ فَإِذَا أَمَرُوكَ فَحَدِّثْهُمْ وَهُمْ يَشْتَهُونَهُ، وَإِيَّاكَ وَالسَّجْعَ فِي الدُّعَاءِ، فَإِنِّي عَهِدْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ وَأَصْحَابَهُ لاَ يَفْعَلُونَهُ"

"***Ба мардум (ҳар ҳафта рўзи ҷумъа) як маротиба сухан кун. Бисёр шавад, ду маротиба, аз он ҳам гузарад, се бор сухан кун. Мардумро аз Қуръон малол нагардон. Ба назди мардуми гуфтугўкунанда рафта сухан накун, ки ба онҳо малол меояд. Хомўш нишин, агар пурсанд, сухан кун, он гоҳ***

***онҳо бо шавқ гӯш медиҳанд. Аз қофиясозӣ дар дуо дур бош, чунки ман медонам, ки Пайғамбар (с) ва саҳобагон ин тавр накардаанд***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

- Барои дар масҷид дарс додан вақт ва ҷои муносибро интихоб кардан лозим аст, то ки намозхонон озор наёбанд. Агар масҷид васеъ бошад, бояд ҷоеро интихоб кард, ки аз намозхонон дуртар аст. Агар он танг бошад, бояд вақтҳоеро, чун баъд аз бомдод ё аср, интихоб намуд, ки намоз хондан макрӯҳ аст. Абӯсаид мегӯяд:

" اعْتَكَفَ رَسُولُ اللهِ ﷺ فِي الْـمَسْجِدِ، فَسَمِعَهُمْ يَجْهَرُونَ بِالْقِرَاءَةِ، فَكَشَفَ السِّتْرَ وَقَالَ: أَلاَ إِنَّ كُلَّكُمْ مُنَاجٍ رَبَّهُ فَلاَ يُؤْذِيَنَّ بَعْضُكُمْ بَعْضًا، وَلاَ يَرْفَعْ بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ فِي الْقِرَاءَةِ، أَوْ قَالَ فِي الصَّلاَةِ"

"***Пайғамбар (с) дар масҷид эътикоф менишастанд. Бо овози баланд қироат кардани мардумро шунида, пардаро бардоштанд ва гуфтанд: "Ҳамаи шумо ба Парвардигор муноҷот карда истодаед, ба ҳамдигар озор надиҳед, дар қироат овозҳоятон аз якдигар баланд нашавад" ё ки гуфтанд: "дар намоз (овозҳоятон аз якдигар баланд нашавад)***". Аз Баёзӣ ривоят шудааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ خَرَجَ عَلَى النَّاسِ، وَهُمْ يُصَلُّونَ، وَقَدْ عَلَتْ أَصْوَاتُهُمْ بِالْقِرَاءَةِ فَقَالَ: إِنَّ الْـمُصَلِّي يُنَاجِي رَبَّهُ فَلْيَنْظُرْ بِمَـا يُنَاجِيهِ بِهِ، وَلاَ يَجْهَرْ بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ بِالْقُرْآنِ"

"***Мардум намоз мехонданд, Пайғамбар (с) ба назди онҳо баромаданд. Дар қироат овозашон баланд шуда буд. Он гоҳ гуфтанд: "Намозхон ба Парвардигор муноҷот мекунад, пас бояд бингарад, ки бо чӣ муноҷот мекунад. Ҳангоми Қуръон хондан нисбат ба якдигар овози худро баланд накунед***". Ин ду ҳадисро Ибни Абдулбар дар "Тамҳид" бароварда, гуфтааст, ки ҳадисҳои Баёзӣ ва Абӯсаид ҳадисҳои саҳеҳи собитшудаанд.

Ҳадиси Баёзиро Аҳмад баровардааст. Ироқӣ исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Ҳайсамӣ гуфтааст, ки ровиёни он ровиёни ҳадиси саҳеҳ мебошанд. Ҳадиси Абӯсаидро Абӯдовуд ва Ҳоким бароварда, исноди онро саҳеҳ гуфтаанд. Онро шайхайн набаровардаанд. Инчунин Ибни Ҳузайма дар "Саҳеҳ"-и худ ҳадисеро ба ҳамин маъно аз Ибни Умар баровардааст. Ин ду ҳадис инсонеро, ки танҳо намоз мехонад, аз баланд кардани овоз ва ба дигарон халал расондан бозмедорад. Аз ин мебарояд, ки дар назди намозхонон дарс додан мумкин нест. Аз ин рӯ, агар масҷид мисли масҷиди шаҳри калон, ки мардум дар вақти ҷамоат ва дигар низ ба он ҷо мераванд, васеъ бошад, интихоб кардани ҷое, ки аз намозхонон дуртар аст ба мақсад мувофиқ аст ва агар он танг бошад, интихоб кардани вақте ба мақсад мувофиқ аст, ки дар он намоз хондан макрӯҳ аст.

- Умедро зиёд намудан ва аз раҳмат, нусрат ва кушоиши Аллоҳ ноумед накардан. Абӯмӯсо Ашъарӣ мегӯяд:

"بَعَثَنِي رَسُولُ اللهِ ﷺ وَمُعَاذًا إِلَى الْيَمَنِ فَقَالَ: ادْعُوَا النَّاسَ وَبَشِّرَا وَلَا تُنَفِّرَا"

"***Пайғамбар (с), вақте ки ману Муозро ба Яман фиристоданд, гуфтанд: "Мардумро даъват намоед, ҳавасманд гардонед, дилгир накунед***"" (муттафақун алайҳ). Ҷундуб ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" أَنَّ رَجُلاً قَالَ: وَاللهِ لاَ يَغْفِرُ اللهُ لِفُلاَنٍ، وَأَنَّ اللهَ تَعَالَى قَالَ: مَنْ ذَا الَّذِي يَتَأَلَّى عَلَيَّ أَنْ لاَ أَغْفِرَ لِفُلاَنٍ، فَإِنِّي غَفَرْتُ لِفُلاَنٍ وَأَحْبَطْتُ عَمَلَكَ أَوْ كَمَا قَالَ"

"***Нафаре гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки Аллоҳ фалониро намебахшад". Аммо Аллоҳ Таоло гуфт: "Ту кӣ ҳастӣ, ки "Аллоҳ фалониро намебахшад" гуфта қасам мехӯрӣ? Ман фалониро бахшидам, аммо амалҳои туро бекор кардам"" ё ба ҳамин маъно сухане гуфтанд***". Аз Муслим ривоят шудааст. Тавре Абӯҳурайра (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِذَا قَالَ الرَّجُلُ هَلَكَ النَّاسُ فَهُوَ أَهْلَكُهُمْ"

"***Ҳар кӣ гӯяд, ки мардум ҳалок шуданд, пас ӯ ҳалокшавандатарини онҳост***". Аз Муслим ривоят шудааст.

Умедро зиёд намудан бо сухане мешавад, ки шунаванда қонеъ мегардад ва таъсир мегирад. Ин мақсадро фақат Қуръон ва суннат ба рӯёб бароварда метавонанд. Агар ҳуҷҷат бо воқеи муайян вобаста карда фаҳмонида шавад, таъсири он бештар ва чуқуртар мешавад. Масалан, ин оятҳои Аллоҳ Таолоро қироат кардан:

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ

"***Шумо беҳтарини уммате ҳастед***" [3:110].

وَكَانَ حَقًّا عَلَيْنَا نَصْرُ الْمُؤْمِنِينَ

"***Ёрӣ додани мӯъминон бар ӯҳдаи Мо буд***" [30:47].

"***Мо пайғамбаронамон ва мӯъминонро дар зиндагии дунё ёрӣ мекунем***" [Мӯъмин, 51].

وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُم فِي الْأَرْضِ كَمَا اسْتَخْلَفَ الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ

"***Аллоҳ ба касоне аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, ваъда дод, ки дар рӯи замин ҷонишини дигаронашон кунад***" [24:55].

وَاذْكُرُواْ إِذْ أَنتُمْ قَلِيلٌ مُّسْتَضْعَفُونَ فِي الأَرْضِ تَخَافُونَ أَن يَتَخَطَّفَكُمُ النَّاسُ فَآوَاكُمْ وَأَيَّدَكُم بِنَصْرِهِ

"***Ва ба ёд оваред он ҳангомро, ки андак будед ва дар шумори забуншудагони ин сарзамин бими он доштед, ки мардуми***

***шуморо аз миён бардоранд ва Аллоҳ паноҳатон дод ва ёрӣ кард*" [8:26].

وَمَا النَّصْرُ إِلاَّ مِنْ عِندِ اللّهِ الْعَزِيزِ الْحَكِيمِ

"***Ва нест ёрие, магар аз сӯи Аллоҳи пирӯзманду доно***" [3:126].

إِنَّ اللّهَ لاَ يُخْلِفُ الْمِيعَادَ

"***Ба яқин, ки Аллоҳ аз ваъда тахаллуф накунад!***" [3:9].

وَعْدَ اللّهِ حَقًّا وَمَنْ أَصْدَقُ مِنَ اللّهِ قِيلاً

"***Ваъдаи барҳаққи Аллоҳ аст ва чӣ касе аз Ӯ ростгӯйтар аст?!***" [4:122].

ثُلَّةٌ مِّنَ الْأَوَّلِينَ وَثُلَّةٌ مِّنَ الْآخِرِينَ

"***Гурӯҳе аз пешиниён ва гурӯҳе, ки аз пай омадаанд***" [56:39-40].

ثُلَّةٌ مِّنَ الْأَوَّلِينَ وَقَلِيلٌ مِّنَ الْآخِرِينَ

"***Гурӯҳе аз пешиниён ва андаке аз онҳо, ки аз пай омадаанд***" [56:13-14].

Аммо аз суннат дар хусуси бахайр будани охири кори Уммат ин ҳадисҳои Пайғамбар (с)-ро гуфтан:

"أُمَّتِى كَالْـمَطَرِ لاَ يُدْرَى الْخَيْرُ فِى أَوَّلِهِ أَوْ آخِرِهِ"

"***Умматам ба борон шабоҳат дорад. Дониста намешавад, ки некӣ дар ибтидои он аст ё дар интиҳои он***".

"وَاهًا لِإِخْوَانِي"

"***Воҳ, бародарони ман***".

"طُوبَى لِلْغُرَبَاءِ"

"***Ҷаннат бод ба ғарибон***".

"إِنَّ لِلهِ عِبَادًا لَيْسُوا بِأَنْبِيَاءَ وَلاَ شُهَدَاءَ"

"***Аллоҳ бандогоне дорад, ки онҳо на пайғамбароанду на шаҳидон***".

Гуфтани ҳадисҳое, ки ба баргаштани ХИЛОФАТ бар асоси минҳоҷи пайғамбарӣ, фатҳ шудани Рум, бо яҳудиён ҷангида, онҳоро сарнагун сохтан ва баргаштани ХИЛОФАТ ба замини муқаддас башорат медиҳанд, аз ҷумлаи ҳаминҳост.

Аз таърихи мусулмонон лавҳаҳо овардан боз ҳам беҳтар аст. Ғалабаҳои Бадр, Хандақ, Қодисия, Наҳованд, Ярмук, Аҷнодайн, Тустар ва дигар ғалабаҳои беҳисобро нақл кунед. Бояд алоҳида таъкид кард, ки мусулмонон, агарчи ҳам аз ҷиҳати шумора ва ҳам аз ҷиҳати омодагии моддӣ нисбат ба душман кам буданд, ғолиб мешуданд, ҳатто як нафар фиристодаи Пайғамбар (с) ҳам ғалабаро ба даст медаровард. Бо ин дар зеҳни мусулмонон мафҳуми ҷиҳодро шӯълавар сохта, мустаҳкам ҷойгир кардан, аз зеҳни онҳо маҳв кардани мафҳумҳое, аз қабили сулҳ, музокираҳо, танбеҳ додан, инкор кардан, бо талаби доварӣ ба назди тоғут рафтан, хуллас, ба ин корҳои дилбеҷокунанда розӣ шудан, ба мақсад мувофиқ аст.

Пеш аз ҳама мебояд ақида ва асоси ҳамаи аҳком будани онро ба умқи дилҳо ҷой кард. Оё ҳамин ақида нест, ки арабҳоро ба уммати беҳтарину пуриқтидор табдил додааст?! Ин ақида онҳоро ба уммате табдил дод, ки оламро ба некӣ раҳнамун месозад, мардумро аз зулмат ба нур мебарорад ва дар дунёву охират ба азизӣ мушарраф мегардад. Ҳол он ки арабҳо ғайр аз ҷангҳои хурди байни қабилаҳо, манфиатҳои шахсӣ ва сафсатаҳои ноарзанда дигар ғам надоштанд.

• Мавзӯи дарсро мувофиқи воқеъе, ки мардум дар он зиндагӣ мекунанд, интихоб намудан лозим аст. Он гоҳ дарс ҷоннок

мегузарад. Агар дар ягон эътиқоди мардум нофаҳмиҳо мавҷуд бошад, бояд фаҳмонид, агар дар ягон мавқеи сиёсӣ иштибоҳ кунанд, бояд роҳро равшан кард, агар хатогӣ, фикр ё ҳукми гумроҳкунанда дошта бошанд, бояд онро шарҳ дод ва фикри дурустро баён кард. Ё чунон ки шайх Тақийюддин Набаҳонӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) гуфтаанд, ба пеши хатти каҷ хатти ростро кашидан лозим аст. Дар вақти Бағдодро ба вайрона табдил додани Амрико дар мавзӯи мукофот, вақте ки Амрико дар ҷойҳои забтшуда хунрезиҳо мекунад, дар мавзӯи иштироки зан дар парламент, вақте ки Масҷидулақсо дар дасти душман аст, дар мавзӯи машина рондани зан, дар вақти толону тороҷ карда шудани нафт дар мавзӯи таъзия, ҳангоми зери по шудани ҳурмати Масҷидулҳаром дар мавзӯи ҳукмҳои оид ба мӯй дарс гузаштан як кори бемаънӣ ва қабеҳ аст, ки мардумро гумроҳ месозад, аз ҳақиқат дур мекунад.

- Ҷоҳилеро, ки ҳукми шаръиро саҳл гирифта, муқобилият нишон медиҳад, бояд боздошт (маҷбур кард). Шахси фақеҳро, ки фикраш мухолифи фикри мударрис аст, бояд маъзур дошт. Ҳоким аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал ривоят мекунад:

"نَهَى رَسُولُ اللهِ ﷺ عَنْ الْخَذْفِ"

"***Пайғамбар (с) аз хозф боздоштаанд***",

яъне дар вақти нишастан дар маҷлис сангҳои хурд ё донакҳоро ба зери ангуштон доштан ё ба палахмонча ниҳода, парронданро манъ кардаанд. Дар ҳузури ӯ шахсе чунин карда буд, ӯ гуфт: "Ман аз Пайғамбар (с) ҳадис гӯям, оё ту ҳамин тавр мекунӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки минбаъд ба ту сухан намекунам". Аҳмад аз Абдуллоҳ ибни Ясор ривоят мекунад: "Амр ибни Ҳорис аз Алӣ (р) пурсид, ки оё аз пеши ҷаноза рафтан беҳтар аст ё аз қафои он. Ӯ гуфт, ки афзалияти аз қафои ҷаноза рафтан нисбат ба рафтан аз пеши он монанди афзалияти бо ҷамоат хондани намози фарз нисбат ба танҳо хондани он аст. Амр гуфт: "Ман

дидаам, ки Абӯбакр ва Умар аз пеши ҷаноза рафтаанд". Он гоҳ Алӣ (р) гуфт: "Онҳо ба мардум душвор карданро нахоста, ҳамин тавр кардаанд". Яъне то ки мардум напиндоранд, ки аз пеши ҷаноза рафтан ҷоиз нест. Ҳайсамӣ дар хусуси иснoди Аҳмад гуфтааст, ки ровиёни он боэътимоданд.

• Ба инсоне, ки бо одоб савол медиҳад, бодиққат гӯш додан лозим аст. Дар ривояти Абӯнаим дар "Ҳиля" ва Ибни Ҳиббон дар "Равзатулуқало" Муоз ибни Саъдулаъвар мегӯяд: "Дар назди Ато ибни Абӯрабоҳ нишаста будам. Он гоҳ шахсе ҳадисеро нақл кард. Яке аз мардум ба байни сухани ӯ даромад. Ато ба хашм омада гуфт: "Ин чӣ рафтор аст, ман ҳадисеро, ки хуб медонам, чунон гӯш медиҳам, ки гӯё ҳеҷ чиз намедонам"".

• Бо инсоне, ки гӯш намедиҳад, набояд гуфтугӯ кард. Тавре Бухорӣ аз Ҷарир (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) дар ҳаҷҷатулвадоъ ба ӯ хитоб карда гуфтанд:

"اِسْتَنْصِتْ النَّاسَ"

"***Мардумро ором кун***".

Тавре Хатиб меорад, Абӯамр ибни Ало гуфтааст: "***Ба касе, ки намепурсад, ҷавоб додан, аз касе, ки ҷавоб намедиҳад, пурсидан ва ба касе, ки гӯш намедиҳад, сухан кардан аз рӯи одоб нест***".

• Аз тақсим кардани қоидаҳо, ки боиси заиф гаштани ҳукмҳои шаръӣ мегардад, бояд худдорӣ кард, аз қабили қоидаи "эҳтиёҷи хос, ки ҷои заруратро гирифтааст" ё қоидаи сабукгардонӣ, ки ба ҳеҷ чиз вобаста накарда мутлақ карда шудааст. Масалан, барои хариди хона қарзи фоизнок гирифтан, дар қассобхонаи насронӣ гӯшти хук фурӯхтан, дар сафи лашкари кофир бар зидди мусулмонон ба ҷанг баромадан, бо вуҷуди имкони гузаштан ба мамлакати бефитна бе рӯмол ба кӯча баромадани мусулмонзан,

инчунин қозӣ шуда кор кардан, ки бо ғайри нозилкардаи Аллоҳ ҳукм мекунад.

• Аз такаллуфи илм худдорӣ кардан. Тавре дар Бухорӣ меояд, Умар (р) мегӯяд:

"نُهِينَا عَنْ التَّكَلُّفِ"

"***Аз такаллуф боздошта шудаем***". Дар ривояти Масруқ Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд:

" يَا أَيُّهَا النَّاسُ مَنْ عَلِمَ شَيْئًا فَلْيَقُلْ بِهِ، وَمَنْ لَمْ يَعْلَمْ فَلْيَقُلْ اللهُ أَعْلَمُ، فَإِنَّ مِنْ الْعِلْمِ أَنْ يَقُولَ لِمَا لَا يَعْلَمُ اللهُ أَعْلَمُ، قَالَ اللهُ لِنَبِيِّهِ

"***Эй мардум, ҳар кӣ чизеро донад, ҳамонро гӯяд, агар надонад, гӯяд: "Аллоҳ беҳтар медонад". Чунки дар чизи надониста "Аллоҳ беҳтар медонад" гуфтан аз илм аст. Аллоҳ Таоло ба Пайғамбараш гуфтааст: „Бигӯ: "Ман аз шумо музде наметалабам ва нестам аз онон, ки ба дурӯғ чизе бар худ мебанданд***" [38:86]" (муттафақун алайҳ).

• Бо нодонҳо кашмакаш накардан. Тавре Ҷобир (р) ривоят мекунад, Пайғамбар (с) гуфтанд:

" لاَ تَعَلَّمُوا الْعِلْمَ لِتُبَاهُوا بِهِ الْعُلَمَاءَ، وَلاَ تُمَارُوا بِهِ السُّفَهَاءَ، وَلاَ تَخَيَّرُوا بِهِ الْمَجَالِسَ، فَمَنْ فَعَلَ ذَلِكَ فَالنَّارُ النَّارُ"

"***Илмро барои бо олимон баҳс кардан, барои бо нодонон кашмакаш кардан ва барои интихоб кардани минбарҳо наомӯзед, ҳар кӣ ин корро кунад, пас дӯзах аст, дӯзах аст***". Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст. Ҳоким ривоят карда, саҳеҳ гуфтааст ва онро Заҳабӣ маъқул донистааст. Ин ҳадисро Ибни Моҷа, Байҳақӣ ва Ибни Абдулбар дар "Ҷомеу байналилми ва фазлиҳу" ривоят кардаанд.

• Парҳез аз риё, амал барои дидану шунидани мардум ва кибру калонигарӣ. Дар ин хусус гуфта гузаштем.

• Ба мардум мувофиқи ақлашон сухан гуфтан. Алӣ (р) мегӯяд:

"حَدِّثُوا النَّاسَ بِمَا يَعْرِفُونَ، أَتُحِبُّونَ أَنْ يُكَذَّبَ اللهُ وَرَسُولُهُ"

"***Ба мардум он чиро гӯед, ки онҳо медонанд. Оё мехоҳед, ки Аллоҳ ва Расулашро дурӯғгӯ бароранд?!***"

Аз Бухорӣ ривоят шудааст. Ибни Ҳаҷар дар "Фатҳ" мегӯяд, ки мурод аз чизҳои онҳо донанда чизҳоест, ки онҳо мефаҳманд. Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд:

" مَا أَنْتَ مُحَدِّثًا - وَفِي رِوَايَةٍ بِمُحَدِّثٍ - قَوْمًا حَدِيثًا لاَ تَبْلُغُهُ عُقُولُهُمْ، إِلاَّ كَانَ لِبَعْضِهِمْ فِتْنَةٌ"

"***Ба қавм ҳадисеро, ки ақлашон намерасад, нагҲ, магар он ки баъзеи онҳо заковатманд бошанд***". Аз Муслим ривоят шудааст. Ибни Аббос мегӯяд:

"كُونُوا رَبَّانِيِّينَ حُلَمَاءَ فُقَهَاءَ، وَيُقَالُ الرَّبَّانِيُّ الَّذِي يُرَبِّي النَّاسَ بِصِغَارِ الْعِلْمِ قَبْلَ كِبَارِهِ"

"***Раббониён, ҳалимон ва фақеҳон бошед. Инсоне, ки мардумро пеш аз илми калон бо илми хурд тарбия мекунад, раббонӣ аст***". Аз Бухорӣ ривоят шудааст.

**II. Одоби хутба**

• Хусусан рӯзи ҷумъа кӯтоҳ кардани хутба. Дар ҳадисе, ки Муслим аз Аммор (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ طُولَ صَلاَةِ الرَّجُلِ، وَقِصَرَ خُطْبَتِهِ، مَئِنَّةٌ مِنْ فِقْهِهِ؛ فَأَطِيلُوا الصَّلاَةَ، وَاقْصُرُوا الْخُطْبَةَ، وَإِنَّ مِنْ الْبَيَانِ سِحْرًا"

"***Намозро дароз ва хутбаро кӯтоҳ кардани кас нишонаи фақеҳии ӯст. Намозро дароз ва хутбаро кӯтоҳ кунед. Дар баён низ сеҳре ҳаст***". Ҷобир ибни Самура мегӯяд:

"كُنْتُ أُصَلِّي مَعَ رَسُولِ اللهِ ﷺ ، فَكَانَتْ صَلاَتُهُ قَصْدًا، وَخُطْبَتُهُ قَصْدًا"

"***Бо Пайғамбар (с) намоз хондаам. Ҳам намоз ва ҳам хутбаи он кас мўътадил (миёна) буд***". Муслим ривоят кардааст. Ҳакам ибни Ҳазани Калафӣ мегўяд:

" شَهِدْتُ مَعَ رَسُولِ اللهِ ﷺ الْجُمُعَةَ، فَقَامَ مُتَوَكِّئًا عَلَى عَصًا، أَوْ قَوْسٍ، فَحَمِدَ اللهَ وَأَثْنَى عَلَيْهِ كَلِمَـاتٍ خَفِيفَاتٍ طَيِّبَاتٍ مُبَارَكَاتٍ"

"***Бо Пайғамбар (с) намози ҷумъаро хонда будам, он кас ба асо ё камон такя карда, ба Аллоҳ ҳамду сано ва бо овози фораму сабук суханҳои бобаракат гуфтанд***". Ибни Ҳузайма "дар "Саҳеҳ"-и худ, Аҳмад ва Абўдовуд ривоят кардаанд. Ибни Хаҷар исноди онро ҳасан гуфтааст. Абдуллоҳ ибни Абўавфо мегўяд:

" كَانَ رَسُولُ اللهِ ﷺ يُكْثِرُ الذِّكْرَ، وَيُقِلُّ اللَّغْوَ، وَيُطِيلُ الصَّلاَةَ، وَيَقْصُرُ الْخُطْبَةَ، وَلاَ يَسْتَنْكِفُ أَنْ يَمْشِيَ مَعَ الْعَبْدِ وَالأَرْمَلَةِ، حَتَّى يَخْلُوَ لَهُمْ مِنْ حَاجَتِهِمْ"

"***Пайғамбар (с) бисёр зикр мекарданд, сухани беҳуда намегуфтанд, намозро дароз ва хутбаро кўтоҳ мекарданд, бо ғулом ё бевазан гаштанро ор намедонистанд. Ҳатто ҳоҷати онҳоро мебаровარданд***". Ҳоким ин ҳадисро ривоят карда, бинобар шарти шайхайн саҳеҳ гуфтааст. Ибни Ҳиббон онро дар "Саҳеҳ"-и худ баровардааст. Ироқӣ онро саҳеҳ гуфтааст. Табаронӣ аз Умома ҳадиси ба ҳамин монандро баровардааст ва Ҳайсамӣ исноди онро ҳасан гуфтааст.

- Агар мўътадилӣ дар намозу хутба бо ҳадисҳои дигар тафсир карда шавад, маънидод мекунад, ки намоз бояд аз хутба дарозтар бошад. Дар ҳадиси Ибни Абўавфо Пайғамбар (с) намозро дароз ва хутбаро кўтоҳ кардаанд. Аммо дар ҳадиси Аммор ба дароз кардани намоз ва кўтоҳ кардани хутба фармудаанд. Аз ин мебарояд, ки намози рўзи ҷумъаи он кас аз хутбаашон дарозтар шудааст. Агар миқдори дарозии намози Пайғамбар (с)-ро бидонем, кўтоҳии хутбаашонро ҳам дониста метавонем. Дар ривояти Абўҳурайра Пайғамбар (с) дар намози

ҷумъа сураи "Ҷумъа" ва "Мунофиқун"-ро зам мекарданд. Аммо дар ҳадиси Нӯъмон ибни Башир сураи "Аъло" ва "Ғошия"-ро хондаанд. Дар ҳадиси Ибни Аббос сураҳои "Ҷумъа" ва "Мунофиқун"-ро хондаанд. Ин ҳар се ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Аз ин рӯ, дарозтарин намози ҷумъаи Пайғамбар (с) намозест, ки дар он сураи "Ҷумъа" ва "Мунофиқун"-ро хондаанд. Агар ба ин ду рукӯъ, чаҳор саҷда, барои ташаҳҳуд ва салавотҳо нишастанро ҳамроҳ кунем, дарозтарин намози ҷумъа мешавад. Аз он кӯтоҳтараш бошад, намозест, ки дар он сураҳои "Аъло" ва "Ғошия" зам карда шудааст. Бинобар ин намози Пайғамбар (с) назар ба хутбаашон дарозтар буд. Хатиб миқдори хутбаро аз ҳамин дониста метавонад.

• Дар минбар бояд услуби хоси хутбаро истифода бурд, ки аз услубҳои дарс, маърӯза, мақола, ҳикоягӯӣ ё шеърхонӣ фарқ кунад. Барои донистани услуби хосаи хутба ва фарқ кардани он аз дигар услубҳо ба китобҳои луғат муроҷиат карда шавад.

• Аз сароидан (ба оҳанг андохтан) бояд парҳез намуд. Сухани худро сароидани хатиб кори басо зишт аст. Аммо ба оҳанг андохтани қироати Қуръон, кори аз он ҳам зишттар мебошад.

### III. Одоби мунозира

Мунозира баҳс аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**قَدْ سَمِعَ اللَّهُ قَوْلَ الَّتِي تُجَادِلُكَ فِي زَوْجِهَا وَتَشْتَكِي إِلَى اللَّهِ وَاللَّهُ يَسْمَعُ تَحَاوُرَكُمَا إِنَّ اللَّهَ سَمِيعٌ بَصِيرٌ**

"***Аллоҳ сухани занеро, ки дар бораи шавҳараш бо ту ба муҷодила омадааст ва ба Аллоҳ шикоят мекунад шунид. Ва Аллоҳ гуфтугӯи шуморо мешунавад***" [58:1].

Дар ин оят Аллоҳ мунозираро сӯҳбат номида, муайян намуд, ки он ҳуҷҷатҳо ё чизҳои ҳуҷҷат шуморидаи худро пеш овардани ҳар ду ҷониб мебошад. Мақсад аз он қувват додани фикру

равияи худ ва ҳуҷҷати рақиброро бекор карда, ӯро ба ҷонибе, ки дуруст ва ҳақиқат мешуморад, гузаронидан мебошад.

Дар шариат аз мунозира ба рӯёб баровардани ҳақиқат ва нишон додани ботилии ботил қасд карда мешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

ادْعُ إِلِى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُم بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

"***Мардумро бо ҳикмату андарзи некӯ ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин шева бо онон муҷодала кун***" [16:125].

قُلْ هَاتُواْ بُرْهَانَكُمْ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ

"***Бигӯ: "Агар рост мегӯед ҳуҷҷати хеш биёваред***"" [2:111]. Пайғамбар (с) бо мушрикони Макка, насрониёни Наҷрон ва яҳудиёни Мадина мунозира кардаанд. Модом ки даъваткунанда ба некӣ фаро мехонад ва бар зидди фикрҳо мубориза мебарад, дар ҳар ҷое ки зарур ояд, дар ҳамон ҷо мунозира ба воҷиб табдил меёбад. Ин бинобар қоидаи зерин аст: "Ҳар чӣ ки воҷиб бе вай амалӣ нагардад, он чиз воҷиб мегардад".

Дар шариат мунозираҳое мавҷуданд, ки мазаммат карда шудаанд. Масалан, дар бораи оятҳои Аллоҳ Таоло мунозира кардан куфр аст.

وَهُمْ يُجَادِلُونَ فِي اللّهِ وَهُوَ شَدِيدُ الْمِحَالِ

"***Боз ҳам дар бораи Аллоҳ муҷодала мекунанд. Ва Ӯ ба сахтӣ уқубат мекунад!***" [13:13].

"***Ҷуз кофирон дар оёти Аллоҳ ҷидол намекунанд***" [Мӯъмин, 4].

"***Касоне, ки бе ҳеҷ ҳуҷҷате, ки дар даст дошта бошанд, дар оёти Аллоҳ ҷидол мекунанд. Кори онон назди Аллоҳу мӯъминон сахт нописанд аст***" [Мӯъмин, 35].

وَيَعْلَمَ الَّذِينَ يُجَادِلُونَ فِي آيَاتِنَا مَا لَهُم مِّن مَّحِيصٍ

"***Ва то бидонанд, касоне, ки дар оёти Мо ҷидол мекунанд. Ононро ҳеҷ гурезгоҳе нест***" [42:35].

Аз байни мунозиракунандагон на исботкунанда, балки инкоркунанда кофир аст. Чунки инкоркунанда барои рад намудани ҳақиқат, аммо исботкунанда барои рӯёби ҳақиқат ва барҳам додани ботил мунозира мекунад.

"***Ва ҳар уммате оҳанги он кард, ки пайғамбарашро дастгир кунад"*** [Мӯъмин, 5].

مَا ضَرَبُوهُ لَكَ إِلَّا جَدَلًا بَلْ هُمْ قَوْمٌ خَصِمُونَ

"***Ва он суханро ҷуз барои ҷидол бо ту нагуфтанд, ки мардуме ситезҷӯянд***" [43:58].

"***Қуръон мӯъҷиза нест***" ё "***Он аз тарафи Аллоҳ нест***" гуфта мунозира кардан куфр аст. Дар ҳадиси марфӯъ, ки Аҳмад аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, гуфта мешавад:

"جِدَالٌ فِي الْقُرْآنِ كُفْرٌ"

"***Дар хусуси Қуръон мунозира кардан куфр аст***". Мунозира макрӯҳ низ шуда метавонад, аз қабили мунозира дар хусуси ҳақиқати аниқу равшан.

يُجَادِلُونَكَ فِي الْحَقِّ بَعْدَ مَا تَبَيَّنَ كَأَنَّمَا يُسَاقُونَ إِلَى الْمَوْتِ

"***Бо он ки ҳақиқат бар онҳо ошкор шуда дар бораи он бо ту муҷодала мекунанд, чунон қадам бармедоранд, ки гӯё мебинанд, ки онҳоро ба сӯи марг мебаранд***" [8:6].

Мунозира бо далел ё шибҳи далел (он чӣ ки эҳтимоли далел шудан дорад) мешавад. Мунозира бе ин чизҳо ғайр аз ғавғо бардоштану бетартибӣ чизи дигар нест. Ибни Ақил ба шибҳи далел чунин таъриф медиҳад: "Равияро, гарчи ҳақиқат набошад ҳам, дар сурати ҳақиқат хаёл кардан шибҳи далел аст". Ибни Ҳазм ғавғо бардоштанро чунин таъриф додааст: "Бо ҳуҷҷати фасоду ботил, ки боиси ноҳақӣ мегардад, рангубор карда нишон додани як ё якчанд масъала, ба таври дигар гӯем, сафсата аст". Ибни Ақил мегӯяд: "Роҳи аз ҳама дӯстдоштаи аҳли илм дар асоси ҳуҷҷат ё шибҳи далел сухан гуфтан аст. Аммо ғавғо бардоштан бетартибии аҳли мунозира мебошад". Ғавғо бардоштанро мунозираи бе далелу бе шибҳи далел низ гуфтан мумкин аст.

Дар хусуси қонуну одоби мунозира тавсияҳои олимони мусулмонро дар поён ба тариқи илова меорем.

- Аз Аллоҳ тақво карданро дар навбати аввал гузоштан. Ба Ӯ наздик шуданро мақсад кардан. Фармони Ӯро иҷро намуда, ба даст овардани розигии Ӯро умед кардан.

- На бар рақиб ғолиб омадану мот кардани ӯро, балки ба рӯёб баровардани ҳақиқат ва нишон додани ботилро ният кардан. Шофеӣ мегӯяд: "Бо касе сӯҳбат кунам, ҳамеша хостаам, ки ӯ комёб гардад, ҳақ шуда барояд, аз тарафи Аллоҳ ба ӯ ҳифзу ҳимоя бошад. Бо касе гуфтугӯ кунам, хоҳ Аллоҳ ҳақиқатро бо забони ман баён кунад, хоҳ аз забони ӯ бароям фарқ надошт". Ибни Ақил мегӯяд: "Ҳар як мунозирае, ки аз он ба рӯёб баровардани ҳақиқат мақсад карда нашудааст, боиси ҳалокати соҳиби худ мегардад".

• На бо мақсади фахр, пайдо кардани обрӯ, ба даст даровардани ягон чиз, кашмакаш ва риё.

• Барои Аллоҳ ва барои дини Ӯ ба рақиб насиҳат намуданро ният кардан. Чунки дин насиҳат аст.

• Оғоз кардани сухан бо ҳамду санои Аллоҳ ва салому салавот гуфтан ба Пайғамбар.

• Аз Аллоҳ илтиҷо кунад, ки ӯро ба ризои худаш муваффақ гардонад.

• Дар мунозира роҳи дуруст ва намуди зебо доштан. Дар ривояти Ибни Аббос (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ الْهَدْيَ الصَّالِحَ، وَالسَّمْتَ الصَّالِحَ، وَالِاقْتِصَادَ، جُزْءٌ مِّنْ خَمْسَةٍ وَّعِشْرِينَ جُزْءًا مِّنْ النُّبُوَّةِ"

"***Роҳи дуруст, намуди зебо ва мӯътадилӣ яке аз бисту панҷ қисмати пайғамбарӣ аст***". Аз Аҳмад ва Абӯдовуд ривоят шудааст. Ибни Ҳаҷар дар "Фатҳ" исноди онро ҳасан гуфтааст. Дар ҳадиси мавқуфи Ибни Масъуд омадааст:

"اِعْلَمُوا أَنَّ حُسْنَ الْهَدْيِ، فِي آخِرِ الزَّمَانِ، خَيْرٌ مِّنْ بَعْضِ الْعَمَلِ"

"***Роҳи зебо (дар суханронӣ) аз баъзе амали охирзамон беҳтар аст***". Ибни Ҳаҷар дар Фатҳ санади онро саҳеҳ гуфтааст.

• Кӯтоҳ кардани сухан, бо сухани фаҳмо, расо ва дарбаргирандаи маънои васеъ ҳарф задан. Бисёр гап задан на танҳо боиси аз роҳ баромадан ва хато мегардад, балки ба шунаванда низ малол меояд.

• Бояд бо рақиб бар асл (асос)-е созиш кунад, ки ҳар ду ба он муроҷиат мекунанд. Вақте ки бо кофир мунозира карда мешавад, ин чиз фақат ақлӣ мешавад. Аммо бо муслим ҳам ақлӣ ва ҳам нақлӣ шуда метавонад. Дар корҳои ақлӣ ақл асл

(манбаъ)-и муроҷиат шуда метавонад, аммо дар корҳои шаръӣ фақат нақл асл шуда метавонад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِن تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللّهِ وَالرَّسُولِ

"***Ва чун дар амре ихтилоф кардед, ба Аллоҳ ва Пайғамбар руҷӯ кунед***" [4:59], яъне ба Қуръон ва Суннат муроҷиат кунед.

- Бо кофир дар хусуси фаръҳои шариат мунозира карда намешавад. Чунки ӯ ба асли шариат имон надорад. Бо ӯ дар масъалаҳои фаръии монанди чаҳор маротиба издивоҷ кардан, гувоҳии зан, ҷизя, мерос, ҳаром будани шароб ва ғайра муноқиша карда намешавад. Бо ӯ фақат дар бораи аслҳои дин мунозира карда мешавад, ки далелҳояшон ақлӣ мебошанд. Зеро мақсади асосии мунозира аз ботил ба ҳақ ва аз залолат ба ҳидоят гузаронидан аст. Ин ҷо танҳо аз куфр ба имон гузаронидани ӯ амалӣ мешавад. Инчунин бо насронӣ дар хусуси ноҳақ будани буддоия ё ки яҳудия мунозира карда намешавад. Ин ва суханҳои мавзӯъҳои монанди ин умуман мунозира ба ҳисоб намеравад. Чунки ӯ насронӣ буддоӣ ё яҳудӣ нест, ки аз ноҳақии он ба ҳақ гузаронда шавад, бо ӯ фақат дар хусуси ақидаи ботили ӯ мунозира карда, аз ақидааш ба Ислом гузаронидан мақсад карда мешавад. Барои ҳамин гуфта намешавад, ки дар мавзӯъҳои созишкарда сухан меронем ва мавзӯъҳои ихтилофнокро тарк мекунем. Чунки мо ба мунозира фармуда шудаем. Мунозира бошад, фақат дар мавзӯъҳои ихтилофнок мешавад. Агар насронӣ ё ки капиталист бо муслим иттифоқ кунанд, ки буддия ё коммунизм ё сотсиализм қабеҳ мебошад ва перомуни ин гуфтугӯ кунанд, ин гуфтугӯ мунозира ба ҳисоб намеравад. Ин чиз аз зиммаи муслим воҷиботи бо роҳи мунозира ба Ислом гузаронданро соқит намекунад. Инчунин гуфта намешавад, ки бо кофирон дар хусуси масъалаҳои созишкарда ҳарф зада, ҷойҳои ихтилофнокро ба қиёмат мегузорем, он вақт Аллоҳ ҳукми дилхоҳро мебарорад ва байни

моро ҳал мекунад. Ин гуна суханҳои ба маънои "Аллоҳ аз мунозира бо онҳо беҳоҷат мекунад" гуфта намешавад. Чунки мо фармуда шудаем, то дар корҳои ихтилофнок мунозира кунем ва агар онро накунем, гунаҳкор мешавем. Дуруст, ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират ҳукм фақат аз они Аллоҳ аст. Лекин мо бояд вазифаи ба зиммаамон гузоштташударо бо кори Аллоҳ омехта накунем. Ин гуна рафтор ҳуҷҷати шахси бемасъулият аст. Танҳо ғавғо бардоштан аст, ки на ҳуҷҷат, на далел ва на шибҳи далел дорад.

• Набояд овозро то андозае баланд бардошт, ки одамони пеш шунаванд. Ба сӯи рақиб дод назадан. Тавре ҳикоя карда мешавад, аз Банӣ Ҳошим Абдусамад ном шахс дар назди Маъмун сухан гуфта овозашро баланд кард. Он гоҳ Маъмун гуфт: "Эй Абдуссамад, овозатро баланд накун. Дурустӣ на ғавғо бардоштан, балки бамаврид сухан кардан аст".

• Рақибро нописандӣ накардан ва ӯро паст назадан.

• Ба ғавғои рақиб сабр карда, нисбат ба ӯ ҳалим будан ва иштибоҳҳои ӯро бахшидан. Фақат агар ӯ нодон бошад, бо ӯ мунозира қатъ карда мешавад.

• Аз тундмиҷозӣ ва заҷр (додгӯӣ) худдорӣ намудан. Ибни Сирин гуфтааст: "Тундмиҷозӣ тахаллуси беадабист". Ин ҷо тундмиҷозӣ дар мунозира дар назар дошта шудааст. Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"تَعْتَرِي الْحِدَّةُ خِيَارَ أُمَّتِي"

"***Беҳтарини умматамро тундмиҷозӣ фаро мегирад***". Аммо яке аз ровиёни он Салом ибни Муслими Тавил матрук аст. (Шахсест, ки суханаш қабул карда намешавад, яъне ҳадиси ӯ гирифта намешавад, балки тарк карда мешавад). Боз дар як

ҳадиси Табаронӣ, ки аз Алӣ ибни Толиб ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"خِيَارُ أُمَّتِي أَحِدَّاؤُهُمُ الَّذِينَ إِذَا غَضَبُوا رَجَعُوا"

"***Беҳтарини умматам касонеанд, ки чун дарғазаб шаванд, бармегарданд***". Яке аз ровиёни ин ҳадис Наим ибни Солим ибни Қанбар каззоб аст.

• Вақте ки бо шахси аз худ донотар мунозира карда мешавад, ба ӯ набояд гуфт, ки хато мекунӣ ё суханат нодуруст аст. Ба қабили "агар ягон нафар чунин гӯяд" ё "агар эътироз кунад" сухан карда мешавад. Ё ки монанди роҳ пурсидан гуфта мешавад: "агар ин тавр гӯянд, оё дуруст мешавад".

• Далелҳое, ки рақиб меорад, бояд ба хубӣ идрок кард. Он гоҳ имкони рад кардани ӯ пайдо мешавад. То сухани худро тамом кардани ӯ набояд сухан кард. Ибни Ваҳб мегӯяд, ки чунин гуфтани Моликро шунидааст: "Аз нафаҳмида ҷавоб додан фоида нест, буридани сухани рақиб аз рӯи одоб нест". Агар худи рақиб ҷангара, саркаш ва ҳарзагӯй бошад, аслан бо ӯ мунозира накардан маъқул аст. Агар дар аснои мунозира ин ҷиҳати ӯ ошкор гардад, насиҳат карда мешавад. Агар гӯш диҳад, мегирад, вагарна гуфтугӯ қатъ карда мешавад.

• Ба сӯи рақиб нигарондани рӯи худ. Набояд ба мунозиракунанда нописандӣ карда, ба атроф нигоҳ кард. Хоҳ ӯ ҳамфикр бошаду хоҳ муқобил. Агар рақиб чунин рафтор кунад, ба ӯ насиҳат карда мешавад. Агар ором нашавад, мунозира қатъ карда мешавад.

• Бо шахсони якраву саркаш мунозира карда намешавад. Чунки ин гуна одамон сухани дигаронро намегиранд.

• Дар ҷойҳои хавфнок, монанди каналҳои фазовӣ ва маҷлисҳои умумӣ мунозира карда намешавад. Аммо агар дар динаш устувор бошаду дар роҳи Аллоҳ аз маломати маломатгар

натарсад, корҳои монанди ҳабс ё ки кушта шуданро ба гардан гирифта бошад, бемалол сухани ҳақро гуфта, мунозира кардан мегирад. Агар аз худ тарсад, дар пеши амир ва ё султон сукут кардан маъқул аст. Агар худро барои ҳамроҳи Ҳамза шудан тайёр карда бошад, ҳақро гуфтан беҳтар аст. Чунки одами тарсида бо шуҷоат сухан накарда, мумкин аст дин ва илмро айбдор карда нишон диҳад. Дар ин ҷо аз пешиниён мавқеи Аҳмад ва Моликро ба хотир орем. Боз ба мавқеи имрӯзаи онҳое назар андозем, ки ҳангоми суннатро инкор кардани Қаззофӣ бо ӯ мунозира кардаанд.

• Бо одами баддидааш мунозира накардан. Хоҳ бад дидан аз тарафи ӯ бошад, хоҳ аз тарафи рақиб.

• Дар маҷлис барои аз рақиб воло будан кӯшиш накардан.

• Дар масъалаҳое, ки ба рақиб маълуманд, суханро кашол надодан. Бояд чунон мухтасар баён кард, ки ба мавзӯи мунозира халал нарасонад.

• Бо одаме, ки ба илм ва аҳли илм нописандӣ мекунад ё дар пеши назари нодононе, ки ба мунозира ва мунозиракунандагон нописандӣ мекунанд, мунозира накардан. Молик мегӯяд: "Дар назди инсоне, ки ба илм итоат намекунад, аз илм ҳарф задан хор кардани илм аст".

• Аз қабули сухани ҳақ, ки аз даҳони рақиб мебарояд, саркашӣ накардан. Чунки ба ҳақиқат баргаштан аз саргардонӣ дар ботил беҳтар аст. Агар ҳамин тавр кунад, аз тоифаи онҳое мешавад, ки суханро шунида, аз беҳтарини он пайравӣ мекунанд.

• Сарпеч накардани ҷавоб. Ин чиз дар натиҷаи ба савол ҷавоби номувофиқ додан рӯй медиҳад. Масалан, агар пурсанда гӯяд: "Оё Саудия Давлати Исломист" ва ҷавобдиҳанда гӯяд:

"Ҳукм дар он ҷо исломӣ аст". Ин ҷавоб сарпечкунӣ мебошад. Ҷавоби дуруст бошад, яке аз се аст: "оре", "на" ё "намедонам".

• Инкор накардани чизи аниқу равшан. Ин гуна рафтор калонигарӣ аст. Масалан, ба мусулмонон душман будани кофирон ё ки сохторҳои куфр будани сохторҳои мавҷудаи диёрҳои мусулмонон ва бо Ислом ҳукм нарондани онҳоро инкор кардан.

• Суханро умумӣ гуфта, пасон ҳангоми тафсилот бар зидди он сухан накардан. Масалан, "Амрико душмани Ислом ва мусулмонон аст" гуфтан, пасон "Амрико ба фаластиниҳо барои барпо кардани давлат ёрӣ дода истодааст, чунки он тарафдори адлу озодӣ аст" гуфтан ё ки "Амрико ба Ироқ барои озод кардани он аз сохти диктаторӣ ва зулм дохил шуд" гуфтан.

• Дар ҳар як масъала, агар рост ояд, аз пешкаш намудани ҳуҷҷати он ор накардан. Масалан, аз рӯи қоидаи "ҳоҷати хос ба манзилати зарурати хос мувофиқ меояд" ба харидани хонаҳо бо рибо дар Ғарб рухсат дода мешавад, аммо ба ҳоҷатҳои дигар монанди хӯрокворӣ, либосворӣ ва издивоҷ рухсат дода намешавад, чунки агар ба онҳо низ рухсат дода шавад, ба бисёр ҳаром рухсат дода мешавад" гуфтан. Агар дар ҳама ҳоҷатҳо асос ва ҳуҷҷати худро пешбарӣ накунад, пас бо худ мухолифат варзидааст.

# *ХУШӢ ҒАРИБОНРО БОД! ОН ЧИРО, КИ МАРДУМ ВАЙРОН МЕСОЗАНД, ИСЛОҲ МЕКУНАНД*

Дар ҳадисе, ки Муслим аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"بَدَأَ الإِسْلاَمُ غَرِيبًا وَسَيَعُودُ غَرِيبًا فَطُوبَى لِلْغُرَبَاءِ"

"***Ислом бо ғарибӣ сар шуд ва боз бо ғарибӣ бармегардад. Пас, хушӣ ғарибонро бод***".

Ғарибон касонест, ки аз қабилаҳояшон гусастаанд. Доримӣ, Ибни Моҷа, Ибни Абӯшайба, Баззор, Абӯяъло ва Аҳмад бо исноде, ки ровиёнаш боэътимод аст, аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардаанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ الإِسْلاَمَ بَدَأَ غَرِيبًا وَسَيَعُودُ غَرِيبًا كَمَا بَدَأَ فَطُوبَى لِلْغُرَبَاءِ، قِيلَ وَمَنِ الْغُرَبَاءُ؟ قَالَ النُّزَّاعُ مِنْ الْقَبَائِلِ"

"***Ислом бо ғарибӣ сар шуд ва боз бо ғарибӣ бармегардад, чунон ки сар шудааст. Пас, хушӣ ғарибонро бод". Гуфтанд: "Ғарибон кистанд?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Касоне, ки аз қабилаҳояшон гусастаанд***". Лафз аз они Аҳмад аст. Дар "Лисон" омадааст: "(نُزَّاعُ الْقَبَائِلِ) ғарибонест, ки дар байни қабилаашон зиндагӣ мекунанд, вале аз онҳо нестанд. (نَزِيعٌ) ва

(نَازِعٌ) шакли танҳои (نُزَّاعٌ) ва ба маънои касест, ки аз хонавода ва хешовандонаш гусастааст, яъне ҷудо ва дур шудааст".

Аз фазилатҳои ин ғарибони нуззоъ ва он чӣ, ки дар бораашон гуфта шудааст:

Агар мардум фосид шаванд, ислоҳ мекунанд: Дар ривояти Амр ибни Авф ибни Зайд ибни Малаҳа Музанӣ (р) Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ الدِّينَ لَيَأْرِزُ إِلَى الْحِجَازِ كَمَا تَأْرِزُ الْحَيَّةُ إِلَى جُحْرِهَا، وَلَيَعْقِلَنَّ الدِّينُ مِنَ الْحِجَازِ مَعْقِلَ الأُرْوِيَّةِ مِنْ رَأْسِ الْجَبَلِ. إِنَّ الدِّينَ بَدَأَ غَرِيبًا وَيَرْجِعُ غَرِيبًا، فَطُوبَى لِلْغُرَبَاءِ الَّذِينَ يُصْلِحُونَ مَا أَفْسَدَ النَّاسُ مِنْ بَعْدِي مِنْ سُنَّتِي"

"***Чунон ки мор ба лонаи худ бармегардад, дин ҳам ба Ҳиҷоз бармегардад. Чунон ки бузи кӯҳӣ аз қуллаи кӯҳ кишанг зада мешавад, дин аз Ҳиҷоз кишанг зада мешавад (яъне чунон ки бузи кӯҳиро аз қуллаи кӯҳ дастгир мекунед, динро аз Ҳиҷоз ба даст меоред). Дин бо ғарибӣ сар шуд ва боз бо ғарибӣ бармегардад. Хушӣ ғарибонро бод, ки чун баъд аз ман мардум суннатамро вайрон созанд, онҳо ислоҳ мекунанд***". Абӯисо ин ҳадисро ҳасан гуфтааст. Ғарибон саҳобаҳо нестанд. Чунки онҳо (яъне ғарибон) баъд аз суннати Муҳаммад (с)-ро вайрон кардани мардум ба дунё меоянд. Саҳобаҳо онро вайрон накардаанд. Дар замони онҳо вайрон нашудааст. Дар ҳадиси Саҳл ибни Саъди Соидӣ (р) меояд: "Пайғамбар (с) гуфтанд:

" بَدَأَ الإِسْلاَمُ غَرِيبًا وَسَيَعُودُ غَرِيبًا كَمَا بَدَأَ فَطُوبَى لِلْغُرَبَاءِ قَالُوا يَا رَسُولَ اللهِ وَمَنْ الْغُرَبَاءُ؟ قَالَ الَّذِينَ يُصْلِحُونَ عِنْدَ فَسَادِ النَّاسِ"

"***Ислом бо ғарибӣ сар шуд, боз бо ғарибӣ бармегардад, чунон ки сар шудааст. Хушӣ ғарибонро бод". Аз он кас пурсиданд: "Ғарибон кистанд, эй Расулаллоҳ?" Он кас ҷавоб доданд: "Касоне, ки ҳангоми фосид шудани мардум онҳоро ислоҳ***

***мекунанд***"". Ин ҳадис дар "Кабир"-и Табаронӣ ривоят шудааст. Дар "Авсад ва Сағир" гуфта шудааст:

"يُصْلِحُونَ إِذَا فَسَدَ النَّاسُ"

"***Вақте ки мардум фосид мешаванд, онҳоро ислоҳ мекунанд***". Ин ҷо калимаи "إِذَا", ки ба маънои "***вақте ки***" омадааст, барои ифода кардани замони оянда истифода мешавад. Аз ин мебарояд, ки фосидшавӣ баъд аз асри саҳобагон рух медиҳад. Ҳайсамӣ дар бораи ин ҳадис гуфтааст, ки Табаронӣ онро дар се ҷой ривоят кардааст ва ғайр аз Бакр ибни Салим ровиёни он ровиёни ҳадиси саҳеҳ мебошанд.

Онҳо ақаллият мешаванд: Аҳмад ва Табаронӣ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунанд: "Рӯзе дар пеши Пайғамбар (с) будам, офтоб баромад. Сипас он кас гуфтанд:

" يَأْتِي قَوْمٌ يَوْمَ الْقِيَامَةِ نُورُهُمْ كَنُورِ الشَّمْسِ، قَالَ أَبُو بَكْرٍ: أَنَحْنُ هُمْ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ: لاَ وَلَكُمْ خَيْرٌ كَثِيرٌ وَلَكِنَّهُمُ الْفُقَرَاءُ الْـمُهَاجِرُونَ الَّذِينَ يُحْشَرُونَ مِنْ أَقْطَارِ الأَرْضِ، ثُمَّ قَالَ: طُوبَى لِلْغُرَبَاءِ، طُوبَى لِلْغُرَبَاءِ، قِيلَ وَمَنِ الْغُرَبَاءُ؟ قَالَ: نَاسٌ صَالِحُونَ قَلِيلٌ فِي نَاسِ سَوْءٍ كَثِيرٍ مَنْ يَعْصِيهِمْ أَكْثَرُ مِمَّنْ يُطِيعُهُمْ"

"***Рӯзи қиёмат қавме меояд, ки нури онҳо монанди нури офтоб аст". Абӯбакр гуфт: "Оё онҳо мо ҳастем, эй Расулаллоҳ?" Он кас гуфтанд: "На, шумо низ некиҳои зиёд доред. Лекин онҳо муҳоҷирони фақиранд, ки аз гӯшаҳои гуногуни замин гирд омадаанд". Пасон афзуданд: "Хушӣ ғарибонро бод, хушӣ ғарибонро бод". Пурсиданд: "Ғарибон кистанд?" Пайғамбар (с) ҷавоб доданд: "Онҳо инсонҳои неканд, ки ақаллиятро ташкил медиҳанд. Касоне, ки ба онҳо исён меварзанд, нисбат ба касоне, ки онҳоро итоат мекунанд, бисёртаранд. Онҳо инсонҳои нек дар байни инсонҳои бад, ки аксариятро ташкил медиҳанд, мебошанд***"". Ҳайсамӣ дар "Кабир" гуфтааст, ки он санадҳои

худро дорад, ровиёни яке аз онҳо ровиёни саҳеҳанд. Аз як чиз бояд огоҳ бошем, ки фазли ғарибон аз фазли саҳобагон баланд намешавад. Ғарибон аз саҳобагон афзал нестанд. Баъзе саҳобагон аз Абӯбакр афзал нестанд, агарчи ғайр аз саҳобагӣ дорои фазилатҳои дигар бошанд ҳам. Увайси Қаранӣ аз саҳобагон афзал нест, гарчи дорои фазилатҳои хоса бошад ҳам. Чунки ӯ тобеин аст. Ғарибон ҳам монанди ҳаминанд.

Инсонҳое, ки аз байни халқи оддӣ, яъне аз авом баромадаанд: Дар ҳадисе, ки Ҳоким аз Ибни Умар (р) ривоят кардааст, омадааст: "Пайғамбар (с) гуфтанд:

**" إِنَّ لِلهِ عِبَادًا لَيْسُوا بِأَنْبِيَاءَ وَلاَ شُهَدَاءَ يَغْبِطُهُمُ الشُّهَدَاءُ وَالنَّبِيُّونَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لِقُرْبِهِمْ مِّنَ اللهِ تَعَالَى وَمَجْلِسِهِمْ مِنْهُ، فَجَثَا أَعْرَابِيٌّ عَلَى رُكْبَتَيْهِ فَقَالَ يَا رَسُولَ اللهِ صِفْهُمْ لَنَا وَحَلِّهِمْ لَنَا قَالَ: قَوْمٌ مِّنْ أَفْنَاءِ النَّاسِ وَنُزَّاعِ الْقَبَائِلِ، تَصَادَقُوا فِي اللهِ وَتَحَابُّوا فِيهِ، يَضَعُ اللهُ عَزَّ وَجَلَّ لَهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ مَنَابِرَ مِنْ نُورٍ، يَخَافُ النَّاسُ وَلاَ يَخَافُونَ، هُمْ أَوْلِيَاءُ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ الَّذِينَ لاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ"**

"***Аллоҳ бандагоне дорад, ки на пайғамбаранду на шаҳид, аммо рӯзи қиёмат ба Аллоҳ наздикии онҳоро дида, шаҳидон ва пайғамбарон ба онҳо ҳавас мекунанд". Аъробие ба зону рост истода гуфт: "Эй Расулаллоҳ, сифатҳои эшонро ба мо фаҳмонда диҳед". Он кас гуфтанд: "Онҳо инсонҳое ҳастанд, ки аз халқи оддӣ баромадаанд, аз қабилаҳояшон канда шудаанд, дар роҳи Аллоҳ бо ҳамдигар дӯст шуда, дар роҳи Аллоҳ ба ҳамдигар муҳаббат бастаанд. Рӯзи қиёмат Аллоҳи Азза ва Ҷалла барои онҳо минбарҳое аз нур мегузорад. Вақте ки мардум метарсанд, онҳо наметарсанд. Онҳо дӯстони Аллоҳ ҳастанд, ки барояшон ҳеҷ хавфу хатар нест ва онҳо маҳзун намешаванд***". Ҳоким иснoди онро саҳеҳ гуфтааст, аммо шайхайн онро набаровардаанд. Дар ривояте, ки Аҳмад аз Абӯмолики Ашъарӣ овардааст, гуфта шудааст:

"هُمْ نَاسٌ مِنْ أَفْنَاءِ النَّاسِ وَنَوَازِعِ الْقَبَائِلِ"

"***Онҳо инсонҳое мебошанд, ки аз халқи оддӣ баромадаанд ва аз қабилаҳояшон канда шудаанд***". Дар "Кабир"-и Табаронӣ омадааст:

"مِنْ بُلْدَانٍ شَتَّى"

"***Аз кишварҳои гуногун мебошанд***".

Бо раҳмати Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд: Яъне бо шариати овардаи Муҳаммад (с) якдигарро дӯст медоранд. Робитае, ки онҳоро мепайвандад, насаб, хешутаборӣ, манфиати дунявӣ нест, балки фақат ва фақат Ақидаи Ислом мебошад. Абӯдовуд бо исноде, ки ровиёнаш боэътимод аст, аз Умар ибни Хаттоб ( ривоят мекунад: "Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ مِنْ عِبَادِ اللهِ لَأُنَاسًا مَـا هُمْ بِأَنْبِيَاءَ وَلاَ شُهَدَاءَ يَغْبِطُهُمُ الْأَنْبِيَاءُ وَالشُّهَدَاءُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ بِمَكَانِهِمْ مِّنَ اللهِ تَعَالَى، قَالُوا يَا رَسُولَ اللهِ تُخْبِرُنَا مَنْ هُمْ قَالَ هُمْ قَوْمٌ تَحَابُّوا بِرَوْحِ اللهِ عَلَى غَيْرِ أَرْحَامٍ بَيْنَهُمْ وَلاَ أَمْوَالٍ يَتَعَاطَوْنَهَا، فَوَاللهِ إِنَّ وُجُوهَهُمْ لَنُورٌ وَإِنَّهُمْ عَلَى نُورٍ، لاَ يَخَافُونَ إِذَا خَافَ النَّاسُ، وَلاَ يَحْزَنُونَ إِذَا حَزِنَ النَّاسُ وَقَرَأَ هَذِهِ الآيَةَ: ﴿أَلا إِنَّ أَوْلِيَاء اللّهِ لاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ﴾"

"***Аллоҳ бандагоне дорад, ки на пайғамбаранду на шаҳид, лекин рӯзи қиёмат ба Аллоҳ Таоло наздикии онҳоро дида, пайғамбарон ва шаҳидон ҳавас мекунанд". Гуфтанд: "Эй Расулаллоҳ, ба мо гӯед, ки онҳо кистанд". Он кас гуфтанд: "Онҳо бо раҳмати Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд, гарчи дар байни онҳо хешутаборӣ ва молу давлати додугирифтшаванда набошад ҳам. Қасам ба Аллоҳ, ки дар чеҳраҳояшон нур аст ва худ низ дар болои нур мебошанд. Вақте ки мардум метарсанд, онҳо наметарсанд, вақте ки мардум маҳзун мешаванд, онҳо маҳзун намешаванд" ва ояти зерини Аллоҳ Таолоро хонданд: „Огоҳ бошед, ки бар***

***дӯстони Аллоҳ биме нест ва ғамгин намешаванд***" [10:62]". Дар ривояти боло, ки Ҳоким аз Ибни Умар овардааст, гуфта мешавад:

"تَصَادَقُوا فِي اللهِ وَتَحَابُّوا فِيهِ"

"***Дар роҳи Аллоҳ дӯст мешаванд ва дар роҳи Аллоҳ ба ҳамдигар муҳаббат меварзанд***". Дар ривояти Аҳмад, ки аз Абӯмолики Ашъарӣ нақл кардааст, гуфта мешавад:

"لَمْ تَصِلْ بَيْنَهُمْ أَرْحَامٌ مُتَقَارِبَةٌ تَحَابُّوا فِي اللهِ وَتَصَافَوْا"

"***Онҳо дар роҳи Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд, гарчи дар байнашон ҳеҷ гуна хешутаборӣ набошад ҳам***". Дар ривояте, ки Табаронӣ аз Абӯмолик овардааст, гуфта мешавад:

" لَمْ يَكُنْ بَيْنَهُمْ أَرْحَامٌ يَتَوَاصَلُونَ بِهَا لِلهِ، لاَ دُنْيَا يَتَبَاذَلُونَ بِهَا، يَتَحَابُّونَ بِرَوْحِ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ"

"***Дар байни онҳо робитаи хешутаборӣ, ки барои Аллоҳ баста мешавад ва молу дунё, ки ба якдигар сарф мекунанд, набуд. Онҳо бо раҳмати Аллоҳи Азза ва Ҷалла ҳамдигарро дӯст медоранд***". Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Амр ибни Абаса овардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" هُمْ جُمَـاعٌ مِنْ نَوَازِعِ الْقَبَائِلِ يَجْتَمِعُونَ عَلَى ذِكْرِ اللهِ تَعَالَى فَيَنْتَقُونَ أَطَايِبَ الْكَلاَمِ كَمَـا يَنْتَقِى آكِلُ الثَّمْرِ أَطَايِبَهُ"

"***Онҳо муттаҳидкунандагон мебошанд, ки аз қабилаҳояшон канда шудаанд, бар асоси зикри Аллоҳ муттаҳид мешаванд ва беҳтарини суханро чида мегиранд, чунон ки мевахӯр беҳтарини онро чида мегирад***". Дар хусуси исноди ин ҳадис Ҳайсамӣ гуфтааст, ки ровиёни он боэътимоданд. Мунзирӣ Мақориб низ боэътимод гуфтааст. Дар асоси зикри Аллоҳ муттаҳид шудан маънои барои зикри Аллоҳ муттаҳид шуданро надорад. Зеро маънои якум ин аст, ки ҳар куҷое ки бошанд ва

хоҳ якҷоя бошанд, хоҳ на онҳоро робитаи ягона, яъне робитаи зикри Аллоҳ мепайвандад. Маънои дуюм ин аст, ки барои зикр ҷамъ меоянд ва бо поён ёфтани ҷамъомад муттаҳидӣ ҳам ба охир мерасад. Дар ҳадисе, ки Табаронӣ аз Абӯдардо ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"هُمُ الْـمُتَحَابُّونَ فِي اللهِ مِنْ قَبَائِلِ شَتَّى وَبِلاَدٍ شَتَّى يَجْتَمِعُونَ عَلَى ذِكْرِ اللهِ"

"***Онҳо инсонҳое мебошанд, ки аз кишвару қабилаҳои гуногун буда, барои Аллоҳ ҳамдигарро дӯст медоранд ва бар асоси зикри Аллоҳ муттаҳид мешаванд***". (Яъне робитаи онҳо зикри Аллоҳ аст). Ҳайсамӣ ва Мунзирӣ исноди ин ҳадисро ҳасан донистаанд.

Шаҳид нашуда ба ҳамин мартаба ноил мегардад: Чунки шаҳидон ҳам ба онҳо ҳавас мекунанд. Чунон ки дар боло зикр намудем, ин маънои онро надорад, ки онҳо аз пайғамбарон ва шаҳидон афзаланд. Балки онҳо дорои фазле ҳастанд, ки ҳатто пайғамбарону шаҳидон ба он ҳавас мекунанд. Табаронӣ дар "Кабир" аз Абӯмолик ривоят мекунад: "Дар назди Пайғамбар (с) будам. Ояти зерини Аллоҳ Таоло нозил шуд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَسْأَلُواْ عَنْ أَشْيَاء إِن تُبْدَ لَكُمْ تَسُؤْكُمْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз чизҳое, ки чун барои шумо ошкор шаванд, андӯҳгинатон мекунанд, мапурсед***" [5:101]. Мо аз он кас пурсон шудем. Он кас гуфтанд:

" إِنَّ لِلهِ عِبَادًا لَيْسُوا بِأَنْبِيَاءَ وَلاَ شُهَدَاءَ يَغْبِطُهُمُ النَّبِيُّونَ وَالشُّهَدَاءُ بِقُرْبِهِمْ مِنَ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Аллоҳ бандагоне дорад, ки на пайғамбаранду на шаҳид, аммо рӯзи қиёмат ба Аллоҳи Азза ва Ҷалла наздик будани онҳоро дида, пайғамбарон ва шаҳидон ҳавас мекунанд". Аъробие, ки дар як кунҷ дар зонуҳояш рост истода, ба дастонаш такя мекард, гуфт: "Эй Расулаллоҳ, ба мо гӯед,***

***ки онҳо кистанд*". *Дидам, ки рӯи Пайғамбар (с) мунаввар шуд, сипас гуфтанд:***

**" عِبَادٌ مِّنْ عِبَادِ اللهِ، مِنْ بُلْدَانٍ شَتَّى، وَقَبَائِلُ مِنْ شُعُوبِ أَرْحَامِ الْقَبَائِلِ، لَمْ يَكُنْ بَيْنَهُمْ أَرْحَامٌ يَتَوَاصَلُونَ بِهَا لِلهِ، لاَ دُنْيَا يَتَبَاذَلُونَ بِهَا، يَتَحَابُّونَ بِرَوْحِ اللهِ عَزَّ وَجَلَّ، يَجْعَلُ اللهُ وُجُوهَهُمْ نُورًا، يَجْعَلُ لَهُمْ مَنَابِرَ قُدَّامَ الرَّحْمَنِ تَعَالَى، يَفْزَعُ النَّاسُ وَلاَ يَفْزَعُونَ، وَيَخَافُ النَّاسُ وَلاَ يَخَافُونَ"**

"***Онҳо чунин бандагони Аллоҳ ҳастанд, ки аз диёру қабилаҳои гуногун мебошанд ва бо меҳрубонии Аллоҳи Азза ва Ҷалла ҳамдигарро дӯст медоранд, дар байни онҳо хешутаборӣ нест, бо сабаби он бипайванданд, молу дунёе нест, ки ба якдигар сарф кунанд. Аллоҳ рӯи онҳоро нуронӣ мегардонад, Аллоҳ Таоло дар назди худ барои онҳо минбарҳо мегузорад, ҳангоме ки мардум метарсанд, онҳо наметарсанд, ҳангоми ба даҳшат афтодани мардум онҳо ба даҳшат намеафтанд***". Ҳайсамӣ исноди ин ҳадисро ҳасан ва ровиёни онро боэътимод донистааст. Ҳамаи ривоятҳо ба он ишорат мекунанд, ки онҳо пайғамбару шаҳид набошанд ҳам, ба он мартаба мушарраф мегарданд.

Баъзе фазилатҳои онҳо ҳаминҳоянд. Дар хусуси манзилати онҳо дар назди Аллоҳ ҳадисҳо гуфта шудаанд, ҳоҷати такрор кардан нест. Ҳар кӣ онҳоро тадаббур намояд, барои ба минбари назди Аллоҳ Таоло соҳиб шудан ҳаракат мекунад. Агар ин фазилатҳоро дошта бошад, муносиби он минбарҳо хоҳад шуд. Шояд Аллоҳ Субҳонаҳу ба ғарибии ӯ раҳм намуда, орзуяшро амалӣ гардонад!

Дуои охирини мо: Ҳамд Аллоҳро, ки парвардигори оламиён аст.